**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ**
**ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ**
**TAJIK STATE UNIVERSITY OF FINANCE AND ECONOMICS**

# ПАЁМИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОД

**№4/1 (33)**
**(маҷаллаи илмӣ-амалӣ)**

# ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ ВЕСТНИК

**№4/1 (33)**
**(научно-практический журнал)**

# THE FINANCE AND ECONOMIC BULLETIN

**№4/1 (33)**
(science-practical journal)

Душанбе, 2022

**Сармуҳаррир**

Абдуалимзода Ҳ.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муовинони сармуҳаррир:**

Сафаров Б.Г. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Саидмуродов Л.Ҳ. – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аъзои ҳайати таҳририя:**

Хайрзода Ш.Қ. - доктори илмҳои иқтисодӣ, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Раҳимзода Ш. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ

Эргашев Р.Х. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти Донишкадаи муҳандисию иқтисодии Қаршии Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Фақеров Ҳ.Н. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Шарипов Б.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҷонмамадов Ш.Б. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Қандиёрова Д.О. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Кошонова М.Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Мирсаидов С.А – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Бегматов А.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Насриддинов Ф.Б. – номзади илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Қодиров Ф.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Маъдиев С. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҷумабоев Х. – номзади илмҳои иқтисодӣ, директори ПИТ «Молия»-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Давлатов Х.М. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Буриева М.Ч. - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи муносибатҳои молиявию қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Шодиев К.Қ. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ғафуров П.Ҷ. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва логистикаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҳомидов А. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Убайдов Ф.С. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Убайдуллоев Ф.К. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори Парки технологии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Урунбоев А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Содиқов М.С. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ашуров М.Н. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи система ва технологияҳои иттилоотии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Шукуров С.М. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аламшоева М.М.- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.**

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
таҳти №242/МҶ– 97 аз 12.04.2022 сабти ном шудааст.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2022
Паёми молия ва иқтисод

Маҷалла ба Феҳристи тақризшавандаи маҷаллаҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил буда, дар он натиҷаҳои асосии илмии рисолаҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктор ва номзади илм чоп мешаванд.

Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии Намояи иқтибосоварии илмии Россия (НИИР) шудааст.

**Главный редактор**

Абдуалимзода Х.А. – кандидат экономических наук, доцент, ректор Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Заместители главного редактора:**

Сафаров Б.Г. – кандидат экономических наук, доцент, проректор по науке Таджикского государственного финансово-экономического университета

Саидмуродов Л.Х. – член-корр. НАНТ, доктор экономических наук, профессор кафедры международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Редакционная коллегия:**

Хайрзода Ш.К. - доктор экономических наук, заместитель министра образования и науки Республики Таджикистан

Рахимзода Ш. – доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета, директор Института экономики и демографии НАНТ

Эргашев Р.Х. - доктор экономических наук, профессор кафедры экономики Каршинского инженерно-экономического института Республики Узбекистан

Факеров Х.Н. – доктор экономических наук, профессор кафедры экономики предприятия и предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета

Шарипов Б.М. – доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета

Джонмамадов Ш.Б. - доктор экономических наук, профессор кафедры мировой экономики и международной торговли Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кандиёрова Д.О. - доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кошонова М.Р. - доктор экономических наук, профессор кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета

Мирсаидов С.А. - доктор экономических наук, профессор кафедры таможенной деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета

Бегматов А.А. – кандидат экономических наук, профессор кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета

Насриддинов Ф.Б. - кандидат экономических наук, профессор, заведующий кафедрой экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кодиров Ф.А. – кандидат экономических наук, доцент, проректор по международным связям Таджикского государственного финансово-экономического университета

Маъдиев С. – кандидат экономических наук, доцент кафедры статистики Таджикского государственного финансово-экономического университета

Джумабоев Х. – кандидат экономических наук, доцент, директори НИИ «Финансы» Таджикского государственного финансово-экономического университета

Давлатов Х.М. – кандидат экономических наук, заведующий кафедрой финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета

Буриева М.Ч. - кандидат экономических наук, заведующий кафедрой международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета

Шодиев К.К.- кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой экономического анализа Таджикского государственного финансово-экономического университета

Гафуров П.Дж. - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой цифровой экономики и логистики Таджикского государственного финансово-экономического университета

Хомидов А. - кандидат экономических наук, доцент кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета

Убайдов Ф.С. - кандидат экономических наук, доцент кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета

Убайдуллоев Ф.К. - кандидат экономических наук, доцент, директор Технологического парка Таджикского государственного финансово-экономического университета

Урунбоев А. - кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа Таджикского государственного финансово-экономического университета

Содиков М.С. - кандидат экономических наук, доцент кафедры менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета

Ашуров М.Н. - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой системы и информационных технологий Таджикского государственного финансово-экономического университета

Шукуров С.М. - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой налога и налогооблажения Таджикского государственного финансово-экономического университета

Аламшоева М.М. - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой прикладной информатики в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.**

Журнал регистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан под №242/ЖР - 97 с 12.04.2022г.

Таджикский государственный финансово-экономический университет, 2022

Финансово-экономический Вестник

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученых степеней доктора и кандидата наук.

Журнал включен в Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).

**CHIEF EDITOR**

Abdualimzoda H. A. – candidate of Economic sciences, Associate Professor, Rector of the Tajik State University of Finance and Economics

**DEPUTY CHIEF EDITORS:**

Safarov B.G. – candidate of Economic sciences, Associate Professor, Vise-Rector for Science of the Tajik State University of Finance and Economics

Saidmurodov L. H. –Corresponding Member of National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of International Finance and Credit Relations of Tajik State University of Finance and Economics

**EDITORIAL BOARD:**

Khayrzoda Sh.Q. - Doctor of Economic Sciences, Deputy Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan

Rahimzoda Sh. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Banking of the Tajik State University of Finance and Economics, Director of the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan

Ergashev R.Kh. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Economics, Karshi Engineering and Economic Institute of the Republic of Uzbekistan

Faqerov H.N. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Economic of enterprise and Entrepreneurship of the Tajik State University of Finance and Economics

Sharipov B.M. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Banking of Tajik State University of Finance and Economics

Jonmamadov Sh.B. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of World Economy and International Trading of the Tajik State University of Finance and Economics

Qandiyorova D.O. - Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Economic Theory of the Tajik State University of Finance and Economics

Koshonova M.R. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Finance of the Tajik State University of Finance and Economics

Mirsaidov S.A.– Doctor of Economic Sciences, Professor of the department of customs activities of the Tajik State University of Finance and Economics

Begmatov A.A. – Candidate of Economic Sciences, Professor of the Department of Finance of the Tajik State University of Finance and Economics

Nasriddinov F.B. – Candidate of Economic sciences, professor of the Department of Economic theory of the Tajik State University of Finance and Economics

Qodirov F.A. – candidate of Economic sciences, associate professor, Vise-Rector on International Relations of the Tajik State University of Finance and Economics

Madiev S.– candidate of Economic sciences, associate professor of Department of statistics of the Tajik State University of Finance and Economics

Jumaboev Kh. - candidate of Economic sciences, associate professor, director of research institute "Finance" of the Tajik State University of Finance and Economics

Davlatov Kh.M. – candidate of Economic sciences, associate professor, the Head of the Department of finance of the Tajik State University of Finance and Economics

Burieva M.Ch. - candidate of Economic sciences, Head of the department of international finance and credit relation of the Tajik State University of Finance and Economics

Shodiev K.Q. – candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Economic Analysis of the Tajik State University of Finance and Economics

Gafurov P.J. – candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of digital economy and logistics of Tajik State University of Finance and Economics

Homidov A. – candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of audit and revision of the Tajik State University of Finance and Economics

Ubaidov F.S. – candidate of Economic sciences, associate professor of the Department of economic theory of the Tajik State University of Finance and Economics

Ubaydulloev F.K. – candidate of Economic sciences, associate professor, the Director of Tecknological Park of the Tajik State University of Finance and Economics

Urunboev A. – candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Analysis of the Tajik State University of Finance and Economics

Sodiqov M.S. – candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Management of the Tajik State University of Finance and Economics

Ashurov M.N. - candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of system and information technology of Tajik State University of Finance and Economics

Shukurov S.M. - candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of tax and taxation of Tajik State University of Finance and Economics

Alamshoeva M.M. - candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of applied informatics in economics of Tajik State University of Finance and Economics

**The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.**

The journal is registed in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan №242/ЖР – 97 from 12.04.2022

The Tajik State University of Finance and Economics, 2022

The Finance and Economic Bulletin

The journal is included in the list of scientific journals of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan, in which the main scientific results of dissertations for the degree of doctor and candidate of science should be published.

The journal is included in the Russian Science Citation Index (RSCI).

УДК: 338 (470)

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ АМНИЯТИ МОЛИЯВӢ ҲАМЧУН ҶУЗЪИ ТАРКИБИИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ

***Абдуалимзода Ҳакимбек Абдуалим*** *– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Телефон: 93-116-59-60; 985-77-82-83. E-mail: Hakim-s-1980@bk.ru*

*Мақолаи мазкур ба баррасии амнияти молиявӣ ҳамчун ҷузъи таркибию муҳимми амнияти иқтисодӣ бахшида шудааст. Амнияти иқтисодӣ бошад, дар ҷаҳони муосир ҳамчун як ҷанбаи амнияти миллӣ торафт мубрамтар гардида, бо дарки робитаи мустақими байни амнияти иқтисодӣ ва амнияти ҷамъиятӣ, мутахассисон роҳҳои нави ворид кардани масъалаҳои молиявиро ба стратегияҳои ҳимояи манфиатҳои миллӣ ҷустуҷӯ мекунанд. Аз ҳамин лиҳоз, дар санадҳои барномавии рушди ҷумҳурии мо, илова ба вазифаҳои стратегии таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, инчунин, масъалаҳои марбут ба таъмини амнияти молиявӣ, аз қабили нигоҳ доштани сатҳи пасти таваррум, таъмини устувории низоми бонкӣ, рушди низоми молиявӣ ва таъмини мутавозинии буҷети давлат, пурзӯр кардани фаъолияти сармоягузорӣ гузошта шудааст. Бо назардошти ин гуфтаҳо, мақола ҷанбаҳои назариявию методологии таъмини амнияти иқтисодӣ ва унсури таркибии он – амнияти молияviро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.*

***Калидвожаҳо:*** *амнияти молиявӣ, амнияти иқтисодӣ, амнияти миллӣ, рушди иқтисодӣ, суботи сиёсӣ, сиёсати пулию қарзӣ, танзими асъорию андозӣ, кишварҳои рушдёбанда, таҳримҳои иқтисодӣ, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, фишангҳои молиявӣ, ҷаҳонишавӣ, буҳрони молиявӣ.*

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФИНАНСОВОЙ БЕЗОПАСНОСТИ КАК СОСТАВНОЙ ЧАСТИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ГОСУДАРСТВА

***Абдуалимзода Хакимбек Абдуалим*** *– кандидат экономических наук, доцент, ректор Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: 93-116-59-60; 985-77-82-83. E-mail: Hakim-s-1980@bk.ru*

*Данная статья посвящена рассмотрению финансовой безопасности как неотъемлемой и важной части экономической безопасности. А экономическая безопасность приобретает все большее значение в современном мире как аспект национальной безопасности. Осознавая прямую связь между экономической безопасностью и общественной безопасностью, специалисты ищут новые пути включения финансовых вопросов в стратегии защиты национальных интересов. В связи с этим, в программных документах развития нашей республики помимо стратегических задач обеспечения стабильного экономического развития, также устанавливаются вопросы, связанные с обеспечением финансовой безопасности, таких как поддержание низкого уровня инфляции, обеспечение устойчивости банковской системы, развитие финансовой системы и обеспечение сбалансированности государственного бюджета, усилении инвестиционной деятельности. С учетом этих утверждений в статье рассматриваются теоретико-методологические аспекты обеспечения экономической безопасности и ее составного элемента - финансовой безопасности.*

***Ключевые слова:*** *финансовая безопасность, экономическая безопасность, национальная безопасность, экономическое развитие, политическая стабильность, денежно-кредитная политика, валютное и налоговое регулирование, развивающиеся*

*страны, экономические санкции, внешнеэкономическая деятельность, финансовые рычаги, глобализация, финансовый кризис.*

**THEORETICAL ASPECTS OF FINANCIAL SECURITY AS A COMPONENT OF THE ECONOMIC SECURITY OF THE STATE**

***Abdualimzoda Hakimbek Abdualim -*** *candidate of economic sciences, associate professor; rector of The Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova str. 64/14. Phone: 93-116-59-60; 985-77-82-83. E-mail:* Hakim-s-1980@bk.ru

*This article is devoted to the consideration of financial security as an integral and important part of economic security. And economic security is becoming increasingly important in the modern world as an aspect of national security. Realizing the direct relationship between economic security and public security, experts are looking for new ways to include financial issues in strategies to protect national interests. In this regard, in addition to the strategic objectives of ensuring stable economic development, the program documents for the development of our republic also establish issues related to ensuring financial security, such as maintaining a low level of inflation, ensuring the stability of the banking system, developing the financial system and ensuring the balance of the state budget, strengthening investment activity. Taking into account these statements, the article discusses the theoretical and methodological aspects of ensuring economic security and its constituent element - financial security.*

***Key words:*** *financial security, economic security, national security, economic development, political stability, monetary policy, currency and tax regulation, developing countries, economic sanctions, foreign economic activity, financial leverage, globalization, financial crisis.*

Амнияти иқтисодӣ ин ҳифз ва пешбурди тарзи зиндагии аъзоёни ҷомеа тавассути пешниҳоди молу хизматҳо ҳам тавассути амалиёти дохилӣ ва ҳам тавассути ҳузур доштан дар бозорҳои байналмилалӣ мебошад. Дар ҳоле ки ба таври анъанавӣ амнияти иқтисодӣ ду унсури асосӣ ва то ҳадде ба ҳам монандро дар бар мегирад - истифодаи захираҳои иқтисодӣ ҳамчун фишанг ва заминаи иқтисодии қудрати низомӣ - афзоиши вобастагии иқтисодӣ ва тамоюли афзояндаи сиёсишавии масъалаҳои иқтисодӣ, ки осебпазириро дар ҳукуматҳои миллӣ ба вуҷуд меорад, зеро ин унсурҳои таркибӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои ҳаррӯза аз ҳарвақта бештар ба ҳамдигар вобастаанд. Амнияти иқтисодӣ дар ҷаҳони муосир ҳамчун як ҷанбаи амнияти миллӣ торафт мубрамтар мегардад [2, с. 35]. Бо эътирофи робитаи байни амнияти иқтисодӣ ва амнияти ҷамъиятӣ, коршиносон роҳҳои нави ворид кардани масъалаҳои дар боло зикршударо ба стратегияҳои анъанавии ҳимояи манфиатҳои миллӣ ҷустуҷӯ мекунанд.

Аз бисёр ҷиҳат рушди иқтисодии як кишвари алоҳида ба фаровон будани захираҳои молиявӣ ва тақсимоти самарабахши онҳо вобаста ба вазифаҳои дар назди давлат гузошташуда марбут аст. Аз як тараф, дараҷаи амнияти иқтисодии кишвар аз ҳолати унсурҳои таркибии он, аз ҷумла амнияти молиявӣ вобаста аст. Аз тарафи дигар, зарурати роҳандозии сиёсати самарабахши молиявӣ низ мустақиман ба таъмини амнияти иқтисодӣ бастагӣ дорад. Вобаста ба ҳамин зарурат дар санадҳои барномавии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои стратегии таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, нигоҳ доштани сатҳи пасти таваррум, таъмини устувории низоми бонкӣ, рушди низоми молиявӣ ва таъмини мутавозинии буҷети давлат, пурзӯр кардани фаъолияти сармоягузорӣ гузошта шудааст.

Оқибатҳои муҳим ва асосии амнияти иқтисодӣ барои ҷомеа рушди иқтисодӣ ва тақсимоти одилонаи молу хизматрасониҳо буда, ҳадафи амниятӣ дар ин замина таъмини субота иқтисоди миллӣ тавассути беҳтарсозии нисбии он дар муқоиса бо вазъи иқтисодии гузашта, инчунин, беҳтар кардани вазъи кунунии хоҷагидории миллӣ дар муқоиса бо иқтисодиёти дигар кишварҳо мебошад.

Мавқеи амнияти иқтисодӣ дар рушди иқтисодии кишварҳо бебаҳс аст [1, с. 5]. Дар маҷмуъ, рушди иқтисодӣ ба далели қобили таваҷҷуҳ ва ба зудӣ дар ҷомеа мушоҳидашаванда дар ин рақобати ҷаҳонӣ дар масъалаҳои марбут ба тақсимоти иқтисоди дохилию хориҷӣ ба авлавиятҳои иқтисоди миллӣ табдил ёфтааст. Дар солҳои охир дар арсаи байналхалқӣ шакли рушди иқтисодӣ ҷиддӣ тағйир ёфт. Дар кишварҳои сарватманд, интизориҳо тадриҷан коҳиш ёфтанд, дар ҳоле ки дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ки нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ пасттаранд, интизориҳои бештар ба рушди босуръат вуҷуд дорад.

Кишварҳо барои таъмини амнияти иқтисодии шаҳрвандони худ маблағҳои бузург сарф мекунанд. Амнияти иқтисодӣ бо суботи сиёсӣ пайваст буда, маънои фароҳам овардани муҳити амнро дорад, ки дар он сармоягузорон, деҳқонон ва коргарон, созандагону навоварон, корҷӯён ва шуғлмандон ҳама аз фишору таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ эмин бошанд, амнияту суботи кишварро таъмин намуда, эҳсоси сулҳу оромиро аз даст надиҳад, агар дар кишваре амнияту суботи сиёсии зарурӣ набошад, фирори ақлҳою неруҳои созанда ва сармоя аз он кишвар шиддат мегирад ва дар он кишвар ташаббус, навоварӣ ва истеҳсолот ба вуҷуд намеояд.

Амнияти иқтисодӣ яке аз шартҳои муҳимми пешрафт ва рушди иқтисодӣ мебошад [1, с. 4]. Мунокишаҳои сиёсӣ, сарфи назар кардани манфиатҳои миллӣ ва манфиатҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби қувваҳои ғаразнок падидаҳое мебошанд, ки ҳамеша ба амният таҳдид мекунанд ва майдони ҳар гуна фаъолияти иқтисодиро танг мекунанд. Асосан, низоми солиму устувори иқтисодӣ дар кишварҳое ташаккул меёбад, ки амният ва бахусус амнияти иқтисодӣ авлавият дорад.

Ҳодисаҳои муҳимми сиёсие, ки чанде пештар дар ҷаҳон ба вуқуъ пайваст, собит сохт, ки масъалаи таъмини амнияти молиявии давлат то чӣ андоза муҳим аст. На танҳо устувории тараққиёти иқтисодии давлат, балки соҳибихтиёрӣ ва, дар ниҳояти кор, тамомияти арзии он низ бештар ба иҷрои муваффақиятноки ин вазифа вобаста аст. Маҳз сиёсати пулию қарзӣ, ки аз ҷониби давлат роҳандозӣ мешавад, дар ҳамбастагӣ бо ташкили танзими асъорию андозӣ низоми молиявии давлатро ташкил медиҳанд.

Маълум аст, ки дар ташаккули низоми молиявии ҷаҳонӣ кишварҳои рушдёбанда накши намоёне набозидаанд ва, гузашта аз ин, қоидаҳои бозӣ дар бозори молиявии ҷаҳон бидуни иштироки онҳо муқаррар шудааст. Барои кишварҳои рушдёбанда, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҳамин гурӯҳ мансуб дониста мешавад, танҳо ба таври дуруст ва саривақтӣ вокуниш нишон додан ба таъсироти буҳронҳои дар солҳои охир зуд-зуд такрорёбанда боқӣ мемонад. Шадидтар шудани таҳримҳои иқтисодии давлатҳои Ғарб бар зидди шарикони стратегии кишвари мо, осебпазир будани амнияти иқтисодӣ ва молиявӣ таҳти таъсири номатлуб қарор гирифтани фаъолияти иқтисодии хориҷии ҷумҳуриро нишон дод.

Дар шароити муосир таъсири низоми ҷаҳонии молиявӣ, системаҳои молиявии фаромиллӣ ба як давлати ягона ба сатҳи сифатан нав гузаштааст. Бо дарназардошти мавқеи бартариятноке, ки унсури молиявӣ дар иқтисодиёти муосир ишғол мекунад, мо ҳақ дорем онро ҳамчун иқтисодиёте тавсиф кунем, ки асосан аз ҷиҳати молиявӣ, тавассути механизмҳои молиявӣ, бо фишангҳои молиявӣ, ҳавасмандгардонии молиявӣ ва бо мақсадҳои молиявӣ идора карда мешавад ва “ҷаҳонишавӣ”, ки дар айни замон ба ҳайси тамаддуни иқтисодӣ муаррифӣ мешавад, танҳо барои таъсиси як қудрати махсуси молиявӣ шароит фароҳам меорад, ки тавассути соҳиби пулҳои ҷаҳонӣ ва ихтиёрдории арзиш, идоракунии ҷараёни молиявӣ имкон медиҳад ҳам ба тамоми фазои иқтисодии ҷаҳонӣ ва ҳам ба давлатҳои алоҳида таъсир расонад.

Чунончи, муҳаққиқи ҳамзамони мо – Н.Н. Каурова ҷанбаҳои назариявию методологии амнияти молиявию иқтисодиро дар шароити кушодагии иқтисодиёти миллӣ баррасӣ намуда, ба чунин хулоса омадааст: “Рушди босуръати иқтисодиёт ва технологияи муосир, бавуҷудоии инноватсияҳои молиявию иқтисодӣ, равобити

иҷтимоию иқтисодиро айни замон дар чаҳорчӯбаи мафҳумҳо ва методологияи мавҷудаи илмӣ шарҳу тафсир кардан ғайриимкон шудааст” [3, с.27]. Чунки ба шарофати рушди экспоненсиалии технологияҳои молиявӣ, инфрасохтор ва кушода будани системаҳои молиявию иқтисодӣ ҷиҳати ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва некуаҳволии иқтисодиёти миллӣ (ба таъбири СБМ - Созмони байналмилалии меҳнат [9] - “амнияти иқтисодӣ баҳри ҷаҳони беҳтар”), молия аз заминаи иқтисодӣ ҷудо шуда, дар муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ нақши бунёдиро бозида, холигии байни ҷараёнҳои моддӣ ва молиявиро боз ҳам васеътар кардааст. Низоми молиявӣ ва сармояи молиявӣ, ки то ин дам нақши миёнаравиро дар такрористеҳсоли ҷамъиятӣ мебозиданд, ба омили асосии муайянкунандаи он табдил ёфтанд.

Амнияти молиявӣ аз ҷанбаҳои мухталиф баррасӣ мешавад, чунончи:

- аз мавқеи равиши захиравию вазифавӣ, амнияти молиявӣ - маънои ҳимоя шудани манфиатҳои молиявии субъектҳои хоҷагидор дар тамоми зинаҳои муносибатҳои молиявӣ; таъмин будани хонаводаҳо, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо, минтақаю вилоятҳо, бахшҳою соҳаҳои иқтисоди давлат бо захираҳои молиявиро мефаҳмонад, ки барои қонеъ сохтани талаботи онҳо ва иҷрои уҳдадориҳои дахлдорашон кифоят мекунад;
- аз мавқеи омор, амнияти молиявӣ як ҳолати низоми молиявӣ, пулию қарзӣ, асъорӣ, бонкӣ, буҷетӣ, андоз, сармоягузорӣ, гумрукию тарофавӣ ва фондиро мефаҳмонад, ки дорои мутавозинӣ [14], тобоварӣ нисбат ба таъсироти номатлуби дохилию берунӣ, қобилияти пешгирӣ кардани таҳоҷуми молиявии беруна, қобилияти таъмин намудани амалкарди самараноки низоми иқтисодиёти миллӣ ва рушди иқтисодиро дорад;
- аз дидгоҳи батанзимдарории меъёрии ҳуқуқӣ, амнияти молиявӣ эҷоди чунон шароити амалкарди низоми молиявиро дар назар дорад, ки зимни онҳо, аввалан, имконияти равона кардани маҷроҳои молиявӣ ба соҳаҳои бо асноди меъёрии қонунгузорӣ таҳкимнагардидаи истифодаи онҳо вуҷуд надорад ва, сониян, имконияти сӯистифода аз захираҳои молиявӣ то ба ҳадди ниҳоӣ кам карда шудааст.

Ҳамин тариқ, амнияти молиявӣ ин ҳимоя шудани манфиатҳои молиявӣ дар кулли сатҳҳои муносибатҳои молиявӣ; дараҷаи муайяни мустақилият, босуботӣ ва тобоварии низоми молиявии кишвар дар шароити тахти таъсири омилҳои берунӣ ва дохилии бесуботӣ мебошад, ки ба амнияти молиявӣ таҳдид мекунанд; ин қобилияти низоми молиявии давлат ҷиҳати таъмин намудани фаъолияти самараноки низоми иқтисоди миллӣ ва рушди бомароми иқтисодӣ мебошад. Мо бо олими муосир Осберг Ларс (2009) ҳамфикрем, ки дар давраи бесуботии ҳаёти ҷамъиятӣ дурнамои нав ва рӯйдодҳои тоза азнавченкунии амнияти иқтисодӣ, аз ҷумла шохиси некуаҳволии иқтисодиро тақозо мекунанд [11].

Яке аз унсурҳои асосии таркибии амнияти иқтисодӣ ин эътирофи манфиатҳои махсуси миллию давлатии кишвар мебошад [6], ки ҳам дар ҳудуди давлат ва ҳам берун аз он вуҷуд доранд, аз ҷумла: истиқлолияти давлатӣ; мавқеи байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҷойгоҳи он дар тақсимоти байналхалқии меҳнат, дар махсусгардонӣ ва кооператсияи истеҳсолот, дар савдои ҷаҳонӣ, дар низоми байналмилалии молиявию бонкӣ, дар бозорҳои муҳимтарини молу хизматрасонӣ, дар бозори коғазҳои қиматнок ва ғ.

Чуноне ки болотар қайд кардем, амнияти молиявии давлат бошад, ҳолати низоми молиявии миллиро ифода мекунад, ки дорои сатҳи баланди рушд, устуворӣ ва рақобатпазирӣ буда, асосҳои заруриро барои иҷрои сиёсати самараноки молиявӣ бо мақсади таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои муҳимми шахсият, ҷомеа ва давлат дар соҳаи молия таъмин мекунанд. Таърифи ироашуда, ҳарчанд дар заминаи назариёти олимони варзидаи соҳа ташаккул ёфта бошад ҳам, ҷанбаи навгонӣ низ дорад. Аввалан, амнияти молиявию иқтисодиро дар ҳоли тағйирёбӣ омӯхта, ба ҳамин

нукта диққат додан лозим аст, ки дар амалия тахти мафҳуми амният чунон ҳолати иқтисодие фаҳмида мешавад, ки зимни он пасту баландшавии тағйироти сифатҳои муайяни он дар чаҳорчӯбаи муқарраршуда сурат мегирад, яъне аз ҳудуди он берун намебарояд. Сониян, ҳифзи амнияти молиявӣ асосан, ба дастгирии такрористеҳсоли васеъ, ноил шудан ба рушди иқтисодии интенсивӣ ва ҳифзи манфиатҳои муҳимтарини шахсият, ҷомеа ва давлат дар соҳаи молиявӣ равона карда шудааст.

Амнияти молиявӣ аз сатҳи муҳити молиявӣ ва хатарҳои ба он таҳдидкунанда вобастагӣ дорад. Арзёбии вазъияти бухронӣ дар соҳаи молия бо ошкорнамоӣ ва таҳлили таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ нисбат ба амнияти молиявии иқтисодиёт дар бахшҳои мухталифи он марбут аст.

Таркиби амнияти иқтисодии давлатро, ки шомили унсурҳои таркибии хоси худ, аз қабили амнияти молиявӣ, амнияти сармоягузорӣ, амнияти инноватсионӣ, энергетикӣ, кадрӣ, иттилоотӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мебошад, дар ҳамбастагӣ бо зинаҳои сохтории амнияти молиявӣ ва намудҳои сиёсати молиявӣ дар шакли аёния чунин тасвир кардан мумкин аст (расми 1).




**Расми 1. Ҳамбастагии сиёсати молиявӣ ва амнияти иқтисодии кишвар.**
**Манбаъ: таҳияи муаллиф**

Чуноне ки аз расм дида мешавад, амнияти молиявӣ дар асоси зинаҳои сохтории молияи мутамарказ ва ғайримутамарказ, сиёсати буҷетӣ, андозӣ, пулию қарзӣ ва инвеститсионӣ ташаккул ёфта, дар навбати худ, унсури таркибии амнияти иқтисодии давлат маҳсуб меёбад.

Бисёр равандҳои халалдоркунанда дар муносибатҳои молиявӣ хислати бисёромилӣ доранд ва ҳам ба таври функсионалӣ ва ҳам сохторӣ бо бисёр равандҳои макро ва микросатҳи рушди иқтисоди кишвар бастагӣ доранд, ки ин маълум ва маҳдуд кардани таҳдидҳои амниятиро маҳз дар соҳаи молия душвор мегардонад.

Дар дилхоҳ соҳаи фаъолияти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар соҳаи молия ва иқтисод, зуҳурот ва равандҳои номатлубе ҷой дошта метавонанд, ки таҳлили амиқ, арзёбии дақиқи оқибатҳои имконпазир, таҳияи тадбирҳоро ҷиҳати рафъи онҳо тақозо мекунанд. Ин кор ҳамеша ба низоми муайяни ин гуна зуҳуроту равандҳо, аз рӯйи

аломатҳои якхела ба гурӯҳҳо пайвастани онҳоро талаб мекунад. Дар робита ба омӯзиши мушкилоти амнияти молиявӣ тамоми падидаҳо ва равандҳои манфии бахши молиявӣ ба таҳдидҳо гурӯҳбандӣ шудаанд. Дар баробари ин, ҳар қадар хатарҳо ба бахши молиявии иқтисод камтар бошад, даромад аз он ҳамон қадар зиёд мешавад. Аммо барои ташаккули чунин система дар шакли консепсияи яклухт, ки ҳам хусусияти фаъолияти механизми иктисодии давлат ва ҳам шароити дар рафти ислоҳот тағйирёбандаро ба назар мегирад, таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолияти воситаҳои молиявӣ дар тамоми ислоҳот зарур аст. Самти асосӣ ва натиҷаи ниҳоии чунин таҳқиқоти таҳлилӣ бояд таҳияи асосҳои консептуалии механизме бошад, ки фароҳам овардани шароитро барои ноил шудан ба рушди босамари иқтисодӣ ва болоравии некуаҳволии шаҳрвандон таъмин намояд.

Сатҳи таҳдидҳо ба амнияти молиявӣ бузургии доимӣ набуда, он дар баробари вазъи умумии иқтисодӣ тағйир меёбад. Дар баробари ин, таъсири баъзе таҳдидҳо ба амнияти молиявӣ суст ё тамоман қатъ шуда, аз баъзеи дигар шиддат мегирад ва эҳтимоли пайдоиши таҳдидҳои нав низ вуҷуд дорад. Лозим аст, ки ин тағйиротро пайваста зери назорат гирифта, сиёсати буҷетӣ ва андози давлатро ҳамоҳанг созем.

Бо назардошти ҳамин мулоҳизаҳо, таҳия ва қабули Стратегияи давлатии амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур мешуморем, ки бояд муҳимтарин манфиатҳои миллии кишварро дар соҳаи молия дар бар гирад. Дар робита ба ин, фаҳмиши муқовимат ба таҳдидҳои амнияти молиявӣ бар ин ақида такя мекунад, ки амнияти молиявӣ дар баробари омилҳои иқтисодии берунӣ аз вазъи иқтисоди кишвар ва стратегияи рушди он вобаста аст. Имрӯзҳо, коршиносони байналмилалӣ таваҷҷуҳи худро ба он ҷалб мекунанд, ки набардҳои асосӣ дар ҷаҳони муосир на танҳо барои назорати сиёсӣ бар қаламравҳо, балки барои “нуқтаҳои стратегӣ” дар идоракунии молияи байналмилалӣ ва инчунин ҷараёни иттилоот низ аланга мегиранд [7]. "Бозигарони" асосии ин майдони ноустувор бонкҳо ва корпоратсияҳои молӣ мебошанд ва, чун қоида, бо дастгирии ошкоро ё пӯшидаи давлатҳое фаъолият мекунанд, ки мехоҳанд минтақаи таъсири худро дар раванди ҷаҳонишавӣ васеъ кунанд [10]. Чуноне ки С. Ҳелен дар заминаи таҳқиқи таҷрибаи Осиёи Шарқӣ нишон додааст, дар давраи ҷаҳонишавӣ консептуализатсияи амнияти иқтисодӣ ба вуҷуд меояд [10].

Комилан равшан аст, ки дар чунин шароит барои Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати мустақили молиявиро пеш бурдан осон нест. Чунки ҷаҳонишавӣ самаранокии сиёсати макроиқтисодии давлатҳоро поин бурда, қобилияти ҳукуматҳои миллиро барои ҷамъоварии андозҳо, назорати таваррум ва қурби асъор коҳиш медиҳад. Ин боиси ноустувории назаррас дар бозорҳои дохилӣ мегардад, ки бартариятҳои рақобатии маҳсулоти миллиро аз байн мебарад.

Соҳаи молия роҳи дуру дарозеро тай карда, дар он дар шароити ҳозира миқёс, шаклу механизмҳо, инчунин, дараҷаи таъсиррасонӣ ба ҳаёти ҷамъият чизи нав мебошад. Дар амал соҳаи молиявӣ, сармояи молиявӣ дар давоми садаи гузашта аз як миёнарав ба зинаи асосии он табдил ёфт. Дар фаъол шудани соҳаи молия, раванди ҷаҳонишавӣ, ки бо паст шудани сатҳи танзими давлатӣ ва маҳдудиятҳо вобаста ба манфиатҳои сохторҳои алоҳидаи иқтисодии миллӣ алоқаманд аст, нақши махсус дорад. Равандҳои ғайританзимкунӣ ва ҷаҳонишавӣ, ки якдигарро пурра мекунанд, махсусан дар ҷараёнҳои манфӣ ва мусбати бахши молиявӣ фаъол буда, онҳоро дигаргун сохта, тамаркузи бузурги сармояи молиявиро таъмин мекунанд, ки бо сарҳадҳои миллӣ маҳдуд нашудаанд. Рушди бахши молиявӣ берун аз ҳудудҳои ҷуғрофӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ табиати бозорро тағйир дода, нақши онро ба механизми танзими истеҳсоли сармоя табдил медиҳад.

Бозори молиявии ҷаҳонӣ бозори давраи сармояи ибтидоӣ нест, зеро иштирокчиёни асосии он конгломератҳои калони молиявию саноатӣ ва марказҳои молиявии байналмилалӣ мебошанд. Аз ин рӯ, механизми суръати миёнаи даромад суст

шуда, схемаи тақсимоти даромад тағйир меёбад, бисёр категорияҳои асосӣ мазмуни худро тағйир медиҳанд. Таҷрибаи рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар солҳои охир нишон медиҳад, ки бахши ғайривоқеӣ аз бахши воқеӣ маблағ ҷалб намуда, омили тадриҷан нооромкунанда мебошад. Ин таъсир аз он сабаб ба миён меояд, ки дар дарозмуддат барои ба шаклҳои дигар табдил додани сармояи спекулятсионӣ зарурат нест. Дар робита ба ин, бояд гуфт, ки Ҷорҷ Сорос иқтисодро ба воқеӣ ва молиявӣ тақсим мекунад. Фаъолияти иқтисодӣ дар иқтисодиёти воқеӣ мушоҳида мешавад ва дар соҳаи молиявӣ додани қарз ва пардохтҳо аз рӯйи онҳо ба амал меояд. Ноустуворӣ дар бозорҳои молиявӣ метавонад ба оқибатҳои ногувор оварда расонад, аз ин рӯ, он бояд танзим карда шавад.

Ҳамин тавр, маълум аст, ки соҳаи молия ба як соҳаи мустақили босуръат рушдёбанда ва мустақили фаъолият ва дорои шаклҳои мушаххас, воситаҳои самарабахш, технология ва захираҳо табдил ёфтааст, ки бо иқтисоди воқеӣ суст алоқаманд аст. Ин, аз ҷумла, чунин падидаеро ба миён овард, ки фаъолияти институтҳои молиявӣ – бозорҳои фондӣ, асъор ва қарзӣ – дар баъзе мавридҳо метавонад таҳдидҳои микёсан гуногун – аз маҳаллӣ то ҷаҳониро дар шакли буҳрони молиявӣ ба вуҷуд оварад. "Ҳубобҳо"-и молиявӣ, ки аз захираҳои молиявии сохта иборатанд, ба пулҳои қалбакӣ монанд мешаванд, ки гарави воқеӣ надоранд. Аммо ин гуна молия аз ҷиҳати мақом аз пули воқеӣ, ки қудрати молиявии давлатро муайян мекунад, фарқ намекунад.

Яке аз муаммоҳои ташаккули муносибатхои самарабахши молиявию иқтисодӣ дар дилхоҳ сатҳ – ақидаи дақиқан иштибоҳангез нисбат ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҳамчун омили асосии истеъмоли захираҳои молиявию қарзӣ мебошад. Табиати захираҳои молиявӣ, хосияти асосии онҳо дар он аст, ки онҳо дар раванди тараққиёти истеҳсолот, баланд бардоштани рақобатнокӣ ва бозоргирии он ташаккул меёбанд. Қисми зиёди захираҳои молиявӣ дар ҷараёни истеҳсол ва истифодаи сарватҳои воқеии моддӣ, инчунин, дар соҳаи хизматрасонӣ ташаккул меёбанд. Бахши воқеии иқтисодиёт на танҳо захираҳои молиявию бонкиро истеъмол мекунад, балки онҳоро ба вуҷуд меорад. Санъати сиёсати молиявию иқтисодӣ ба дарёфти заминаи ибтидоии эҳёи рушди иқтисодӣ рабт мегирад. Нақши истеҳсолот дар таъмини шуғли зарурии пурмаҳсул ва зиёд намудани даромади аҳолӣ, ки асоси пасандозҳои аҳолӣ, рушди бозори коғазҳои қиматнок ва ба ин васила афзун намудани иқтидори молиявӣ барои ҷамъоварӣ ва сармоягузорӣ мебошад, басо бузург аст. Мутаассифона, фаромӯш кардани ин аҳком барои тезутунд шудани таҳдидҳои молиявӣ ба рушди ҷомеа сабаб мешавад.

Акнун оид ба сохторбандӣ ва пойгоҳи методологии амнияти иқтисодӣ истода мегузарем. Олимони амрикоӣ С. Ҷейкоб, А. Грегори ва дигарон ҳанӯз соли 2010 шохиси амнияти иқтисодиро ҳамчун нишондиҳандаи нави амнияти иқтисодии коргарони амрикоӣ ва хонаводаҳои онҳо ҳисоб карда баромада буданд [8]. Тавре ки дар боло зикр гардид, мафҳуми амнияти молиявӣ, аввалан, бояд ба мафҳуми умумии амнияти миллии кишвар мувофиқат кунад; дуюм, ҳамчун қисми таркибии консепсияи амнияти иқтисодии мамлакат баромад намояд; сеюм, мазмуни худро дошта бошад, ки муаммоҳои таъмини молиявиро аз як навъ проблемаҳои тартиботи умумии иқтисодӣ фарқ кунад.

Барои муайян кардани сатҳи воқеии амнияти молиявии давлат, маълумоти воқеиро бо параметрҳои муайяни танзимкунанда, ки аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва дар сатҳи давлатӣ қабул шудаанд, муқоиса кардан зарур аст. Ба сифати чунин параметрҳо бузургиҳои ҳадди ниҳоии нишондиҳандаҳои амнияти молиявии давлат (бузургиҳои ҳудудӣ) пешбинӣ шудаанд. Муайян ва асосноккунии бузургиҳои ҳудудии нишондиҳандаҳои амнияти молиявӣ бо усулҳои зерин сурат мегирад:

• усули танзим - ҳангоми аз ҷониби давлат дар сатҳи мувофиқ ба мақсадҳои сиёсати макроиқтисодии пешгирифта қабул намудани бузургии ҳудудии ин нишондод;

• бо истифода аз усули қиёс – бузургии ҳудудӣ дар асоси қимати якхела дар дигар кишварҳое муқаррар карда мешавад, ки аз ҷиҳати рушди иқтисодӣ ва хусусиятҳои асосии иқтисодиёт (сохтори такрористеҳсоли он, махсусгардонӣ, ҳолати тавозуни пардохт ва ҳисоббаробарнамоӣ ва ғайра) ё аз бузургие, ки ба давраи тараққиёти калонтарини давлат хос аст;

• усули коршиносӣ, ки имкон медиҳад, ки бузургии ҳудудӣ дар асоси нуқтаи назари гуногун ва усулҳои гурӯҳи коршиносон муайян карда шавад.

Муҳим аст, ки нишондиҳандаҳои амнияти молиявӣ бо нишондиҳандаҳои амнияти иқтисодии кишвар ва тамоми ҷанбаҳои амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ зич алоқаманданд. Муайян намудани ин робитаҳои мутақобилаи нишондиҳандаҳои амнияти молиявӣ бо ҳамдигар ва дигар ҷанбаҳои амнияти миллии (аз ҷумла иқтисодии) кишвар, ошкорнамоии омилҳое, ки ба ин манфиатҳо таҳдид мекунанд ва, дар ин замина, муайян кардани чораҳои ҳифзи манфиатҳои миллии Тоҷикистон дар бахши молиявӣ вазифаи асосии мониторинг мебошад. Дар айни замон, дар назди иқтисодиёт проблемаи кор карда баромадани роҳи нав, ки унсури муҳимтарини он стратегияи таъмини амнияти молиявӣ мебошад, кори амалии пайдарҳам ва мақсаднокро талаб мекунад, ки ба такмили иктисодиёт ва боз ҳам тараққӣ додани он нигаронида шудааст.

Аз ин бармеояд, ки низоми амнияти молиявӣ на танҳо фаъолияти самараноки худи низоми молиявӣ, балки фаъолияти бехатари тамоми унсурҳои механизми молиявию иқтисодии кишварро низ дар назар дорад. Стратегияи амнияти молиявӣ як курси сиёсӣ ва иқтисодӣ дар фаъолияти мақомоти давлатии молиявӣ, сохторҳои иқтисодӣ ва молиявию бонкӣ мебошад, ки ба фароҳам овардани шароит ва захираҳо барои муътадилсозии молиявӣ ва рушди иқтисодӣ бо нигоҳдорӣ ва таҳкими ягонагӣ ва якпорчагии фазо ва системаи молиявии давлат ва иқтисоди он нигаронида шудааст. Амнияти молиявии минтақаҳо бояд бо тамоми воситаҳо ва фишангҳои сиёсати давлатӣ, аз ҷониби тамоми субъектҳои хоҷагидор ва муассисаҳои молиявие, ки дар таҳия ва татбиқи стратегияи таҳияшудаи амният иштирок доранд, таъмин карда шавад.

Дар стратегияи амнияти молиявӣ сохтори ҷанбаҳои муҳимтарини зерин ба мақсад мувофиқ мебошад:

• мақсад ва вазифаҳои амнияти молиявӣ дар шароити мушаххаси рушди иҷтимоию иқтисодии он дар давраи кӯтоҳ ва дарозмуддат;

• фишангҳо ва воситаҳои стратегияи интихобшуда;

• роҳҳо ва самтҳои фароҳам овардани шароити зарурӣ ва захираҳои молиявӣ барои барқарорсозии рушди иқтисодӣ;

• воситаҳо ва роҳҳои мубориза бо таҳдидҳо ба амнияти молиявӣ.

Дар доираи унсурҳои сохтории зикргардидаи стратегияи амнияти молиявӣ таҳлили вазъи кунунии равандҳои молиявию иқтисодӣ, роҳҳо, омилҳо ва усулҳои таъсири мусбат ба вазъи молиявию иқтисодӣ бо мақсади пешгирӣ ё кам кардани таҳдидҳо, бесуботӣ, инчунин, муаммоҳои муътадил гардондани иқтисодиёт ва молияро ҳал намуда, шароиту захираҳои молиявиро ба вуҷуд овардан зарур мебошад. Бо назардошти вобастагии органикӣ ва ҳамбастагии мутақобилаи система ва омилҳои амнияти молиявию иқтисодӣ ҳадафи асосии стратегия ва сиёсати амният аз самти дигаргунсозии захираҳои молиявӣ ва ҷараёнҳо аз қонеъ гардонидани ниёзҳои буҷетӣ, идоравӣ то ҳадди имкон васеъшавии сохтори молиявии бахши воқеӣ мебошад.

Барқарорсозии молиявии корхонаҳо ва ташкилотҳо шарти асосии аз давраи тӯлонии пастравӣ раҳо кардани иқтисодиёти ватанӣ, ноил шудан ба суботи воқеии иқтисодӣ мебошад, ки барқарорсозии рушди иқтисодӣ ва ташаккули тадриҷии

иқтисоди хеле самаранок, рақобатпазир ва муҳаррик, ки дар асоси он системаи устувору боэътимоди амнияти молиявиро ба вуҷуд овардан мумкин аст, аз он вобаста аст.

Натиҷаҳои ба эътидол овардани вазъи молиявӣ, ки дар солҳои охир ба даст омадаанд, ҳанӯз барои рафъи таҳдидҳо ба суботи молиявии тамоми бахшҳои иқтисодиёт заминаҳо фароҳам наоварда, ҳатто дар баъзе соҳаҳо барои нигоҳ доштани вазъи бухронӣ мусоидат карданд. Барои он ки давлат барои ҳифзи манфиатҳои худ дар бахши молиявӣ тадбирҳои муассир таҳия намояд, зарур аст, ки вазъи ин соҳа аз мавқеи таъмини молиявӣ, яъне таҳлил ва мониторинги доимии тағйироти хусусияти молиявӣ, амали омилҳое, ки метавонанд ба амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид кунанд, мунтазам назорат карда шавад.

Дар баробари ин, барои арзёбии сатҳи амнияти молиявӣ ва таҳияи тадбирҳо оид ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар ин самт вазъи молиявиро аз нигоҳи таъмини молиявӣ ба таври миқдорӣ арзёбӣ кардан лозим аст. Ин баҳодиҳӣ бо назардошти васеъ будани проблемаҳое, ки вазифаҳои ҳифзи амнияти молиявии кишварро фаро мегиранд, бояд бо истифода аз маҷмуи муайяни нишондиҳандаҳои вазъи бахши молиявӣ сурат гирад. Аз ин рӯ, номгӯи нишондиҳандаҳои иқтисодие, ки барои мониторинги таҳдидҳо ба амнияти молиявӣ истифода мешаванд, ба таври кофӣ васеъ бошад, то ки ҳамаи ҷанбаҳои ҳолат ва рушди бахши молиявӣ пурра ва боэътимод арзёбӣ карда шавад.

Амнияти миллии кишвар амалан ягон ҷанбаи ягонае нест, ки бевосита аз сатҳи амнияти молиявии он вобаста набошад. Дар баробари ин, худи сатҳи амнияти молиявӣ бештар аз сатҳи дигар ҷанбаҳои амнияти миллӣ вобаста аст [4, с. 275]. Баррасии робита ва вобастагии мутақобила байни ҷанбаҳои мухталифи амнияти миллӣ имкон медиҳад, ки барои пешгирӣ, рафъ ё ҳадди ақалсозии таҳдидҳо ба манфиатҳои миллии кишвар чораҳо андешида шаванд.

Нақш ва аҳаммияти низоми молиявӣ дар солҳои охир ба таври назаррас тағйир ёфт. Молия аз механизми хоксоронаи хизматрасонии равандҳои иқтисодӣ ба муҳаррики тавонои рушди муосири иқтисод ва ҷомеа табдил ёфт, ки нақши он дар шароити ҷаҳонишавии рӯзафзуни муносибатҳои иқтисодию сиёсии ҷаҳонӣ танҳо меафзояд [5, с. 6-8]. Имрӯз мо бо камоли боварӣ гуфта метавонем, ки молия ба як бахши мустақили иқтисодиёт табдил ёфтааст, ки иқтидори он, дар ҳақиқат, бузург аст. Вале, бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз яке аз ҳалқаҳои заифтарини он боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, дар шароити кунунӣ мубориза бо таҳдидҳо ба амнияти молиявии Тоҷикистон яке аз муҳимтарин вазифаҳои давлат ба шумор меравад. Таҳдидҳо ба амнияти молиявӣ омилҳои манфие мебошанд, ки ба бахши молиявии иқтисодиёт дар маҷмуъ ё қишрҳои алоҳидаи он таъсир расонида, вазъи иқтисодии кишварро ноором мегардонанд ва ба рушди муътадили ҷомеа монеъ шуда, инчунин, ба онҳо зарари калон мерасонанд. Сарҳадҳои байни таҳдидҳои дохилӣ ва беруна на ҳамеша равшананд, онҳо аксар вақт ҳамдигарро ба вуҷуд меоранд.

Аммо маълум аст, ки боқӣ мондани таҳдидҳои дохилӣ дар иқтисодиёти миллии кишвар онро аз лиҳози беруна низ осебпазир мегардонад [6, с. 24], зеро давлат бо таҳдидҳои дохилӣ тоб наоварда, аз имкони пеш бурдани сиёсати фаъоли хориҷӣ, ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ, ҳавасмандгардонии содироти маҳсулоти рақобатпазир ва пешбурди фаъолияти мустақили иқтисодӣ ва густариши молиявӣ ба бозорҳои нав маҳрум мегардад. Бо иқтисоди заиф ва низоми молиявии номукаммал, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз имкони воқеии таъсиррасонӣ ба сиёсати созмонҳои молиявии байналмилалӣ маҳрум аст. Илова бар ин, назаррас будани сатҳи камбизоатиро дар кишвар ба назар гирем, чуноне ки таҳқиқоти К.С. Прабҳу (2001) дар мисоли Ҳиндустон собит сохта буд [12], амнияти иҷтимоию иқтисодӣ дар пасманзари камбизоатии шадид масъалаи басо доғ мегардад.

Дар шароити муосир “сӯрохиҳои сиёҳ”-и фирори сармояро маҳкам кардан, хусусан дар робита ба амнияти иқтисодии давлатҳои хурд [13], ҷараёнҳои молиявиро ба сӯйи бахши воқеии иқтисодиёт равона кардан, аз интизориҳои аз ҳад зиёди худшифоёбии стихиявии иқтисоди ватанӣ даст кашидан ва сарбаста кардани гирдгардиши захираҳои молиявӣ ва буҷетӣ дар доираи иқтисоди миллӣ лозим аст. Татбиқи ин гуна сиёсат иродаи сиёсӣ, инчунин тамаркуз ва мустаҳкам намудани ҳокимияти марказӣ, аз ҷумла зиёд кардани нақши ҳамоҳангсози институтҳои иқтисодию молиявиро тақозо мекунад.

Ҳамин тариқ, дар низоми таъмини амнияти иқтисодӣ яке аз ҷойҳои аввалро амнияти молиявӣ ишғол мекунад. Амнияти молиявӣ чунин ҳолати низоми молиявӣ мебошад, ки қодир аст ҳамаи субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла сохторҳои давлатиро бо захираҳои молиявие, ки барои сари вақт ва ба андозаи зарурӣ ва бо шартҳои қобили қабул барои иҷрои вазифаҳои худ кофист, таъмин намояд. Низоми молиявӣ бояд дар сурати рух додани ҳолатҳои ғайричашмдошт ва фавқулода дорои маржаи муайяни бехатарӣ бошад, аз ҷумла, то мақомоти давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидор ба пайдоиши ҳар гуна таҳдид сари вақт вокуниш нишон дода, дар сурати имкон онро пешгирӣ кунад, безарар гардонад ва ё ақаллан талафоти эҳтимолии иқтисодии иҷтимоиро ба ҳадди ақал расонад.

**Адабиёт**

1. Абалкин Л.И. Экономическая безопасность России: угрозы и их отражение / Л.И. Абалкин // Вопросы экономики. – 1994. – № 12. – С. 4–13.
2. Илларионов А.Н. Критерии экономической безопасности / А.Н. Илларионов // Вопросы экономики. - 1998. – № 10. – С. – 35–58.
3. Каурова Н.Н. Финансово-экономическая безопасность в условиях отрытости национальной экономики (теоретико-методологический аспект): автореф. дисс. на соис. уч.ст.д.э.н. по 08.00.05-Экономика и управление народным хозяйством (экономическая безопасность) / Н.Н. Каурова. – М., 2013. – 27с.
4. Манохина Н. В. Экономическая безопасность: учеб. пособие / Н.В. Манохина. — М. : ИНФРА-М, 2017. — 320 с.
5. Мирошникова Т. К. Финансы, денежное обращение и кредит: учебное пособие / Т. К. Мирошникова. – ВГУЭС, 2002. – 245 с.
6. Сандалов Х.А. Теоретические основы внешнеэкономической безопасности в условиях открытой и переходной экономики (на примере Республики Таджикистан): диссертация ... кандидата экономических наук: 08.00.01 / Сандалов Хакимбек Абдуалимович. - Душанбе, 2012. - 152 с.
7. Ghai,Dharam (1997), "Economic Globalization, Institutional Change and Human Security", United Nations Research Institute for Social Development, November. Available at: http: //www. unrisd. org/80256B3C005BCCF9/(httpAuxPages) /C458AA6EE63 6796C80256B67005B6ED7 /$file/dp91. pdf
8. Hacker, Jacob S, Gregory A. Huber, Philipp Rehm, Mark Schlesinger & Rob Valletta (2010), “The Economic Security Index: A New Measure of the Economic Security of American Workers and Their Families” ,Technical Report,July.
9. ILO (International Labour Organization) (2005), “Economic Security for a Better World”, Geneva, International Labour Office. - Kenworthy,Lane (2010), “Economic Security”, Spring, Available at: http: //www. u. arizona. edu/~lkenwor/indv102economicsecurity. pdf
10. Nesadurai,Helen E S (2005), “Conceptualising Economic Security in an Era of Globalisation: What Does the East Asian Experience Reveal?”, CSGR Working Paper No. 157/05 February, Available at: http: //wrap. warwick. ac. uk/1963/1/WRAP_Nesadurai_wp15705. pdf.
11. Osberg, Lars (2009),”Measuring Economic Security in Indecure Times: New Perspectives, New Events, and the Index of Economic Well - Being”, Centre for the Study of Living Standards, Csls Research Report, 12.

12. Prabhu,K. Seeta (2001), “Socio - Economic Security in the Context of Pervasive Poverty: A Case Study of India” International Labour Office, Geneva May, Available at: http: //www. ilo. org/public/ english/protection/ses/download/docs/india. pdf.
13. Udovič,Boštjan, “ Economic Security: Large and Small States in Enlarged European Union”, University of Ljubljana, Faculty of Social Sciences, Centre of International Relations. Available at: http: //www. ceeisaconf. ut. ee/orb. aw/class=file/action=preview/ id=164145/Udovic. doc
14. Yong ,Jiang )2007), “Economic Security: Redressing Imbalance”, World Security Institute, China Security, Spring, Vol. 3 No. 2, Available at: http: //www. wsichina. org/cs6_5. pdf

---

**УДК: 338.514**

## ТАҲЛИЛИ РУШДИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА МУАММОҲОИ ОН

***Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ*** *– доктори илмҳои иқтисодӣ, муовини Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Телефон: 918-94-94-48.*

***Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич*** *- ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов, 64/14. Тел.: 904777171.*

*Дар мақолаи илмӣ рушди нишондиҳандаҳои низоми бонкии кишвар ва муаммоҳои он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Низоми бонкӣ яке аз қисматҳои таркибии иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафта, тавассути он ба рушди иктисодиёти миллӣ баҳо медиҳанд. Ба ин хотир, масъалаи рушди низоми бонкӣ ва таъмини устувории он дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ яке аз масъалаҳои асосии Ҳукумат ва сохторҳои дахлдор ба ҳисоб меравад.*

*Муаллифон бар он назаранд, ки одатан ноустувор шудани низоми бонкӣ ба ноустувории иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҳар як давлати алоҳида оварда мерасонад. Аз ин лиҳоз, масъалаи дарёфти роҳҳои имконпазири рушди низоми бонкӣ дар маркази диққати Ҳукумати мамлакат ва Бонки миллии Тоҷикистон қарор гирифта, барои татбиқи амалии ин мақсад тамоми ташкилотҳои қарзӣ ва ширкатҳои махсуси алоҳидаи соҳавӣ дар ҷустуҷӯи дарёфти роҳҳои муассир бояд бошанд. Таҳқиқоти дар мавзуи мазкур анҷомгирифта мушкилот ва бартариятҳои мавҷударо дар сатҳи зарурӣ инъикос менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *бонкҳо, низоми бонкӣ, тиҷорат, иқтисодиёт, рушд, муносибат, пардохтпазирӣ, идоракунӣ, соҳа, таҷриба, меъёр, муфлисшавӣ, сармоягузорӣ, суғурта, рақобат.*

## АНАЛИЗ ПОКАЗАТЕЛЕЙ РАЗВИТИЯ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ЕЕ ПРОБЛЕМЫ

***Хайрзода Шукрулло Курбонали*** *– доктор экономических наук, зам. министра просвещения и науки Республики Таджикистан. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: 918-94-94-48.*

***Нуров Махмадназар Раджабалиевич*** *- ассистент кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: 904777171*

*В научной статье рассматриваются показатели развития банковской системы республики и ее проблемы. Банковская система считается одной из неотъемлемых частей народного хозяйства, через которую оценивается развитие народного хозяйства.*

*Поэтому развитие банковской системы и обеспечение ее устойчивости на уровне национальной экономики считается одним из основных вопросов правительства и соответствующих структур.*

*Авторы считают, что нестабильность банковской системы обычно приводит к нестабильности экономики и общества каждого отдельного государства. В связи с этим вопрос поиска возможных путей развития банковской системы находится в центре внимания правительства страны и Национального банка Таджикистана. Исследования, проведенные по данной теме, отражают существующие проблемы и преимущества на необходимом уровне.*

***Ключевые слова:*** *банки, банковская система, бизнес, экономика, развитие, отношения, ликвидность, управление, отрасль, опыт, ставка, банкротство, инвестиции, страхование, конкуренция.*

## ANALYSIS OF INDICATORS OF DEVELOPMENT OF THE BANKING SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND ITS PROBLEMS

***Khayrzoda Shukrullo Kurbonali*** *- Doctor of Economic Sciences, Deputy Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova str. 64/14. Phone: 918-94-94-48.*

***Nurov Mahmadnazar Rajabalievich*** *- assistant professsor of the department of of Banking, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, k. Nakhimova, 64/14. Phone: 904777171.*

*The scientific article discusses the indicators of the development of the banking system of the republic and its problems. The banking system is considered one of the integral parts of the national economy, through which the development of the national economy is assessed. Therefore, the development of the banking system and ensuring its stability at the level of the national economy is considered one of the main issues of the government and relevant structures.*

*The author believes that, it is rightly noted that the instability of the banking system usually leads to the instability of the economy and society of each individual state. In this regard, the issue of finding possible ways to develop the banking system is in the focus of attention of the government of the country and the National Bank of Tajikistan. Studies conducted on this topic reflect the existing problems and benefits at the required level.*

***Keywords:*** *banks, banking system, business, economy, development, relationships, liquidity, management, industry, experience, rate, bankruptcy, investment, insurance, competition.*

Дар таҷрибаи пешбурди фаъолияти иқтисодии давлат бонкҳо ва низоми бонкӣ дар ҳама давру замон дар ташаккул ва рушди муносибатҳои иқтисодию ҷамъиятӣ ва пешбурди равобити доимии субъектҳои иқтисодӣ, махсусан дар муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ мавқеи махсус ва аввалиндараҷа дошта, тавассути онҳо ташаккули рушди заминаҳои мусоиди иқтисодӣ ва густариши равандҳои молиявию муомилоти пулӣ ба роҳ монда мешавад. Қобили зикр аст, ки аз давраи ташкили муносибатҳои одитарини мубодила ва ташаккули равандҳои муомилоти пулӣ мувофиқи талаботи замон зарурати ташкили низоми бонкии мукаммалро ба миён овард. Вобаста ба ин, аз давраи рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тиҷорату истеҳсолот зарурат ва аҳаммияти ташкили бонкҳо торафт зиёд мегардад. Бонкҳо тавассути вазифаҳои гуногуни худ аҳаммияташонро дар рушди тамоми бахшҳои муҳимми иқтисодӣ нишон дода, як қатор имтиёзҳоро ба ҷамъият пешниҳод намуданд. Ба ин хотир, масъалаи таъмини устувори низоми бонкӣ дар ҳар як давлати мустақил вазифаи асосии он давлат маҳсуб меёбад. Ба масъалаи устувории низоми бонкӣ ва зарурати таъсиррасонии он ба иқтисодиёт баъди соҳибистиқлолии Тоҷикистон аҳаммияти аввалиндараҷа дода шуд. Новобаста аз ин, таъсири омилҳои дохилию берунӣ боиси коста гардидани фаъолияти бонкӣ гардида, пардохтпазирии онҳоро дар

иқтисодиёт коста гардонид. Чуноне таҷриба нишон медиҳад, солҳои охир самаранокии фаъолияти бонкӣ кам шуда истодааст. Бисёр вақт бонкҳоро ба идораи ноуҳдабароёнаи хавфҳо, коҳишёбии сифати хизматрасониҳо, фаъолияти коррупсионӣ айбдор мекунанд [16, с.97].

Вобаста ба ин андешаҳо, ба ақидаи мо, гуфтан мумкин аст, ки дар сатҳи бозори бонкӣ танҳо самаранокии ҳамон бонкҳое коҳиш ёфтааст, ки пешбурди фаъолияти идоракунии онҳо бо назардошти нишондиҳандаҳо аз қабл нодуруст буда, онҳо муфлис гардидаанд. Дар шароити имрӯза новобаста аз мушкилоти ҷойдошта низоми бонкӣ ягона низоми фаъол дар сатҳи иқтисодиёти давлат мебошад.

Одатан, ноустувор шудани низоми бонкӣ ба ноустувории иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҳар як давлати алоҳида оварда мерасонад. Аз ин лиҳоз, масъалаи дарёфти роҳҳои имконпазири рушди низоми бонкӣ дар маркази диққати Ҳукумати мамлакат ва Бонки миллии Тоҷикистон қарор гирифта, барои татбиқи амалии ин мақсад тамоми ташкилотҳои қарзӣ ва ширкатҳои махсуси алоҳидаи соҳавӣ дар ҷустуҷӯи дарёфти роҳҳои муассир бошанд. Ғайр аз ин, барои дарёфти механизм ва роҳҳои устуворгардонии низоми бонкӣ бояд фарогирии равандҳои қонунии устуворгардонӣ фарох буда, ҳар як механизми пешбинигардида фарогири тобеияти қонунҳои амалкунандаи соҳа, аз он ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ бошад. Дар таҷрибаи кӯтоҳи низоми бонкӣ баъди соҳибистиқлолӣ, воқеан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз буҳрони молиявии ҷаҳонии соли 2008 низоми бонкӣ ин ягона низомест, ки бо назардошти тамоми мушкилот ва муаммоҳои мавҷуда фаъолона амал намуда, ба рушди иҷтимоиёту иқтисодиёт таъсир мерасонад.

Дар ин шароит вазъи ноустувори аксар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ боиси камшавии миқдори онҳо дар сатҳи низоми бонкӣ гардид, ки ин боиси тағйироти ҷиддии сохторӣ дар ин низом шуд. Ба андешаи мо, низоми бонкии кишвар яке аз ҷузъҳои муҳимтарини иқтисодиёти давлат ва ҳамчун маҳаки рушд маҳсуб меёбад. Ҷиҳати татбиқи амалии вазифаҳои низом дар сатҳи иқтисодиёт ҷойи бонкҳои муфлисшударо ҶСК «Спитамен бонк», ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон», ҶСК «Бонки Арванд», ҶСК “Алиф Бонк”, КВД БССТ «Саноатсодиротбонк», ҶСП "Душанбе Сити Бонк" гирифтанд.

Гуфтан мумкин аст, ки дар бахши бонкӣ ҷаҳонишавӣ бо коҳиши танзими фаъолияти бонкӣ ва либерализатсияи бозорҳои молиявӣ ҳамроҳ сурат мегирад. Коҳиши танзими бахши бонкӣ дар бартарафсозии фарқияти институтсионалӣ байни намудҳои гуногуни фаъолияти бонкӣ ва молиявӣ: тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, суғурта ва ғайра ифода меёбад. Вобаста ба ин, дар як вақт бонкҳо маҷбур мегарданд, ки дар бисёре аз бахшҳои бозори молиявӣ на танҳо ба ҳамдигар, балки бо дигар ташкилотҳои молиявӣ: ширкатҳои суғурта, молия, бозори фондӣ, ширкатҳои лизингӣ, фондҳои сармоягузорӣ ва ғайра рақобат намоянд [16, с.108].

Айни замон барои фарогирии муҳити рақобати бонкӣ ва иҷрои амалиёти гуногун дар сатҳи бозори бонкӣ воҳидҳои сохтории бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ назаррас мебошад. Ҳамзамон, гуфтан мумкин аст, ки бо коҳиши назарраси шумораи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ воҳидҳои сохтории низоми бонкӣ афзоиш ёфтааст (диаграммаи 1).

Воҳидҳои сохтории низоми бонкӣ қисми таркибии бозори бонкӣ буда, дар татбиқи иҷрои вазифаҳои ин низом дар сатҳи иқтисодиёт мавқеи асосӣ доранд. Чӣ тавре ки аз маълумоти диаграммаи мазкур маълум мегардад, тамоили коҳишёбии шумораи воҳидҳои сохтории бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ баъд аз соли 2020 дар ҳоли коҳишёбӣ қарор дорад, ки аз ин 31 адад МХБ, 137 адад филиали бонкҳо ва 1314 адад МХХ коҳиш ёфтаанд.

**Диаграммаи 1. - Воҳидҳои сохтории бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дар солҳои 2015-2021**




**Сарчашма: ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ. 2014, №12(233), 2018, №12 (281), 2020№ 13 (305).**

Мушкилоти асосии коҳиши низоми бонкӣ дар шароити имрӯза аз идоракунии нодуруст ва таъсири дигар омилҳои дохилию берунӣ вобаста мебошад. Барои ба даст овардани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва гирифтани пеши роҳи барҳамхӯрии бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- вобаста ба сохти ташкил ва ҳолати молиявии ҳар як ташкилоти қарзӣ муайян намудани меъёрҳои муқарраршудае, ки риояи он аз тарафи ташкилоти қарзӣ шарти зарурӣ мебошад;
- фароҳам овардани шароит ҷиҳати анҷом додани амалиётҳо ба таври ғайринақдӣ ва дар заминаи ин коҳиш додани талаботи нақдӣ;
- вусъат ва такмили ҳарчи бештари ширкатҳои ломбардӣ, фючерсӣ ва ширкатҳои лизингӣ дар бозори бонкӣ барои шиддати рақобат;
- дар асоси талаботи рӯзафзуни ҷомеа ба амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ тағйир додани ҳаҷми сармояи оинномавӣ барои ташкили бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ;
- вобаста ба вазъияти иқтисодии давлат тақсим намудани амалиётҳои ҷалбшудаи дорои хавфи калон дар асоси муқаррароти Бонки миллии Тоҷикистон ба бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии низомсоз, ки иқтидори молиявии устувор доранд;
- таъсиси бонкҳои соҳавӣ ва махсусгардонидашуда дар сатҳи иқтисодиёти давлат;
- маҳдудияти ҷорӣ намудан дар амалиёти хатарнок, ки ба боварии мизоҷон таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар ҳамин замина, оид ба мушкилот ва равандҳои устувории низоми бонкӣ як қатор таҳқиқоти илмӣ анҷом дода шудааст, ки дар ин тадқиқот роҳу воситаҳои гуногуни механизмҳои устувории бонкӣ арзёбӣ гардидаанд.

Аз рӯйи таҷриба ҷиҳати дарёфти механизмҳои устуворгардонии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, пеш аз ҳама, дарёфти омилҳои таъсиррасон мувофиқи мақсад мебошад. Аз рӯйи гуфтаҳои олими тоҷик Н. Ашуров, агар сухан дар бораи омилҳои устувории бонки тиҷоратӣ равад, омилҳои беруна ва дохилии онро дар назар доранд. Ба омилҳои берунае, ки ба фаъолияти бонк таъсир мерасонанд, пеш аз ҳама, омилҳои умумииқтисодӣ дохил мешаванд.

Аз таҷриба маълум аст, ки пояҳои устувории бонкҳо ва низоми бонкӣ аз сатҳи тараққиёти иқтисоди мамлакат вобастагии зиёд дорад ва ин устуворӣ аз таъсири омилҳои дохила ва беруна иборат аст, ки онро Н. Ашуров чунин шарҳ додааст: “Омилҳои беруна иборатанд аз: механизми давлатию ҳуқуқӣ; амали қонуниятҳо ва мукаммалии онҳо; сатҳи таъминнокии ҳуқуқию меъёрҳое мебошанд, ки тавассути онҳо

ҳудуди фаъолияти бонкҳо муайян карда мешавад. Омилҳои дохилӣ бошанд, асосан умури идоракунии онҳо мебошад» [1, с.45]. Воқеияти аслии дарёфти механизмҳои устувории бонкҳои тиҷоратӣ ба пешбинии таъсири омилҳо вобастагии зиёд дорад.

Ба андешаи мо, яке аз самтҳои асосии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар бахши молиявӣ ин пурзӯр намудани иқтидори низоми бонкӣ тавассути афзоиш додани сармояи он ва такмил додани низоми идоракунии захираҳои инсонӣ; ҷорӣ намудани низомҳои муосири идоракунии хавф ва усулҳои назорат дар асоси арзёбии хавфҳо дар ташкилотҳои молиявӣ мебошад [15, с.14].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рафъи мушкилоти мавҷуда ба сатҳи пардохтпазирии низоми бонкӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дода мешавад. Аз ҳолати пардохтпазирии низоми бонкӣ ба сатҳи устувории он низ баҳо медиҳанд (диаграммаи 2).

**Диаграммаи 2. – Ҷараёни тағйирёбии пардохтпазирии низоми бонкӣ дар солҳои 2015-2021**




**Сарчашма: ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ. 2014, №12(233), 2018, №12 (281), 2020№ 13 (305).**

Имрӯз пардохтпазирии низоми бонкӣ барои рафъи мушкилоти ҳисоббаробаркунӣ дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дошта, тамоили зиёдшавӣ дорад, ҳол он ки ин меъёр тибқи меъёри муқарраршуда 30%-ро ташкил медиҳад, ки ин меъёр дар соли 2021 87,7%-ро ташкил намуд ва 57,7 аз ин меъёр зиёд мебошад. Аз рӯйи лаппишҳо ва нишондиҳандаҳои диаграммаи мазкур маълум аст, ки коҳиши ботадриҷи ҷараёни пардохтпазирии низоми бонкии мамлакат аз таъсири давраи дуюми буҳрони молиявӣ соли 2014 оғоз гардида, вазъи пардохтпазирии ин низом каме коҳиш ёфтааст. Ҳол он ки ин меъёр аз меъёри муқарраршуда зиёд буд. Гурӯҳбандии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯйи сохтори низоми бонкӣ ва бо фарогирии меъёрҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҷиҳати ташкил ва мукаммал сохтани механизмҳо кифоят намекунад. Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, ҷиҳати дарёфти механизмҳои самараноки гурӯҳбандии низоми бонкӣ аз рӯйи иқтидори молиявӣ дар шакли зерин мувофиқи мақсад мебошад ва амал намудан аз рӯйи сохтори низоми бонкие, ки пурра фарогири ҳаматарафаи рушди иқтисодиёти миллӣ бо назардошти сатҳи хавфҳои бавуҷудоянда мувофиқи мақсад мебошад (расми 1).

Дар шароити имрӯза низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон як низоми мукаммал буда, вазифаҳои худро дар асоси имкониятҳои мавҷуда иҷро менамояд. Чунончи, аз расми 1 маълум аст, дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 категорияи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ амал менамоянд, ки аз ин 2 категорияи онҳо ба иқтисодиёти Тоҷикистон ва умуман, ба низоми бонкӣ хатарнок ва метавонад дар оянда монеа эҷод намояд. Ба гурӯҳи бонкҳои низомсоз он бонкҳо ва ташкилотҳои қарзие дохил мешаванд, ки меъёри ҷамъбастии нишондиҳандаҳои онҳо 8% ва аз ин зиёд мебошад.




**Расми 1. Гурӯҳбандии бонкҳои тиҷоратӣ аз рӯйи иқтидор ва имкониятҳои хизматрасонӣ.**
**Таҳияи муаллифон.**

Бонкҳои низомсоз ин бонкҳое мебошанд, ки мушкилиҳои молиявии ҳар яки онҳо метавонад ба низоми бонкӣ ва молиявии кишвар таъсири манфӣ расонида, дар устувории он хавфҳо ба вуҷуд оварад. Таъсири онҳо тавассути сари вақт иҷро нагардидани пардохтҳо ва хисороти зиёди молиявии контрагентҳо (бонкҳо, ташкилотҳо, аҳолӣ) зоҳир мегардад. Таъмини устувории молиявии ин бонкҳо, дар маҷмуъ, ҳиссае аз таъминоти устувории низоми молиявии кишвар ба ҳисоб меравад [2].

Ба ақидаи гурӯҳбандии низоми бонкӣ ва таҳлили марҳилавии ин низом аз рӯйи имкониятҳои молиявии онҳо мувофиқи мақсад мебошад. Аз рӯйи меъёрҳои стандартишуда бонкҳои низомсоз аслан бонкҳое мебошанд, ки қобилияти пардохтпазирии онҳо аз лиҳози пулҳои нақдию ғайринақдӣ ҳаматарафа мебошад ва онҳо имконияти дар ҳама шароит таъмин намудани талаботи мизоҷони худро доранд, ки аз рӯйи чунин талабот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 бонк ва як ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ шомили ин низом мебошанд.

Бонкҳои ликвиднок ин бояд гурӯҳи дуюми низоми бонкии кишварро ташкил диҳанд, ки ба чунин категорияи бонкҳо такя намудан мувофиқи мақсад нест, зеро дар шароити бошиддат зиёд шудани талабот ба пули нақд ин гуна бонкҳо дар як давраи кӯтоҳ ба мушкилот дучор шуданашон мумкин аст. Бонкҳои ликвиднок ҳамон бонкҳое мебошанд, ки дар як давраи кӯтоҳ қобилияти бо пул таъмин кардани мизоҷони худро доранд. Аслан, маблағи асосии ин гуна бонкҳо дар суратҳисоби онҳо мебошанд. Ликвиднокӣ ин доштани маблағи зарурӣ дар суратҳисоб ба тариқи ғайринақдӣ мебошад.

Ба гурӯҳи сеюми бонкҳо танҳо бонкҳоеро дохил кардан мумкин аст, ки дар бозори байнибонкӣ аз ҳисоби ишғол намудани ҳиссаи афзалиятноки бозор дигар мавқеъ надоранд. Ғайр аз ин, ҳолати молиявии чунин бонкҳо бештар дар шароити бухронӣ қарор дошта, мизоҷон ба чунин бонкҳо эътимод надоранд. Ин гуна бонкҳо дар бозори байнибонкӣ барои иқтисодиёт ва низоми бонкӣ бонкҳои хатарнок мебошанд. Зеро ин гуна бонкҳо боис мегарданд, ки дар сатҳи иқтисодиёт воҳимаро ба вуҷуд оварда, ба пояи устувории низоми бонкӣ таъсир расонида, эътимоди мизоҷонро нисбат ба низоми бонкӣ коста гардонад.

Ба гурӯҳи чоруми бонкҳо аслан ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, аз он ҷумла, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии

хурд шомиланд, ки пояи устувории молиявии қисми зиёди онҳо дар таконҳои иқтисодӣ тоб оварда наметавонанд.

Чӣ қадаре ки эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ афзоиш ёбад, то ҳамон андоза сатҳи даромаднокии он низ зиёд мегардад. Ҳамчунин, даромаднокии низоми бонкӣ низ аз устувории он вобастагии зиёд дорад (диаграммаи 3).

**Диаграммаи 3. - Тағйирёбии сатҳи даромаднокии низоми бонкӣ дар солҳои 2015-2021**




**Сарчашма: ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ. 2014, №12(233), 2018, №12 (281), 2020№ 13 (305).**

Ҳиссаи даромади фоизи низоми бонкӣ дар маҷмуи умумии даромадҳои низом агар дар соли 2015 52,2%-ро ташкил намуда бошад, пас, ин нишондиҳанда дар соли 2021 60,9%-ро ташкил намудааст. Кам гардидани даромади ғайрифоизии бонкҳо ин бештар ба коҳишёбии шумораи ташкилотҳои қарзӣ ва кам гардидани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ алоқаманд аст. Даромадҳои ғайрифоизии низоми бонкӣ дар муқоиса ба соли 2015 ба андозаи 8,7% кам гардидаанд. Гуфтан мумкин аст, ки ҳама таҳлилҳои гузаронидашуда таҳлилҳои функсионалӣ мебошанд. Дар айни замон, на ҳама бонкҳои тиҷоратӣ ҷамъбасти фаъолияти худро бо фоида анҷом додаанд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. - Таҳлили фоидаи бонкҳои тиҷоратӣ дар соли 2017-2021 (ҳазор сомонӣ).**

| Номгӯи бонкҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **Тағйирот (сомонӣ)** | **Тағйирот (бо фоиз)** |
| ҶСК «Ориёнбонк» | 49, 4 | 50, 5 | 83, 6 | 159,9 | 127,7 | **78,3** | **1,5 мар.** |
| ҶСК «Бонки Эсхата» | 30, 8 | 39 0 | 58, 9 | 77,2 | 115,9 | **85,1** | **2,6 мар.** |
| БДАҶТ «Амонатбонк» | 31, 8 | 36, 2 | 42, 04 | 51,2 | 66,1 | 34,3 | 107% |
| ҶСП «Аввалин бонки молиявии хурд» | 5, 6 | 12, 0 | 18, 2 | 12,6 | 29,1 | 23,5 | 4,1 мар. |
| ҶСП «Спитамен бонк» | 10, 1 | 9,5 | 11, 3 | 5,0 | 5,4 | - 4,7 | - 46% |
| ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» | 11, 2 | 10, 2 | 13, 8 | 120 | 214 | 202,8 | 18,1 мар. |
| ҶСП «Казкоммертсбонк Тоҷикистон» | 21, 1 | 30, 3 | 8, 2 | 5,9 | 11,2 | 9,9 | - 46,9% |
| ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон» | -7, 6 | -5, 2 | 17, 7 | 317 13 8 | 41,7 | 47,7 | 4,7 мар. |
| ҶСП «Аксесбонк Тоҷикистон», «Арванд» | -8, 9 | 2, 8 | 10, 1 | 3,3 | 9,0 | 9,0 | 90% |
| ҶСП «Бонки Осиё» | 8 090 | 141 407 | -3 412 | -24, 5 | | - 24,5 | 2,4 мар. |
| ҶСК«Соҳибкорбонк», «Тавҳидбонк» | 6, 5 | 2, 2 | 10, 1 | 3,6 | 4,4 | - 2,1 | - 32, % |
| Филиали бонки «Тиҷорат» ҶИЭ дар ш. Душанбе | -9, 5 | 1,4 | 320 927 | 6,1 | - 337,6 | -9,162 | 9,1 мар. |

**Сарчашма: ҳисоби муаллифон дар асоси маълумоти маҷаллаи «Бонкдорӣ. Тараққиёт. Ҷаҳонишавӣ»**

Дар таҷрибаи фаъолияти бонкӣ яке аз сарчашмаҳои рушди устувори фаъолияти бонкӣ бе назардошти таъсири онҳо ба сатҳи иқтисодиёти мамлакат ин фоидаи онҳо дар сатҳи иқтисодиёт мебошад. Нишондиҳандаҳои асосии фоидаи бонкҳои тиҷоратӣ омили дигари рушди бонкҳои тиҷоратӣ мебошад. Таҳлили ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки новобаста аз мушкилоти мавҷуда даромади аксари бонкҳои тиҷоратӣ мусбат ва рушди он назаррас мебошад. Таҳлили ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки дар муқоиса ба соли 2014 фоидаи ҶСК «Ориёнбонк» 1,5 маротиба, ҶСК «Бонки Эсхата» 2,6 маротиба, БДА ҶТ «Амонатбонк» 107%, ҶСП «Аввалин бонки молиявии хурд» 4,1 маротиба ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Ҳамчунин, бо таъсири як қатор омилҳо дар солҳои таҳлилшаванда фоидаи ҶСП «Спитамен бонк», ҶСП «Казкоммертсбонк Тоҷикистон», ҶСК «Тавҳидбонк» ва филиали бонки «Тиҷорат» ҶИЭ дар шаҳри Душанбе тамоили манфӣ дорад.

Ба ақидаи мо, дар ҷараёни ин таҳлил коршиносон, пеш аз ҳама, бояд ба масъалаҳои зерин аҳаммияти ҷиддӣ диҳанд: маблағи умумии тавозун; таносуби воситаҳои пулии ҷалбшуда ва қарзҳои додашуда дар сатҳи иқтисодиёт; гурӯҳбандии қарзҳо аз рӯйи сатҳи хавфҳо, таносуби воситаҳои худӣ ва маблағҳои ҷалбгардида; ҳиссаи амалиёти ҷудогонаи бонкӣ дар маҷмуи амалиёти гузаронидаи бонк.

***Таҳлили таркибӣ.*** Таҳлили таркибӣ яке аз қисматҳои асосии муайянкунандаи бурду бохти ҳар як ташкилоти қарзӣ дар низоми бонкӣ ба ҳисоб рафта, қисмҳои асосии амалиёт ва хизматрасониҳои бонк, инчунин, таркиби даромад, хароҷот ва сатҳи фоидаи онро дар бар гирифта, маълум менамояд, ки имконияти минбаъдаи фаъолияти бонк дар бозори бонкӣ ва шароити рақобат чӣ гуна мебошад. Агар дар ҷараёни таҳлили таркиби хароҷот меъёрҳои ба он вобаста аз меъёри муқаррарӣ зиёд бошад ё хароҷоти нолозим дарёфт карда шаванд, чораҳои кам кардани хароҷот дар сатҳи зарурӣ андешида мешаванд. Маъмулан, таҳлили таркибӣ бояд самтҳои амалиёти зеринро дар бар гирад:

Дар тачрибаи фаъолияти ҳаррӯзаи бонкҳои тиҷоратӣ ин омилҳо омӯхта ва таҳлил карда мешаванд. Ҳолати муайян кардани имкониятҳои бонк, қабл аз ҳама, омӯхтани тавозуни бонк зарур мебошад, зеро дар тавозуни он омилҳои зарурӣ ва кофӣ барои таҳлили пардохтпазирии он, даромаднокӣ, инчунин, дараҷаи хатари бонкиро аз амалиёти он дарёфт намудан мумкин аст. Тавозуни бонк ҳуҷҷатест, ки дар асоси он фаъолияти молиявӣ ва самтҳои дигари фаъолияти онро таҳлил кардан мумкин аст. Қайд кардан зарур аст, ки дар фаъолияти бонки тиҷоратӣ чунин хатарҳои монанд вуҷуд доранд, хатарҳои қарзӣ, фоизӣ, бозорӣ, асъорӣ, байнидавлатӣ ва ғайра.

Дар хулоса қайд кардан бамаврид аст, ки фаъолияти асосии бонкҳоро миёнаравӣ ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, барои дар сатҳи зарурӣ таъмин намудани эътимоди истифодабарандагони хизматрасониҳои бонкӣ зарур аст, ки аз муҳити дохилии худ сар карда, то муҳити берунӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дода шавад. Ба сатҳи боварию эътимоди аҳолӣ, албатта, коҳишёбии шумораи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ, пардохтпазирии нокифоя, сатҳи пасти даромаднокӣ, дастнорас будани амалиёт ва хизматрасониҳо ба пуррагӣ ва монанди инҳо таъсиррасон мебошанд. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки дар сатҳи низом таҳлили дуруст анҷом дода шавад. Ҳамчунин, дарёфти механизмҳои имконпазири рушд бояд маҳаки асосии фаъолияти ҳар як ташкилоти қарзиро ташкил намояд. Вобаста ба ҳамаи ин гуфтаҳо, барои роҳ надодан ба чунин мушкилот бояд чораҳои зерин рӯйи кор гирифта шаванд:

- гирифтани пеши роҳи барҳамхӯрии бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ;
- густариши ҳарчи зудтари пояҳои ғайринақдикунонии амалиёт дар заминаи технологияҳои ҳозиразамон;
- таҷдиди низоми нави сохтории бонкӣ дар дохили кишвар бо фаро гирифтани тамоми самтҳои иқтисодии давлат;

- дар асоси меъёрҳои сиёсати макропруденсиалӣ роҳандозӣ намудани фаъолияти низоми бонкии кишвар;

- тартиби дурусти сиёсати кадрии низоми бонкӣ вобаста ба талаботи нави иқтисодӣ ва ғайра.

**Адабиёт**


1. Ашуров, Н. Идора кардани хатари бонкӣ: васоити таълимӣ / Н. Ашуров. – Душанбе, 2014. – 125 с.
2. Асосҳои сиёсати макропруденсиалии Бонки миллии Тоҷикистон. Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 12 июли соли 2016 с.
3. Банковское дело / под ред. О.И. Лаврушина. - 9 изд., стер. -2. - М.: Финансы и статистика, 2011. – 462 с.
4. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2015, №12 (245). - Душанбе. – 164с.
5. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2016, №12 (257). - Душанбе. – 144с.
6. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2017, №12 (269). - Душанбе. – 145с.
7. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2018, №12 (281). - Душанбе. – 125с.
8. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2019, №12 (293). - Душанбе. – 121с.
9. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2020, №12 (305). – Душанбе. – 122с.
10. Махшулов, С.Ҷ. Таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ дар шароити буҳрони молиявӣ [Матн] / С.Ҷ. Махшулов // Паёми молия ва иқтисод. - 2018. - №3 (15) – С. 82-89.
11. Махшулов С.Дж. Конкурентоспособность кредитных организаций и актуальность их финансовых показателей с учетом ликвидности // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. - №5/2. - С. 56-61.
12. Махшулов, С.Ҷ. Мушкилоти қарздиҳии бонкӣ ба соҳаҳои кишоварзӣ ва роҳҳои ҳалли он/ С.Ҷ. Махшулов, Б.Б. Хоҷаев //Паёми молия ва иқтисод. - Душанбе. - 2018. – №3 (15). – С.101-107.
13. Петрова, Т.И. Институциональное развитие банковского системы России: автореф. дисс ... кан. экон.наук 08.00.10. / Т.И. Петрова. – М: Фин. ун-т при Правительстве Российской Федерации, 2014.- 27 с.
14. Раҳимзода, Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз: китоби дарсӣ / Ш. Раҳимзода. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 511 с.
15. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2030. – Душанбе, 2016.
16. Хайрзода, Ш.Қ. Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бесуботии молиявӣ (назария, методология, амалия): дис. док. илмҳои иқтисодӣ: 08.00.10 / Ш.Қ. Хайрзода. - Душанбе, 2021. – 430с.


**УДК: 004.413.4**

## МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲЛИЛИ ХАВФҲОИ ҚАРЗӢ ДАР БАХШИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт*** *- д.и.и., профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.*

***Оев Анис Давлатович** - ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.:(+992) 93-451-11-12. E-mail: **oev.anis.d@mail.ru***

*Фаъолияти қарзии бонкҳо аз зумраи амалиёти фаъоле мебошад, ки ҳиссаи он қисми зиёди дороиҳои тавозуниро ташкил медиҳад. Дар ин алоқамандӣ ба фаъолияти бонкҳо номгӯи зиёди хавфҳои эҳтимолӣ таъсиррасон аст, ки муҳимтарини он хавфҳои қарзӣ мебошанд.*

*Дар ин мақола равишҳои таҳлили хавфҳои қарзӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ба андешаи муаллифон, барои идоранамоии хавфҳои қарзӣ дар бонк, пеш аз ҳама, баинобатгирии методҳои баътидоломада дар сиёсати қарзӣ мувофиқи мақсад мебошад. Аз ин рӯ, дар мақола усулҳои мухталифи таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ бо назардошти меъёрҳои амалкунанда ва таҷрибаи амаливу назариявӣ муайян ва тасниф шудаанд.*

***Калидвожаҳо:** ташкилотҳои қарзии молиявӣ, сиёсати қарзӣ, хавфҳои қарзӣ, эҳтимолият, нишондиҳандаҳои хавфҳои қарзӣ, сифати сандуқи қарзӣ, методологияи таҳлил.*

## МЕТОДОЛОГИЯ АНАЛИЗА КРЕДИТНОГО РИСКА В БАНКОВСКОМ СЕКТОРЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт** – д.э.н., профессор, ректор Таджикского национального университета. Адрес: 734025, ш.Душанбе, просп. Рудаки 17.*

***Оев Анис Давлатович** - ассистент кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: (+992) 93-451-11-12. E-mail: oev.anis.d@mail.ru*

*Кредитная деятельность банков является одной из активных операций, на долю которых приходится большая часть балансовых активов. В связи с этим, на деятельность банков влияет большой перечень возможных рисков, важнейшим из которых является кредитный риск.*

*В статье рассматриваются подходы к анализу кредитного риска. По мнению авторов, для управления кредитными рисками в банке, в первую очередь, целесообразно учитывать установленные методы в кредитной политике. С этой целью в статье определяются и классифицируются различные методы анализа и оценки кредитных ситуаций с учетом действующего законодательства, практического и теоретического опыта.*

***Ключевые слова:** финансово-кредитные организации, кредитная политика, кредитные риски, вероятность, показатели кредитного риска, качество кредитного портфеля, методика анализа.*

## METHODOLOGY OF CREDIT RISK ANALYSIS IN THE BANKING SECTOR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht** – Doctor of Economics, professor, Rector of the Tajik National University, Tajikistan, Dushanbe, 734025, Rudaki ave. 17*

***Oev Anis Davlatovich** - Assistant, Department of Audit and Revision, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimova, 64/14. Phone: (+992) 93-451-11-12. E-mail: oev.anis.d@mail.ru*

*The lending activity of banks is one of the active operations, which account for most of the balance sheet assets. In this regard, the activities of banks are affected by a large list of possible risks, the most important of which is credit risk.*

*The article discusses approaches to the analysis of credit risk. According to the authors, in teenage credit risks in a bank, it is first of all advisable to take into account the established methods in the credit policy. To this end, the article defines and classifies various methods for analyzing and evaluating credit situations, taking into account existing standards and practical and theoretical experience.*
***Keywords:*** *financial and credit organizations, credit policy, credit risks, probability, credit risk indicators, credit portfolio quality, analysis methodology.*

Дар шароити фазои босуръат тағйирёбии омилҳои сиёсию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, эпидемиявӣ, технологӣ ва экологӣ барои таъмини суботи низоми бонкӣ муайян ва идоракунии хавфҳо яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Дарвоқеъ, пайдоиши чунин тамоюлот имрӯзҳо ба тараққиёти иқтисодиёт таъсирбахш буда, натиҷаи онҳо боиси пайдоиши хавфҳо дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт мегардад, ки маъмултарини онҳо дар бахши бонкӣ - ин хавфҳои қарзӣ маҳсуб меёбанд.

Мувофиқи Дастурамали 247-и Бонки миллии Тоҷикистон хавфи қарзӣ - эҳтимолияти ба амал омадани зарар дар натиҷаи аз тарафи қарзгиранда ва ё контрагент иҷро нагардидани уҳдадориҳои худ тибқи шартҳои мувофиқашуда мебошад [2, с. 2].

Талафоти иқтисодӣ ё эҳтимолияти он аз хавфи қарзӣ, ҳамчун пояи асосии дарки омӯзиш ва таҳлили хавфи қарзӣ ҳангоми таҳқиқ ба шумор меравад. Дар амалияи бонкӣ, яъне талафоти иқтисодӣ аз хавфи қарзӣ ё ин ки эҳтимолияти он, ин паст гардидани сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ (ТҚМ) ва бо ин васила, осебпазир гардидани дороиҳо ва ба таъхир афтодани уҳдадориҳои он дар назар дошта мешавад. Чунин талафот ба зиёд гаштани хароҷотҳои молиявӣ, паст гардидани фоида ва заиф гаштани сармояи бонкӣ оварда мерасонад. Аз ин лиҳоз, ба даст овардани мувозинати оптималии байни дороиҳову уҳдадориҳои муҳлати пардохташон гуногун барои роҳбарияти ТҚМ вазифаи аввалиндараҷа маҳсуб меёбад. Чуноне мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, дар амалияи фаъолияти бонкӣ ҷиҳати таъмини пардохтпазирӣ, истифода аз воситаҳои гуногуни тавозуни бонкӣ пардохтпазирии он ҳифз карда мешавад, ки сандуқи қарзӣ дар навбати худ аз ҷумлаи онҳо мебошад.

Ҳар як бонк вобаста ба таҷрибаи амалӣ ва имкониятҳои зеҳнии худ оид ба идоракунии хавфҳо бо истифода аз усулҳо ва равишҳои гуногун хавфҳои қарзиро таҳлил ва баҳодиҳӣ намуда, онро идора менамоянд. Дар асл, барои таҳлили хавфи қарзӣ усулҳои миқдорӣ ва сифатӣ истифода мегарданд. Дар таҳлили сифатӣ барои ҳамаи хавфҳо пешниҳоди сарчашмаҳои баҳодиҳӣ, минтақаи потенсиалии хавф ва омилҳои дақиқи интихобшудаи мушаххас муҳим мебошад. Дар таҳлили миқдорӣ бошад, ба таври ададӣ муайян ва ба расмият даровардани дараҷаи хавфи қарзӣ дида мешавад. Ҳангоми таҳлили миқдорӣ якчанд қисмҳои зеринро шартан ҷудо кардан мумкин аст: муайян кардани меъёрҳои баҳодиҳии дараҷаи хавфи қарзӣ; интихоби дараҷаи хавфи қарзӣ, ки бонк барои намудҳои алоҳидаи қарзҳо қобили қабул шуморидааст; баҳодиҳии дараҷаи воқеии хавфи қарзӣ дар асоси усулҳои инфиродӣ, роҳҳои пешгирии хавфҳои қарзӣ ва ғайра.

Таҷрибаи амалии баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ дар ТҚМ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бар истифодаи методологияи баҳодиҳӣ, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст ва тибқи талаботҳои Базелӣ, ки аз таҷрибаи ҷаҳонӣ бармеояд, бунёд ёфтааст. Методология ба як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон [12] ва дигар санадҳои иловагии он асос ёфтааст, ба монанди:

Дастурамали №247 “Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ”, Қарори Раёсати БМТ аз 19-уми ноябри соли 2021, №168;

Дастурамали №215 "Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо", Қарори Раёсати БМТ аз 13-уми апрели соли 2016, №50;

Дастурамали №176 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ", Қарори Раёсати БМТ аз 9-уми октябри соли 2009, №304;

Дастурамали №186 "Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ", Қарори Раёсати БМТ аз 28-уми апрели соли 2011, №73;

Роҳнамо "Дар бораи восита ва усулҳои идоракунии хавфи қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ", ки бо Қарори Раёсати БМТ аз 19-уми ноябри соли 2021, №170 ба тасвиб расонида шудааст.

Аз таснифи санадҳои меъёрии овардашуда ҷиҳати таҳлил, баҳодиҳӣ ва идоранамоии хавфҳои қарзӣ Дастурамали №215 ва Дастурамали №247 аҳамияти васеътар дошта, дар онҳо таснифоти қарз вобаста ба дараҷаи хавфи қарзӣ, ташкилнамоии фонд (ФПТИ) ва муайян кардани ҳиссаи ҷудонамоии маблағ вобаста ба таснифоти қарз, аз ҷумла низоми идоранамоии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ оварда шудаанд. Дастурамали №176, меъёрҳои мақбулро барои ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод карда, андозаи ниҳоии хавфро барои ҷамъи қарзгирандагон муқаррар менамояд. Дастурамали №186 тавсифи хизматрасонии қарзӣ ва Роҳнамо бошад, восита ва усулҳои идоракунии хавфи қарзиро ҳамчун тавсия барои ТҚМ пешниҳод менамояд.

Дар адабиёти илмӣ таснифоти хавфҳои қарзии бонкҳо бо равишҳои бисёр ҳам гуногун омадаанд. Онҳо бо аломатҳо ва меъёрҳои гуногун, масалан, дар бораи сарчашмаҳои хавфҳо, сатҳи хавф, дараҷаи идоракунӣ ва ба монанди инҳо асоснок карда шудаанд. Барои идоракунии хавфи қарзӣ, дар баробари истифодаи методологияи мувофиқ, инчунин, барои баҳодиҳӣ ва ояндабинии он усулҳои мушаххас низ истифода мегарданд.

Усулҳои баҳодиҳии хавфҳои қарзиро ба ду гурӯҳ, ки онҳоро ҳамчун гурӯҳҳои миқдорию сифатӣ мешиносанд, тақсим менамоянд.

Барои шарҳи усулҳои баҳодиҳии хавфи қарзӣ дида баромадани усулҳои баҳодиҳии миқдории он, ки чунин усулҳоро ба монанди - (Value at Risk - **VaR** ва матритсаи гузаришҳо / кӯчишҳо) ва усулҳои гурӯҳбандишуда (скоринг, дарахти қабули қарорҳо)-ро дар бар мегиранд, ба маврид аст. Усулҳои ба монанди VaR ва матритсаи гузаришҳо / кӯчишҳо бештар дар ҳолатҳое истифода мешаванд, ки барои баҳодиҳии (пешгӯии) талафоти ТҚМ дар маҷмуъ, вобаста ба сандуқи қарзи истифода шуда, усулҳои гурӯҳбандишуда бошад, барои баҳодиҳии қарзгирандагони мушаххас, яъне аз рӯи таснифоти сандуқи қарзӣ истифода бурда мешаванд [4, с. 8].

Усули **VaR** - универсалӣ барои баҳодиҳии хавфҳои гуногун муҳим ба ҳисоб меравад. Ҳадафи асосии ин усул баҳодиҳии талафоти ҳадди аксар аз хавф дар тӯли як давраи муайян бо фосилаи эътимоди додашуда мебошад. Равишҳои асосии баҳодиҳии **VaR** инҳоянд: таърихӣ - вақте ки талафот дар асоси маълумоти оморӣ оид ба сатҳи талафот бо фосилаи боварии зарурӣ ҳисоб карда мешавад, параметрӣ - вақте ки функсияи тақсимоти эҳтимолии талафоти эҳтимолӣ аз маълумоти оморӣ муайян карда мешавад.

Яке аз усулҳо, ки имконияти баҳодиҳии эҳтимолияти батаъхирмонии қарзро аз рӯи сандуқи қарзӣ (ки аз 90 рӯз гузаштааст) пешбинӣ намудааст, ин "матритсаҳои кӯчиши қарзҳо / қарзҳои пардохтнашуда" мебошад. Мутобиқи равиши Базел II, қарзҳое, ки муҳлаташон зиёда аз 90 рӯз гузаштааст, ҳамчун батаъхирмонда эътироф карда мешаванд (расми 1.).

Матритсаи зеринро метавон дар шакли нақша чунин пешниҳод кард.




**Расми 1.** Нақшаи тасвирии матритсаи гузариш / кӯчиш.
***Сарчашма:*** коркарди муаллифон

Мутобиқи расми 1, эҳтимолияти гузариши қарзҳо аз ҳолати “бетаъхирмонӣ” ба ҳолати “қарзҳо ботаъхирмонӣ аз 1 то 30 рӯз” 5,0%-ро ташкил карда, пас бо эҳтимолияти 95,0% қарзҳо боқӣ мемонанд ва дар ҳолати “бетаъхирмонӣ” басомади гузариш ба қарз аз ҳолати “қарзҳо ботаъхирмонӣ аз 1 то 30 рӯз” ба ҳолати “қарзҳо ботаъхирмонӣ аз 31 то 60 рӯз” 37,2%-ро ташкил намуда, пас эҳтимолияти баргардонидани қарз (гузаштан ба ҳолати «бетаъхирмонӣ») 62,8 фоизро ташкил медиҳад.

Усулҳои гурӯҳбандишудаи баҳодиҳии хавфи қарзӣ ба монанди скоринги қарзӣ, дарахти қабули қарорҳо дар бисёр мавридҳо ташкилоти қарзӣ барои муайян намудани хавфи қарзӣ дар ҳолати қабули қарор оид ба пешниҳоди қарз истифода менамояд.

Усулҳои гурӯҳбандишуда дар он асос меёбанд, ки ташкилоти қарзӣ образҳои (синфҳои) ё сурати қарзгирандаи баландсифат ва пастсифатро ташаккул медиҳад.

Дар усулҳои гурӯҳбандишуда ташкилоти қарзӣ сурати қарзгирандаи баландсифат ва пастсифатро бо ёрии ин усул ба асос гирифта, вазифаи муайян кардани симои қарзгир дар чаҳорчӯби назарияи шинохти намуна (Pattern recognition)-ро баррасӣ менамояд [6, 10, 11]. Тасвири (синфи) як гурӯҳи муайяни объектҳо (мушоҳидаҳо) дар асоси маҷмуи параметрҳое интихоб карда мешаванд, ки объектро (мушоҳидаро) тавсиф мекунанд.

Скоринги қарзӣ ин равиши омории пешниҳодкардаи олими амрикоӣ Дэвид Дюраном мебошад [6, с. 9], ки соли 1941 дар навбати аввал барои гурӯҳбандии қарзгирандагони гуногун истифода гардидааст. Дар амалияи шароити имрӯза бонкҳо ба таври васеъ аз ин усул истифода карда, эҳтимолияти баҳодиҳии баргардонидани қарзро барои қарзгиранда арзёбӣ менамоянд.

Дар асл таснифоти хавфҳои қарзӣ ҳамчун “хавфи қарзӣ” - ин “эҳтимолият”, ки дар амалия ҳангоми ташкили низоми идоракунии хавфи қарзӣ эҳтиёҷоти амалии хавфро қонеъ мекунад, дурусттар аст. Ҷиҳати фаҳмиш, баэътидолорӣ ва низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ҳар ТҚМ мумкин аст таснифбандии худӣ истифода гардад, ки онро бонкҳо дар асоси сиёсати қарзии худ метавонанд муқаррар кунанд.

Сиёсати қарзии ҳар як бонк ҳуҷҷати асосиест, ки стратегия ва тактикаи фаъолияти қарзии онро муайян мекунад. Инчунин, он мақсад ва принсипҳои фаъолияти қарздиҳии бонк, шартҳои таъмини маблағгузориро ба мизоҷон, тартиби баррасии раванди муроҷиатҳои қарзӣ, ҳолатҳои қабули қарору кори минбаъда бо маҳсулоти қарзӣ ва раванди қарзиро танзим менамояд.

Санадҳои меъёрии дохилии бонк, ки сиёсати қарзии онро танзим менамоянд, аз ҷониби Шӯрои нозирон тасдиқ карда мешаванд. Дар асоси сиёсати қарзӣ ҳуҷҷатҳои дохилии меъёрии бонк оид ба қарздиҳӣ таҳия мешаванд. Мақсади сиёсати қарзии бонк аз муайян кардани самтҳои асосии фаъолияти қарзии бонк мувофиқи стратегияи умумии рушди он, инчунин, таъмини идоракунии самараноки раванди қарзӣ мебошад. Вазифаи асосии сиёсати қарзӣ аз муайян кардани принсипҳои умумии қарздиҳӣ дар соҳаи фаъолияти қарзии бонк ва принсипҳои асосии идоракунии хавфи қарзӣ иборат мебошад.

Сиёсати қарзии бонк бояд ба талаботи бонки марказӣ ва мақомоти танзимкунандаи кишваре, ки бонк дар он ҷойгир аст, инчунин ба талаботи байналмилалие, ки фаъолияти бонкиро танзим мекунад ва раванди қарздиҳиро бевосита пеш мебарад, ҷавобгӯй бошад [5, с. 30].

Тибқи муқаррароти Дастурамали №186-и БМТ, дар ташкилотҳои қарзӣ барои амалӣ намудани сиёсати қарздиҳӣ бо Қарори Шӯрои нозирон, Кумитаи қарзии Саридора ташкил карда мешавад. Дар баробари ин, саридораи бонк дар асоси санадҳои меъёрии дохилӣ дар бахшҳои худ кумитаҳои қарзӣ ташкил карда, бо ин восита, барои амалӣ намудани сиёсати қарздиҳии бахшҳо талабот муқаррар менамояд.

Бо мақсади сари вақт ошкор кардан, андозагирӣ, назорат ва мониторинги хавфҳо дар ташкилотҳои қарзӣ вобаста ба қарори Шӯрои нозирон, Кумитаи идоракунии хавфҳо ташкил карда мешавад, ки он бевосита зертобеи Шӯрои нозирон мебошад. Мувофиқи Дастурамали №247-и Бонки миллии Тоҷикистон, таъсиси чунин кумита барои ташкилотҳои қарзии низомсоз, ташкилотҳои қарзии эҳтимолии низомсоз ва ташкилотҳои маблағгузории хурди низомсоз ҳатмӣ мебошад. Дигар ТҚМ мустақилона қарор оид ба таъсиси Кумитаи идоракунии хавфҳоро қабул менамояд. Дар амалияи идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ТҚМ-и кишвар, дар ҳоле, ки Кумитаи идоракунии хавфҳо ташкил гардидааст, он ваколатдор буда, дар ҳоли набудани он Кумитаи аудит ваколатдор мебошад. Яъне, воҳиди ваколатдори (мақоми иҷроия ТҚМ) барои ошкор кардан, андозагирӣ, назорат, мониторинг ва ақаллинамоии хавфи қарзӣ метавонад дар асоси меъёрҳои амалкунандаи низоми бонкии Тоҷикистон санади дохилиширкатӣ - "Сиёсати идоракунии хавфи қарзӣ"-ро тасдиқ намояд, ки он ҷараёни идоракунии хавфи қарзиро дар ТҚМ ба низом медарорад.

Интихоби роҳу усулҳои идоракунии хавфҳои қарзӣ комилан аз сиёсати идоракунии хавфи қарзии қабулкардаи бонк вобаста аст. Чораҳо ҷиҳати маҳдуд ва ё кам кардани хавфҳои қарзӣ дар бонкҳо аслан дар иҷрои чунин амалҳо дида мешаванд:

- истифодаи ҳамаҷониба аз хизматрасониҳои бюроҳои таърихи қарз;
- баҳодиҳии пардохтпазирии қарзгиранда, ки дар он усулҳои хоса истифода мегарданд;
- дараҷаи таъминнокии қарз ва баҳодиҳии пардохтпазирии гарав;
- маниторинг ва назорат аз рӯи қарзҳои қаблан додашуда;
- пешниҳоди қарзҳои нав ва такрорӣ.

Вобаста ба шароити тағйирёбанда бонк метавонад тадбирҳои иловагии дигарро низ пешбинӣ намояд.

Ҳар як бонк дорои сиёсати қарзии худ мебошад, ки он дар баробари дигар вазифаҳо, ҳамчунин, тартиби идоракунии хавфи қарзӣ, ба сегментҳои алоҳида марбут намудани сандуқи қарзӣ ва ҷудо намудани қарзгирандагонро вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёт низ инъикос менамояд. Одатан, сандуқи қарзиро метавон ба сегментҳои алоҳида ҷудо намуд, ки он аслан фарогирандаи қарзҳо ба шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва ба ташкилотҳои молиявӣ мебошад.

Чуноне А.А. Данилов менамояд, сиёсати қарзӣ метавонад қарзгирандагонро аз рӯи соҳа, намуди қарзгир, ҷойгиршавии қарзгирандагон, мақсадҳои қарздиҳӣ ва дигар

параметрҳое, ки роҳбарияти бонк ё қонунгузорӣ муайян кардааст, тақсим намояд [1, с. 43]. Бар замми ин, сиёсати қарзӣ талаботро нисбат ба қарзгирандагон дар ҳоли пешниҳоди қарз бояд муқаррар намояд. Ҳангоми пешниҳоди қарз ба шахсони воқеӣ, чун қоида, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият, даромади қарзгиранда, моликияти гарави пешниҳодшуда ва ба шахсони ҳуқуқӣ пешниҳоди оинномаи ташкилот, ҳисоботи молиявӣ дар чанд соли охир ва бизнес-нақша оид ба истифодаи маблағи қарз ва ғайра низ пешниҳод карда мешаванд.

Диққати асосӣ бояд ба таҳлили вазъи молиявии қарзгиранда дода шавад, то қобилияти пардохтпазирӣ, эътимоднокӣ ва устувории молиявии он омӯхта шавад. Мураккабӣ ва пайвастагии ин амалу тадбирҳо раванди идоракунии қарз ва аз ин рӯ, идоракунии хавфи қарзиро ташкил медиҳад. Асоси методологии муайян кардани қобилияти қарзадокунӣ, таҳлилу идоракунии хавфи сандуқи қарзӣ ва қарзгирандагони алоҳида бо ёрии нишондиҳандаҳо ва усулҳои мухталиф таҳқиқ карда мешаванд, ки ба ҳисоби онҳо аз рӯи нишондиҳандаҳо дар поён дарҷ карда шудааст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Методикаи ҳисоби индикаторҳои хавфи қарзӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Методология |
|---|---|
| Ҳиссаи қарзҳои муҳлаташ гузашта дар дороиҳои ТҚМ – **d** | $d = \frac{СҚт}{Д}$, дар ин ҷо: СҚт - сармояи қарзии батаъхирафтода; Д- дороиҳои умумии ТҚМ. |
| Коэффитсиенти вазни холиси қарзҳои батаъхирафтода **Всқ(т)** | $Всқ(б) = \frac{СҚт}{СҚ}$, дар ин ҷо: СҚ-сармояи қарзӣ; |
| Ҳиссаи сегменти қарзӣ дар дороиҳои ТҚМ - **Ҳқд** | $Ҳқд = \frac{СҚ}{Д}$; |
| Коэффитсиенти пешқадам **Кп** | $Кп = \frac{Са(сқ)}{Са(д)}$, дар ин ҷо: Са (сқ) - суръати афзоиши сармояи қарзӣ; Са (д) - суръати афзоиши дороиҳои умумии ТҚМ. |
| Коэффитсиенти “агрессиявӣ-оқибатандешӣ” **Ка** | $Ка = \frac{СҚ}{ҶВ}$, дар ин ҷо: ҶВ - воситаҳои бонкии ҷалбшуда. |
| Андозаи ниҳоии хавфи қарзӣ барои як қарзгиранда ё гурӯҳи қарзгирандагони алоқаманд **К3-1** | $К3.-1. = \frac{Ҡк}{Ст}100\% \leq 20\%$, дар ин ҷо: **Ққ** - қарзи калони як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирандагони алоқаманд; **Ст**- сармояи танзимшавандаи ТҚМ. Дар ин ҷо: **К3-1** ба андозаи на зиёда аз 20%-и сармояи танзимшавандаи ТҚМ муқаррар карда мешавад. |
| Андозаи ниҳоии хавф барои қарзҳои калон **К3-2** | $К3.-2. = \frac{\sum Ҡк}{Ст}100\%$, дар ин ҷо: **Ққ**- ҷамъи қарзҳои калон; Дар ин ҷо **К3-2** ба андозаи на зиёда аз 3 маротибаи сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ муқаррар карда мешавад. |
| Андозаи ниҳоии хавф барои як қаргир-ташкилоти қарзӣ **(К3-3)** | $К3.-3. = \frac{Ҡтк}{Ст}100\% \leq 20\%$, дар ин ҷо: **Қтқ** - бақияи холиси умумии уҳдадориҳои қарзии як қарзгир-ташкилоти қарзӣ; **(К3-3)** то 20%-и **Ст**- муқаррар карда мешавад. |
| Андозаи ниҳоии хавф ба як қарзгир-шахси вобастаи (алоқаманди) ТҚМ **(К4-1)** | $К4.-1. = \frac{Ҡв}{Ст}100\% \leq 2\%$, дар ин ҷо: **Қв** - бақияи холиси умумии уҳдадориҳои қарзии як қарзгир-шахси вобастаи (алоқаманди) ташкилоти қарзӣ, ки тибқи банди 43-уми Дарстурамали №176 муайян карда мешавад. **(К4-1),** то 2%-и **Ст**- муқаррар карда мешавад. |
| Андоза барои хавфи умумии қарзҳое, ки ба шахси вобастаи (алоқаманди) ТҚМ **(К4-2)** дода шудаанд | $К4.-2. = \frac{\sum Кв}{Ст}100\% \leq 10\%$, дар ин ҷо: **Қв** - ҷамъи бақияи холиси уҳдадориҳои қарзии шахсони вобастаи (алоқаманди) ташкилоти қарзӣ, ки он низ тибқи банди 43-уми Дарстурамали №176 муайян карда мешавад. **(К4-2)** наметавонад аз 10%-и **Ст**-и ТҚМ зиёд бошад. |

| | |
|---|---|
| Сифати идоракунии сандуқи қарзӣ | СҚ-и ғайрифаъол (даромад намеорад) / Ҷамъи дороиҳо |
| Сифати идоракунии сандуқи қарзӣ дар асоси захираҳои қарзии мавҷуда | Ҷамъи СҚ / Пасандоз (амонат) |
| Дараҷаи амнияти бонк аз хавфи қарзӣ | Ташкили асоснокии ФПТИ / СҚ-и ғайрифаъол;<br>дар ин ҷо: ФПТИ- Фонди пушонидани талафоти имконпазир, мувофиқи Дастурамали №215 |
| Дараҷаи кифоятии захиравии бонк дар ҳолати батаъхирмонии қарзҳо | Ташкили асоснокии ФПТИ / Ҷамъи СҚ |

***Сарчашма:*** коркарди муаллифон дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии низоми бонкии Тоҷикистон ва мақолаҳои илмӣ.

Вобаста ба нишондиҳандаҳои дар ҷадвали №1 овардашуда, таҳлили сандуқи қарзӣ гузаронида мешавад, ки ҳар як контроагенти бонк метавонад бо ин восита, аз ҳолат ва сифати сандуқи қарзӣ бархурдор гардида, қабули дақиқи қарорҳои иқтисодиро ба ҷо орад.

Дар маҷмуъ, методологияи баэътидоломада, ки асоси таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳои қарзиро ташкил медиҳад, нақши муассирро иҷро менамояд, ки идоракунии минбаъдаи хавфи қарзӣ маҳз аз он ҳамбаста аст. Бо ин мақсад, дар сиёсати қарзии ТҶМ барои таҳлил, баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳои қарзӣ бояд равишҳои махсуси мувофиқ пешбинӣ гарданд.

**Адабиёт**


1. Данилов А.А. Кредитная политика - основополагающий документ кредитной деятельности банка. А.А. Данилов // В сборнике: LXXI International correspondence scientific and practical conference. - Boston, 2020. - С. 39-45.
2. Дастурамали №247 “Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ”, Қарори Раёсати БМТ аз 19-уми ноябри соли 2021, №168;
3. Дастурамали №215 “ Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо”, Қарори Раёсати БМТ аз 13-уми апрели соли 2016, №50;
4. Завьялов С.О. Оценочные подходы к методам анализа кредитоспособности заемщика /Завьялов С.О.// Бизнес в законе. - 2011. - №2. – С.34-40.
5. Стахович Л.В. Модель финансового регулирования и надзора при реализации практики ответственного кредитования: механизмы и инструменты / Л.В. Стахович, Е.В. Семенкова, Л.Ю. Рыжановская//Финансовая аналитика: проблемы и решения. - 2015. - №13 (247), - С. 29-41.
6. Тотьмянина К.М. Обзор моделей вероятности дефолта, управление финансовыми рисками / К.М. Тотьмянина // Финансовая аналитика: проблемы и решения. - 2011. - №01(25). – С. 97-103.
7. Хушвахтзода, Қ.Х. Таҳлили хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ / Қ.Х. Хушвахтзода, Г.Х. Зувайдуллоева // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. - 2021. - №1-3(89). - С. 163-168.
8. Bhekisipho Twala. Multiple classifier application to credit risk assessment. Expert Systems with Applications Volume 37, Lssue 4, April 2010, Pp. 3326-3336.
9. Donncha M. Lending by numbers: credit skoring and the constitution of risk within American consumer credit. Economy and Society Volume 36, Issue I, 2007.
10. Peter Burns, Anne Stanley/ Menaging Consumer Credit Risk. Federal Reserve Bank of Philla Payment Cards Centr Discussion Paper №01-03, 2001
11. Christopher M. Bishop Pattern, Recognition and Machine Learning, Springer Science+Business Media, LLC, 2006.
12. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон. (Манбаи электронӣ) URL: https://nbt.tj/tj/normative_(санаи муроҷиат: 28.10.2022).

**УДК: 330. (575.3)**

## ТАМОЮЛИ МАХСУСГАРДОНИИ КОРХОНАҲОИ АГРОСАНОАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (ДАР МИСОЛИ МИНТАҚАИ РАШТ)

***Давлатзода Қудрат Қамбар,*** *д.и.и., профессори кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.* ***Тел:*** *918- 63-78-88*

***Маҷидов Насимҷон Асрорович****, унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.* ***Тел:*** *93-777-01-77*

*Дар мақолаи мазкур муаллифон самтҳои махсусгардонии корхонаҳои аграрии дар ҳудуди минтақаи Рашт амалкунандаро баррасӣ намудаанд.*

*Минтақаи Рашт ноҳияи аграрӣ ба ҳисоб рафта, нақши соҳаи кишоварзӣ дар рушди иқтисоди ноҳия, хусусан дар таъмини амнияти озуқаворӣ, баланд арзёбӣ карда мешавад. Қисми асосии даромади худро аҳолии минтақаи Рашт аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба даст меоранд. Истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар деҳот хоҷагиҳои хонагӣ ва фермерӣ мебошанд. Деҳқонони ноҳия асосан ба истеҳсоли картошка, сабзавот, галла, лӯбиёиҳо ва богдорӣ машгуланд. Бо мақсади афзудани самаранокии истеҳсолот Барномаи ислоҳоти соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 – 2020 қабул карда шудааст. Ин барнома барои муайян намудани самтҳои стратегӣ ва роҳҳои таъмини соҳаи кишоварзии пурдаромад ва содиротӣ, бар асоси вазифаҳои баландбардории сатҳи зиндагии аҳолии деҳоти ҷумҳурӣ, ба даст овардани амнияти озуқавории давлат, инчунин, таҳкими мавқеи он дар тақсимоти минтақавии меҳнат пешбинӣ шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *амнияти озуқаворӣ, соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии деҳқонӣ, буҳрони экологӣ, истеҳсол, интихоби навъҳои ҷадид, нишондиҳандаи ҳосилнокӣ, галла ва лӯбиёиҳо, зироаткорӣ, шароити обу ҳаво, хароҷоти истеҳсол.*

## ТЕНДЕНЦИИ СПЕЦИАЛИЗАЦИИ АГРОПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН (НА ПРИМЕРЕ РАШТСКОГО РЕГИОНА)

***Давлатзода Кудрат Камбар -*** *д.э.н., профессор кафедры экономики и управления АПК Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: 918- 63-78-88.*

***Маджидов Насимджон Асрорович -*** *соискатель кафедры экономики предприятий и предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова, 64/14. Тел.: 93-777-01-77*

*В статье авторамы рассматриваются направления, в которых специализируются аграрные предприятия, действующие на территории Рашткой долины.*

*Раштская долина считается аграрным районом, и роль сельского хозяйства высоко ценится в развитии экономики района, в частности в обеспечении продовольственной безопасности. Основную часть своего дохода население Раштского региона получает за счет реализации сельскохозяйственной продукции. Основным производителем сельскохозяйственной продукции в селе являются домашние и фермерские хозяйства. Дехкане района в основном заняты производством картофеля, овощей, зернобобовых и садоводством. В целях повышения эффективности сельскохозяйственного производства была принята Программа реформирования сельского хозяйства Республики Таджикистан на 2012 – 2020 годы. Это Программа предусмотрена для определения стратегических направлений и способов обеспечения высокодоходного и ориентированного на экспорт сельского*

*хозяйства, исходящих из общих задач повышения уровня жизни сельского населения республики, достижения продовольственной безопасности государства, а также укрепления его позиций в региональном разделении труда.*

***Ключевые слова:*** *продовольственная безопасность, сельское хозяйство, дехканское хозяйство, экологический стресс, производство, отбор новых сортов, показатель урожайности, зернобобовые, земледелие, агроклиматические условия, издержки производства.*

## DIRECTIONS OF SPECIALIZATION OF AGRICULTURAL ENTERPRISES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN (ON THE EXAMPLE OF THE RASHT REGION)

***Davlatzoda Qudrat Qambar,*** *Doctor of Economics, Professor of the Department of Economics and Management of the Agroindustrial Complex, TNU. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki avenue, Phone: 918-63-78-88*

***Majidov Nasimjon Asrorovich,*** *Applicant of the Department of Economics of Enterprises and Entrepreneurship, Tajik State Financial and Economic University Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov St., 64/14. Phone: 93-777-01-77*

*In the article, the authors consider the areas in which agricultural enterprises operating in the Rashst Valley specialize.*

*The Rasht Valley is considered an agrarian region, and the role of agriculture is highly valued in the development of the region's economy, in particular in ensuring food security. The population of the Rasht region receives the bulk of its income from the sale of agricultural products. The main producers of agricultural products in the village are households and farms.*

*Dehkans of the district are mainly engaged in the production of potatoes, vegetables, legumes and gardening. In order to improve the efficiency of agricultural production, the Program for Reforming Agriculture of the Republic of Tajikistan for 2012-2020 was adopted. This Program is intended to determine strategic directions and ways to ensure highly profitable and export-oriented agriculture, based on the general tasks of improving the living standards of the rural population of the republic, achieving food security of the state, as well as strengthening its position in the regional division of labor.*

***Key words:*** *food security, agriculture, dehkan farming, environmental stress, production, selection of new varieties, yield index, legumes, agriculture, agro-climatic conditions, production costs.*

Сохтори маҳсулоти молӣ нишон медиҳад, ки соҳаи асосии махсусгардонии кишоварзии минтақаи Рашт растанипарварӣ мебошад. Қисми муҳимтарини он зироаткорист, ки 7266 гектари киштзор аз тамоми масоҳати заминҳои кишоварзӣ ба он рост меояд. Бештари масоҳати киштзорҳоро зироатҳои саҳроӣ ташкил медиҳанд.

*Растаниҳои кишоварзӣ* манбаи озуқаворӣ, доруворӣ ва маҳсулоти дигар мебошанд. Хӯроки чорво ҳам аз ҳисоби маҳсулоти растанипарварӣ истеҳсол карда мешавад. Зироатҳои муҳимтарини ин соҳа ғаллаву лӯбиёиҳо, сабзавот, картошка, мева мебошанд.

Чуноне ки таҳқиқоти соҳаи растанипарварӣ нишон дод, бештари майдони киштро картошка ва сабзавот ташкил медиҳад. Шароити обу ҳаво дар умум ба талаботи кишт ва нашъунамои картошка мувофиқ аст, вале вазъи водии таҳқиқшаванда дар ҳудуди минтақаи зироаткории хатаромез дар ҳар давр ба ҳосилнокии ин зироат таъсир мерасонад.

Ин ҳолат ба тағйирёбии одати ғизогирӣ ва сиёсати давлатии диверсификатсияи низоми истеҳсолоти кишоварзӣ рабт дорад. Барои қонеъгардонии талаботи афзоянда ба озуқаворӣ масоҳати майдони кишти картошка зиёд карда шуд, лекин ҳосилнокӣ кам боқӣ монд (23,5 т/га дар соли 2011), дар ҳоле, ки нишондиҳандаҳои ҳосилнокӣ дар Тоҷикистон яке аз баландтарин дар Осиёи Марказӣ мебошанд.

Ҷойгоҳи картошка дар таъмини амнияти озуқавории водии Рашт хеле муҳим аст. Картошка ягона маҳсулоти муҳиму молии дорои бартарии қиёсии парвариш дар шароити кӯҳсор ва омили муфиди диверсификатсияи низоми соҳаи кишоварзӣ дар шароити маҳалҳои ҳамвор мебошад. Картошка баъди гандум маҳсулоти дувуми озуқаворӣ буда, қисми муҳимми вояи ғизои аҳолии маҳаллиро ташкил медиҳад. Дар даҳсолаҳои охир майдони кишти картошка, асосан аз ҳисоби хоҷагиҳои фермерии хурд, хеле вусъат ёфт.

Ҳосилнокии паст қисман бо сатҳи пасти таъминоти техникии хоҷагиҳои фермерӣ, навъҳои номувофиқ ба шароити маҳал ва сифати пасти тухмӣ вобастагӣ дорад. Ин омилҳо дар шароити гузариш ва ивазкунии иқтисоди мутамаркази нақшавии Иттиҳоди Шуравӣ мушкилоти иловагиро ба вуҷуд оварданд. Аксарияти деҳқонони картошкапарвар қаблан коргарони кирой буданд, бештари навъҳо аз Россия ворид карда мешуд, тухмиро аз минтақаҳои гуногуни Иттиҳоди Шуравӣ меоварданд. Бо фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ, бисёре аз коргарони кирой ба фермерҳои хурди бе таҷрибаву малакаи тасмимгирӣ табдил ёфтанд. Тухмиро акнун аз Аврупо ворид мекарданд, чунки таҳвили тухмӣ аз Россия қатъ шуд. Тухмиҳои воридотии аврупоӣ ҷои намудҳои кӯҳнаи маҳаллиро гирифтанд, вале онҳо ноустувору номутобиқ буданд. Ба ин васила, деҳқонон вобастаи тухмии картошкаи гаронбаҳои воридотӣ шуданд.

Дар тӯли чандин соли охир афзоиши начандон зиёди воридоти картошка аз Покистон мушоҳида мешавад. Бисёре аз деҳқонон аз сабаби надоштани тухмии хушсифат ин навъи картошкаро мекоранд, ки ҳосилнокияш баъзан ба 30-40 т/га мерасад. Бо вуҷуди ин, истеъмолгарон таъми картошкаи воридотӣ, хусусан навъи ҳолландии «Кондор»-ро он қадар хуш надоранд.

Чуноне ки маълум аст, 93%-и ҳудуди Тоҷикистонро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, илова ба ин, кишвар зери таъсири маҳдудиятҳои умумии абиотикӣ қарор дорад, ки онҳоро гармои ҷаҳонӣ (тағйири иқлим) бадтар мекунад, он ба соҳаи кишоварзии минтақаҳои Тоҷикистон ва хусусан водии Рашт таъсир мерасонад. Натиҷаҳое, ки дар доираи лоиҳаи BMZ/GIZ «Таҳкими амнияти озуқаворӣ ва беҳгардонии даромаднокӣ дар минтақаи Осиёи ҷанубӣ-ғарбӣ ва марказӣ бо ёрии навъҳои картошкаи устувор нисбат ба бухронҳои абиотикӣ» (с. 2008-2011) хеле муфиданд, чунки хосияти «ҳамроҳикунанда» доранд ва метавонанд дар минтақаҳои дигари дорои ҳамин гуна бухрони абиотикӣ истифода бурда шаванд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро мебояд, ки дар оянда заминаи шарикии давлат ва бахши хусусиро, ба вижа дар соҳаи истеҳсоли тухмӣ таҳкиму дастгирӣ кунад, зеро онро танҳо бахши давлатӣ роҳбарӣ карда наметавонад. Мутаассифона, бахши хусусӣ то ҳанӯз дар ҳоли рушд аст, вале вазифаи мақомоти давлатӣ аст, ки рушди онро тавассути татбиқи тадбирҳои осонсозии тухмипарварӣ (қарздиҳӣ ва ғ.) ҳавасманд гардонанд.

Хушксолӣ бухрони экологии ҷиддиест, ки истеҳсолоти кишоварзӣ ва фаъолияти картошкапарварони ноҳияҳои хушкро дар натиҷаи гармои глобалии вобаста ба тағйири иқлим дар минтақаҳои Тоҷикистон ва тамоми ҷаҳон маҳдуд мекунад.

Маълум аст, ки картошка, бинобар сабаби чуқур нарафтани системаи решааш, аз беобӣ хеле зарар мебинад, вале дар водии Рашт, масалан, навъҳои маҳаллии гуногун вуҷуд доранд, ки ба бухронҳо бисёр поянда мебошанд. Дар заминаи он навъҳое сохта шудаанд, ки қодиранд ба шароити номусоиди иқлим ва экологияи кишоварзӣ муқовимат кунанд.

Дар солҳои 2017-2019 истеҳсоли картошка дар КАС ва хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт, ки ин дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Дар ин шароити кишвари мо тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ бо як қатор созмонҳои маъруфи беҳсозии сифат ва ҳосилнокии ғаллаву лӯбиёиҳо зарур аст, ки имрӯзҳо амалӣ мешаванд. Аз ҷумла ҳамкории Тоҷикистон бо ташкилотҳои ИКАРДА ва СИММИТ барои беҳгардонии гандум буда, корҳои ҷорисозии гермплазмаи

беҳтари гандуми нарм, озмоишу интихоби навъҳои ҷадид якҷоя бо олимони тоҷик, зиёд кардани тухмии навъҳои беҳшуда, омодасозии кадрҳои илмии ҷавон ва рушди зерсохтори илмии таҳқиқотиро дар бар мегирад. Дар чаҳорчӯбаи ҳамкории Тоҷикистон бо ИКАРДА барои зироатҳои дигар ҳам, аз қабили гандуми сахт, ҷав, наск, лӯбиё ва нахӯд корҳои муштараки илмии таҳқиқотӣ барои беҳгардонии зироатҳои кишоварзӣ амалӣ мешаванд.

**Ҷадвали 1. - Тағйирёбии сохтори истеҳсоли картошка дар водии Рашт дар с. 2017-2019, ҳаз. тонна**

| Сол | | | |
|---|---|---|---|
| **Навъи маҳсулот** | **2017** | **2018** | **2019** |
| *Картошка* | 178364 | 204903 | 220189 |

**Манбаъ:** рақамҳои ҷадвал дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти ҶТ ҳисоб карда шуданд. Маҷмуаи омории Минтақаҳои ҶТ.- 2020.-С.17.

Соҳаи дигари муҳимми растанипарварӣ парвариши ғалла ва дигар ғалладонагиҳо мебошад, ки барои водии Рашт ва тамоми кишвар аҳаммияти махсус доранд.

Талошҳои якҷояи Пажӯҳишгоҳи илмии таҳқиқотии зироаткорӣ ва ИКАРДА ба ҷорисозии интенсивии навъҳои ҷадиди беҳшудаи зироатҳои ғаллаву лӯбиёиҳо дар Тоҷикистон равона шуда буданд. Соли 2014 лоиҳаи озмоишии ҷорисозии лӯбиёи навъҳои «Ҳисор-32» ва «Сино» дар байни деҳқонон оғоз карда шуд. Дар оғоз 50 фермер ба ин фаъолият ҷалб гардид. Дар давоми се сол ин навъҳои ҷадиди лӯбиёро 300 нафар дар беш аз 18 ноҳияи Тоҷикистон ҷорӣ карданд. Истеҳсоли лӯбиё на танҳо барои беҳгардонии вояи ғизои ҷамоаҳои деҳқонӣ мусоидат мекунад, балки ҳосилхезии замини киштшударо меафзояд. Илова ба ин, корҳои ҷорисозии навъҳои беҳтари ҷаву гандум гузаронда шуданд (ниг. ҷад. 2).

**Ҷадвали 2. - Навъҳои зироати ғалла ва лӯбиёӣ, ки дар парваришгоҳҳои байналмилалии Тоҷикистон интихоб шуданд**

| | Зироат | Навъ | Номи парваришгоҳ | Тухмии навъ / номи намуна | Сол | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Дода шуд | Ҷойгир карда шуд |
| 1 | Гандум | Алекс | 1WWEEERY T-11 | PYN/BAU | 2002 | 2007 |
| 2 | Гандум | Норман | 5FAWWON-37 | OR1.158/FDL//BLO/3 / SHI4414/Crow | 2000 | 2007 |
| 3 | Гандум | Ормон | 8FAWWON-36 | NWT/3/TAST/SPRW/ / TAW12399.75 | 2002 | 2008 |
| 4 | Гандум | Тасикар | 5FAWWON-35 | TAST/SPRW//ZAR | 2000 | |
| 5 | Гандум | Иқбол | Unknown | RSK/CA8055//CHAM6 | 2005 | |
| 6 | Гандум | Шокирӣ | 5WEERYT-17 | SHARK/F4105W2.1 | 2009 | |
| 7 | Гандум | Файзбахш | 5EYTIRR-9815 | TAM200/KAUZ | 2009 | |
| 8 | Гандум | Ҷумон | 10CWA-WFYT-16 | CADET/6/YUMAI13/5/ NAI60/3/14.53/ODIN// CI13441/CANON | 2011 | |
| 9 | Гандум | Умед | | | | 2011 |
| 10 | Гандум | Садоқат | Парваришгоҳи махсус | JUP/BJY//URES | 2006 | 2011 |
| 11 | Гандум | Ориён | - | ND/VG9144//KL/BB/3 /Yaco/4/Vee#5 | 2005 | |
| 12 | Гандум | Марказ-3 | - | Bochro | 2007 | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 13 | Гандум | Юсуфӣ | 25ESWYT-22 | SOROCA | 2007 | |
| 14 | Гандум | Исфара | 25ESWYT-5 | SW89.5181/KAUZ | 2007 | |
| 15 | Гандум | Ваҳдат | 25ESWYT-31 | VORONASN079 | 2007 | |
| 16 | Гандум | Сарвар | 25 ESWYT-9 | CHEN\A. sq. (TAUS0// BCN/3/BAV92 | 2007 | |
| 17 | Гандум | Вахш | 3 WON-IR | PASTOR/3/VORONA/CN 079 | 2009 | |
| 18 | Гандум | Нурбахш | 6WWEERYT-11 | Prina/Star | 2009 | |

***Манбаъ:*** *Региональная Программа по устойчивому развитию сельского хозяйства в Центральной Азии и Южном Кавказе. Рабочий отчет №14, С.2-3* icarda@cgiar.org

Дар ҳамин ҳол дар хоҷагиҳои деҳқонӣ истеҳсоли ғалла ва лӯбиёиҳо соли 2019 зиёд шуд. Агар соли 2018 дар водии Рашт ҳамагӣ 21551 тонна ҳосил ғундошта шуда бошад, соли 2019 ин нишондиҳанда 21828 тонна зироати ғалла ва лӯбиёиро ташкил дод (ниг. ҷадв. 3).

**Ҷадвали 3. - Тағйирёбии сохтории истеҳсоли ғалла ва лӯбиёиҳо дар водии Рашт дар солҳои 2017-2019, ҳаз. тонна**

| | Сол | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | | 2018 | | 2019 | |
| *Номи маҳсулот* | *Миқдор, тонна* | *сомонӣ* | *Миқдор, тонна* | *сомонӣ* | *Миқдор, тонна* | *сомонӣ* |
| *Ғалла ва лӯбиёиҳо* | 13223 | 51384 | 21551 | 51205 | 21828 | 53541 |

***Манбаъ:*** *рақамҳои ҷадвал дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти ҶТ ҳисоб карда шуданд. Маҷмуаи омории Минтақаҳои ҶТ.- 2020.-С.17*

Корхонаҳои агросаноатӣ асосан ғаллаи пастсифат мегиранд, ки ҳамчун ғалла барои хӯроки чорво баҳо дода мешавад. Бо мақсади баланд бардоштани сифати ғаллаи истеҳсолшаванда риоя кардани агротехникаи зироаткорӣ, меъёрҳои истифодаи нуриҳои минералӣ ва органикӣ, мубориза и сариватӣ бо ҳашароти зараровар ва ғайра муҳим мебошад. Дар сурати татбиқи дурусти технологияи ғаллапарварӣ корхонаҳо метавонанд ҳатто дар шароити хушксолӣ ғаллаи хушсифат гиранд.

Ҳамин тавр, арзиши аслӣ аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини самаранокии истеҳсолоти агросаноатӣ мебошад. Дар аксари хоҷагиҳои мавриди таҳқиқ ҳосили зироати ғалла кам аст, хароҷоти истеҳсолашон ҳар сол меафзояд, дар натиҷа арзиши аслии ғалла боло меравад. Дар сатҳи кунунии рушди техника ва технологияи истеҳсол хароҷот барои 1 га киштзори ғалла дар хоҷагиҳои гуногун тафовути ҷиддӣ надорад. Ҳангоми ҳосили паст хароҷоти истеҳсоли воҳиди маҳсулот бештар мешавад, пас, яке аз манбаъҳои асосии паст кардани арзиши аслии маҳсулот тадбирҳо барои афзудани ҳосилнокии зироатҳои ғалла мебошанд. Технологияи истеҳсол ба арзиши аслии ғалла таъсири ҷиддӣ мерасонад. Дар ин маврид ҷорӣ намудани технологияҳои пурмаҳсул ва ҳамзамон, ихтисори хароҷоти меҳнат ва захираҳои моддӣ барои воҳиди маҳсулот зарур мебошад. Масъалаи арзиши аслӣ хусусан дар марҳилаи муосир мубрам аст.

Ҷустуҷӯи захираҳои паст кардани арзиши аслӣ ба хоҷагиҳо дар баландбардории самаранокии истеҳсоли ғалла дар шароити иқтисоди бозаргонӣ кумак мекунад.

Сабаби фарқияти самаранокии зироатҳои ғалла дар ноҳияҳо, пеш аз ҳама, шароити хоси обу ҳавои водии Рашт аст. Дар оянда киштукори зироатҳои ғаллаву лӯбиёгиро дар майдони умумии кишт то ба ҳадди муносиб афзудан лозим аст.

Алҳол бисёре аз корхонаҳо аз афзудани кишти ғалла худдорӣ мекунанд, чунки нарх паст аст ва дар натиҷаи ин хароҷоти истеҳсол аз даромади фурӯши ғалла бештар мегардад. Барои муқаррар кардани таносуби дурусти нархи маҳсулоти ниҳоӣ механизми муассири хоҷагидорӣ бояд роҳандозӣ шавад.

Самти дигари растанипарварӣ сабзавоткорӣ мебошад. Тоҷикистон узви Шабакаи минтақавии таҳқиқот ва рушди низоми сабзавоткорӣ (CACVEG) мебошад, ки моҳи августи соли 2006 дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва Қафқози Ҷанубӣ фаъол шуд. Аз соли 2007 то 2013 140 намунаи нуҳ навъи сабзавот дар Тоҷикистон аз ҷониби Маркази ҷаҳонии сабзавоткорӣ (АЦИРО) ҷорӣ карда шуд, аз ҷумла 4 намуна - навъи помидор, 26 навъи қаланфури ширин, 44 - қаланфури тез, 5 навъ боимҷон, 12 навъи бодиринг, 6 навъи соя, 6 навъи мош, 2 навъи лӯбиёгӣ ва 2 намуна -навъи карам. Таҳқиқот ба арзёбии гермплазма аз нуқтаи назари хосиятҳои биологӣ, морфологӣ ва молӣ равона шуда буд [7]. Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии боғдорӣ ва сабзавоткории Тоҷикистон дар Озмоишҳои минтақавии навъҳо иштирок кард, ки бо ташаббуси АЦИРО дар шароити гуногуни замину иқлими Осиёи Марказӣ ва Қафқози Ҷанубӣ баргузор шуданд. Дар натиҷаи таҳқиқоти дар Тоҷикистон доиршуда як қатор навъҳои ояндадор (навъҳои зудрас, пурҳосил, тобовар нисбати бемориҳо, хушсифат ва ғ.) интихоб ва тухмии онҳо барои афзоиш равон карда шуданд. Аз соли 2008 ҳафт навъи ҷадид дар заминаи навъҳои беҳшудаи АЦИРО парвариш карда, ба Комиссияи давлатии Тоҷикистон оид ба озмоиши тухмӣ дода шуданд.

Ҳоло дар водии Рашт боғҳо 4649 гектарро ташкил медиҳанд ва аз ин 70 гектараш боғҳои нав мебошанд. Дар боғҳои мазкур ангур, зироатҳои полезӣ, сабзавот, мева парварида мешавад (ниг ҷадв. 4)

**Ҷадвали 4. - Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳама анвои хоҷагиҳо, ҳаз. тонна**

| | **Сол** | | |
|---|---|---|---|
| **Маҳсулот** | **2017** | **2018** | **2019** |
| Сабзавот | 13223 | 21551 | 21828 |
| Мева | 30630 | 34027 | 34878 |
| Ангур | 17023 | 18055 | 21155 |

Манбаъ: Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти ҶТ - Душанбе, АОПҶТ, 2020. – С.306

Тибқи Консепсияи рушди инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар байни тавлидгарони маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи хоҷагиҳои начандон калони ҷавобгӯи талаботи сатҳи панҷуми технологӣ, ки истеҳсолоташон ба инноватсия асос ёфтааст, камтар мебошад. Инҳо асосан корхонаҳои сабзавоткор ҳастанд. Ҳамчунин, хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва хоҷагиҳои фермерии хурд кор мекунанд, ки аксаран аз меҳнати дастӣ ва технологияи кӯҳнаи одӣ истифода мебаранд ва то ҳол дар зинаи дувум қарор доранд. Дар байни онҳо созмонҳои кишоварзии гуногунҳол ва хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) зинаҳои сеюму чоруми таҷдидталаб ҳастанд [3, с.2].

Ҳамин тавр, барои солҳои наздик сарчашмаи ба 1/3 баробар афзудани тавлиди маҳсулоти асосии растанипарварӣ дар заминаи истифодаи технологияҳои нисбатан замонавӣ ва камхарҷи инноватсионӣ вуҷуд дорад.

Рушди минбаъдаи онҳо гузариши пурра ба технологияи саноатии инноватсиониро дар шароити азхуднамоии заминҳои доманакӯҳу ҳамвориҳо дар назар дорад ва ин дар навбати худ, қабули қарорҳои мушкили ташкилию техникӣ ва пеш аз ҳама - ҷорисозии усули нави обёриро металабад ва талаботи махсусро барои омодасозӣ ва омӯзиши техникии кадрҳо пеш мегузорад. Инчунин, муаммоҳои сиёсати техникӣ бо интихоби самти нисбатан самарабахши рушди иқтисодии соҳа алоқаи ногусастанӣ дошта, омили таъйинкунандаи он ба ҷойгирсозии зерсоҳаҳое вобаста аст, ки бо шароити табиии иқтисодии фаъолияти инноватсионӣ ва истеҳсолот иртибот доранд.

Дар марҳилаи муосири рушди саноатии ноҳияи Рашт сифати маҳсулоти кишоварзии тавлидшаванда бо нишондиҳандаҳои аҳволи истеҳсолот вобастагии мустақим дорад. Сифати маҳсулоти тавлидшаванда, инчунин, ба тақозо ва хоҳиши харидорӣ кардани маҳсулоти муайян ба нархи муфид асос ёфтааст.

Усулҳои гуногуни сохтани нишондиҳандаҳои ҳамгирои самаранокии истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ вуҷуд доранд. Баъзе аз иқтисоддонҳо ҳангоми сохтани чунин нишондиҳанда муқоисаи нишондиҳандаҳои меъёрӣ ва воқеии фаъолияти хоҷагиро асос мекунанд. Масалан, олими рус К.П. Оболенский дар таҳқиқоти худ менависад, ки «қимати нишондиҳандаҳои воқеиро асос бояд кард, аз ин рӯ, муҳим аст, ки онҳо дуруст муайян шуда, тавони инъикоси самаранокии истеҳсоли кишоварзиро дошта бошанд. Танҳо дар чунин сурат арзёбии самаранокии истеҳсолоти аграрӣ натиҷаи мақбулро таъмин хоҳад кард» [8, с. 67].

Муҳаққиқини дигар чунин меҳисобанд, ки «самаранокии ҳар истеҳсолот дар шароити таносуби даромаду хароҷоти воқеии тавлидгар ҳосил шуда метавонад» [12, с. 14]. Аммо чунин таносуб самаранокии истеҳсолро ба пуррагӣ муайян намекунад. Барои арзёбии самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва коркарди маҳсулоти он на танҳо даромаднокӣ, балки нишондиҳандаҳои дигари натиҷаи фаъолияти хоҷагиро ҳисоб бояд кард.

Барои мисол яке аз ҷамоатҳои калони ноҳия - ҷамоати ба номи Б. Раҳимзодаро зикр менамоем. Дар ҳудуди ҷамоат заминҳои обёришаванда 225 га, лалмӣ -113 га, киштзори картошка – 90 га, боғҳо – 70 га, ғалла – 46 га, зағир - 35 га, лӯбиё - 5 га, чарогоҳ - зиёда аз 500 гектарро ташкил медиҳанд. Миқдори хоҷагиҳои деҳқонӣ 278 адад аст ва онҳо заминистифодабарандаи асосӣ мебошанд. Саршумори чорвои хурд зиёда аз 10 ҳазор сар, чорвои калони шохдор – 4 ҳазор сар, асп -200 сар, хар - зиёда аз 100 сар, паранда – 1200 сар, оилаҳои занбӯр - 2500-то мебошад.

Дар ҳудуди ҷамоат деҳқонон беш аз 2 ҳаз. тонна картошка, 600 тонна мева, 100 тонна ғалла, зағир ва лӯбиё, 500 тонна гӯшт, 1700 тонна шир,15 тонна асал, 3 тонна тути хушк, 3 тонна дӯлона, 30 тонна меваи настаран, 0,5 тонна ангат ва маҳсулоти дигарро тавлид карданд [7, с. 112].

Хуллас, ҷамоати ба номи Б. Раҳимзода, бахусус дараи Камароби ноҳияи Рашт аз ҷиҳати истеҳсоли кишоварзӣ минтақаи пурмаҳсул мебошад.

Инчунин, дар ҳудуди дараи Камароб хоҷагии деҳқонии «Камароб» бо масоҳати беш аз 1680 ташкил карда шудааст, ки бомуваффақият ба истеҳсоли кишоварзӣ машғул буда, ҳар сол деҳқонон дар майдони 21 га картошка ва 17 га ғалла, инчунин навъҳои маҳаллии арзишманди тут, себ, чормағз, олуча, зардолу, ангур, шафтолу, олу ва дигар меваҳоро мепарваранд.

Ба ҳисоби миёна аз ҳар гектар 350-400 сентнер ҳосили картошка ва 20-25 сентнер ҳосили ғалла мегиранд. Масоҳати боғҳо 30 га буда, аз ҳар гектар 70-80 тонна ҳосили себу нок мебардоранд. Замини боқимондаро барои рӯёндани алаф ва барои чарогоҳ истифода мебаранд.

Хуллас, маълумоти овардашуда аз он дарак медиҳад, ки ноҳияи Рашт яке аз ноҳияҳои бузурги аграрии ҷумҳурӣ буда, дар таъмини амнияти озуқавории кишвар нақши муҳим мебозад. Дар ин ноҳия рушди соҳаи картошкапарварӣ мушоҳида мешавад, ки барои таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидаткунанда мебошад. Чун иқлими минтақа ва дигар омилҳои таъсиррасон барои рушди ин соҳа равона гардидаанд, барои ин имкониятҳоро дуруст ва самаранок истифода бурдан деҳқонони ноҳияро лозим аст, ки мувофиқи барномаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ амал намуда, дар ҳамкорӣ бо олимони соҳаи кишоварзӣ барои боло бардоштани ҳосилнокии заминҳо кӯшиш ба харҷ диҳанд.

**Адабиёт**


1. Гурский А.В. Влияние горных условий на растения / А.В. Гурский, Ю.Л. Соколов, Л.Ф. Остапович. – Л., 1961. – 126с.
2. Иматчоев З.Х. Такмили муносибатҳои вобаста ба замин ва рушди иҷтимоии деҳот дар Тоҷикистон / З.Х. Иматчоев, Ф.С. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. - №7. - С.111-116.
3. Консепсияи рушди инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 03.03.2014 №114. - С.2.

4. Кузнецов В.В. Региональная экономика: проблемы, стратегия развития АПК /В.В. Кузнецов, В.В. Горьковый, А.Н. Тарасов. Под ред. В.В. Кузнецова. - Ростов-н/Д. - 1998. - 267с.
5. Мадаминов А.А. Устойчивое развитие аграрного сектора Таджикистана А.А. Мадаминов. – Душанбе, 2006.- 300с.
6. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти ҶТ. - 2020. - С.44.
7. Нишондиҳандаҳои асосии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2020. Бахшида ба 30 - солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – 147с.
8. Оболенский К.П. Экономическая эффективность сельскохозяйственного производства: теория и практика: монография / К.П. Оболенский. – М.: Экономика, 1974. – 159с.
9. Попов Н.А. Масъалаҳои такмили танзими давлатии комплекси агросаноатии кишвар / Н.А. Попов, З.Х. Иматчоев // Кишоварз. – 2019. - №1(81). - С.183-186.
10. Стратегияи татбиқи барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 - 2020. – Душанбе, 2021. - С.54.
11. Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2021. – 457с.
12. Холод Н.И. Резервы роста эффективности сельскохозяйственного производства: монография / Н.И. Холод. – Минск: Ураджай, 1984. – 158с.

---

**УДК: 336.71(575.3)**

## ЭКОНОМИКА ТАДЖИКИСТАНА В УСЛОВИЯХ ВЛИЯНИЯ ВНЕШНИХ ШОКОВ

***Шарипов Бахром Махмудович*** *- доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.:+992 372 31 02 01; моб. (+992) 907-78-65-68, e-mail: b_sharipov@mail.ru*

***Холбобоев Файзулло Самадович*** *- кандидат экономических наук, ведущий научный сотрудник Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айни, 44. Тел.: (+992 37) 236-64-72; моб. (+992) 918-13-22-00, e-mail: faizullo.sx@gmail.com*

***Назаров Дмитрий Талбакович*** *- кандидат экономических наук, ведущий научный сотрудник Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айни, 44. Тел.: (+992 37) 236-64-72; моб. (+992) 918-67-05-35, e-mail: nazarov.dt@yandex.ru*

*В статье рассматриваются изменения и тенденции на мировых и региональных рынках товаров и капитала, обуславливающие влияние различных форм шоков на малую открытую экономику Таджикистана. В частности, рассмотрены влияние внешних шоков, связанные с пандемией Covid-19 и противостоянием России с большей частью мирового сообщества из-за введения пакета санкций. Характерной особенностью нынешних санкций к России является переход от применения ограниченного к расширенному пакету, вовлечения в этот процесс не только США и страны ЕС, но и большей части мирового сообщества. Последние направлены на ослабление экономики России за счет частичной изоляции экономики и финансовой системы России от глобальных цепочек и рынков, включая заморозку валютных резервов ЦБ России, ограничения на деятельность крупных государственных и частных банков, отключение от системы международной платёжной системы (SWIFT) и т.д.*

*Авторами рассмотрены основные каналы отрицательного влияния внешних шоков на состояние экономики и финансово-банковского сектора Таджикистана из-за влияния вторичных эффектов санкционной политики запада по отношению к России, учитывая тесное партнерство последней с Таджикистаном.*

*Обоснована необходимость принятия дополнительных превентивных мер Правительством Республики Таджикистан, сочетающие как традиционные, так и инновационные инструменты регулирования экономики, направленные на минимизацию рисков и издержек влияния внешних шоков на устойчивое развитие национальной экономики и ее субъектов.*

***Ключевые слова:*** *глобализация, санкции, вызовы, шоки, финансово-банковский сектор, долларизация, национальная платежная система, альтернативная платежная система, валюта, резервы, SWIFT, денежно-кредитная политика.*

## ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ТАЪСИРИ ТАКОНҲОИ БЕРУНА

***Шарипов Бахром Махмудович,*** *доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: +992 372 31 02 01; тел.: (+992) 907-78-65-68, почтаи электронӣ: b_sharipov@mail.ru*

***Холбобоев Файзулло Самадович,*** *номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими пешбари илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академии миллии илмҳои Тоҷикистон. Сурога: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ 44, тел.: (+992 37) 236-64-72; моб. (+992) 918-13-22-00, почтаи электронӣ: faizullo.sx@gmail.com*

***Назаров Дмитрий Талбакович,*** *номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими пешбари илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академии миллии илмҳои Тоҷикистон. Сурога: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ 44, тел. (+992 37) 236-64-72; моб.(+992) 918-67-05-35, почтаи электронӣ: nazarov.dt@yandex.ru*

*Дар мақола тағйирот ва тамоюлҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва минтақавии мол ва сармоя, ки таъсири шаклҳои гуногуни зарбаҳоро ба иқтисоди хурди кушоди Тоҷикистон муайян мекунанд, баррасӣ шудаанд. Аз ҷумла, таъсири таконҳои берунии марбут ба пандемияи Covid-19 ва муқовимати Русия бо аксари ҷомеаи ҷаҳонӣ бинобар ҷорӣ кардани бастаи васеъи таҳримҳо баррасӣ мешавад. Хусусияти хоси таҳримҳои феълӣ алайҳи Русия ин гузариш аз татбиқи маҳдуд ба бастаи васеъ мебошад, ки ба ин раванд на танҳо кишварҳои ИМА ва Иттиҳоди Аврупо, балки аксарияти ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷалб шудаанд. Ҳадафи онҳо заиф кардани иқтисоди Русия тавассути қисман ҷудо кардани иқтисодиёт ва низоми молиявии Русия аз занҷираҳои истеҳсолӣ ва бозорҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла маҳдуд кардани захираҳои асъории Бонки марказии Русия, фаъолияти бонкҳои бузурги давлатӣ ва хусусӣ, қатъ кардани робита бо истифодаи низоми пардохтҳои байналмилалӣ (SWIFT) ва ғайра мебошад. Каналҳои асосии таъсири манфии таконҳои беруна ба вазъи иқтисодиёт ва бахши моливу бонкии Тоҷикистон аз таъсири омилҳои дувумӣ дар татбиқи сиёсати таҳримотии Ғарб нисбат ба Русия бо назардошти ҳамкориҳои наздики Федератсияи Русия бо Тоҷикистон баррасӣ мешавад. Зарурати андешидани тадбирҳои иловагии пешгирикунанда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи воситаҳои анъанавӣ ва инноватсионии танзими иқтисодиёт, ки ба ҳадди ақал кам кардани хатарҳо ва хароҷоти таъсири зарбаҳои беруна ба рушди устувори иқтисоди миллӣ нигаронида шудааст, асоснок карда мешавад.*

***Калидвожаҳо****: ҷаҳонишавӣ, таҳримҳо, чолишҳо, зарбаҳо, бахши молия ва бонкӣ, долларизатсия, низоми пардохти миллӣ, низоми пардохти алтернативӣ, асъор, захираҳо, SWIFT, сиёсати пулию қарзӣ.*

## THE ECONOMY OF TAJIKISTAN UNDER THE INFLUENCE OF EXTERNAL SHOCKS

***Sharipov Bakhrom Makhmudovich,*** *Doctor of Economics, Professor of the Department of Banking, Tajik State Financial and Economic University, Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimova 64/14. Phone: +992 372 31 02 01; mob. (+992) 907-78-65-68, e-mail: b_sharipov@mail.ru*

***Kholboboev Faizullo Samadovich,*** *candidate of Economic Sciences, Leading Researcher at the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences Tajikistan. Address: 734025,*

*Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Aini 44. Phone: (+992 37) 236-64-72; mob. (+992) 918-13-22-00, e-mail: faizullo.sx@gmail.com*

***Nazarov Dmitry Talbakovich,*** *candidate of Economic Sciences, Leading Researcher at the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences Tajikistan, Address:734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st.Aini 44, tel. (+992 37) 236-64-72; mob. (+992) 918-67-05-35, e-mail: nazarov.dt@yandex.ru*

*The article examines changes and trends in the world and regional markets for goods and capital, which determine the impact of various forms of shocks on the small open economy of Tajikistan. In particular, the impact of external shocks associated with the Covid-19 pandemic and Russia's confrontation with most of the world community due to the introduction of a package of sanctions is considered. A characteristic feature of the current sanctions against Russia is the transition from the application of a limited to an expanded package, involving in this process not only the US and EU countries, but also most of the world community. The latter are aimed at weakening the Russian economy by partially isolating the Russian economy and financial system from global chains and markets, including freezing foreign exchange reserves of the Central Bank of Russia, restrictions on the activities of large public and private banks, disconnection from the international payment system (SWIFT), etc. . The main channels of the negative impact of external shocks on the state of the economy and the financial and banking sector of Tajikistan due to the influence of secondary effects of the Western sanctions policy towards Russia, given the close partnership of the latter with Tajikistan, are considered. The necessity of taking additional preventive measures by the Government of the Republic of Tajikistan, combining both traditional and innovative tools for regulating the economy, aimed at minimizing the risks and costs of the impact of external shocks on the sustainable development of the national economy and its subjects, is substantiated.*

***Key words****: globalization, sanctions, challenges, shocks, financial and banking sector, dollarization, national payment system, alternative payment system, currency, reserves, SWIFT, monetary policy.*

Экономика Таджикистана является неотъемлемой частью глобальной экономической системы и подвержена сильному воздействию внешней среды и совокупности факторов, практически во всех секторах экономики. Из-за высокого уровня долларизации и широкого использования иностранных валют во всех компонентах национальной экономики, как в части формирования их активов и обязательств, особенно в финансово-банковском секторе, посредством канала волатильности обменного курса национальной валюты - сомони, последняя имеет высокую подверженность как краткосрочным колебаниям, так и фундаментальным тенденциям изменения обменного курса национальной и иностранных валют, иных внешних факторов как изменение динамики мировой экономики, крупных региональных рынков труда, сырья, готовых товаров и услуг, финансовых ресурсов, которые носят для экономики Таджикистана характер внешних шоков, вызывая различные отрицательные последствия, угрожая нарушением финансовой и макроэкономической стабильности, а также высокой степенью неопределённости функционирования субъектов экономики, домохозяйств. Это создает новые угрозы и вывозы успешному выполнению поставленных стратегических целей и задач по устойчивому развитию экономики Республики Таджикистан [1; 7].

Открытая и малая экономика и финансово-банковская система Таджикистана, в отличие от больших открытых экономик, не может оказывать воздействие на изменение глобальных индикаторов, в частности на мировую процентную ставку. Последнее обуславливает наличие мощных механизмов по превентивному макрорегулированию, включая быструю и эффективную адаптацию экономики страны к новым реалиям и вызовам глобального, регионального и местного значения, эффективно используя всю совокупность традиционных и современных методов, способов и инструментов [11].

Однако важно учитывать то, что любые изменения глобального характера приводят не только к отрицательным результатам, но и предоставляют новые возможности для роста и развития национальных экономик, особенно для развивающихся стран. Об этом свидетельствует влияние такой угрозы, как пандемия Covid-19 и распространение

коронавируса во всем мире [6]. Следующим новым потрясением современности стало противостояние России с большей частью мирового сообщества из-за проведения ею специальной военной операции в Украине, которые вызвали потрясения и шоки в мировой экономике, включая и их влияние на малую открытую экономику Таджикистана.

Согласно прогнозам МВФ, в результате прямого воздействия войны в Украине и ее глобальных последствий рост мировой экономики в 2022 и 2023 годах замедлится до 3,6 процента [3].

Характерной особенностью применения санкций к России является переход от ограниченного пакета к вовлечению в этот процесс не только США и страны ЕС, но и большую часть мирового сообщества, направленное на как можно большую изоляцию экономики и финансовой системы России от глобальных цепочек и рынков. Так, США и ЕС были приняты решения заморозки валютных резервов ЦБ России на сумму более 300 млрд. долларов США, направленная на дестабилизацию финансовой системы России, сокращение внешней ее ликвидности, вплоть до дефолта и ограничения доступа к ресурсам глобальных финансов. Кроме этого, введены ограничения на деятельность крупных государственных (Сбербанк) и частных (Альфа-Банк) банков развития (ВТБ, Открытие и т.д.), а также на поставки комплектующих для высокотехнологических отраслей экономики и т.д. [8]. Такой инструмент в пакете санкций западными странами против ЦБ другого государства используется в практике крайне редко, например, к Ирану, Венесуэле, Афганистану и Северной Корее. Для России круг санкций расширился за счет введения ограничений на использование доходов от продажи товаров, которые сосредотачивались на счетах в иностранных банках, включая сокращение поставок энергоносителей, несмотря на взаимную сильную зависимость страны ЕС, а также поставок российского газа, пшеницы, минудобрения и т.д. Ввод санкций привел к появлению совокупности отрицательных последствий для экономики России, включая оттоки капитала за границу, выход иностранных компаний из активов российского бизнеса и ценных бумаг, рост инфляции за пределы целевого диапазона (вместо 4% годовых рост инфляции составил 8%) и резкое обесценение обменного курса российского рубля по отношению к доллару США и Евро (до 20% и более), значительно ухудшив условия для функционирования частного бизнеса, вследствие подорожания кредитов и их ограниченной доступности из-за повышения ставки рефинансирования до 20% годовых и т.д. [8].

К большому сожалению, несмотря на эти отрицательные последствия, Россия продолжает военную спецоперацию в Украине. Это скажется на большем снижении темпов экономического роста российской экономики, включая ее рецессию и даже полноценный кризис. Так, по прогнозам Всемирного банка ВВП России по итогам 2022 года сократится на 10-12 %, и получит отрицательное значение. В качестве дополнительных мер, в пакете санкций по отношению к России, западные страны уже ограничили доступ, и даже полностью отключили крупные банки от системы SWIFT – международной платёжной системы, ведущие к разрывам традиционных цепочек доставки товаров и сырья по миру. Возникшая ситуация ведет к изменению и схем и потоков финансовых ресурсов на мировом финансовом рынке. Многие развивающиеся страны начали разработку своих региональных платежных систем в рамках, существующих и создаваемых интеграционных объединений. Можно предположить, что в ближайшее время, данный вопрос станет актуальным и будет рассмотрен в рамках Содружества независимых государств (СНГ), образование и появление новых альтернативных национальных платежных систем и финансовых институтов как конкурентов действующих мировых валют и обслуживающих их институтов как МВФ, ВБ, МАР, ЕБРР и др. Последствиями этого будет усиление тенденции ограничения использования традиционных мировых резервных валют, включая постепенный подрыв авторитета доллара США. Сегодня не только Китай и Россия, даже другие развивающиеся страны недовольны гегемонией доллара на международных финансовых рынках.

В частности, уже в Евразиатском регионе наблюдается тенденция создания и формирования регионального финансового рынка, где, скорее всего, китайский юань и российский рубль будут доминантами в платежной системе региона.

Как известно, Центробанк России внедрил альтернативную SWIFT систему передачи финансовых сообщений (СПФС), где международные платежи осуществляются в российских рублях и иных национальных валютах стран-партнеров. Хотя на первом этапе возможности Системы передачи финансовых сообщений (СПФС) ЦБ России были сильно ограничены, из-за того, что она применяется только при международных расчетах между Россией, Киргизией, Таджикистаном и Кубой, то сегодня к ней уже подключились более 52 стран мира [8].

Важно отметить, что в экономике Таджикистана и ее банковском подсегменте, где практически все отечественные банки имеют корреспондентские счета в банках России, уже ощущают негативное влияние последствий экономических санкций. В частности, отключения отдельных крупных банков России от SWIFT для банков Таджикистана уже повысили риски ликвидности и издержки по ее поддержанию, особенно внешней, увеличилось время и задержки проведения международных платежей за товары и услуги по импорту и экспорту из-за необходимости расширения сети участников-банков по платежам. В настоящее время отечественные банки усилили действия по открытию дополнительно новых корреспондентских отношений с банками дальнего зарубежья. Далее, рост объемов конверсионных операций по трансформации российских рублей в свободно конвертируемые валюты (доллар США и евро) для облуживания внешних долгов государственного и частного секторов, которые номинированные в иностранных валюты, ведет к дополнительным издержкам, как банков, так и их клиентов. Риски и издержки возросли и вслед за обесценением российского рубля, вынудив Национальный банк Таджикистана понизить зеркально обменный курс национальной валюты сомони к российскому рублю, который резко подешевел почти на 20% [6]. Последнее вызывает рост давления и усиление рисков колебания цен на финансовые активы таджикских субъектов экономики и домохозяйства, сокращение покупательной способности денежных переводов трудовых мигрантов. По прогнозам Всемирного Банка, существует угроза сокращения объемов поступления денежных переводов в экономику Таджикистана до 30%, которое приведет к сокращению совокупного спроса с сопутствующими отрицательными последствиями на рынок труда, товаров и услуг, финансовый и банковский сектора, нарушению макро и финансовой стабильности. Так, Всемирный Банк прогнозирует в 2022 г., что экономика Таджикистана резко замедлится, как и в 2023 г., и темпы роста ВВП в эти годы составят соответственно 5,5% и 4,5% [4]. Азиатский банк Развития (АБР) спрогнозировал, что от вторичного влияния применения санкций к России, экономика Таджикистана ощутит замедление темпов ВВП на 7,2 процентных пунктов – с 9,2% в 2021 году до 2% по итогам 2022 года [13].

Поэтому важно было оперативно предпринять дополнительно превентивные меры по снижению отрицательных последствий внешних шоков для национальной экономики и банковской системы Таджикистана, мобилизовав как внутренние, так и внешние ресурсы, максимально использовать и «новые возможности». Так, Правительством страны был разработан и внедрен в практику «План мероприятий по предотвращению воздействия возможных рисков на национальную экономику» [10], состоящего из 50 пунктов, в том числе охватывающие меры макрорегулирования, развития реального и банковского секторов и т.д. Основные превентивные меры при реализации денежно-кредитной политики Национального банка Таджикистана были ориентированы на поддержание стабильности макроэкономического равновесия, снижение инфляционных и курсовых ожиданий хозяйствующих субъектов и домохозяйств, усиление кредитной поддержки бизнеса, особенно малого и среднего в контексте сохранения занятости и производственного потенциала и т.д.

Согласно прогнозам Правительства Республики Таджикистан на 2022-2024 гг., реализация «Плана мероприятий по предотвращению воздействия возможных рисков на национальную экономику» должна была обеспечить сохранение динамизма экономического роста и основных макроэкономических показателей [5]. Так, его реализация позволила не только предотвратить угрожающую рецессию в экономике Таджикистана и банковском секторе, но и продолжить положительную динамику всех основных показателей, обеспечив относительно стран-партнеров по СНГ, относительно высокие темпы развития. Так, экономическое развитие Таджикистана в первом полугодии 2022 года было обеспечено на уровне 7,4%, хотя скорость снизилась на 1,3 процентных пункта по сравнению с аналогичным периодом прошлого года. За рассматриваемый период экономики России и Беларуси испытали рецессию, где темпы роста ВВП составили 0,5% и 4,2% соответственно. В Казахстане темпы роста составили 3,4%, а в Кыргызстане - 6,3% [12].

Оценка состояния банковской системы Республики Таджикистан на 30 июня 2022 года показывает, что и она успешно выдержала влияние внешних шоков, обеспечив свое стабильное и динамичное развитие. Так, общие активы кредитных финансовых организаций по сравнению с аналогичным периодом 2021 года увеличились на 3 360,6 млн. сомони или на 15,4%. Общий остаток кредитов за рассматриваемый период составил 12 313,6 млн. сомони, что по сравнению с аналогичным периодом 2021 года увеличился на 1 281,0 млн. сомони или на 11,6%. Обязательства кредитных финансовых организаций за этот период увеличились на 2 129,0 млн. сомони или на 12,4%, и объем привлеченных депозиты увеличился на 1 818,9 млн. сомони или на 18,8%. В целом, результатом финансовой деятельности кредитных финансовых организаций на конец июня 2022 года стала прибыль в размере 851,2 млн. сомони, что по сравнению с аналогичным периодом 2021 года больше на 2,2 раз или на 583,6 млн. сомони [9].

Вместе с тем, изучение опыта России позволяет предложить нам к реализации в экономике Таджикистана и ее банковской системе дополнительные меры по поддержанию динамизма устойчивых темпов роста национальной экономики, по следующим направлениям:

- активизации инвестиционного сотрудничества с дальними зарубежными странами и международными финансовыми институтами;

- расширения привлечения инвестиций, финансовых ресурсов и возможностей со стороны таджикской диаспоры по всему миру, не ограничиваясь Россией за счет устранения административных и иных барьеров, для вложения капитала в различные отрасли национальной экономики;

- использования внутренних финансовых источников роста вложений в экономику за счет вовлечения свободных денежных сбережений населения на депозитные счета в отечественных коммерческих банках и небанковских финансовых организациях, объем которых более 18 млрд. сомони, включая и переход на безналичные платежи в торговле и иных сферах и т.д.;

- активизации импортозамещения, в том числе за счет привлечения в нашу страну производителей конечной продукции и их смежников, которые выходят их российского рынка, чтобы увеличить мощности отечественных предприятий и дополнительный выпуск комплектующих и готовой продукции, включая и их экспорт на новые и традиционные рынки, обеспечив отход от сырьевой зависимости, увеличивая долю высокотехнологичных производств;

- налаживания новых логистических цепочек, инвестиционных и логистических ХАБ-ов для отечественных товаров, и других промышленных товаров, включая сельхозпродукцию, которые востребованы и в нашей стране, и за рубежом за счет занятия высвобожденных конкурентных ниш иностранных партнёров, покидающих российский рынок;

- формирования дополнительных механизмов и инструментов финансовой поддержки как запущенных, так и новых инвестиционных проектов для производственных предпринимателей, создав максимально благоприятные условия для развития экспортного потенциала и импортозамещения;

- активизация деятельности двух отечественных фондовых бирж и рынка ценных бумаг, особенно корпоративного сектора, для привлечения иностранных инвестиций и отечественного капитала в реальный сектор экономики;

- диверсификация каналов корреспондентских отношений отечественных банков Таджикистана, устранив доминирование канала российских банков как основного для долларовых и европлатежей;

- каналов денежных переводов за счет диверсификации трудовой миграции в страны дальнего зарубежья.

- шире использовать банковские системы стран дальнего зарубежья для денежных переводов, включая страны Запада и т.д.

В заключении необходимо отметить, что принимаемые западными странами санкции носят временный характер, и по мере обеспечения мира, прежние отношения между странами восстановятся, но экономическая наука и практика, при прочих равных условиях, приобретет новый опыт превентивного макрорегулирования национальной экономики, позволяющее не только эффективно противостоять отрицательному влиянию внешних шоков, но и реализовать новые "окна возможностей".

**Литература**

1. Джураев Б.М. Роль валютного сегмента финансового рынка Таджикистана в изменении модели национальной экономики/Б.М. Джураев, Б.М. Шарипов // Вестник ТНУ, серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, Сино, 2019. - № 2. - С. 157-163.
2. Итоги социально-экономического развития Республики Таджикистан в первой половине 2022 года. [электронный ресурс] URL: www.medt.tj/ru/ (дата обращения: 12.09.2022)
3. Перспективы развития мировой экономики [электронный ресурс] URL: https://bit.ly/3KMp9tq
4. Прогноз Всемирного банка о замедлении экономического роста в Таджикистане в 2022г. [электронный ресурс] URL: //https://tj.sputniknews.ru/20220419/vvp-tajikistan-rost-2022-kvartal-1047763920. html (дата обращения: 09.10.2021)
По достижении высокого поста Низамулмулк очень многое сделал для развития науки и просвещения. Благодаря его личной инициативе в крупных городах были учреждены специальные медресе – низомия. Но, в итоге Низамулмулк стал жертвой придворных интриг. 14 октября 1092 года, когда Низамулмулк ехал в Багдад, вблизи города Нахованд он был убит одним из приспешников Хасана Саббаха, главы воинствующего ордена исмаилитов Аламута. По сообщению Низомии Арузи, автора «Чахор макола» (Четыре беседы), это событие случилось десятого месяца рамадана 485 года хиджры, а убийцей был ученик Хасана Саббаха – Абутохир Арроки [6, с.131].

Как свидетельствуют исследования иранского ученого Забехулло Сафо, к этому была также причастна жена Малик-шаха – Турканхатун. З.Сафо пишет по этому поводу, что «такой достойный и умелый визирь как Низамулмулк, который на протяжении многих лет управлял всеми делами сельджукидского государства, который переорганизовал стихийно начатое правление одного кочевого рода в слаженную организацию, был устранен» [3, с.122].

В истории культуры таджикского народа Низамулмулк известен не как выдающийся визирь, а как автор «Сиёсатнаме», которого сам автор в конце книги называл «Сияр-ул-мулук» (Деяния правителей). Он закончил писать эту работу в конце своей жизни. Работа содержит полезные советы по различным вопросам государственного управления, правил и методов управления государственными финансами. Даже сегодня многие идеи Низамулмулка не утратили своей ценности.

Хотя эти знания изложены им в литературной форме, книга содержит много фактического материала относительно управления государственными финансами в период правления династии Саманидов, устройство которого автор всячески идеализирует, правление Газневидов, к которым автор симпатизирует, и собственно правлению Сельджуков, где в течение тридцати лет (1063-1092) Низамулмулк фактически управлял всем государством от их имени. Впрочем, проведенное Британской академией менеджмента исследование доказало, что важнейшей характеристикой экономических исследований является их трансдисциплинарная сущность [9, с. 21].

Как свидетельствуют исторические источники, Малик-шах в последние годы своего правления хотел, чтобы сведущие и мудрые придворные составили руководство о порядках, стилю, правилах и основных принципах ведения государственных дел, и чтобы можно использовать ее как инструкцию по управлению государством. Низамулмулк именно по его просьбе начинает работу над своим главным трактатом, первый вариант которого в объеме 39 глав представляет в 1091 году под именем «Сиёсатнаме» (О политике), что очень понравилось Малик-шаху. Позднее, автор добавляет еще несколько глав и доводит их число до 50. Перед тем, как ехать в Багдад, откуда он уже не вернется, как явствует из текста в конце книги, дает специальному писцу при дворе – Мухаммаду Магрибы, чтобы он переписал рукопись в чистом виде. Но, так как, за этим последовали трагические события: Низамулмулка убили, Малик-шах исчез, началась смута, и только Магриби смог переписать «Сиёсатнаме» в 1105 году.

Как говорит отечественный исследователь «Сиёсатнаме» А. Девонакулов, эта книга является политической инструкцией Сельджукской династии [2, с.6]. На самом деле, дальновидный Низамулмулк понимал, что своеволие, несправедливость и чрезмерный гнет правителей Сельджуков ослабляет основы их власти. Поэтому он предлагает такую инструкцию, основная идея которой базируется на восстановление справедливости, рациональное управление государством, честность и неподкупность государственных деятелей, нацеленность на благоустройство и цветение подданных. Автор, для того, чтобы понудить госслужащих поступать согласно его воззрениям, успешно использует два фактора: прежде всего, используя свою эрудированность, завладевает ум читателя своими мыслями. Во-вторых, он мастерски использует научные, нравственно-этические труды и народное творчество. Например, он приводит такой рассказ: «Правитель города Хамс написал Умар ибн Абдул-азизу [682-720, омейядский халиф – У.Ф.], что защитные

сооружения вокруг города разрушены, нужны средства, чтобы их ремонтировать. [Умар ибн Абдул-Азиз – У.Ф.] в ответ написал ему, что для города Хамс необходимо возвести стену из справедливости. Очисти дороги от гнета и опасности, отпадает необходимость в глине, кирпиче, камне и алебастре» [7, с.174].

Что интересно, Низамулмулк для чиновника считает необходимым не только прислушиваться к воплям слабых и нуждающихся, помогать бедным, не нарушать права человека, стать справедливым, но, прежде всего, консультироваться по всем вопросам со специалистами, со знающими людьми: «И знающие люди говорили, что решение одного человека это сила одного, а решение двух – это вдвое сильнее, а десяти – вдесятеро и чем больше, тем сильнее» [7, с.174].

Создается такое ощущение, что автор всячески старается превознести деяния мудрого визиря и его благородные поступки, чтобы еще больше привлечь внимания падишаха к ним. Во всех делах автор хочет, чтобы царь советовался с визирем. Поэтому, идеальный визирь согласно Низамулмулку это тот, у кого есть аргументированное собственное мнение и видение по любому вопросу. Правитель также должен сам разбираться во многих вопросах: «Правителю необходимо хотя бы два дня в неделю лично рассудить тяжбы, необходимо выслушать стороны и внести решение на глазах у публики. Когда слух разойдется по стране, что правитель самолично ведет дела, слушает обездоленных людей, то никто не осмелится больше поступать несправедливо» [7, с.174].

В каждой главе, после объяснения основного вопроса, Низамулмулк приводит рассказы и легенды из жизни прошлых королей, полководцев, министров, ученых, поэтов и писателей для подтверждения этого вопроса, которые поучительны. Его идеи о единстве государства и общества имеют большое значение.

Низамулмулк через поучительные рассказы показывает пути и методы руководителей государства и требует, чтобы они шли по пути справедливости, добра и ненасилия по отношению к народу.

Низамулмулк организовывал религиозные школы, которые по его имени назывались «низомия», воспитывал подчиненный государству класс официальных священнослужителей верованиями ахл ас-сунна, как государственный деятель боролся с любыми общественными проявлениями.

Он в качестве назидания приводит такой рассказ из жизни Исмаила Сомони, которого он на протяжении всей книги хвалит. Устройство Саманидского государства, по мнению Низамулмулка больше всего соответствует идеальному. «Амири Одил (Справедливый) - среди Саманидов был один, которого звали Исмаил ибн Ахмад, он был очень справедливым. Между войсками Исмаила и Амр ибн Лайс произошла ожесточенная битва, и Исмаил одержал победу. После победы Амир Исмаил обратился к знати и вождям своего войска и сказал:

- Бог дал мне эту милость, и никто не отвечает за эту милость, кроме Бога. Знай, что этот Амр ибн Лайс — человек большой смелости и великодушия, и он благоразумен и осторожен, и он великодушен. Мое мнение такова, что я постараюсь, чтобы он избавился от этого состояния». Старейшины сказали: «Мнение Амира лучше, какой бы совет ни дали, пусть приказывает» [7].

Когда Амр ибн Лайс услышал это, он сказал: - Я знаю, что никогда не освобожусь от этих оков, но ты, Исмаил, пошли мне надежного человека. Он послал надежного человека заранее. Амр ибн Лайс сказал: - Ты скажи Исмаилу, это не ты меня сломал, а твоя религия и твоя вера, и Всевышний забрал у меня эту страну и дал ее тебе, и ты заслуживаешь добра. И я смирился с волей Всевышнего, и я желаю вам только добра, и в этом случае вы приобрели власть, но у вас нет сокровища. У нас с братом много кладов и сокровищ, и у меня с собой карта. Я дам вам их все, чтобы вы были сильными.

И он послал ключ от сокровищницы Амиру Исмаилу. И когда гонец пришел и рассказал о том, что слышал, он положил ключи сокровищ перед Амиром Исмаилом. Он

повернулся к своим и сказал: - Этот Амр ибн Лайс очень сообразительный и хочет поймать умных людей. Он поднял ключи и сказал: - Скажите ему, откуда взялся клад у тебя и твоего брата, что ваш отец был кузнецом и научил вас кузнечному делу. Вы взяли власть благодаря стечению обстоятельств, и воле небес, и дело ваше развилось, а эти сокровища, богатства и динары - все, что вы несправедливо вымогали у народа, это цена веревки стариков и собственность бедных, сирот и слабых.

А завтра вам придется дать ответ перед Всевышним. Ты хочешь переложить эту ответственность мне на шею, чтобы завтра, в Судный день, твои враги взяли тебя, потому что ты несправедливо отнял у нас их имущество, а ты будешь вывертываться: «Все что мы взяли, то мы отдали Исмаилу». Скажите ему, у меня нет терпения на ответ врага. Из-за страха Божия и веры, которые были в нем, он не принял тех сокровищ и вернул их ему и не был соблазнен мирскими благами».

В одном месте Низамулмулк так рассуждал о причинах распада Сасанидского государства: «Спросили Бузургмехра, в чем причина того, что великое Сасанидское царство было разрушено, а ты был его управляющим, и сегодня нет тебе равного в мире по мудрости, и знаниям?

Он сказал: «Причина была в двух вещах: во-первых, Сасаниды поручали большие работы мелким и невежественным людям, и не слушали знающих и мудрых людей и предоставили работу невежественным и детям, а эти две категории не мудры и незнающие, и всякий раз, когда дело достанется невежественными, или детям, то знай, что царство падет» [7].

Согласно Низамулмулку, правитель должен сам служить как образец справедливости и целомудрия, чтобы другим не повадно было задуматься о неположенном. По его мнению, причина спада Сасанидов было в том, что государственная казна обогащалась за счет собственности сирот, гнета населения, несправедливым образом: «Говорят, Яздигурд – последний царь Аджама послал гонца к эмиру мусульман Умару. Гонец передал Умару, что сегодня во всем мире нет такого великолепного двора как нашего, нет более полной казны как нашей, и нету войска многочисленнее, чем наша. У нас так много всякой драгоценности, что нет у других. Умар ответил, что «да, действительно, ваш двор великолепен, но он построен на несправедливости, казна ваша полна, но она базируется на гнете, ваше войско многочисленно, но оно сильно только в бунте и непослушании. Когда удачи нет, не будет и государства. И это тоже доказательство твоей безысходности» [7].

«Сиёсатнаме» написана очень изящным литературным языком, который пленителен и, по мнению Маликушшуаро Бахор: «В древней прозе невозможно найти две строки наравне с текстом Ходжа Низамулмулка по своей одухотворенности, красоте и воплощению смысла» [5, с.106].

Нельзя забывать о том, что все меры, предпринимаемые Низамулмулком, были предназначены для укрепления фундамента правления Сельджуков. Поэтому, академик Б.Гафуров предостерёг ученых от чрезмерного хваления политических деяний Низамулмулка: «Группа историков характеризует Низамулмулка чуть ли не как активного борца за улучшение положения народа. Конечно, он никогда не был таким человеком. Хотя некоторые его действия в известной степени ограничивали произвол знати и феодалов, и в то же время он проявлял заботу об учреждении медресе, но все это он делал именно для укрепления фундамента династии Сельджуков и восполнения государственной казны» [1, с.241].

Четвертая глава рассказывает о чинах, порядка взимания причитающих сборов с населения, поведение агентов при сборе. Здесь, автор предлагает основные принципы налогообложения: «агенты по сбору податей должны строго соблюдать время взимания, никоим образом не должны заранее требовать податей. Если заранее уговорено, что налоги взимаются натуральным образом, то агент не вправе требовать их в денежной форме. Ведь

тогда подданные будут вынуждены продать вполцены полученный урожай» [7, с.24]. Низамулмулк доказывал необходимость строгого контроля над действиями сборщиков податей, предотвращения их своеволия: «Правитель должен постоянно спрашивать о действиях и поведениях сборщиков налогов, если выяснится, что кто-то из них позволил себе лишнее, то все, что он присвоил незаконным путем, из имущества подданных, необходимо заставить вернуть назад владельцам, чтобы другим неповадно было» [7, с.24]. Для того, чтобы быть постоянно начеку насчет поведения и честности министров, агентов и других чиновников, правитель должен тайно следить за ними всеми.

Сегодня принято считать, что общественно-политическое устройство средневекового восточного государства и период жизнедеятельности Низамулмулка (1018-1092) относится к феодальному строю. Но, следует особо оговорить, что такое разделение чисто европейское, и не вполне соответствует реалиям средневекового востока. Даже специально придумали термин "азиатский способ производства" для обозначения специфики восточного феодализма, которая базировалась на исключительную роль орошаемого земделия и государственной собственности на землю и воду. Хотя, на наш взгляд, данное обозначение не совсем корректно, потому что значительная часть сельскохозяйственных земель на Востоке в виде пастбищ и лесов принадлежала общинам.

Потому что на Востоке, испокон веков государственное управление и государственная собственность тесно перепреталась с общинной формой собственности. Права государственной и общинной собственности на воду и землю признавалась естественным образом. Во главе государства стоял монарх, права которого неограниченно распространялись на все, жизнь и имущества подданных всецело принадлежали ему. Поэтому Низамулмулк предостерегает тех, кому были дарованы специальные наделы под названием икта′, чтобы они не считали себя хозяевами жизни и имущества подданных на их территорий.

Так, пятая глава рассказывает о порядке выдачи наделов (икта′), обязанностей владельцев икта перед подданными. Владельцы икта должны знать, что они не вправе требовать больше причитающих поборов с населения указанной территории, их власть никак не распространяется на самых подданных, их имущества, детей и пашни. Если подданные хотят жаловаться на действие владельца надела, то он не вправе помешать им. Каждому владельцу надела, намеренно препятствующему в этом деле, должны отрубить руку, в назидание другим, потому что земля и подданные принадлежат монарху.

Сорок восьмая глава «Сиёсатнаме» посвящена порядку и правилам создания и хранения казны [7, с.138-139]. Автор сразу объявляет, что правители всегда держали две казны: одна основная казна, а другая для расходов. То, что поступало, в большинстве случаев пополняло основную казну, и пока не возникала необходимость, с основного фонда ничего не расходовали. Если и расходовали, то только в порядке кредита, в кратчайшие сроки старались восполнить расходы. Правителю не стоит расходовать полностью все поступающие средства, ведь если завтра случится какое-нибудь событие, подразумевающие определенные расходы, возникнет затруднение. Здесь, автор, как главный визирь государства, понимает, что в трудные времена правителям ничего не останется, как взимать дополнительные поборы, конфисковать имущество опавших в немилость подданных и предпринять другие кардинальные меры ради пополнения казны и несения дополнительных расходов, что, конечно, негативным образом сказывается на благополучие власти, и в конец настроит народ против правящей династии и начнется смута. Поэтому он ссылается на опыт предыдущих династий, в основном положительно оценивая опыт Саманидов, пишет, что раньше все запланированные поступления с каждой области поступали строго в срок, что обеспечивало выдачу предусмотренных жалований и щедрые подаяния причитавшим людям. Поэтому государственная казна всегда была полна, все подданные жили припеваючи, никто не тревожился о своем благополучии.

В связи с этим, для усиления эффекта автор приводит рассказ о том, как Султан Махмуд назначил некоего эмира Олтунташа правителем Хорезма. В то время годовой сбор поступающих с Хорезма в казну Газневидов средств составлял 60 тысяч динаров. А

новоназначенному правителю Олтунташу полагалось для содержания двора и дружины ежегодно 120 тысяч динаров из казны. Чтобы упростить взаиморасчет с центральным казначейством, правитель Хорезма после проведенного там месяца послал своих гонцов с просьбой дополнительно выслать причитающие ему средства еще на сумму 60 тысяч динаров, помимо 60 тысяч местных поступлений.

В то время главным визирем Газневидов был Шамсулкуфот Ахмад Хасани Майманди. Когда он прочитал письмо Олтунташа, ответил ему в очень резком тоне, что «Олтунташ … должен знать, что никогда не будет Махмудом, потому, как он собрал налог в Хорезме, никоим образом не считается его собственностью. Он должен незамедлительно привезти собранные средства в казну султана, сесть перед специальными работниками, отчитываться по полной, документально оформить все это и получить соответствующую бумагу. Только после этого он может требовать свое жалование…. Такой порядок необходим для того, чтобы была разница между султаном Махмудом и Олтунташем…» [7, с.168-169].

Далее Низамулмулк пишет, что свой ответ вместе с отрядом из десяти рабов визирь отправил в Хорезм, отряд на обратном пути привез 60 тысяч динаров, данные средства были оформлены по всем правилам в казначейство, была получена соответствующая бумага. Взамен, Хорезмшаху отправили жалование за счет поступлений от провинций Газнин, Буст и Систан.

По мнению Низамулмулка, все это делалось для того, чтобы все области страны были взаимосвязаны между собой. И чтобы государственная казна была постоянно полной, чтобы каждый правитель знал свое место, и никогда не возжелал большего. Только таким образом султан и народ будут спокойны за свое. Вот это и есть порядок содержания казначейства.

Пятидесятая глава книги посвящена порядку ведения учета и измерения и расчета поступающих с областей средств в центральную казну. Низамулмулк считает, что необходимо провести инвентаризацию областей, выявить, сколько собирается налогов и податей, сколько расходуется, т.е. рассчитать баланс для каждой области. Он был убежден, что только таким образом можно обеспечить прозрачность поступлений государственных средств.

При этом, Низамулмулк рекомендует правителю соблюдать умеренность во всех делах, блюсти сложившиеся до него традиции и обычаи. Для падишаха является обязательным, по мнению автора «Сиёсат-наме», проверка агентов по сбору податей, знание доходов и расходов, хранение имущества, обогащение запасов и казначейства, чтобы в трудные моменты с легкостью устранить всякую смуту. Он не должен чересчур скупиться, и вместе с тем, также не должен быть слишком расточительным, а то люди будут отзываться о нем как о человеке «в руках которого ветер». Щедрость падишаха также должна быть адресной, побольше одаривать того, у которого видные заслуги, чтобы каждый знал свое место.

В конце книги, автор назидательным тоном пишет, что если мне не суждено вернуться из Багдада, то падишах должен работать по данной инструкции: «Каждый, кто работает по ней, будет править всем миром, а всякий кто не захочет, отдалится от двора» [7, с.175].

**Литература:**

1. Гафуров Б.Г. История таджикского народа. Издание второе/ Б.Г. Гафуров. – М.: Наука, 1952. – 425с.
2. Девонақулов А. Низомулмулки Тӯсӣ ва “Сиёсатнома”-и ӯ. /Пешгуфтор ба китоби “Сиёсатнома”/А. Девонақулов. –Душанбе: Адиб, 1989. – С.3-12.
3. Забеҳуллои Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷ. 2. / С. Забеҳулло. – Теҳрон, 1339 ҳ.. - С.122.

4. Крымский А. История Персии, ее литературы и дервишской теософии. Т. 1-3. /А.Крымский. - М.: Типография Х. Улицкого, А. Голованевского, 1909-1917. - С.180.
5. Муҳаммад Тақии Баҳор. Сабкшиносӣ, ҷ.2. /М. Т. Баҳор. - Теҳрон. -106с.
6. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. Таҳия ва тавзеҳи Фахриддин Насриддинов. - Хуҷанд: Ношир, 2015.-192 с.
7. Низомулмулк. Сиёсатнома. –Душанбе: "Адиб", 1989. – 200с.
8. Саидмуродзода Л.Х. «Китаб-ал-харадж» - книги об управлении государственными финансами [Текст] / Л.Х. Саидмуродзода Ф.К. Убайдуллоев // Финансово-экономический вестник. – Душанбе, 2021. - №4(28) - С.7-18.
9. Сандерс М. Методы проведения экономических исследований / М.Сондерс, Ф. Льюис, Э. Торнхилл; [пер. с англ.]. – 3-е изд. – М.: Эксмо, 2006. – 640 с. ISBN 0-273-65804-2 (англ).
10. Убайдуллоев Ф.К. Концептуальные основы социально-экономической мысли таджикского народа в период средневековья [Текст] / Ф.К. Убайдуллоев // Финансово-экономический вестник. – Душанбе, 2019. - №3 (19) – С.202-211.
11. Убайдуллоев Ф.К. Распределительные экономические отношения и категория «справедливость» в воззрениях таджикских мыслителей средневековья: монография/Ф.К. Убайдуллоев. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 224 с.

**УДК: 631.1**

## ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ КООПЕРАТСИЯИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ ДАР БАХШИ АГРАРӢ

***Давлатзода Баҳрулло Раҳмон -*** *номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии Душанбе. Сурога: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад 43/1. Тел.: 918-70-72-75.*

*Дар мақолаи мазкур муаллиф ба яке аз масъалаҳои асосие, ки дар таъмини амнияти озуқаворecho кишвар нақши муассир дорад, аҳаммияти аввалиндараҷа дода, равандҳои дастгирӣ ва рушди кооператсияи хоҷагии қишлоқ дар бахши аграриро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамчунин, ҷанбаҳои дастгирии сатҳи институтсоналиро ҳадафи пажуҳиш қарор додааст.*

*Ғайр аз ин, дар мақолаи мазкур бештар таваҷҷуҳ ба сатҳи дастгирии давлатии рушди кооператсияи хоҷагии қишлоқ дар бахши аграрӣ дода шуда, роҳҳои алтернативии ин соҳа мавриди тадқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Муаллиф ба қадри имкон роҳҳои ҳалли кооператсияи хоҷагии қишлоқ дар бахши аграриро аз тарафи давлат пешбинӣ намуда, истифодаи воқеии онро дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти кишвар ба таври назаррас пешниҳод намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *кооператсияи хоҷагии қишлоқ, мақомоти идоракунӣ, самаранокии истеҳсолот, таҳоҷумӣ, сармоягузорӣ, алтернативӣ, хароҷоти трансаксионӣ, танзими иқтисодӣ, захираҳои такрористеҳсолӣ.*

## ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПОДДЕРЖКА РАЗВИТИЯ АГРАРНОЙ КООПЕРАЦИИ В СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫЙ СЕКТОР

***Давлатзода Бахрулло Рахмон -*** *кандидат экономических наук, доцент, директор Колледжа информатики и компютерной техники города Душанбе. Адрес: г. Душанбе, ул. Борбад 43/1. Тел.:918-70-72-75.*

*В данной статье автор уделяет приоритетное внимание одному из ключевых вопросов, играющих важную роль в обеспечении продовольственной безопасности в стране, обсуждает процессы поддержки и развития сельскохозяйственной кооперации в аграрном секторе и оставляет в стороне институциональную поддержку.*

*Кроме того, в данной статье рассматривается уровень государственной поддержки развития сельскохозяйственной кооперации в аграрном секторе, и исследуются альтернативные пути в этой сфере. Автор, насколько это, возможно, предусматривает пути решения государством аграрной кооперации в аграрном секторе и существенно предлагает ее реальное использование в современных экономических условиях страны.*

***Ключевые слова:*** *сельскохозяйственная кооперация, управление, эффективность производства, агрегирование, инвестиции, альтернативы, трансакционные издержки, экономическое регулирование, возобновляемые ресурсы.*

## STATE SUPPORT FOR THE DEVELOPMENT OF AGRARIAN COOPERATION IN THE AGRICULTURAL SECTOR

***Davlatzoda Bahrullo Rahmon*** *– candidate of economic sciences, docent, Director of Informatic and computer technic college of Dushanbe. Adress: Dushanbe city, 43/1 Borbad str. Tel.:918-70-72-75*

*In this article, the author gives priority to one of the key issues that play an important role in ensuring food security in the country, discusses the processes of support and development of agricultural cooperation in the agricultural sector and leaves aside institutional support. In addition, this article examines the level of state support for the development of agricultural cooperation in the agricultural sector and examines alternative ways in this area. The author, as far as possible, envisages ways of solving the agrarian cooperation in the agricultural sector by the state and essentially proposes its real use in the current economic conditions of the country.*

***Key words:*** *agricultural cooperation, management, production efficiency, aggregation, investments, alternatives, transaction costs, economic regulation, renewable resources.*

Зарурати иштироки мақомоти идоракунии ҳокимияти давлатӣ дар танзими равандҳои кооператсионӣ аз аҳаммияти махсуси рушди онҳо барои иқтисодиёти аграрӣ аз ҳисоби бартариятҳои равшани зерини кооператсияи кишоварзӣ бармеояд:

а) марказонидани натиҷабахш ва азнавтақсимкунии захираҳои молиявӣ, истеҳсолӣ-техникӣ ва меҳнатӣ;

б) афзудани маҳсулнокии меҳнат дар занҷираи технологӣ;

в) баланд бардоштани ҷаззобияти истеҳсолоти кишоварзӣ дар самти сармоягузорӣ аз ҳисоби муттаҳид сохтани он бо саноати коркард;

г) бартараф намудани оқибатҳои хислати мавсимӣ доштани истеҳсолоти аграрӣ ва гирифтани даромадҳо;

д) коҳиши вобастагӣ аз шароити табиӣ-иқлимӣ аз ҳисоби гуногунрангсозии фазоии истеҳсолот;

е) коҳиши хароҷоти трансаксионӣ ва ғ.

Ҳамзамон, асоснок намудани андозаҳои муносибтарини кооператсия тақозо карда мешавад. Зеро сохторҳои аз андоза калони кооператсияшуда метавонанд, ки бозори истеъмолиро ба таври инҳисорӣ аз худ кунанд. Дар раванди татбиқи вазифаҳои худ давлат зимни таъсис додани созмонҳои агросаноатӣ сиёсати хеле фаъоли пулӣ, андозӣ, қарзӣ, нархгузорӣ ва иҷтимоиро роҳандозӣ мекунад.

Якчанд усулҳое вуҷуд дорад, ки низоми танзими давлатии истеҳсолоти агросаноатӣ ба он такя мекунад:

- таъмини шароит барои кори молистеҳсолкунандагон дар асоси принсипи худмаблағгузорӣ;
- истифодаи тафриқавии қарзҳои имтиёзнок, ёронаҳо, кумакпулиҳо ва дигар абзори танзимкунӣ.

Вазифаи танзими давлатии кооператсияи кишоварзӣ аз инҳо иборат мебошад:

- баэътидолорӣ ва афзудани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ;
- таъмини амнияти озуқаворӣ;
- беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ;
- ҳифз намудани мувозинати иқтисодӣ дар байни хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳо дар асоси кооператсияи онҳо;
- наздик намудани сатҳи даромади кормандони хоҷагии қишлоқ ва кормандони соҳаи саноат;
- ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ.

Дар баробари ин, тамоми чораҳоро оид ба танзим ва дастгирии давлатии кооператсияи кишоварзӣ аз рӯйи нишонаи ҳадафмандии онҳо метавон ба таври зерин гурӯҳбандӣ намуд:

- дастгирии даромади истеҳсолкунандагон: пардохти ҷубронпулиҳо, пардохтҳо ҳангоми зарар дидан аз офатҳои табиӣ, ҷубронпулиҳо дар вақти зарар дидан аз азнавташкилкунии истеҳсолот;

- дахолати нархӣ: дастгирии нархҳои дохилии маҳсулоти кишоварзӣ, муқаррар намудани квотаҳо ва андозҳо ба содирот ё воридоти маҳсулот;

- ҷуброни хароҷот оид ба харидории воситаҳои истеҳсолот: нуриҳо, воситаҳи ҳимояи растаниҳо, ғизои чорво ва ғ.;

- маблағгузории чорабиниҳо оид ба мусоидат намудан ба рушди бозор;

- мусоидат намудан ба рушди инфрасохтори истеҳсолӣ тавассути ҷудо намудани маблағҳо ба бунёди анборҳои бузурги нигоҳдории маҳсулот, таъминоти моддӣ-техникӣ, рушди нақлиёт ва ғ.

Ҳамин тариқ, танзими давлатии равандҳои кооператсияи хоҷагии қишлоқ дар самтҳои зерин роҳандозӣ мегардад:

- ташаккули бозори маҳсулоти кишоварзӣ, маводи аввала ва озуқаворӣ дар асоси кооператсияи соҳаҳои мухталифи комплекси агросаноатӣ;

- маблағгузорӣ, қарздиҳӣ, суғуртакунонӣ, андозбандии имтиёзноки созмонҳои ояндадори агросаноатӣ;

- ҳимояи манфиатҳои субъектҳои ватании кооператсия зимни иҷрои фаъолияти иқтисоди беруна;

- маблағгузории фаъолияти илмӣ оид ба таъсисдиҳии ташкилотҳои самараноки кооперативӣ дар комплекси агросаноатӣ;

- коркард ва роҳандозии барномаҳои ҳадафманд оид ба рушди босуръати соҳаи иҷтимоии деҳот;

- бунёди базаи зарурии меъёрӣ-ҳуқуқӣ.

Аслан гирем, усулҳои таъсиррасонии давлат ба рушди тамоми комплекси агросаноатӣ, аз ҷумла кооператсияи кишоварзӣ ба ду даста тақсим мешаванд: усулҳои маъмурӣ ва усулҳои иқтисодӣ.

Ба усулҳои танзими давлатии маъмурӣ дар соҳаи сиёсати нарх дар комплекси агросанотӣ инҳо дохил мешаванд:

а) дар як сатҳи муайян нигоҳ доштани нархҳо;

б) назорат аз болои нархи молистеҳсолкунандагон;

в) бастани қарордодҳо байни давлат ва молистеҳсолкунандагон;

г) муқаррар намудани сарҳад ва доираи тағйирёбии нархҳо (ба ҳадди ниҳоӣ баланд, ба ҳадди ақал паст, фосилаи калавидани нархҳо).

Усулҳои танзими иқтисодӣ бошанд, инҳоро фаро мегиранд:

- чорабиниҳое, ки ба таъмини сатҳи муайяни даромаднокии маҳсулоти молистеҳсолкунандагон тавассути шаклҳои мухталифи кумакпулиҳо, қарзидиҳӣ, сиёсати андозӣ равона карда шудаанд.

Маблағгузории давлатии фаъолияти хоҷагидории субъектҳои кооператсия метавонад хислати кумаки молиявиро дошта бошад, инчунин, тавассути буҷети мақомоти маҳаллӣ бо ҷудо кардани ёронаҳо дар амал татбиқ карда шавад. Яъне, кумакпулиҳо – ин ёрии пулие мебошанд, ки давлат ба сифати манбаи иловагии пӯшонидани хароҷот пешниҳод менамояд. Ёрона бошад, андозаи муайяни маблағҳои давлатӣ мебошад, ки ба таври бебозгашт барои маблағгузории ҳадафноки хароҷот барои иҷрои чорабиниҳои мушаххас ҷудо мешавад:

- таъсир расонидан ба тақозо ва арзаи навъҳои алоҳидаи маҳсулот тавассути тағйир додани нархи масолеҳи дар истеҳсолот истифодашаванда (нархи мошинаҳо, маводи хом, масолеҳ);

- хариди давлатии маҳсулот бо нархҳои баланд.

Танзими давлатӣ, инчунин, дар асоси истифодаи нархҳои кафолатнок низ роҳандозӣ карда мешавад, ки аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо дар сатҳе муқаррар мегардад, ки даромаднокии камтарини имконпазири истеҳсолотро таъмин менамояд. Ҳаҷми фурӯши маҳсулот бо нархҳои кафолатнок дар асоси

муқаррароти супориши давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Агар нархҳои бозор ба маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ аз сатҳи камтарин паст фароянд ё истеҳсолкунандагон натавонанд, ки маҳсулоти худро бо сабаби коҳиши тақозо фурӯшанд, пас давлат метавонад, ки таҳоҷуми (интервенсияи) харидро иҷро кунад [6, с.36].

Таҳоҷуми харид дар шакли харидорӣ кардан ва гузаронидани амалиёти гаравмонӣ аз рӯйи нархҳои кафолатнок иҷро мегардад. Дар натиҷа, арзаи маҳсулот дар бозор коҳиш меёбад ва нархҳо ба эътидол меоянд.

Таҳоҷуми (интервенсияи) молӣ дар шакли фурӯши арзони онҳо аз фондҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавии озуқаворӣ ба амал меояд, агар сатҳи нархҳои бозорӣ (ё қарордодӣ) дар шароити камбуди маҳсулот аз болотарини калавидани онҳо дар бозор зиёд шавад.

Дар шароити пур шудани бозори ватанӣ бо маҳсулоти озуқавории воридотӣ низоми бисёр чандири танзими воридот истифода мегардад, ки ба бунёди шароити баробар барои рақобат равона мегардад. Агар нархҳои дохилӣ аз нархҳои маҳсулоти воридотӣ баланд бошанд ва фурӯши маҳсулоти худӣ мушкил бошад, нархҳои ҳимоявӣ ҳангоми ҷорӣ намудани боҷи гумрукӣ муқаррар карда мешаванд.

Нисбати кооператсияи кишоварзӣ танзими давлатӣ дар шаклҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- танзими буҷетӣ, яъне тақсими маблағҳои буҷетӣ ба самтҳои мухталиф, ки андозаи онҳоро вобаста ба афзалиятҳои рушди шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва моделҳои сохторҳои агросаноатӣ муайян мекунанд;
- танзими андозӣ, яъне истифодаи меъёрҳои тафриқавии андоз, аз андоз озод кардани иттиҳодияҳои таъсисёбанда, ки маҳсулоти аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро истеҳсол мекунанд;
- танзими нарх, яъне муқаррар намудани нархи ниҳоӣ барои баъзе маҳсулот ва хизматрасонии аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, ё муқаррар намудани андозҳои ниҳоӣ, ки бузургии нархҳоро (сатҳи даромаднокӣ) барои ширкатҳои ба таври инҳисорӣ дар соҳаи агробизнес фаъолиятдошта;
- танзими пулию қарзӣ, яъне таъсир расонидан ба муомилоти пул тавассути идора кардани интишори он, муқаррар намудани меъёри бозтамвил, интишори коғазҳои қиматнок;
- танзим тавассути ташаккули барномаҳои давлатӣ;
- танзими иҷтимоӣ, яъне қабули қонунҳои давлатӣ дар бораи меҳнат ва шуғл, суғуртаи иҷтимоӣ ва ғ.;
- танзими ҳифзи муҳити зист ва барқарорсозии он, ки андешидани чораҳо оид ба ҳифзи табиатро дар минтақаи хоҷагидории субъектҳои кооператсияи кишоварзӣ дар назар дорад;
- иҷозатномадиҳии давлатӣ, яъне танзими иқтисодии фаъолият тавассути маҳдудиятҳо ва манъсозиҳо.

Ба сифати самтҳои афзалиятноки такомули чорабиниҳои дастгирии давлатии кооператсияи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои зеринро ҷудо намудан мумкин аст:

Дастгирии молиявӣ бояд шаклҳои аз ҳама самараноктари кооператсияи истеҳсолоти агросаноатиро ҳавасманд созад.

Тавсеаи пешпардохти хариди маҳсулоти хоҷагии қишлоқи корхонаҳои кишоварзӣ дар давоми сол. Ин имкон медиҳад, ки истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бо маблағҳои зарурӣ дар давоми давраи истеҳсоли онҳо таъмин бошанд.

Маблағҳои марказонидашударо бештар ба маблағгузорӣ ва дастгирии самтҳои зерин равона кардан ба мақсад мувофиқ аст: чорабиниҳо оид ба зиёд кардани маҳсулнокии замин, пайвандсозӣ ва тухмипарварӣ, зотпарварӣ, корҳо оид ба назорат аз болои ҳолати замин ва заминсозӣ, суғуртаи амвол дар соҳаи комплекси

агросаноатӣ, фаъолияти илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ дар соҳаи истеҳсолоти агросаноатӣ ва амсоли он.

Азбаски заминаҳои рушди кооператсия бе дахолати давлат сурат мегиранд, дар пеши рӯйи хоҷагии қишлоқ вазифаи мутобиқ шудан ба шароити нави иқтисодӣ меистад [2, с.12]. Бинобар ин, интихоби ин ва ё он шакли кооператсия бояд бо назардошти маҷмуи омилҳо сурат гирад: ҷойгиршавӣ, андозаи заминистифодабарӣ, таркиб ва сифати замин, таъмин будан бо қувваи коргарӣ ва дигар захираҳо, тахассуснокӣ, роҳҳои фурӯши маҳсулот, вазъи роҳҳо, мавҷудияти иншооти коркарди маҳсулот, соҳаи иҷтимоӣ ва ғ.

Муносибатҳои кооператсионӣ таҳти таъсири механизмҳои худтанзимкунандаи иқтисодӣ ташаккул меёбанд. Дар айни замон рушди онҳо дар бахши аграрии кишвар бояд тавре бошад, ки барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ангеза созанд, тавсеаи номгӯй ва беҳтаршавии сифати маҳсулот асос гарданд. Ба тақозо ва рақобат нигаронида шудани онҳо ҳавасмандии доимии пешрафти илму техника, сарфаи захираҳо ва ҷанбаи экологии истеҳсолоти агросаноатиро талаб мекунад.

Ба назари мо, маҷмуи чорабиниҳоро оид ба дастгирии давлатии рушди кооператсияи кишоварзӣ ба ду даста: ташкилӣ ва иқтисодӣ тақсим намудан мумкин аст. Чораҳои ташкилӣ, дар навбати худ, ба қонунгузорӣ ва институтсионалӣ тақсим мешаванд. Чораҳои қонунгузорӣ ин тағйир додан ва таҳияи асосҳои қонунгузорӣ, таъмини супориши давлатӣ ва вилоятӣ (ноҳиявӣ), такмили муносибатҳои заминдориро дар бар мегирад.

Чораҳои институтсионалӣ бошанд, бунёди кооперативҳои қарзӣ ҳамчун манбаи сармоягузориҳо, шарикии бахши давлатию хусусӣ: иҷораи молиявӣ ва ҷудокунии замин, таъсиси марказҳои иттилоотӣ-машваратиро шомил мебошанд.

Чораҳои гурӯҳи дуюм, яъне чораҳои иқтисодӣ таъсиси низоми ҳавасмандсозии грантии ташаббусҳои аҳолии деҳот, ҷуброни хароҷот барои харидории маҳсулот ва таҷҳизоти инноватсионӣ, кумакпулиҳо барои хоҷагиҳои деҳқонӣ, кооперативҳои кишоварзӣ, маҳдудсозии баландшавии нархи неруи барқ, кумакпулиҳо барои пӯшонидани фоизи қарз, маҳдудсозии воридоти маҳсулоти озуқавориро дар бар мегиранд.

Дар баробари ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кооператсияи кишоварзӣ вазифа ва рисолати муайянеро иҷро мекунад. Аз ҷумлаи рисолате, ки бар дӯши кооператсияи кишоварзӣ гузошта шудааст, ба андешаи мо, рисолати иҷтимоӣ, истеҳсолӣ, бозорӣ, молиявӣ, сармоягузорию инноватсионӣ, буҷетию таъминотиро метавон ном бурд.

Вазифаҳои кооператсияи кишоварзӣ бошанд, ба фикри мо, дар навбати худ, ба иҷтимоию иқтисодӣ тақсим шуда, дар алоқамандӣ бо рисолатҳои он чунин нақшро иҷро мекунанд: кафолати харидории неъматҳои табиӣ аз аҳолӣ, кафолат додани харидории зиёдатии маҳсулоти кишоварзӣ аз аҳолӣ, рушди истеҳсолоти кишоварзӣ аз рӯйи технологияҳои инноватсионӣ, таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои дастрас, қарзи молӣ ба аҳолӣ ва ташкилотҳои буҷетӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо ва сифати маҳсулот, воридоти маблағҳо ба буҷетҳои маҳаллӣ.

Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст, ки вазифаҳои асосии самтгирии иҷтимоӣ-иқтисодӣ доштани кооператсияи кишоварзиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шакли зерин гурӯҳбандӣ метавон кард:

- Бояд самти афзалиятноки рушди кооператсияи кишоварзӣ ин манфиати аъзоёни кооператив дониста шавад. Чунки кооператив аз тарафи аъзоёнаш, бо маблағҳои онҳо ва барои қонеъ сохтани талаботи онҳо таъсис дода шудааст. Ин аз он сабаб ба вуҷуд меояд, ки на ҳамаи кооперативҳои кишоварзӣ ва иттиҳодияҳо ба сифати кафили ҳимояи иҷтимоӣ ва иқтисодии манфиатҳои аъзоёни кооператив баромад мекунанд.
- Ҳалли мушкилоти бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ тавассути сохтани ҷойҳои нави корӣ.

Ба ҳамагон маълум аст, ки масъалаи шуғли аҳолӣ дар мамлакат масъалаи доғ буда, бекорӣ бахусус дар деҳот хислати вазнинтар ва давомноктарро касб кардааст. Кооператсияи кишоварзӣ, ки асосан дар деҳот амал мекунад, бояд дар ҳалли ин мушкилӣ нақши калидиро бозад. Ин аз дугонагии хислати кооператсия бармеояд, яъне чуноне ки дар боло гуфтем, омезиш додани вазифаҳои иҷтимоӣ бо фаъолияти иқтисодӣ. Ҷойҳои нави корӣ сохта, онҳоро ба аҳолӣ пешниҳод намуда, кооператсияи кишоварзӣ вазифаи иҷтимоии худро иҷро мекунад. Дар баробари ин, оқибатҳои ногувори бозорро нармтар месозад. Чунончи, музди кор медиҳад, ба некуаҳволии моддӣ ва таъмин будани оила муътамад месозад, боварӣ ба оянда мебахшад. Ҳаҷми фаъолияти худро сол ба сол зиёд карда, самтҳои нави онро рушд дода, кооператсияи кишоварзӣ вазъияти иқтисодии худро тақвият мебахшад. Маблағҳои иловагӣ ба гардиш ворид карда мешаванд ва мавқеи кооператсия дар муборизаи рақобатӣ пурзӯртар мегардад.

- Истифодабарии неруи корӣ ва зеҳнии ҷавонон. Дар шароити муосир кооператсияи кишоварзӣ ба кормандони одии ин ё он касбу кор эҳтиёҷ надошта, ба мутахассисони дорои шуури кооперативие ниёз дорад, ки идеология ва усулҳои кооператсияи кишоварзиро дарк мекунанд.
- Пуррасозии тамоми навъҳои буҷет зимни пардохти андозҳо, яъне чӣ қадаре ки ба буҷети маҳаллӣ зиёдтар андоз супоранд, ҳамон қадар зиёдтар маблағҳои пулӣ дар ин минтақа мемонанд.
- Таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ ва таҳвили он ба нуқтаҳои дури аҳолинишин бо нархҳои дастрас.
- Мусоидат ба афзоиши даромадҳои пулии аҳолӣ аз ҳисоби харидорӣ кардани зиёдатии маҳсулоти кишоварзӣ.
- Мусоидат намудан ба фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ таҳти тамғаи кооператсияи кишоварзӣ.
- Обод нигоҳ доштани мавзеи деҳот.

Ҳамин тариқ, дастгирии давлатии кооператсияи кишоварзӣ дар бахши аграрӣ дар фаъол гардонидан ва ба кор даровардани инфрасохтори истеҳсолӣ зоҳир мегардад, ки дар заминаи муносибатҳои бозорӣ кор мекунанд. Чуноне ки дар зерфаслҳои болоӣ гуфта шуд, хоҷагиҳои хурд имконияти кофии хизматрасонии агротехникӣ ва агрохимиявӣ ба заминро надоранд. Аз ин рӯ, ҳалли ин масъала бо роҳи бунёди кооператсияи кишоварзӣ имконпазир мегардад.

Зимни батартибдарории истеҳсолоти агросаноатӣ шаклҳои гуногуни дастгирии давлатиро истифода мебаранд: дастгирии мустақими буҷетӣ дар шакли кумакпулиҳо ва ҷубронпулиҳо; сармоягузориҳои асосии бебозгашт; сармоягузориҳои асосии бозгарданда; қарзҳои кӯтоҳмуддат аз фондҳои махсус; қарзҳои дарозмуддат ва қарзҳои молии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат; дастгирии ҳудудҳои дорои шароити душвор ва сохтори номусоиди истеҳсолот.

Ба назари мо, низоми дастгирӣ бояд чандир бошад ва тағйироти вазъияти иқтисодиро ба назар гирифта, ба рушди бозори пурраи фазогӣ, мутамарказкунии истеҳсолот дар минтақаҳои дорои шароити мусоид ва камхароҷот мусоидат намояд. Тавассути кумакпулиҳо ва ҷубронпулиҳо бояд соҳаи парвариши тухмии хушсифат ва зотҳои аълосифат дастгирӣ ёбанд, ки инҳо захираҳои такрористеҳсоли истеҳсолоти кишоварзиро кафолат медиҳанд. Чунин дастгирӣ бояд дар тамоми марҳилаҳои ташаккули хоҷагиҳои кооператсионӣ баҳри ҷонноknamoии пешрафти илму техника расонида шавад.

Ин дастгирӣ басо муҳим ва ҳадафманд буда, шумораи ками хоҷагиҳои таҷрибавӣ-истеҳсолӣ, тухмипарварӣ ва зотҳои хушсифатро фаро мегирад. Дар айни замон, бо кумаки субсидияҳо нигоҳ доштани соҳаҳое зарур аст, ки аҳаммияти бузурги иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ доранд. Ба чунин соҳаҳои кишоварзӣ парвариши чорво, бахусус чорвои ширу гӯштӣ шомил мешавад. Маҳсулоти ин соҳа дар як қатор соҳаҳои саноати коркард истифода мешаванд. Танҳо чорвопарварӣ имкон медиҳад, ки бисёр

намудҳои гуногуни маҳсулоти растанипарварӣ ба маҳсулоти барои одамон муносиб табдил дода шавад. Кооператсияи кишоварзии чорводориро бо соҳаҳои мухталифи растанипарварӣ омезиш додан имкон медиҳад, ки истифодаи самараноки захираҳои замин имконпазир гардад. Ин соҳа аксарияти заминҳои чарогоҳиро истифода мебарад, яъне ин соҳа барои ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон аҳаммияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дорад.

Бе ҳалли проблемаҳои кооператсияи чорводорӣ ҳалли мушкилоти танзим ва минбаъд барқарорсозии кишоварзӣ ғайриимкон мебошад. Дар робита ба ин, барқарор намудани пардохти кумакпулӣ барои шир аз буҷети давлатӣ зарур аст. Ин ба инкишофи фазои ягонаи бозор мусоидат мекунад ва имкон медиҳад, ки навъҳои асосии дастгирии кишоварзиро стандартӣ намоянд. Сатҳи ибтидоии даромад, ки дар он идома додани истеҳсолот аз ҷиҳати иқтисодӣ маъно дорад, бояд даромаднок будани соҳаро кафолат диҳад. Барои кафолат додани сатҳи даромаднокӣ, бояд дараҷаи субсидияҳоро дар асоси хароҷоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи шароитҳои миёна ва самаранокии чорво муайян кард. Ҷорӣ намудани субсидия дар ин сатҳ ба истеҳсолкунандагони дорои шароитҳои миёна ва сатҳи миёнаи таъмини самаранокии онҳо, барои баргардонидани пурраи хароҷот ва фароҳам овардани шароит барои ҳифзи саршумори чорво имконият медиҳад. Дар айни замон, дар минтақаҳое, ки шароити мусоид доранд, истеҳсоли шир фоидаовар мегардад.

Муносибатҳои нобаробари кишоварзӣ на танҳо дар соҳаҳои таъмини захираҳо, балки дар корхонаҳои саноати коркард ва савдо низ ба вуҷуд омадаанд. Дар натиҷа, ҳисоббаробарнамоӣ аз тарафи ин корхонаҳо бо истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ коҳиш ёфта, ҳиссаи онҳо дар нархҳои ниҳоӣ бузургтар мешавад. Корхонаҳои агросаноатӣ маҷбуранд коркарди маҳсулоти худро ташкил кунанд ва мустақилона онро амалӣ созанд. Дар натиҷа, минтақаҳои маводи аввала хароб мегардад, иқтидори корхонаҳои коркард пурра истифода карда намешаванд, хароҷоти ҳар як воҳиди маҳсулоти коркардшуда афзоиш меёбад. Истеҳсолкунандагони деҳот аксарияти захираҳои кредитиро, яъне сармоягузориро дар самти таъсиси сохторҳои шабеҳ харҷ мекунанд. Ҳангоми истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ камтар аз 50% бо тарофаҳои муосир барои истифода неруи барқ ва хизматрасониҳои дигар, корхонаҳои коркард зарар мебинанд ва ба васеъ кардани истеҳсолот таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд.

Ҳиссаи кооператсияи кишоварзӣ дар соҳаи чорводорӣ сол ба сол меафзояд. Миқдори истеҳсоли маҳсулоти чорвопарварӣ дар хоҷагиҳои кооператсионӣ дар ҷадвали поён оварда мешавад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти асосии чорвопарварӣ дар хоҷагиҳои кооператсионии кишвар**

| | 1991 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Чорво ва паранда бо вазни зинда, ҳазор тонна** | | | | | | | |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 74,0 | 5,0 | 4,1 | 4,2 | 4,2 | 3,7 | 3,7 | 38 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | - | 6,0 | 6,9 | 7,1 | 7,4 | 8,2 | 8,9 | 9,0 |
| Тамоми шаклҳои хоҷагидорӣ | 150,7 | 162,0 | 173,0 | 198,7 | 217,7 | 233,3 | 248,7 | 249,6 |
| | **Шир, ҳазор тонна** | | | | | | | |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 280,6 | 13,1 | 13,9 | 16,4 | 15,9 | 16,2 | 16,8 | 17,1 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | - | 29,2 | 30,1 | 30,9 | 32,9 | 34,0 | 35,8 | 37,6 |
| Тамоми шаклҳои хоҷагидорӣ | 582,2 | 778,3 | 828,2 | 854,7 | 889,0 | 918,0 | 949,9 | 954,6 |
| | **Тухм, млн дона** | | | | | | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 402,6 | 183,9 | 225,5 | 222,9 | 225,7 | 173,6 | 151,3 | 144,1 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | - | 3,0 | 5,6 | 6,4 | 4,9 | 7,7 | 11,3 | 12,2 |
| Тамоми шаклҳои хоҷагидорӣ | 454,3 | 291,6 | 343,7 | 350,0 | 357,2 | 337,1 | 341,4 | 344,0 |
| | **Пашм бо вазни физикӣ, тонна** | | | | | | | |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 2314 | 400 | 357 | 410 | 367 | 327 | 372 | 370 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | - | 705 | 690 | 792 | 853 | 964 | 943 | 951 |
| Тамоми шаклҳои хоҷагидорӣ | 4432 | 6361 | 6565 | 6776 | 7033 | 7304 | 7522 | 7531 |
| | **Асал, тонна** | | | | | | | |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 593 | 83 | 94 | 96 | 96 | 98 | 88 | 89 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | - | 228 | 243 | 257 | 245 | 248 | 253 | 261 |
| Тамоми шаклҳои хоҷагидорӣ | 593 | 3290 | 3511 | 3715 | 3853 | 3996 | 4101 | 4120 |
| | **Пилла, тонна** | | | | | | | |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 4519 | 341 | 353 | 261 | 163 | 162 | 155 | 147 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | - | 957 | 1183 | 836 | 672 | 665 | 711 | 701 |
| Тамоми шаклҳои хоҷагидорӣ | 4519 | 1328 | 1569 | 1097 | 835 | 869 | 910 | 917 |

**Манбаъ:** маълумоти маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: “Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2018”. – Душанбе, 2019. - С.51-52.

Бинобар ин, шарти асосии ҳавасмандии хоҷагиҳои кооперативӣ дар истеҳсоли маҳсулоти чорвопарварӣ ва растанипарварӣ ҳамоно даромаднок будани онҳо мебошад, ки дар натиҷа, дар ҳамаи ноҳияҳои ҷумҳурӣ субъектҳои хоҷагидор ба афзоиши истеҳсоли маҳсулот таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, зеро имкон дорад, ки фоида ба даст оранд. Дар чунин шароит истеҳсолкунандагон ба баланд бардоштани самаранокӣ ва кам кардани хароҷот манфиатдоранд.

Дар шароити муосир сарбориҳои тиҷоратӣ ба 25-30% афзоиш ёфта, нархҳои чакана боло рафтаанд, ки ин муомилотро бе баланд бардоштани ҳаҷми хароҷот таъмин мекунад. Ин мушкилотро дар фурӯши маҳсулот меафзояд ва талаботро коҳиш медиҳад. Барои бартараф намудани ихтилофи манфиатҳо дар марҳилаҳои мухталифи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ усулҳои гуногун истифода мешаванд. Яке аз онҳо ташкили кооперативҳо, ассотсиатсияҳо ва гузаштан ба тақсимоти даромад аз фурӯши маҳсулоти ниҳоӣ вобаста ба саҳми иштирокчиён мебошад. Бо роҳи табиӣ, ин кор ба воситаи таъсиси созмонҳои ихтиёрии кишоварзон, яъне кооператсия муяссар мегардад. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои муҳимми дастгирии давлатӣ дар ин самт, ҷиҳати пешгирии харобшавии иқтидори истеҳсолии кишоварзӣ, дар сатҳи қонунгузорӣ танзим намудани муносибатҳои кишоварзӣ, саноати коркард ва соҳаи тиҷорати маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.

Таҳқиқот нишон дод, ки истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки ҳосилнокии болотар аз миёна доранд, қодиранд саршумори чорвои худро баланд бардоранд ва истеҳсолотро афзоиш диҳанд. Корхонаҳои соҳаи коркард ба истифодаи умумии ашёи хом ва истеҳсоли маҳсулоти талабшаванда манфиатдор хоҳанд буд. Бо кумаки субсидияҳо аз буҷет, дастгирии маҳаллӣ ва тақсими даромадҳо аз фурӯши маҳсулот дар тамоми марҳилаҳои истеҳсолот дар шароити Тоҷикистон метавон

фоидаоварии истеҳсолоти кишоварзиро дар тамоми фаслҳои сол таъмин намуда, вазъиятро дар самти таъмини амнияти озуқаворechi мамлакат беҳтар кард. Бо афзоиши тақозои пардохтпазир шароитҳои зарурӣ барои зиёд кардани истеҳсолот пайдо мешаванд.

Бояд қайд кард, ки бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳое, ки барои дастгирии ҳам соҳаи чорводорӣ, парандапарварӣ, растанипарварӣ ва боғдорӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҷудо карда мешаванд, таҳия ва қабули барномаҳои минтақавӣ барои фаъолсозии ин соҳаҳо заруранд. Дар айни ҳол, метавон пардохти субсидияро барои истеҳсолкунандагоне, ки дар ин барнома иштирок мекунанд, бо шарти риоя намудани шароити муайян амалӣ карда: самаранокӣ бояд на камтар аз сатҳи меъёр дар минтақа бошад; афзоиши солонаи истеҳсолот таъмин карда шавад. Ин шартҳо хоҷагиҳои кооперативиро водор мекунад, самаранокии фаъолияти худро баланд бардоранд ва дигар нишондиҳандаҳои фаъолияти худро беҳтар намоянд.

Ҳамин тавр, нақши танзимкунандаи давлат бояд дар чорабиниҳои зерин ифодаи зерини худро пайдо кунад:

- ташкили давлатии тухмипарварӣ ва таъмини кафолатноки хоҷагиҳо бо тухмии аълосифат ва насли якум;

- ташкили давлатии такмили ихтисоси роҳбарон ва сардорони хоҷагиҳои кишоварзӣ, ки дар заминаи усули кооператсия фаъолият мекунанд;

- дастгирии фаъолонаи муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии системаи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, афзоиши назарраси музди меҳнати олимон ва мутахассисон, таҷдиди комили маҷмуи таҷҳизоти лабораторӣ, эҳёи заминҳои озмоиши тухмиҳои гуногун, пойгоҳҳои таҷрибавӣ ва минтақавӣ;

- бо маблағгузории пурраи давлатӣ, тоза ва таъмир намудани шабакаи коллекторҳо, барқарорсозӣ ва истифодаи мунтазами пойгоҳҳои насосӣ, барқарорсозии каналҳои асосии обёрӣ;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои паст кардани сатҳи фоизҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, ки барои хизматрасонӣ ба кишоварзӣ фаъолият мекунанд, таъмини дастрасии бонкҳои хориҷӣ ба бозори молиявии кишвар;

- фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани ҳавасмандгардонии хоҷагиҳои кооператсионӣ ва дигар истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба рушди инноватсионӣ, татбиқи саривақтӣ ва дақиқи тавсияҳои институтҳои илмию тадқиқотӣ дар соҳаи агротехнология, агрохимия, механизатсия ва беҳтар намудани ҳолати беҳдошти замин ва ғайра.

Баланд бардоштани ҳосилнокии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ бо зарурати ҳавасмандгардонии равандҳои инноватсионӣ муайян карда мешавад, ки дар асоси такрористеҳсоли захираҳои молиявӣ тавассути омӯзиши бартариҳои рушди илму техника алоқаманд аст. Таҳлил нишон медиҳад, ки рақобатпазирии корхонаҳо дар бахши аграрӣ аз сатҳи истифодаи афзалиятҳои илм ва технология барои ҳама марҳилаҳо, аз ташкили тадқиқоти илмӣ сар карда, то азхудкунии самараи онҳо дар амалия вобаста аст.

Раванди инноватсионӣ ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти бахши аграрӣ бояд ҳамчун системаи ягонае баррасӣ гардад, ки мубаддалгардии дастовардҳои илмиро ба технологияи самараноки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ифода намояд. Зеро имрӯзҳо, дар раванди пешрафти таърихӣ, илм ба як ниҳоди муҳимтарини иҷтимоӣ, ба як қувваи бузурги истеҳсолие табдил ёфтааст, ки ҳолат, дурнамо ва рушди тамоми соҳаҳои истеҳсолот ва фарҳангро муайян мекунад.

**Адабиёт**


1. Абрамов Б.А. Коллективизация сельского хозяйства великая революция в социально-экономических отношениях и во всем укладе жизни крестьянства /Б.А. Абрамов. - Москва: Высш. школа, 1997. - 95 с.

2. Азизова М.З. Зарубежный опыт сельскохозяйственной кооперации и ее применение в аграрном секторе Таджикистана /М.З.Азизова. // Вестник ТНУ, 2012. – С.7-13.
3. Буздалов И.Н. Возрождение кооперации /И.Н. Буздалов. – М.: «Экономика», 1990. – 173с.
4. Вазъи ичтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: январ-декабри соли 2018 / Маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – С.11.
5. Ващенко А.Н. Теоретические и методологические развития основы сельской кооперации: мотивация, организация и управление /А.Н. Ващенко // Региональные проблемы преобразования экономики. – 2014. - №3. – С.78-91.
6. Давлатов К.К. Развитие кооперации и интеграции в АПК Республики Таджикистан /К.К. Давлатов. - Воронеж: изд-во «Истоки», 2008. – 218с.
7. Қарори Ҳукумати ҶТ дар бораи "Консепсияи пешрафти инноватсионии КАС Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 3 марти 2014 с.№114.
8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2016, № 392 "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030".
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кооперативҳо" аз 22 июли соли 2013, №991.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ" аз 2 декабри соли 2002, №68.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооператсияи матлубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13 марти соли 1992. Ахбори Шӯрои Олии ҶТ, с.1992. №7.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 10 марти соли 1992.
13. Серова Е.В. Сельскохозяйственная кооперация в СССР. – М.: «Агропромиздат», 1991. - 160с.

---

**УДК: 364.7**

## ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

***Нурализода Амрулло Назрулло -*** *н.и.и., дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 918757668. E-mail: amrullon@mail.ru.*

***Асоев Илҳом Зикрёевич -*** *ассистенти кафедраи назарияи иқтисолии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, к. Сафаров, 16. Тел.: (+992) 00 202 86 90. E-mail: asoev.i@list.ru.*

*Дар мақолаи мазкур нишондиҳандаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз рӯйи ҳаҷм ва таркиби худ шароити муҳимми қабули қарорҳоро дар раванди идоракунии хизматрасониҳои иҷтимоӣ, маориф, тандурустӣ, хизматрасониҳои пулакӣ, хароҷоти буҷет дар маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст.*

*Масъалаи мазкур барои ташаккул додани заминаҳои моддӣ ва воситаи муҳимми пешравӣ ба шумор рафта, дараҷа, сатҳ ва сифати баланд бардоштани некуаҳволии аҳолии минтақаро таъмин мегардонад. Таҳлили ҷадвалҳо собит менамоянд, ки ҳар қадар рушди моддӣ беҳтар бошад, ҳамон қадар ҳаҷми хизматрасониҳои иҷтимоӣ афзоиш ёфта, ҳамчун таъминкунандаи рушди иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон ва, дар ҳамин замина, рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъмин мегарданд.*

*Дар мақола таҳлил ва муқоисаи нишондиҳандаҳои хизматрасонии иҷтимоии вилояти Хатлон бо сатҳи ҷумҳуриявӣ амалӣ гардидааст.*

***Калидвожаҳо****: хизматрасонии иҷтимоӣ, хароҷоти буҷет, маориф, тандурустӣ, солимии ҷомеа, хизматрасониҳои пулакӣ, адои хизмати маишӣ, дараҷаи некуаҳволӣ, сатҳ ва сифати зиндагӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, таъмини шуғли аҳолӣ.*

# АНАЛИЗ РЕАЛЬНОГО ПОЛОЖЕНИЯ СОЦИАЛЬНЫХ УСЛУГ В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

***Нурализода Амрулло Назрулло*** – *к.э.н., доцент кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета.* ***Адрес:*** *734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: (+992) 918757668. E-mail: amrullon@mail.ru.*

***Асоев Илхом Зикрёевич*** - *ассистент кафедры экономической теории Кулябского государственного университета им. Абуабдулло Рудаки. Адрес: Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. Сафарова, 16. Тел.: (+992) 00 2028690. E-mail: asoev.i@list.ru.*

*В данной статье анализируются и обсуждаются показатели социальных услуг с точки зрения их размера и состава, важные условия принятия решений в процессе управления социальным обслуживанием, образованием, здравоохранением, платными услугами, расходы бюджета на образование, здравоохранение и социальную защиту.*

*Этот вопрос рассматривается как формирование материальной основы и важное средство развития, обеспечивающее степень, уровень и качество повышения благосостояния населения региона. Анализ таблиц доказывают, что чем лучше будет материальное развитие, тем больше объем социальных услуг и как обеспечение экономического и социального развития Хатлонской области и в этом контексте обеспечивается развития макроэкономических показателей. В статье анализируются и сравниваются показатели социального обслуживания Хатлонской области с республиканским уровнем.*

***Ключевые слова:*** *социальные услуги, расходы бюджета, образование, здравоохранение, платные услуги, оказание бытовых услуг, уровень благосостояния, уровень и качество жизни, социальная защита, обеспечение занятости.*

# ANALYSIS OF THE REAL SITUATION OF SOCIAL SERVICES IN KHATLON REGION

***Nuralizoda Amrullo Nazrullo***-*Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Finance, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Phone:(+992) 918-75-76-68, E-mail: amrullon@mail.ru.*

***Asoev Ilkhom Zikroevich***- *assistant of the Department of Economic Theory, Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki. Address: Republic of Tajikistan, Kulyab, st. Safarov, 16. Phone: (+992) 00 202 86 90, E-mail: asoev.i@list.ru.*

*This article analyzes and discusses the indicators of social services in terms of their size and composition, important decision-making conditions in the management of social services, education, health care, paid services, budget spending on education, health care and social protection.*

*This issue is considered as the formation of a material basis and an important means of progress, ensuring the degree, level and quality of improving the welfare of the region. It is from this point of view that analytical tables on specific figures prove that the better material development is, the greater the volume of social services will be provided from them, as a provider of economic and social development of the Khatlon region and, in this context, the development of macroeconomic indicators. The article analyzes and compares the indicators of social services in the Khatlon region with the republican level.*

***Key words***: *social services, budget expenditures, education, health care, health care, paid services, provision of personal services, welfare level, level and quality of life, social protection, employment.*

Хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он мафҳуми васеъ ва аз рӯйи мазмун бисёрпаҳлу буда, онҳо таҳлил ва омӯзиши мушаххасро дар самти хизматрасониҳои иҷтимоӣ, маориф, тандурустӣ, хизматрасониҳои пулакӣ, адои хизматрасониҳои маишӣ, хароҷоти буҷет дар маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоиро дар бар мегиранд. Дар ин замина, яке аз самтҳои сиёсати иқтисодии давлат тараққӣ додани соҳаҳои мазкур буда, дар ин ҷода баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва некуаҳволии мардум мебошад.

Сатҳи зиндагӣ – ин ҷамъи шароитҳои ҳаёти (меҳнат, зиндагӣ, неъмат) аҳолии мамлакат мебошад, ки бо рушди иқтисодии бадастоварда мувофиқат мекунад [11, с.65]. Дар маҷмуаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

сатҳи зиндагии аҳолӣ бо ҳаҷм, роҳҳои истифода, фарқияти даромади пулии аҳолӣ бо назардошти дараҷаҳои нарх, нишондиҳандаҳои асосии таъминоти иҷтимоӣ ва ёрии иҷтимоӣ, ки ба аҳолӣ расонда мешавад, тавзеҳ дода мешавад.

Ба ақидаи мо сатҳи зиндагӣ бештар дар раванди қаноатмандии тақозои одамон инъикос мегардад. Зеро сатҳ ва сохтори истеъмолӣ нишондиҳандаи бевоситаи сатҳи зиндагӣ мебошанд. Афзоиши сатҳи зиндагӣ имкони беҳтаргардии сифати зиндагиро фароҳам месозад. Сатҳ ва сифати зиндагӣ маҷмуи хислатҳоест, ки шароити зисти инсонро ифода менамояд. Инчунин, сатҳ ва сифати зиндагӣ ин дастрасии шахс ба меҳнат, моводи хӯрокворӣ, низоми маънавӣ, шароити зист, бехатарӣ ва иштирок дар тақсимоти даромад мебошад. Сифати зист метавонад аз вазъи саломатӣ, иртибот бо ҷомеа, статуси психологӣ ва иҷтимоӣ, озодии фаъолият ва интихоб, аз стресс ва нигоҳубини аз ҳад зиёд, сатҳи маълумотнокӣ, дастрасӣ ба мероси маданӣ, иртибот ва муносибати мутақобила вобаста бошад.

Ҷамъият дар навбати худ бояд барои пурра қонеъ гардонидани тақозои аъзоёни худ кӯшиш намояд. Яъне, бештар осебпазир, дарвоқеъ, тақозои мавҷуда боқӣ мемонад, ки ин хусусан тақозо ба бехатарии ҳаёти инсон, амалишаванда бо воситаи ҳузуру ҳаловат, шароити доимии зист, бехатарӣ ва боварӣ ба зиндагии оянда мебошад. Талаботи мавҷуда аз рӯйи аҳаммияташ базавӣ буда, барои рушди иқтисодиёти инноватсионӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар маҷмуъ пояи устувор мегузорад. Барои баландбардории сифати зисти аҳолӣ ва бартарафкунии фарқият дар вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ дар шароити маҳдудияти захираҳои буҷетӣ, аҳаммияти махсусро ҳалли масъалаҳои ташаккули чунин иқтисодиёти бозорие касб менамояд, ки дорои хусусияти иҷтимоӣ бошад.

Ҳамин тавр, мушкилоти баландбардории сатҳи зиндагӣ дар шароити муосир ҳам барои шаҳрвандон ва ҳам барои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бартарияти калидӣ дорад. Афзалияти стратегии рушди иҷтимоии Тоҷикистон танзими сатҳи зиндагии аҳолиро ҳам дар сатҳи давлатӣ, ҳам минтақавӣ ва ҳам маҳаллӣ муҳимияти хосса арзёбӣ менамояд. Вобаста ба ин, сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ то кадом дараҷа дар амал татбиқ ёфтани ҳалли ин масъалаҳои баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ, дар маҷмуъ, раванди захираҳои меҳнатӣ, истифодабарӣ ва таъмини сифати онҳо заминаеро фароҳам меорад, ки барои боэътимод пайдо кардани қарорҳои идоравӣ дар ин самт зарурати таҳлили ҷорӣ ваояндавии онҳоро тақозо менамояд.

Аз ин ҷо, чунин бармеояд, ки хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити имрӯза хело муҳим буда, барои рушди инсонӣ заминаи асосӣ ҳисобида мешаванд. Ҳамин аст, ки дар робита бо ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмончунин қайд кардаанд: “Бо дарназардошти он, ки илму маориф соҳаҳои калидии сиёсати иҷтимоии давлат маҳсуб меёбанд, моислоҳотро дар ин самт идома дода, пояҳои моддиву техникии ин соҳаҳоро таҳким мебахшем ва мақоми омӯзгорро дар ҷомеа минбаъд низ баланд мебардорем. Дар ҳафт соли оянда барои боз ҳам беҳтар намудани солимии ҷомеа тамоми тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, маблағгузории соҳаҳои тандурустӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ мунтазам зиёд карда мешавад” [13, с.3].

Мусаллам аст, ки барои муайянсозии дигаргуншавии рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити муосир таҳлили ҳолати рушди ин соҳа аҳаммияти муҳим пайдо менамояд. Барои ин зарур аст, ки дар шароити муосир дар истифодабарии техникаю технология дар истеҳсолот, ҷорӣ намудани навовариҳо дар раванди истеҳсолоти моддӣ, нақши соҳаҳои иҷтимоӣ барои баланд бардоштани самаранокии захираҳои меҳнатӣ, рушди сармояи инсонӣ ва баланд бардоштани сатҳ ва сифтаи зиндагии аҳолӣ хело зарур мебошад. Рушди хизматрасониҳои соҳаҳои иҷтимоӣ дар тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, таъмини солимии ҷомеа ва навигариҳои таъмини рушд мусоидат менамояд [5, с.118]. Чунин ҳолатҳо аз мазмуни ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар

бармеоянд. Масалан, дар робита бо Стратегияи миллии рушд барои давраи то солҳои 2030, ки дар он ҳадафҳои ҷорӣ ваояндавии Ҳукумат бояд пай дар пай ба мукаммалгардонии иқтисодиёт дар самти рушди технологияҳои инноватсионӣ ворид шавад, ки дар ин роҳ саҳми хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф, тандурустӣ ва таъмини ҳифзи иҷтимоӣ назаррас буда, барои расидан ба ин ҳадаф мусоидат менамояд [12, с.13].

Тараққӣ ёфтани соҳаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ва некуаҳволии аҳолӣ барои ҳалли масъалаҳои иқтисодии мамлакат дар тамоми сатҳ ба ҳалли масъалаҳои таъмини шуғли аҳолӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ, танзими низоми андозбандӣ, фазои мусоиди ҷалби сармоягузорӣ мусоидат менамояд ва ҳамзамон ҳамчун омили баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ баромад мекунад [10, с.25]. Вобаста ба ин, ҳангоми таҳлили ҳаҷм ва таркиби хизматрасонии иҷтимоӣ дар сатҳи минтақа барои солҳои 2016-2021 арзёбӣ намудани тағйирёбии дараҷаи рушди макроиқтисодӣ ва минтақавӣ, ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он, ҳаҷми адои хизмати маишӣ ба аҳолии минтақаҳои кишвар, тағйирёбии ҳаҷм ва суръати хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ ва тағйирёбии суръати афзоиши хароҷоти буҷет дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ муҳим мебошанд.

Ҳангоми таҳлил муайян карда шуд, ки дар маҷмуи нишондиҳандаҳои зикргардида, дар муқоиса бо ҷумҳурӣ, дар минтақаи Хатлон тамоили мусбат ба назар мерасад. Аз назари мо, чунин майл аз рушди истеҳсоли соҳаи кишоварзӣ, саноат, сохтмон ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ бармеояд. Ба ақидаи мо, сабаби асосии ин зуҳурот дар муътадилии сиёсӣ дар давраи таҳлилӣ ва амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии кишвар дар доираи ҳадафҳои рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо ба ҳисоб меравад. Дар ин давра тағйирёбии дараҷаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва минтақавӣ назаррас мебошад (ниг. ба ҷадв. 1).

Тавре, ки аз маълумоти ҷадвали 1 бармеояд, ҳамасола ба ҳисоби миёна, агар дар ҷумҳурӣ афзоиши ММД ба андозаи 8,71% бошад, дар вилояти Хатлон бошад афзоиши МММ 8,72%-ро ташкил медиҳад.  Аз инҷо, чунин бар меояд, ки дар вилояти Хатлон имкониятҳои хуби хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҷой дошта, омӯзиши онҳо барои татбиқи ҳадафҳои стратегӣ дар самти беҳтар кардани сатҳ ва сифати зиндагӣ саривақтӣ мебошад. Дар давраи таҳлилӣ муқоисаи сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ нишон медиҳад, ки хизматрасониҳои пулакӣ мувофиқан 31,6 ва 32,3%-ро ташкил медиҳанд, ки ин нишондиҳанда ифодакунандаи татбиқи сиёсати минтақавӣ дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ мебошад. Бо ҳамин мазмун, ҳиссаи хизматрасониҳои пулакӣ нисбат ба ММД ва МММ дар як сатҳ қарор дошта, 0,9 маротиба афзоиш ёфтаанд, ки ин аз он дарак медиҳад, ки дар минтақа рушди устувори хизматрасонии иҷтимоӣ ҷой дорад.

**Ҷадвали 1. – Тағйирёбии дараҷаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва минтақавӣ дар солҳои 2016-2020**

| Солҳо / Нишон-диҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020 нисбат ба 2016, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Дар ҷумҳурӣ | | | | | | |
| ММД, млн сомонӣ | 54790,3 | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 82543,0 | 150,7 |
| Суръати афзоиш, % | 100 | 117.6 | 110.3 | 111.3 | 104.3 | 1,04 мар. |
| Хизматрасониҳои пулакӣ, млн сомонӣ | 10033,7 | 10884,0 | 12130,8 | 12983,6 | 13205,2 | 131,6 |
| Суръати афзоиш, % | 100 | 108,5 | 111,5 | 107,0 | 101,7 | 1,02 мар. |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳиссаи хизматрасониҳои пулакӣ дар ММД, % | 18,3 | 16,9 | 17,1 | 16,4 | 16,0 | 0,9 мар. |
| Дар вилояти Хатлон | | | | | | |
| МММ, млн сомонӣ | 14620,2 | 16003,7 | 17107,5 | 19664,0 | 22080,5 | 151,0 |
| Суръати афзоиш, % | 100 | 109,5 | 106,9 | 114,9 | 112,3 | 1,12 мар. |
| Хизматрасониҳои пулакӣ, млн сомонӣ | 1565,4 | 1686,7 | 1836,8 | 2025,7 | 2070,5 | 132,3 |
| Суръати афзоиш, % | 100 | 107,8 | 108,9 | 110,3 | 102,2 | 1,02 мар. |
| Ҳиссаи хизматрасониҳои пулакӣ дар МММ, % | 10,7 | 10,5 | 10,7 | 10,3 | 9,4 | 0,9 мар. |

**Сарчашма:** Тоҷикистон 30 соли истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе, 2021. - С.335, 643; Омори солонаи вилояти Хатлон, 1991 – 2020. – Бохтар, 2021. – 365 с.

Чӣ тавре аз таҷрибаи давлатҳои тараққикарда бармеояд, ба ҳисоб гирифтани ҳаҷм ва таркиби нишондиҳандаҳои соҳаи хизматрасонӣ дар маҷмуи нишондиҳандаҳои умумии макроиқтисодӣ ва минтақавӣ мақоми хосса дорад. Масалан, ин нишондиҳанда дар ИМА - 73,4%, Россия - 68,6% ва дар Тоҷикистон - 43,4%-ро ташкил медиҳанд. Дар робита ба ин, аз назари мо, нишондиҳандаи сатҳи минтақавӣ дар дохили кишвар хело саривақтӣ мебошад [7, с.23]. Қимати нишондиҳандаи мазкур соли 2020 дар сатҳи вилояти Хатлон ба тариқи маҷмуъ 18,7%-ро ташкил медиҳад. Баланд будани ҳиссаи соҳаи хизматрасонӣ дар сохтори ММД ва МММ аз ҷой доштани имкониятҳои рушд дар самти таъмини устувори хизматрасониҳои иҷтимоӣ дарак медиҳад. Аз назария ва амалияи иқтисодӣ бармеояд, ки бо таъмин будани дараҷаи баланди тараққиёти иқтисодии давлат, рушди соҳаҳои дигар таъмин гардида, дар ин замина имкониятҳои рушди соҳаи иҷтимоӣ ба амал меоянд [4, с.101]. Қайд кардан бамаврид аст, ки рушди соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар минтақаҳо манфиатҳои таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишварро дар бар мегирад. Бо дарназардошти пайдо шудани шаклҳои нави хоҷагидорӣ, қайд кардан зарур аст, ки айни ҳол бобати тағйирёбии сохторию соҳавӣ дар ММД корҳои зиёдро бояд мавриди омӯзиш қарор диҳем.

Хизматрасонии умумӣ аз ҳисоби рушди соҳаи хизматрасонии иҷтимоии минтақаҳо дар ташаккул додани дараҷаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ хело назаррас мебошад. Тибқи маълумоти расмӣ, бармеояд, ки дар хизматрасониҳои пулакии умумӣ қариб 31,4%-и ҳиссаи онро вилояти Хатлон таъмин мегардонад (ниг. ба ҷадв. 2).

**Ҷадвали 2. - Тағйирёбии ҳаҷм ва суръати хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолии вилояти Хатлон дар солҳои 2016-2021, ҳаз. сомонӣ**

| Солҳо / Нишон-диҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020 нисбат ба 2016, % (маротиба) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Хизматрасониҳои пулакӣ, ҳамагӣ | 1564801,8 | 1686703,2 | 1836804,7 | 2025693,3 | 2070539,0 | 132.3 |
| Хизмати маишӣ | 1015563,5 | 1061464,4 | 1115510,5 | 1269660,6 | 1303428,0 | 128.3 |
| Хизмати нақлиёти мусофирбар | 103040,5 | 94900,3 | 130319,8 | 120101,0 | 79721,3 | 77.4 |
| Хизмати алоқа | 3343,7 | 3243,6 | 3251,7 | 3204,3 | 7482,1 | 2.2 маротиба |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Хизмати хоҷагии манзилию коммуналӣ | 10075,1 | 12722,4 | 15043,3 | 18289,9 | 17472,9 | 173.4 |
| Хизмати фарҳанг | 701,2 | 680,8 | 687,8 | 774,9 | 1033,2 | 147.3 |
| Хизмати сайёҳӣ ва экскурсионӣ | 17,9 | 77,2 | 50,7 | 47,9 | 95,0 | 5.3 маротиба |
| Хизмати санаторию истироҳатгоҳҳо | 865,4 | 1347,2 | 1928,2 | 2254,7 | 1618,0 | 187.0 |
| Системаи маориф | 182991,3 | 209133,3 | 241463,5 | 288765,6 | 304974,2 | 166.7 |
| Хизматрасонии тиббӣ | 84850,1 | 111427,9 | 121255,5 | 97527,4 | 116386,3 | 137.2 |
| Хизмати ҳуқуқӣ ва бонкӣ | 139201,1 | 110187,6 | 124604,5 | 131919,3 | 163632,8 | 117.6 |
| Дигар хизматҳо | 24152,0 | 81518,5 | 82689,2 | 93147,7 | 74695,2 | 132.3 |

**Сарчашма**: Омори солонаи вилояти Хатлон 1991 – 2020. – Бохтар, 2021. – 365 с.

Аз маълумоти ҷадвали 2 бармеояд, ки дараҷаи тағйирёбии ҳаҷм ва суръати рушди хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолии вилояти Хатлон дар давраи таҳлилӣ дар маҷмуъ заруратеро ба миён меорад, ки дар ташаккул додани ҳалли масъалаҳои иҷтимоии минтақавӣ ва афзоиш додани даромади аҳолӣ ва таъмини некуаҳволии аҳолӣ омили муҳим мебошад. Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҳаҷми умумии хизматрасониҳои пулакӣ саҳми ин ё он намуди хизматрасонӣ фарқ мекунад. Масалан, дар соли 2020 хизмати маишӣ 62,5%, системаи маориф 14,7%, хизмати ҳуқуқӣ ва бонкӣ 7,9%, хизматрасонии тиббӣ 5,6% ва хизмати нақлиёти мусофирбар тақрибан 4%-ро ташкил медиҳанд.

Аз ин ҷо бар меояд, ки хусусияти вилояти Хатлон аз он иборат будааст, ки дар маҷмуи хизматрасониҳои пулакӣ ҳаҷми хизматрасонии маишӣ ва низоми маориф хело назаррас мебошад. Дар умум, ҳиссаи ин ду намуди хизматрасонӣ 77,2%-ро ташкил медиҳад. Яъне, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ барои таъмини сатҳ ва сифати зиндагӣ дар заминаи таъмини хизматрасониҳои зикргардида барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум дар фарогирии шуғл, тақвияти бозори меҳнат, баланд бардоштани маълумотнокии мардум ҳамчун омили асосӣ баромад мекунад.

Ба ақидаи Р. Аҳмадов, "Рушди соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ба паст гардидани хароҷоти истеҳсолӣ, моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ дар комплекси агросаноатӣ мусоидат менамояд" [2, с.14]. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ арзёбӣ намудани суръати тағйирёбии хароҷоти буҷет дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ нақши калон мебозад (ниг. ба ҷадв. 3).

**Ҷадвали 3. - Суръати тағйирёбии хароҷоти буҷет дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ барои солҳои 2016-2021**

| Солҳо / Нишон-диҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020 нисбат ба 2016, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Дар ҷумҳурӣ, млн сомонӣ | | | | | | |
| Хароҷот, ҳамагӣ | 18294,3 | 22264,2 | 24187,4 | 23806,6 | 24812,5 | 135,6 |
| Маориф | 3093,8 | 3572,6 | 3702,6 | 4338,6 | 4311,4 | 139,4 |
| Тандурустӣ | 1159,5 | 1385,2 | 1538,1 | 1793,4 | 2583,1 | 2,2 маротиба |
| Ҳифзи иҷтимоӣ | 2734,0 | 3057,6 | 3156,8 | 3515,0 | 3865,9 | 141,4 |
| Дар вилояти Хатлон, ҳаз. сомонӣ | | | | | | |
| Хароҷот, ҳамагӣ | 1300,8 | 1446,7 | 1515,7 | 1687,3 | 1867,5 | 143,6 |
| Маориф | 706,5 | 822,5 | 880,4 | 980,7 | 1072,9 | 151,9 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Тандурустӣ | 308,3 | 363,4 | 392,7 | 420,1 | 491,1 | 159,3 |
| Ҳифзи иҷтимоӣ | 10,2 | 10,3 | 11,1 | 12,8 | 12,8 | 125,9 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллифон аз рӯйи Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - С.450-461; Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе, 2021. – 675 с.; Омори солонаи вилояти Хатлон 1991 – 2020. – Бохтар, 2021. – 385 с.

Тибқи маълумоти ҷадвали 3, маълум мегардад, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон нишондиҳандаҳо нисбатан зиёд гардидаанд, лекин майли тафриқавӣ ба назар мерасад. Масалан, агар дар сатҳи ҷумҳуриявӣ суръати тағйирёбии хароҷоти буҷет дар соҳаи тандурустӣ 2,2 маротиба зиёд шуда бошад, ин нишондиҳанда дар вилояти Хатлон 1,6 маротиба тағйир ёфтааст. Нишондиҳандаҳои дигар бошанд, аз қабили хароҷоти ҳифзи иҷтимоӣ, агар дар сатҳи ҷумҳурӣ 41,4%-ро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар сатҳи вилояти Хатлон 25,9% мебошад, яъне нишондиҳандаҳои овардашуда аз он дарак медиҳанд, ки вазъи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ нисбат ба вилояти Хатлон беҳтар мебошад. Лекин дар соҳаи маориф бошад, маълум мегардад, ки дараҷаи рушди соҳаи номбурда дар вилояти Хатлон нисбат ба ҷумҳурӣ бештар ба назар мерасад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки таҳлили ҳаҷм ва таркиби хизматрасонии иҷтимоӣ дар сатҳи минтақа аз дида баромадани нишондиҳандаҳои таркиби хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ, аз ҷумла маориф, тандурустӣ, адои хизмати маишӣ ва дигар хизматрасониҳо ба аҳолии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Дар ин самт пайдо шудани муносибатҳои бозорӣ боиси тағйирёбии нишондиҳандаҳои ҳаҷм ва таркиби хизматрасониҳои иҷтимоӣ мегардад.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки дар шароити рушди бозор таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо дарназардошти баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва афзоиши даромади онҳо, талабот ба хизматрасониҳои иҷтимоии пулакӣ низ афзоиш меёбанд. Аз ин ҷо ҳаҷми хизматрасониҳои иҷтимоии пулакӣ, новобаста аз шакли моликият сатҳу сифати зиндагии аҳолиро ифода менамояд.

Ҳамин тариқ, ҳаҷм ва таркиби нишондиҳандаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дорои хусусиятҳои тафриқавӣ мебошанд. Бинобар ин, зарурате дар пеш меистад, ки дар муқоисаи чунин нишондиҳандаҳо чорабиниҳои мураттаб гардонидашуда дар таъмини некуаҳволии мардуми минтақа аз ҳисоби васеъ истифода бурдани имкониятҳои рақамикунонӣ ва фарогирии хизматрасониҳо аз тариқи усулҳои инноватсионӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шаванд.

**Адабиёт**


1. Александрова Г.М. Качество жизни населения, как показатель экономической безопасности государства: монография / Г.М. Александрова. - Краснодар, 2017. – 160 с.
2. Ахмадов Р. Основы формирования и развития сферы социальных услуг в сельской местности: автореф. дисс. канд. наук по спец – 08.00.05/ Р. Ахмадов. -Душанбе, 2017. – 28 с.
3. Бурменко Т.Б. Сфера социально значимых услуг: теоретические и прикладные аспекты деятельности организаций: в 2 ч. / Т.Б. Бурменко, О.Н. Баева. - Иркутск: Изд-во БГУЭП, 2012. Ч.1. – 334 с.
4. Джаббаров А.Дж. Социальная защита населения как фактор общественного развития / А.Дж. Джаббаров. - Душанбе: Маориф, 1997. – 141 с.
5. Комилов С.Дж. Формирования регионального рынка инновационных, социальных услуг в современных условиях / С.Дж. Комилов // Материалы 4-й международной конференции «Актуальные проблемы развития экономики и образования» 3-4 июня. – Душанбе, 2016. - С.118-124.
6. Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - №5222 аз 11.07.2015. - Душанбе, 2015. – 147 с.

7. Нурализода А.Н. Афзалиятҳо ва рушди соҳаи хизматрасонӣ дар баландбардории сатҳи некуаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.Н. Нурализода, Ш.Ф. Сулаймонзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2019. - №2 (18). – С. **21-26.**
8. Нурализода А.Н. Роль государства в повышении уровня жизни населения села / А.Н. Нурализода, И.З. Асоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. - 2015. - №3. - С.303-309.
9. Раджабов Р.К. Сфера услуг: проблемы и перспективы развития: монография / Р.К. Раджабов, Х.Н. Факеров, М. Нурмахмадов, М.Х. Саидова. - Душанбе: Дониш, 2007. - 554 с.
10. Раджабов Р.К. Региональные аспекты развития сферы платных услуг населению в условиях переходной экономики: монография / Р.К. Раджабов. - Душанбе: Ирфон, 2013. – 196 с.
11. Румянцева Е.Е. Новая экономическая энциклопедия. Учебник / Е.Е.Румянцева.- М.: Изд-во Инфра, 2006. – 812с.
12. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.- Душанбе, 2016. – 104 с.
13. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати савгандёдкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30.10.2020.
14. Фозилханов Д.О. Формирование и развитие рынка бытовых услуг в сельских территориях Таджикистана: автореф. дис. ... канд. экон. наук: 08.00.05 / Д.О. Фозилханов. – Душанбе, 2009. – 24 с.

---

**УДК: 338.1**

## СУЩНОСТЬ И УПРАВЛЕНИЕ ЦИФРОВЫХ РИСКОВ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

***Содиков Рахмон Хамроевич*** *- кандидат экономических наук, доцент кафедры управления государственными финансами Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Носира, 33. Тел.: (+992) 93-518-00-12. E-mail: rakhmon67@mail.ru*

*В данной статье раскрыта сущность цифровой экономики, оценены ее роль и значение в современных условиях для решения социально-экономических проблем. Рассмотрены различные подходы к определению понятия «цифровая экономика» и разработана авторская трактовка данного понятия. Отмечается, что отличительными особенностями цифровых технологий являются их динамичность, редкость ситуаций, высокий уровень неопределенности и риска. Следовательно, вопросы управления рисками в условиях цифровой трансформации промышленных предприятий становится более востребованным и актуальным. На основе изучения различных подходов раскрыта сущность понятия «цифровые риски» и предложена авторская разработка этого понятия. В качестве основных рисков промышленных предприятий, связанных с цифровизацией, определены стратегические, технологические, нормативно-правовые, кибернетические, кадровые риски, риски потери данных, конфиденциальности, риски третьих лиц и т.д. Выделены несколько факторов, генерирующих технологические риски в промышленных предприятиях. Автором выделены несколько категории рисков, связанных с цифровыми технологиями, а также раскрыто содержание рисков в цифровой экосистеме промышленных предприятий.*

*Подчёркивается, что система риск-менеджмента на уровне промышленных предприятий строится на основе стратегии, которая зависит от экономической ситуации, а также от их внутренней и внешней среды. Выявлены и охарактеризованы три подхода к формированию системы управления цифровыми рисками: тактический, оперативный, стратегический. Автором разработан алгоритм единой информационной базы данных для управления цифровыми рисками промышленных предприятий.*

*Определены приоритетные задачи и направления деятельности государственных структур и частного сектора для организации системы управления цифровыми рисками промышленных предприятий, а также пути решения проблем, связанных с цифровизацией экономики.*
***Ключевые слова:*** *цифровая экономика, цифровые риски, цифровые технологии, промышленные предприятия, автоматизация, инвестиции, риск-менеджмент, киберриск, инновационные технологии, минимизация рисков.*

## МОҲИЯТ ВА ИДОРАКУНИИ ХАВФҲОИ РАҚАМИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

***Содиков Раҳмон Хамроевич*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Носир, 33. Тел.: +992 93-518-00-12. E-mail: rakhmon67@mail.ru*

*Дар мақолаи мазкур моҳияти иқтисодиёти рақамӣ кушода шуда, нақш ва аҳаммияти он дар шароити муосир барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ арзёбӣ гардидааст. Равишҳои гуногун оид ба муайян кардани мафҳуми «иқтисоди рақамӣ» баррасӣ шуда, тафсири муаллиф оид ба ин мафҳум таҳия шудааст. Қайд шудааст, ки хусусиятҳои фарққунандаи технологияҳои рақамӣ рушди динамикии онҳо, камёфт будани чунин вазъият, сатҳи баланди номуайянӣ ва хавф мебошанд. Аз ин рӯ, масъалаҳои идоракунии хавфҳо дар шароити табдилёбии рақамии корхонаҳои саноатӣ серталаб ва мубрам мешаванд. Дар асоси омӯзиши равишҳои гуногун моҳияти мафҳуми «хавфҳои рақамӣ» кушода шуда, таърифи ин мафҳум аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст. Ба сифати хавфҳои асосии корхонаҳои саноатӣ, ки бо рақамикунонӣ алоқамананд, хавфҳои зерин муайян карда шудаанд: стратегӣ, технологӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ, кибернетикӣ, кадрӣ, хатари талафи маълумот, махфият, хавфи шахсони сеюм ва ғайра. Якчанд омилҳое муайян карда шудаанд, ки хавфҳои технологиро дар корхонаҳои саноатӣ ба вуҷуд меоранд. Муаллиф якчанд категорияҳои хавфҳои марбут ба технологияҳои рақамиро муайян карда, мундариҷаи хавфҳоро дар экосистемаи рақамии корхонаҳои саноатӣ ошкор кардааст.*

*Таъкид карда шудааст, ки системаи идоракунии хавфҳо дар сатҳи корхонаҳои саноатӣ ба стратегияе асос ёфтааст, ки ба вазъи иқтисодӣ, инчунин, ба муҳити дохилӣ ва берунии онҳо вобаста мебошад. Барои ташаккули системаи идоракунии хавфҳои рақамӣ се равиш муайян ва тавсиф карда шудаанд: тактикӣ, амалиётӣ, стратегӣ. Муаллиф алгоритми махзани ягонаи иттилоотиро барои идоракунии хавфҳои рақамии корхонаҳои саноатӣ таҳия кардааст.*

*Вазифаҳои афзалиятнок ва самтҳои фаъолияти сохторҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ барои ташкили системаи идоракунии хавфҳои рақамии корхонаҳои саноатӣ, инчунин, роҳҳои ҳалли маъалаҳои вобаста ба рақамикунонии иқтисодиёт муайян карда шудаанд*
***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёти рақамӣ, хавфҳои рақамӣ, технологияҳои рақамӣ, корхонаҳои саноатӣ, автоматикунонӣ, сармоягузорӣ, идоракунии хавфҳо, хавфи киберӣ, технологияҳои инноватсионӣ, то ҳадди ақал кам кардани хавф.*

## ESSENCE AND MANAGEMENT DIGITAL RISK INDUSTRIAL ENTERPRISE

***Sodikov Rahmon Hamroevich*** *- candidate in economics, assistant professor of the Department of Management State Finance of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, street Said Nosir 33. Tel.: 93-518-00-12. E-mail: rakhmon67@mail.ru.*

*In given article is revealed essence of the digital economy, is evaluated her role and importance in modern condition for decision social-economic problems. The different approaches are considered to determination of the notion «digital economy» and are designed author's interpretation given notions. It is noted that discriminating particularity digital technology are their dynamic, rarity situation, high level to uncertainties and risk. Consequently, questions of management risk in condition of the digital transformation industrial enterprise becomes more claiming and more actual. On base of the study different approach is revealed essence of the notion "digital risks" and is offered author's development of this notion. As main risk industrial enterprise, in accordance with digital, are determined strategic, technological, normative-legal, cybernetic, trained risks, risks of the loss data, confidentiality, risks of the outside parties and etc. They are chosen several factors, generating technological risk in industrial enterprise. The Author*

*is chosen several categories risk, in accordance with digital technology, as well as is revealed contents risk in digital ecosystem industrial enterprise. It is emphasized that system risk-management at a rate of industrial enterprise is built on base strategy, which depends on economic situation, as well as from their internal and external ambience. They are revealed and characterized three approaches to shaping managerial system digital risk: tactical, operative, strategic.*

*The Author is designed algorithm united information database for governing digital risk industrial enterprise. They are determined priority problems and directions to activity of the state structures and quotient of the sector for organization managerial system digital risk industrial enterprise, as well as way of the decision of the problems, in accordance with digital of the economy.*

***Keywords:*** *digital economy, digital risks, digital technologies, industrial enterprises, automation, investments, risk-management, kiberриск, innovations to technologies, minimization risk.*

В современных условиях происходит быстрое проникновение цифровых технологий, инновационных бизнес-моделей в экономическую сферу и повышается их влияние на сущность экономических процессов, в результате которого возникают качественные структурные изменения в экономику страны. Сегодня цифровая экономика воспринимается многими как важнейшее средство или способ более эффективного решения почти всех имеющихся социально-экономических проблем.

Цифровизация экономики является неотъемлемой черты современной инновационной экономики, характеризующей четвертую промышленную революцию. В условиях цифровизации экономики промышленным предприятиям необходимо переходить к цифровизации своей деятельности, т.е. применять цифровые технологии, внедрение которых является жизненной потребностью и важнейшим инструментом, обеспечивающем конкурентоспособность этих предприятий. На наш взгляд, цифровизация экономики является источником увеличения добавленной стоимости, развития конкурентных преимуществ хозяйствующих субъектов, обеспечения их финансовой устойчивости.

Цифровая экономика - это деятельность хозяйствующих субъектов, в котором решающим фактором производственного процесса являются данные цифрового вида, осуществляется обработка больших данных, используются результаты проведенного анализа, при котором повышается эффективность всех этапов производственного процесса.

По мнению Дж. Стиглица, информационная экономика представляет собой замену традиционной экономической теории, который приводит к изменению всех институциональных составляющих экономических процессов и повышению роли информации в достижении эффективности рынка [6, с.142].

Андре Горц подчёркивал, что «в экономике знаний всякий труд, будь то в перерабатывающей промышленности или сфере услуг, содержит растущую долю знаний. Информатизация повысила в цене именно незаменимое, не поддающееся формализации знание» [5, с.84].

На наш взгляд, цифровая экономика представляет собой деятельность по развитию цифровых компьютерных технологий, включающий сервисы по онлайн-услугам, электронным платежам, интернет-услугам и т.д.

Мы считаем, что цифровизация экономики - это более глубокий процесс по проникновению идеи о создании и внедрении цифровых моделей в практической деятельности экономических субъектов.

Основными этапами формирования цифровой экономики являются:

- формирование инфраструктуры, позволяющие доступ к цифровым технологиям;
- внедрение цифровых технологий в жизнедеятельности экономических субъектов;
- оценка эффективности цифровой экономики;
- формирование навыков по грамотному внедрению цифровых технологий.

В соответствии с исследованием «Делойт», к 2025 году большинство конкурентоспособных хозяйствующих субъектов переходят на полную автоматизацию все повторяющиеся финансово-хозяйственных процессов, за исключением стратегических

задач, а основу автоматизации составят технологии блокчейна, большие данные, программные комплексы управления предприятиями (ERP-системы) [9, с.22].

Следует отметить, что формирование «цифрового мышления», увеличение объема инвестирования для внедрения цифровых технологий, подготовка высококвалифицированных специалистов в области цифровизации экономики, способствуют успешному переходу к цифровой экономике, более эффективному функционированию промышленных предприятий.

В нынешних условиях активное внедрение цифровых технологий, цифровая трансформация превращаются в важнейшее направление деятельности промышленных предприятий. Отличительными особенностями цифровых технологий являются их динамичность, редкость ситуаций, высокий уровень неопределенности и риска.

Необходимо отметить, что возникновение рисковых ситуаций приводят к снижению уровня результативности реализации проектов и функционирования промышленных предприятий в целом.

По мнению Н.Н. Беланова, в нынешних условиях на промышленных предприятиях вопросу риск-менеджмента на всех этапах цифровой трансформации не уделяется достаточное внимание [2, с.136]. Следовательно, на наш взгляд, исследование вопросов идентификации, анализа, оценки и управления рисками в условиях цифровой трансформации промышленных предприятий становится более востребованным и актуальным.

Исследованием рисков, связанных с цифровой трансформации промышленных предприятий занимались зарубежные ученые экономисты Г.М. Аубакирова, Е.В. Бутрова, В.В. Печаткин, А.З. Сиразетдинова, М.В. Хачатурян и другие. Важнейшим тезисом исследований этих ученых является необходимость формирования промышленными предприятиями способов риск-менеджмента, которые возникают в ходе принятия и реализация цифровых решений.

Следует отметить, что на сегодняшний день пока руководители небольшого количества промышленных предприятий знают, как осуществить управление рисками в условиях цифровой трансформации бизнеса.

Под влиянием цифровых технологий у промышленных предприятий возникают различные проблемы, связанные с внедрением инновационных инструментов в процессе их функционирования. Возникает несоответствие между экономическим аспектом промышленной трансформации, связанного с улучшением деятельности промышленных предприятий и социальной стороной этого процесса, с повышением уровня неопределенности и рисков.

Н.Л. Антонова и Д.О. Маджар считают, что по причине недостаточности необходимых и приемлемых методик риск-менеджмента на промышленных предприятиях к активным проявлениям неопределенности, ситуация ухудшается и приводит к возникновению материального, финансового и других видов потерь [1, с.172]. Эти авторы, исследуя вопросы управления рисками на промышленных предприятиях, пришли к выводу, что большое количество промышленных предприятий не уделяют необходимого внимания к вопросам планирования своей деятельности в условиях неопределенности и риска.

Л.В. Юрьева и Е.В. Долженкова к положительным факторам цифровых технологий, приводящих к повышению уровня эффективности деятельности промышленных предприятий под воздействием цифровой технологий, относят: увеличение производительности труда, целесообразности методом централизованного управления финансово-хозяйственной деятельности, прозрачности экономических процессов; уменьшение зависимости отрасли и экономических субъектов от нестабильности человеческого фактора [10, с.112].

Основными негативными аспектами внедрения цифровых технологий на промышленных предприятиях являются: увеличение количества безработных;

формирование «клипового мышления» у населения страны; возникновение риска национальной кибербезопасности; утрата национальных традиций.

Развитие цифровых технологий приводит к возникновению новых рисков, которые называются цифровыми. Цифровой риск - это понятия, включающие все цифровые потенциалы, которые возникают на основе информационно-коммуникационных технологий, автоматизации обработки всех имеющихся информаций и автоматическое принятие решений. Природой или средой возникновения цифровых рисков являются цифровые технологии. Цифровые риски считаются результатом или последствием цифровизации экономики.

Цифровые риски, связанные с деятельностью промышленных предприятий классифицируются по следующим критериям:

1. По источникам возникновения цифровых рисков:

- внешние риски, которые действуют на предприятия косвенно;
- внутренние риски, которые имеют прямое воздействие на предприятия.

2. По среде возникновения цифровых рисков:

- технологические;
- экономические,
- законодательные;
- кадровые и т.д.

3. По времени возникновения цифровых рисков:

- тактические;
- стратегические.

В докладе Всемирного банка «Цифровые дивиденды. Доклад о мировом развитии» выделены несколько видов цифровых рисков [9, с.33]:

- киберпреступность (например, воровство личных данных определенного субъекта);
- дискриминация (применение финансово-кредитными организациями ошибочных цифровых информаций с целью формирования цифрового портрета клиентов или разработка расчетных алгоритмов для уточнения объема страховых платежей или процентные ставки);
- оставление старых информационных данных, которые не способствуют спасаться от не желаемых информаций;
- уменьшение убеждённость к цифровым технологиям;
- вероятность резкого увеличения количества безработных;
- ускоренное развитие цифровых технологий (резкое развитие цифровых технологий во всех сферах; широкий доступ экономических субъектов к цифровым товарам и услугам; определенные разрывы, связанные с уровнем благосостояния населения) между населением и предпринимательских структур, как внутри страны, так и за ее пределами.

На основе изучения различных современных источников, нами выделены следующие виды цифровых рисков:

- кибератаки или киберриски;
- внутренние опасности;
- утечка информации;
- недостаточность уровня системы автоматизации процессов;
- ошибки при функционировании других систем;
- доступность секретных данных;
- отклонение от поставленных требований
- недостаточность уровня регулярной защиты данных.

На наш взгляд, киберриск - это риск, который возникает в результате потери секретных данных или доступность различных видов информации, отражающий возможные негативные влияния на процесс функционирования промышленного предприятия (например, цели, задачи, брэнд или репутацию), активы промышленного предприятия, некоторых лиц, другие предприятия и страны.

Следует отметить, что киберриски считаются важнейшим элементом стратегического риска промышленного предприятия, финансового риска и других соответствующих рисков. Киберриски больше всего относятся к частному сектору, особенно при корпоративном кредитовании. Кроме этого, рейтинги кибербезопасности промышленных предприятий учитываются в процессе оценке инвестиций [11, с.83].

На наш взгляд, можно выделить три аспекта цифровых технологий, влияющие на уровень цифровых рисков промышленного предприятия: взаимоотношение; уровень скорости и объем распространенности технологических изменений; кардинальные изменения в рисковой среде.

Можно выделить несколько факторов, которые генерируют технологические риски в промышленных предприятиях:

- инновационные технологии;
- современные материалы и комплектующие;
- инновационные производственные процессы;
- новые производственные линии;
- новые направления деятельности;
- неопределенности в процессе функционирования и др. [7, с.160].

На наш взгляд, можно классифицировать следующие факторы киберриска, связанные с деятельностью промышленных предприятий:

- технологические (связаны с внедрением новых информационных и инновационных технологий);
- нетехнологические (определенные социально-экономические, геополитические процессы);
- внутренние (связаны с предпринимательством, сферы, операции, товары и услуг и др.);
- контрольные (показывают уровень эффективности контрольной функции промышленного предприятия по отношению к кибератакам и считаются предметом инвестирования, когда речь идет о минимизации рисков и возможных потерь).

Можно выделить несколько категории рисков, связанных с цифровыми технологиями (таблица 1.)

**Таблица 1. - Категории рисков, связанные с цифровыми технологиями**

| Категория | Описание | Особенность |
|---|---|---|
| Неопределенные влияния | Причиной такой неопределенности является развитие науки и инновационных технологий. | Недостаточность уровня знаний и опыта о результатах, возникающих как последствия использования инновационных технологий. |
| Системные влияния | Развитие технологических систем, связанных с различными взаимосвязями и системными взаимодействиями. | Трудность и взаимосвязанность системы: утрата резерва устойчивости в развивающихся системах. |
| Неожиданные влияния | Развитие процесса установления инновационных технологий в определенных средах. | Непредсказуемость от распространённых рисковых факторов: неожиданные или изменившиеся условия. |

***Источник** : Разработано автором*

На наш взгляд, в условиях цифровой экономики необходимо уделять особое внимание следующим видам рисков и опасностей в деятельности промышленных предприятий: тактические, стратегические, технологические, операционные, сторонние, технические, информационные, законодательные, кибернетические и др. (таблица 2).

Как отмечает Н.Н. Беланова, в нынешних условиях на промышленных предприятиях более сильное влияние имеют следующие виды рисков: инфляционные, валютные, коммерческие, информационные, технические, технологические, кибербезопасные [2, с.89].

**Таблица 2. - Содержание рисков в цифровой экосистеме промышленных предприятий**

| Определители / виды рисков | Угроза получения убытков | Ключевые области управления рисками |
|---|---|---|
| Технология / технологические риски | Угроза получения убытков по причине технологических сбоев, аварии или устаревших технологий. | Объёмность, совместность, изменчивость и механистическая точность используемой технологии. |
| Киберпространство / кибернетические риски | Неразрешенный доступ (работа сети) с будущим использованием проникновения для умышленных действий, например, шантаж и препятствования стабильному процессу функционирования промышленных предприятий. | Усиление программы, общесетевое устройство; надежность приложений; управление слабостью и мониторинг устойчивости. |
| Стратегия / стратегические риски | Угроза возникновения ущерба связана с миссиями и задачами промышленных предприятий. Обычно риск бывает внешним по отношению к предприятию и его возникновения вызывает необходимость по изменению стратегию развития предприятия. Такая ситуация воздействует на взаимоотношения предприятия с контрагентами, партнёрами, ценность бренда, имиджу и конкурентоспособность на рынке. | Совершенствование мониторинга; ужесточение контрольной функции в процессе функционирования промышленных предприятий. |
| Данные / риски утечки данных | Опасность исчезновение или утрата данных. | Предоставление гарантии защиты данных в цифровой экосистеме на различных стадиях жизненного цикла промышленных предприятий (в том числе классификация, сохранения, обработка, шифрования данных и др). |
| Третьи лица (потребители, поставщики) / сторонние риски | Содержит риски, которые возникают в результате нерационального контроля поставщиками, сторонних субъектов, их киберуязвимости. | Ключевыми элементами управления промышленных предприятий должны быть обмен данными, объединение инновационных технологий и т. д. |
| Конфиденциальность / риски конфиденциальности | Опасность, которая возникает в результате нецелесообразного обращения с индивидуальными и конфиденциальными личными данными потребителей, контрагентов, партнеров, персонала. | Не нарушение основных принципов конфиденциальности данных: предупреждения, солидарность, точность, избрание и т.д. |
| Нормативно-правовая среда / законодательные риски | Угроза возникновения ущерба как результат внедрения государством новых требований или правила, которые выходят за рамки методов управления и риск-менеджмента. Промышленные предприятия подвергаются риску нарушения законодательных требований в отношении бизнес-процессов, сохранение данных, а также | Не нарушение законов и нормативно-правовых актов, в том числе законы, связанные и внедрением технологии, законы отдельных отраслей, нормативно-правовые документы. |

| | | |
|---|---|---|
| | и других правил осуществления предпринимательства. | |
| Устойчивость / риски потери устойчивости | Риск остановки работы промышленного предприятия или отсутствие доступа к товарам, услугам по причине тесной зависимости от сильно связанных инновационных технологий. | Беспрерывность бизнес-процессов, предотвращение рисков аварии информационных и технологических сетей, антикризисное управление, киберустойчивость, |
| Кадры / кадровые риски | Недостаточный уровень цифровой грамотности персонала, утечка сотрудников предприятия. | Увеличение человеческих ресурсов, повышение уровня цифровой грамотности персонала; аутсорсинг сотрудников и.т.д. |

***Источник**: Разработано автором*

Учитывая особенности возникновения и направления прямого внедрения цифровых технологий в хозяйственную деятельность промышленных предприятиях, М.В. Хачатуряном выделены следующие критические поля проникновения рисков и опасностей: «безопасность данных; трансформация бизнес-процессов; надежность цифровых систем и инфраструктуры» [8, с.51].

Минимизация цифровых рисков требует совместное действие промышленных предприятий, которые заинтересованы в борьбе с опасностями, таких как риск цифрового регулирования или риск кибербезопасности. Следует отметить, что основополагающие пути риск-менеджмента разработаны Международной организацией по стандартизации (ISO) в стандартах, которые посвящены управлению рисками, информационной и кибербезопасности. Однако развитие и совершенствование физической и институциональной инфраструктуры цифровой экономики включены в полномочие, как правительственных структур, так и частного сектора, в том числе международных экономических институтов или промышленных предприятий.

На наш взгляд, регулирующие мероприятия, направленные на минимизацию цифровых рисков на макроуровне, могут включать следующие направления:

- введение определенных, конкретных норм и правил функционирования онлайн-контента, секретности и использования имеющихся данных;

- поддержка конкурентных преимуществ, которая способствует стимулированию привлечения инвестиционных ресурсов и инновационных технологий в инфраструктуру цифровой экономики;

- вознаграждение коллективного инвестирования посредством государственно-частного партнерства;

- развитие цифровой инфраструктуры государственных сервисов и увеличение набор услуг, которые предоставляются в режиме онлайн.

Система риск-менеджмента на уровне промышленных предприятий строится на основе стратегии, которая зависит от экономической ситуации, а также от их внутренней и внешней среды.

Различают три подхода к формированию системы управления цифровыми рисками: *тактический, оперативный, стратегический* [3, 75].

В соответствии с *тактическим подходом* для минимизации цифровых рисков специалисты предлагают выявить слабые системы и удалить их, а также блокировать сети.

В рамках *операционного подхода* осуществляется постоянное отслеживание цифровых рисков, т.е. реализуется стратегия мониторинга (мониторинг домена, потом дополнительный мониторинг), например, мониторинг риска событий или фактов (выявление, анализ, оценка).

По *стратегическому подходу* необходимо обновлять модели рисков и опасностей. Специалисты по безопасности должны постоянно осуществлять обновление моделей опасностей, исходя из опасных цифровых активов, например, те, которые связаны с третьей стороной и процесс поставки. Предлагается объединить управление цифровыми рисками в общие процессы управления событиями.

На наш взгляд, исследование направлений риска для цифровых инициатив способствует разработке различных мероприятий по контролю в рамках базовых стандартов и отраслевых особенностей. Решающим моментом в процессе уточнения инструментов контроля является учет характера и степень цифровизации операции [4, с.11].

На наш взгляд, общие направления снижения уровня цифровых рисков на уровне промышленных предприятий непосредственно связаны с будущим развитием цифровых технологий - искусственного интеллекта, Интернета-вещей и «умных» сетей, передача данных без посредников, объединенных центров по обработке крупных данных, оценка и выдача сертификатов о соответствии с действующим требованием безопасности, инструментов для защиты шифрования, а также связанные с ними способы и методы осуществления технического мониторинга для получения и объединения общих данных и т.д.

Исследуя понятия, сущность, содержания и классификации цифровых рисков, нами предлагается комплексная система управления цифровыми рисками промышленных предприятий с целью минимизации их потерь в условиях цифровой экономики (рис. 1).




**Рис. 1. Алгоритм единой информационной базы данных**
**для управления цифровыми рисками промышленных предприятий**
**Разработано автором**

Следует подчеркнуть, что данный алгоритм является предварительной стадией формирования комплексной системы управления рисками промышленных предприятий для снижения уровня их рисков.

Таким образом, наличие цифровых рисков и угроз, связанных с деятельностью промышленных предприятий, а также проблемы развития цифровой экономики требуют разработки и реализации конкретных мероприятий, направленных на их минимизацию. Для достижения данной цели, на наш взгляд, приоритетными задачами и направлениями деятельности, как для государственных структур, так и для частного сектора, являются:

1. Поддержка и стимулирование процесса создания и развития предпринимательства, ориентированного на цифровую экономику. Государство может предоставить адресную поддержку субъектам предпринимательства: предоставляет гарантии по банковским кредитам, в том числе экспортным, компенсирует часть затрат на получение патента, создает целевые инвестиционные фонды, оказывает поддержку посредством механизма государственных закупок и др.

2. Дополнительная поддержка субъектов предпринимательской деятельности для создания цифровых технологий, программ, база данных и осуществления цифровых услуг. Например, предоставления некоторых стимулирующих инструментов для определенных хозяйствующих субъектов (например, по страховым выплатам, налоговым платежам), которые способствуют развитию цифровых технологий, и в конечном итоге создают здоровую конкурентную среду между такими хозяйствующими субъектами, обеспечивая их заказами и стандартами, которым должен соответствовать конечный продукт.

3. Создание и расширение цифровых программ в основных сферах экономики. На сегодняшний день в Республике Таджикистан созданы площадки для осуществления различных платежей, в том числе, со стороны отдельных налогоплательщиков налоговые отчетности предоставляются в электронной форме, для осуществления социальных выплат используется пластиковые карты и др.

4. Увеличение количества специалистов в области информационных технологий, также организация курсов по повышению квалификации данных специалистов.

5. Создание системы обеспечения кибербезопасности на отраслевом, региональном и общегосударственном уровнях.

Следует отметить, что полностью избежать рисков не представляется возможным, ни для какого промышленного предприятия, так как формирование и развитие цифровой экономики становится средой возникновения новых цифровых рисков и угроз. В этих условиях промышленные предприятия стремятся разработать стратегии управления рисками, способствующим идентифицировать, анализировать, оценить и управлять риски, которые являются потенциальными для данного предприятия и таким образом, минимизировать возможные потери. Управление цифровыми рисками как общая система на промышленных предприятиях находится на стадии формирования. Следовательно, руководству промышленных предприятий следует уделять особое внимание, прежде всего, вопросу выявления возможных цифровых рисков, характерных для их предприятия и принятия, соответствующих мер для снижения уровня этих рисков.

В заключении можно отметить, что предложенные нами меры по управлению цифровыми рисками промышленных предприятий способствуют повышению качества принимаемых решений, упрощают процесс идентификации потенциальных рисков, решают проблему по уведомлению всех субъектов, участвующих в реализации проекта, снижают издержки предприятия по риск-менеджменту, позволяют разработать стратегический план по предотвращению возможных рисковых событий.

**Литература**


1. Антонова, Н.Л. Планирование деятельности организации в условиях неопределенности и риска / Н.Л. Антонова, Д.О. Маджар // Наукосфера. - 2021. - №1-2. - С. 170-174.
2. Беланова, Н.Н. Оценка ключевых бизнес-рисков компаний / Н.Н. Беланова // Креативная экономика. - 2022. - №4. - С. 132-140.
3. Бердникова, Л.Ф. Функции и виды рисков, влияющих на экономическую безопасность организации в условиях цифровизации бизнеса / Л.Ф. Бердникова, Е.Б. Вокина // Вестник СамГУПС. - 2019. - №4(46). - С. 72-77.
4. Варнавский В.Г. Цифровые технологии и рост мировой экономики: верификация трендов и прогноза / В.Г. Варнавский // Друкеровский вестник. - 2020. - №3(35). - С. 5-18.

5. Горц, А. Нематериальное знание, стоимость и капитал / А. Горц. - М.: Изд. дом Гос. ун-та. Высшей школы экономики, 2018. - 208 с.
6. Стиглиц, Дж. Цена неравенства. Чем расслоение общества грозит нашему будущему / Дж. Стиглиц. - М.: ЭКСМО, 2016. - 512 с.
7. Фролов, В.Г. Формирование модели оценки и предупреждения рисков в условиях цифровизации промышленных предприятий / В.Г. Фролов, Ю.А. Сидоренко, Т.С. Мартынова // Экономика, предпринимательство и право. - 2021. - №6. - С. 154-162.
8. Хачатурян, М.В. Особенности управления рисками цифровой трансформации бизнес-процессов организации в условиях пандемии / М.В. Хачатурян // Креативная экономика - 2021. - №1. - С. 45-58.
9. Цифровые дивиденды. Доклад о мировом развитии 2016. Обзор. Вашингтон: Группа Всемирного банка. - 2016. - 58 с.
10. Юрьева, Л.В. Рискоориентированная концепция адаптации промышленных предприятий к условиям цифровой экономики: монография / Л.В. Юрьева, Е.В. Долженкова. - Нижний Тагил: НТИ (филиал) УрФУ, 2019. - 180 с.
11. Яркина, Н.Н. Концептуальность управления предпринимательскими рисками / Н.Н. Яркина // Экономическая безопасность. - 2022. - №1. - С. 77-90.

**УДК: 332.14**

## АФЗАЛИЯТҲОИ БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГӢ ДАР ИДОРАКУНИИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА

***Попов Николай Анатольевич** - н.и.и., дотсент, сардори шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Тел.: (+992) 907960096. E-mail: n.popov.tj@mail.ru*

***Сайдалиев Хусрав Амирхонович** - докторанти фалсафа (PhD)-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сурога: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Тел.: (+992) 902337373. E-mail: S.KH.A.7373@mail.ru*

*Дар мақола вобаста ба стратегияи давлатӣ дар бахши идоракунии рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа таҳқиқот бурда шудааст. Аз ҷумла, қайд шудааст, ки стратегияи рушди иқтисодиро ҳамчун фаъолияти дарозмуддате тасаввур кардан мумкин аст, ки аз муайян намудани мақсадҳо, тавсифи он ки минтақа дарояндаи дарозмуддат чӣ гуна бошад, банақшагирии чорабиниҳои кӯтоҳмуддат, ки қадамҳои аввалин барои расидан ба ҳадафи ниҳоӣ мегарданд, иборат мебошад.*

*Инчунин, дар таҳқиқоти мазкур нақши асосии банақшагирии стратегии рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа муайян карда шуда, моҳияти таҳия ва пиёдасозии он дар давраи кӯтоҳ ва дарозмуддат қайд гардидааст. Ҳангоми таҳияи стратегия мавқеъ, нақш ва вазифаи минтақаҳо дар шароити муосири хоҷагидорӣ муқаррар, афзалиятҳои стратегии рушди минтақаҳо муайян ва механизмҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва ташкили татбиқи стратегия дар муҳити нави хоҷагидорӣ асоснок карда мешаванд.*

*Дар асоси омӯзиш ва таҳлили ақидаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ муаллифон ба хулоса омадаанд, ки дар шароити иқтисоди давраи гузариш нақши асосӣ ва муҳимтарини сохторҳои давлатӣ ва мақомоти маҳаллии идоракунӣ дар чунин стартегияҳо саъю кӯшиш барои ба вуҷуд овардани шароите мебошад, ки ба ширкатҳо ва соҳибкорон дар ташкил кардани ҷойҳои кор ва афзоиши сатҳи некуаҳволӣ мусоидат менамояд. Дар ҳолати ба вуҷуд овардани фазои ҳамкориҳои шарикона байни субъектҳои давлатӣ бо соҳибкории хусусӣ афзалиятнок мебошад.*

***Калидвожаҳо**: стратегияҳои давлатӣ, банақшагирии стратегӣ, рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, мақомотҳои маҳаллии идоракунӣ, сифати зиндагӣ, идоракунии давлатӣ, минтақа, сатҳи зиндагии аҳолӣ, нишондиҳандаҳо, иқтисоди бозаргонӣ.*

## ПРЕИМУЩЕСТВА СТРАТЕГИЧЕСКОГО ПЛАНИРОВАНИЯ В УПРАВЛЕНИИ УСТОЙЧИВОГО СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНА

***Попов Николай Анатольевич** - к.и.н., доцент, начальник отдела подготовки научных и научно - педагогических кадров, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: (+992) 907960096. E-mail: n.popov.tj@mail.ru*

***Сайдалиев Хусрав Амирхонович** - докторант философии (PhD) Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: 734003, Душанбе, ул.Саид Носир 33. Тел.: (+992) 902337373. E-mail: S.KH.A.7373@mail.ru*

*В статье рассматривается государственная стратегия в управлении устойчивым социально-экономическим развитием региона. В частности, отмечается, что стратегию экономического развития можно представить как долгосрочную деятельность, которая состоит из определеных целей, описания того, каким будет регион в долгосрочной перспективе, планирования краткосрочных мероприятий, являющихся первыми шагами для достижения конечной цели.*

*Также в данном исследовании определена главная роль стратегического планирования социально-экономического развития региона, отмечена сущность его разработки и реализации в краткосрочной и долгосрочной перспективах. В ходе разработки стратегии устанавливаются положение, роль и функции регионов в современных экономических условиях, определяются стратегические приоритеты развития регионов, обосновываются экономические, финансовые и организационные механизмы реализации стратегии в новых экономических условиях.*

*На основе изучения и анализа мнений отечественных и зарубежных исследователей авторы пришли к выводу, что в условиях переходной экономики основная и важнейшая роль государственных органов и органов местного самоуправления в таких стратегиях заключается в стремлении создать условия, позволяющие компаниям и предпринимателям организовать рабочие места и повышение уровня благосостояния населения. В этом случае предпочтительнее создать атмосферу партнерства между государственными структурами и частным бизнесом.*

***Ключевые слова**: государственные стратегии, стратегическое планирование, социально-экономическое развитие, органы местного самоуправления, качество жизни, государственное управление, регион, уровень жизни населения, показатели, рыночная экономика.*

## ADVANTAGES OF STRATEGIC PLANNING IN THE MANAGEMENT OF SUSTAINABLE SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REGION

***Popov Nikolai Anatolievich** - PhD.E, Associate Professor, Head of the Department of Training Science and Scientific and Pedagogical Tajik State Financial and Economic University, 734067, Dushanbe, st. Nakhimova, 64/14, tel.: (+992) 907960096, E-mail: n.popov.tj@mail.ru*

***Saidaliev Khusrav Amirkhonovich** - doctoral student of philosophy (PhD), Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir street 33, Tel: (+992) 902337373, E-mail: S.KH.A.7373@mail.ru*

*The article discusses the state strategy in managing the sustainable socio-economic development of the region. In particular, it is noted that the economic development strategy can be represented as a long-term activity, which consists of defining goals, describing what the region will be like in the long term, planning short-term activities that are the first steps to achieve the ultimate goal.*

*Also in this study, the main role of strategic planning of the socio-economic development of the region is determined, the essence of its development and implementation in the short and long term is noted. During the development of the strategy, the position, role and functions of the regions in the current economic conditions are established, the strategic priorities for the development of the regions are determined, the economic, financial and organizational mechanisms for implementing the strategy in the new economic conditions are justified.*

*Based on the study and analysis of the opinions of domestic and foreign researchers, the author came to the conclusion that in a transitional economy, the main and most important role of state bodies and local governments in such strategies is the desire to create conditions that allow companies and entrepreneurs to organize jobs and improve welfare population. In this case, it is preferable to create an atmosphere of partnership between government agencies and private business.*

***Key words**: state strategies, strategic planning, socio-economic development, local governments, quality of life, public administration, region, standard of living of the population, indicators, market economy.*

Дар шароити муосири инкишофи тамаддуни инсонӣ, қаноатмандии мутлақи эҳтиёҷоти мавҷуда ва ҳифзи захираҳои табиӣ насли ояндаро бо мушкилоти асосӣ дар ҳама давлатҳои ҷаҳон ба миён меорад. Ҳалли ин мушкилот на танҳо кишварро, балки тамоми минтақаҳои он, ки ба принсипҳои рушди устувор дар асоси истифодаи оқилонаи захираҳо, ҳифзи муҳити атроф аз ифлосшавӣ, ҷорӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ барои нигоҳ доштани бойигарии табиии кишварро дар оянда пешбинӣ менамояд.

Дар ин замина, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кайд намудаанд: «Таъмини рушди устувори иқтисодӣ, ки барои мақсади баланд бардоштани сатҳ ва сифати ҳаёти аҳолӣ мебошад, ҳадафи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад» [1, с.23].

Дар давраи муосир рушди иқтисодӣ ҳамчун раванди банақшагирӣ ва минбаъд ба амал баровардани тадбирҳои мушаххас бо тартиби беҳтарин пайиҳам ва бо самарабахши ҳадди аксар ё хароҷоти ҳадди ақал бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ муайян карда мешавад.

Банақшагирӣ зинаи муҳим дар раванди идоракунӣ буда, мақсаду методҳо ва воситаҳои афзалиятдорро барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва системаи нишондиҳандаҳои муқаррарсозандаи чараёни корҳо ҷиҳати дастрасӣ ёфтан ба мақсадҳои гузошташударо дар худ таҷассум менамояд.




**Расми 1. Меъёр ва нишондиҳандаҳои рушди устувори минтақаҳо**
**Коркарди муаллифон**

Банақшагирӣ, аз як ҷониб, ин ҳадафгузорӣ ва ошкор сохтани роҳҳои ноил шудан ба ҳадафҳо ва аз ҷониби дигар, маҷмуи нишондиҳандаҳои ба ҳам алоқаманде мебошад, ки дуруст будани роҳи расидан ба мақсад ва чараёни ин равандро нишон медиҳад.

Банақшагирӣ бо ёрии нишондиҳандаҳо ин воситаи пиёдасозии сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат ва самти асосии таъсиррасонии он ба рафти таҳаввулоти иқтисоди бозаргонӣ мебошад.

Методи мазкур аз раванди ташаккулёбии маҷмуи нишондиҳандаҳое иборат мебошад, ки вазъият ва ҳолати рушди иқтисодии ба сиёсати иҷтимоию иқтисодии кишвар муносиб, инчунин, таҳияи фишангҳои таъсиррасони давлатиро ба равандҳои

иҷтимоию иқтисодӣ бо мақсади ноил шудан ба нишондиҳандаҳои муқаррар кардашуда нишон медиҳад. Ба сифати нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ меъёрҳое баромад мекунанд, ки тағйирёбии сохтор ва самарабахшии иқтисоди минтақавӣ, ҳолати молиявӣ, гардиши пули миллӣ, бозори мол ва хизматрасониҳо, тағйирёбии нархҳо, шуғли аҳолӣ ва сатҳи сифати зиндагонии онҳо ва монанди инҳоро нишон медиҳанд.

Вобаста ба сифат ва моҳияти он дар асарҳои олими шинохта Д.Б. Қодирзода ба таври васеъ ва муфассал бозгӯӣ шудааст. Олими мазкур қайд менамояд, ки ҷаҳони муосир ба одамони содиқ, иродаи қавии онҳо, донишмандон ва шахсони боистеъдод; ташкилотҳои қавӣ; кори машаққатталаби сермаҳсул; маҳсулоти хушнавъ ва сифати баланди зиндагӣ ниёз дорад, ки ҳамаи ин омилҳо сатҳи баланди зиндагиро таъмин менамоянд. Шарти муҳим дар рушди босубот ба гуфтаи Д.Б. Қодирзода доштани истеъдоди табиӣ ва маънавии халқ мебошад [4, с.176].

Муҳаққиқи дигари ватании ин бахш И.С. Фасеҳзода сатҳи зиндагии аҳолиро ҳамчун бозгӯи вазъи некуаҳволӣ дарк мекунад. Ба андешаи ин муҳаққиқ онро дар асоси ҳадафҳои мансуб ба сиёсати давлатие метавон муайян сохт, ки ба қонеъ кардани ниёзҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра, баланд бардоштани некуаҳволии умумии аҳолӣ, нигоҳ доштани чунин шароите, ки инсон ва табиат метавонанд ҳамзистии алоқамандро ба роҳ монанд, нигаронида шудаанд [10, с.83-84].

Дар маҷмуъ, саҳми асосии Ҷ.М. Кейнс дар такмили механизми танзими давлатии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар он мебошад, ки ӯ дар доираи назарияи талаботи самаранокӣ вазифаи танзимии андозро шарҳ дода, андозҳо ва хароҷоти давлатиро ҳамчун воситаи муҳимми таъсиррасон ба равандҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бо ҳавасманд кардани талаботи маҷмуӣ ва сафарбаркунии пасандози аҳолӣ (ки ба инвеститсияи хусусӣ табдил намеёбанд) ба иқтисодиёт ва ташаккули сармояи фаъол муайян кардааст.

Маъруфтарин поягузорон ва ҷонибдорони консепсияи неолибералии амрикоӣ Г. Стейн, А. Лаффер, М. Фелдстойн ва М. Бернс маҳсуб меёбанд. Ҷонибдорони ин назария идоракунии давлатии омиронаи равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро пешниҳод менамоянд. Муҳтавои ин консепсия дар дастгирии ҳамаҷонибаи пешниҳоди маҷмуӣ тариқи ҳавасмандгардонӣ бо низоми буҷету андоз ифода меёбад.

Банақшагирӣ ҳамчун дар пеш гузоштани мақсадҳо, вазифаҳо, муайян намудани стратегия ва роҳҳои ба амал баровардани онҳо дар асоси ба кор андохтани манбаъҳои зарурии иқтисодӣ, гузаштан аз нақшагирии директивӣ ба нақшагирӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳоро мефаҳмонад.

Стратегияи рушди иқтисодро ҳамчун фаъолияти дарозмуддате тасаввур кардан мумкин аст, ки аз муайян намудани мақсадҳо, тавсифи он ки минтақа дар ояндаи дарозмуддат чӣ гуна бошад, банақшагирии чорабиниҳои кӯтоҳмуддат, ки қадамҳои аввалин барои расидан ба ҳадафи ниҳоӣ мегарданд, иборат мебошад.

Стратегияи рушди минтақавӣ – ин усул, василаи расидан ба ҳадафҳои муайянгардида, шакли идоракунии фаъолияти хоҷагӣ ва ташкили ҳудудии ҷамъият мебошад. Интихоби дурусти стратегия имкон медиҳад, ки қувва ва манбаъҳои барои ба амал татбиқ кардани иқтидори рушди иқтисодӣ мутамарказ гардонда шавад ва ба ҳамин восита рушди самарабахши минтақаҳо дар шароити бозаргонӣ таъмин карда шавад.

Ҳангоми таҳияи стратегия мавқеъ, нақш ва вазифаи минтақаҳо дар шароити муосири хоҷагидорӣ муқаррар, афзалиятҳои стратегии рушди минтақаҳо муайян ва механизмҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва ташкили татбиқи стратегия дар муҳити нави сохторӣ асоснок карда мешаванд.

Стратегия бояд дар худ се ҷузъи асосиро дошта бошад:

- стратегия ва диди дарозмуддат, ё муҳимтарин мақсад, инчунин, барномаҳои асосии амалҳо, ки расидан ба онҳо дар давоми 15-20 соли давраи татбиқи стратегия ба нақша гирифта мешавад;

- бизнес-нақшаи миёнамуҳлати лоиҳаҳои афзалиятдор, ки бояд дар муддати банақшагирифтаи аз 3 то 5-сола ба анҷом расонида шаванд ё оғоз карда шаванд;

- нақшаи солонаи амал, ки вазифаи дар соли оянда иҷрошавандаро дар бар мегирад.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ҳамаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки тӯли панҷ соли охир шумораи корхонаҳои саноатӣ дар кишвар афзоиш ёфтааст ва ҳиссаи онҳо дар афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодии сатҳи иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ назаррас аст.

**Ҷадвали 2. - Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10535 | 12196 | 15090 | 20029 | 23894 | 27613 | 100 |
| Вилояти Хатлон | 4044,7 | 4621,2 | 5047,7 | 6753,1 | 7294,0 | 8661,1 | 31,4 |
| Вилояти Суғд | 4103,5 | 4894,2 | 7078,5 | 10066,4 | 11498,4 | 13053,6 | 47,3 |
| ВМКБ | 96,5 | 111,8 | 128,8 | 193,4 | 238,3 | 249,3 | 0,9 |
| НТҶ | 1067,9 | 1218,1 | 1373,2 | 1357,1 | 2198,5 | 2895,6 | 10,5 |
| ш. Душанбе | 1222,4 | 1350,7 | 1461,8 | 1659,0 | 2664,9 | 2753,4 | 10,0 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2020. - С. 272.

Дар шароити иқтисоди давраи гузариш нақшаи асосӣ ва муҳимтарини ташкилотҳои давлатӣ ва мақомоти маҳаллии идоракунӣ дар чунин стратегияҳо, ба ақидаи мо, саъю кӯшиш барои ба вуҷуд овардани шароите мебошад, ки ба ширкатҳо ва соҳибкорон дар ташкил кардани ҷойҳои кор ва афзоиши сатҳи некуаҳволӣ мусоидат менамояд. Дар ҳолати ба вуҷуд овардани фазои ҳамкориҳои шарикона байни субъектҳои давлатӣ бо соҳибкории хусусӣ афзалиятнок мебошад.

Гузаштан ба иқтисодиёти танзимшавандаи бозорӣ дигаргунии сифатиро дар шакл ва мазмуни банақшагирии минтақавӣ тақозо мекунад. Тағйирот дар мароми банақшагирӣ рӯй медиҳад. Дар шароити муосир банақшагирӣ аз воситаи идоракунии фаврӣ ба воситаи қабули қарорҳои стратегӣ табдил меёбад. Нақшаи дурнамо асоси таҳия сохтани сиёсати оқилонаи иқтисодӣ мегардад, ки стратегияи рушди минтақа дар он инъикос меёбад.

Мувофиқи барномаи миёнамуҳлати рушд то давраи соли 2024 зарурати ҳамасола ташкил намудани 100 ҳазор ҷойи холии маҳсулнок пеш меояд (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. - Индикаторҳои иҷтимоии СМ барои солҳои 2020-2024**

| | Номгӯи индикаторҳо | 2018 (ҳисоботӣ) | 2019 (арзёбӣ) | Пешгӯӣ | | | | | 2024 сол бо % ба соли 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| 1. | Ташкили ҷойҳои доимӣ ҳаз. ҷой | 83 | 90 | 100 | 105 | 110 | 115 | 120 | 1,3 |
| 2. | Ҳиссаи ҷойҳои корӣ ташкилшаванда дар хоҷагии қишлоқ бо % | 55 | 60 | 70 | 73 | 76 | 80 | 85 | 1,4 |
| 3. | Ҳиссаи шахсон бо маълумоти касбӣ дар байни аҳолии шуғлдошта бо % | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | 1,2 |
| 4. | Аз он ҷумла, дар байни занҳо % | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 1,25 |
| 5. | Инкишофи музди маоши воқеӣ | 11,6 | 1,0 | 10 | 15 | 17 | 20 | 22 | 22 |
| 6. | Инкишофи хароҷот ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо % | 17 | 5 | 15 | 17 | 18 | 18 | 20 | 4 |

**Сарчашма: таҳияи муаллифон.**

Дар асоси истифодаи механизмҳои таъмини рушди устувори минтақа идоракунии иқтисодиро ба самтҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

- ҷорӣ ва амалӣ намудани барномаҳои пеш аз сармоягузорӣ барои рушди устувори механизмҳои иқтисодӣ;

- таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои миллӣ, нақшаи чорабиниҳо оид ба рушди устувори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳияи нақшаҳои минтақавӣ ва барномаҳо дар самти рушди устувори субъектҳои иқтисодии минтақа;

- такмили низоми буҷет; андоз, сиёсати сармоягузорӣ дар самти таъмини рушди устувори соҳаҳои иқтисодии минтақа, рушди инфраструктура, соҳаҳои иҷтимоӣ ва ғайра;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ дар самти рушди энергетика, нақлиёт ва дигар соҳаҳои асосии иқтисодии минтақа;

- беҳтарсозии механизмҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- коҳиш додани дараҷаи ифлосшавии муҳити табиӣ, татбиқи ҷуброн ва тадбирҳои ҳифзи муҳити зист;

- фароҳам овардани шароит барои азнавсозӣ ва баланд бардоштани сатҳи идоракунии иқтисодиёт, аз ҷумла рушди соҳаи саноати коркард, соҳаҳои илмталаб ва ғайра;

- рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ҳалли мушкилоти байнисарҳадӣ, аз ҷумла, бо иштироки ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ.

Консепсия ва барномаҳои рушди стратегии минтақа, бешубҳа, ба ҳадафҳо ва вазифаҳои барои ноил шудани рушди устувори иқтисодиёти минтақа равона шудаанд (нигаред ба расми 1).




**Расми 1. Вазифаҳои асосии рушди устувори иқтисодиёти минтақа**
**Коркарди муаллифон.**

Идоракунии стратегӣ самти асосии рушди дараҷаи идоракунии соҳаҳои мухталифи минтақаро ифода менамояд. Аз ҷумла, тавассути идоракунии стратегии

иқтисодиёт ҳамаи объектҳои иҷтимоию иқтисодӣ рӯ ба рушд менамоянд: фирмаҳои тиҷоратӣ, мақомотҳои давлатӣ, вилоятҳо, шаҳрҳо.

Дар Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст, ки рушди устувори минтақаҳои ҷумҳурӣ яке аз мақсадҳои муҳимтарини стратегии сиёсати давлатӣ буда, дастрасӣ ба он имконият медиҳад, ки бехатарии озуқаворecho мамлакат, рақобатпазирии иқтисод ва некуаҳволии аҳолӣ баланд бардошта шавад [3].

Дар раванди таҳия ва татбиқи стратегияи рушди минтақа баҳо додан ба дараҷаи ноил шудан ба рушди устувори минтақавӣ хеле мусоид аст, зеро ҳангоми татбиқи барномаҳо натиҷаҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ, ки дар онҳо муайян карда мешаванд, назорат карда мешаванд.

Ба ақидаи олими рус В.В. Добринин, танзими давлатӣ фарогири «... низоми фишангҳо ва ҳавасмандгардонии иқтисодӣ мебошад, ки тавассути он давлат ба рушди иқтисодӣ таъсир мерасонад. Барои идоракунии равандҳои дар ҷомеа рухдода институтҳои давлатиро ба вуҷуд меорад, ки фаъолияти бонизоми онҳо нигоҳ доштани тавозуни дурусти механизмҳои бозор ва вазифаҳои иқтисодии давлатро фаро мегирад» [2, с.402].

Таъмини рушди устувори иқтисодии минтақа ниҳоят муҳим аст, зеро нигоҳ доштани мувозинати муътадили низоми иҷтимоию иқтисодӣ кафолати амният, субот ва эътимоднокӣ, рушди субъекти иқтисодии минтақа ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо бе фароҳам овардани заминаи устувори илмӣ ва таъминоти методии низомҳои идоракунии рушди устувори иқтисоди минтақа бо асосноккунии фаъолиятҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҳама сатҳҳо ғайриимкон аст.

Боиси қайд аст, ки низоми минтақавӣ, аз як тараф, аз уҳдаи таъсиррасонии бевосита ба омилҳои берунӣ намебарояд. Аз ин бармеояд, ки низоми минтақавӣ бояд ба онҳо мутобиқ шавад. Аз тарафи дигар, низоми минтақавӣ имконият дорад, ки омилҳои дохилиро идора кунад, ба монанди муҳити зист (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, инноватсионӣ, ҳуқуқӣ ва экологӣ). Ҳамин тариқ, низоми минтақавӣ бо таъсири омилҳои дохилӣ устувории рушди иқтисоди минтақаро идора мекунад.

Зарурати рушди устувор бо шаклҳои зуҳури он муайян карда мешавад (ниг. расми 2).




**Расми 2. Шаклҳои зуҳури рушди устувории минтақа**
**Сарчашма: Коркарди муаллифон**

Рушди устувор пайдо кардани низоми минтақавиро дар мувозинати динамикӣ дар назар дорад, ки бо маҷмуи нишондиҳандаҳои ҳам миқдорӣ ва ҳам сифатӣ муайян карда мешавад. Рушди устувори иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон,

таъмини рушди динамикӣ ва мутавозини он тавассути беҳтарсозии сиёсати минтақавӣ, дарёфти таносуби минтақавии раванди такрористеҳсол таъмин карда мешавад.

**Адабиёт**


1. Бунёди давлатдории навин. - Москва: Радуница, 2002. – 414 с.
2. Добрынин, В.А. Актуальные проблемы экономики и АПК / В.А. Добрынин. - М.: Издательство МСХА, 1996. – 402 с.
3. Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №658.
4. Қодирзода, Д.Б. Таҷрибаи рушди хоҷагии қишлоқ дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ / Д.Б. Қодирзода, С.М. Собирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - №9. - С. 176-182.
5. Исайнов, Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ. Китоби дарсӣ / Ҳ.Р. Исайнов. - Душанбе: «Ирфон», 2018. – 255 с.
6. Назаров, Т.Н. Об идеологии развития Таджикистана / Т.Н. Назаров // Материалы семинара «Проблемы выживания и устойчивого развития Таджикистана». - Душанбе, 1996. - С. 35-37.
7. Нуриддин, К. Экономическая безопасность Таджикистана: угрозы и их предотвращение / К. Нуриддин // Материалы научно-практической конференции «Угрозы экономической безопасности Республики Таджикистан». – Душанбе, 2007. - С.11-18.
8. Солехзода, А.А. Стратегические аспекты обеспечения продовольственной безопасности в Таджикистане / А.А. Солехзода, И.С. Фасехзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2018. - №3. - С. 3-8.
9. Сайдалиев, Х.А. Бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва тамоюлҳои рушд / Х.А. Сайдалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ. - 2019. - №5. – С.94-99.
10. Фасеҳзода, И.С. Моҳияти механизми иқтисодии хоҷагидорӣ ва таҳаввулоти он дар рушди босуботи иқтисодӣ / И.С. Фасеҳзода, А.С. Назарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - №7. – С. 83-89.


**УДК: 330.322.1**

## ҶОЛИБИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ: МОҲИЯТ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ БАҲОДИИ ОН

***Хоҷазода Давронҷон Қурбоналӣ*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. E-mail: d.hojaev86@mail.ru. Телефон: (+992) 918-41-81-11.*

*Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявии ҷолибияти сармоягузорӣ ва методологияи баҳодиҳии он мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф бар он назар аст, ки солҳои охир фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷалби сармояи хориҷӣ мусоидат намуда, тамоюли болоравиро ба худ касб намудааст. Ҳамзамон, ҳиссаи сармоягузориҳо ба иншооти истеҳсолӣ дар солҳои охир афзоиш ёфтааст. Ин асосан аз афзоиши сармоягузориҳо дар иншоотҳои саноатӣ, аз ҷумла корхонаҳои шаклҳои гуногун дар соҳаҳои саноат, энергетика, кишоварзӣ, нақлиёт ва ғайра мебошад. Бо вуҷуди ин, муаллиф қайд мекунад, ки новобаста аз тамоюли умумии афзоиш, ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди Тоҷикистон бо назардошти зарфиятҳои мавҷуда қонеъкунанда нест. Аз ин рӯ, зарурати барномаи маҷмуӣ оид ба ҳавасмандгардонии сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба иқтисодиёти кишварро тавсия медиҳад.*

*Дар қисмати хулосавии мақола муаллиф якчанд тадбирҳоро ҷиҳати баҳодиҳии фазои сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ пешниҳод менамояд, ки онҳо аз беҳбуд бахшидани фазои*

*сармоягузории кишвар, такмили заминаи қонунгузорӣ, рушди инфрасохтори бозор, тақвияти фаъолияти бозори коғазҳои қиматнок, таҳияи муҳити рақобатбахш иборат мебошанд.*

***Калидвожаҳо**: иқтисодиёт, сармоягузорӣ, сармояи хориҷӣ, фазои сармоягузорӣ, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ, ҷуғрофияи сармоягузорӣ, бозори коғазҳои қиматнок, баҳодиҳӣ, рақобат, инфрасохтори бозор, сармоягузории портфелӣ.*

## ИНВЕСТИЦИОННАЯ ПРИВЛЕКАТЕЛЬНОСТЬ: СУЩНОСТЬ И МЕТОДОЛОГИЯ ЕЕ ОЦЕНКИ

***Ходжазода Давронджон Курбонали** - кандидат экономических наук, доцент, декан факультета менеджмента и экономического права Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова, 64/14. Телефон: (+992) 918-41-81-11. E-mail: d.hojaev86@mail.ru.*

*В данной статье изучены теоретические аспекты инвестиционной привлекательности и методика ее оценки. В статье автор констатирует, что в последние годы инвестиционная среда в Республике Таджикистан способствовала привлечению иностранного капитала и приобрела тенденцию роста. В то же время в статье отмечается, что в последние годы увеличилась доля инвестиций в производственные мощности. В основном это связано с увеличением инвестиций в объекты промышленности, в том числе предприятий различного профиля в сферах промышленности, энергетики, сельского хозяйства, транспорта и др.*

*Однако автор отмечает, что, несмотря на общую тенденцию роста, привлечение иностранного капитала в экономику Таджикистана не является удовлетворительным с учетом имеющихся возможностей.*

*В заключительной части статьи автор предлагает ряд мер по оценке инвестиционного климата и привлечению иностранного капитала, к которым относятся улучшение инвестиционной среды страны, совершенствование законодательной базы, развитие рыночной инфраструктуры, укрепление рынка ценных бумаг, развитие конкурентной среды.*

***Ключевые слова:** экономика, инвестиции, иностранный капитал, инвестиционный климат, валовой внутренний продукт, инвестиционная привлекательность, география инвестиций, фондовый рынок, стоимостная оценка, конкуренция, рыночная инфраструктура, портфельные инвестиции.*

## INVESTMENT ATTRACTIVENESS: THE ESSENCE AND METHODOLOGY OF ITS ASSESSMENT

***Khojazoda Davronjon Kurbonali** - Candidate of Economic Sciences, Docent, Associate Professor, Dean of the Faculty of Management and Financial Law of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. E-mail: d.hojaev86@mail.ru. Phone: (+992) 918-41-81-11*

*This article examines the theoretical aspects of investment attractiveness and the methodology for its assessment. In the article, the author states that in recent years, the investment environment in the Republic of Tajikistan has contributed to attracting foreign capital and has acquired a growth trend. At the same time, the article notes that in recent years the share of investments in production capacities has increased. This is mainly due to an increase in investment in industrial facilities, including enterprises of various profiles in the fields of industry, energy, agriculture, transport, etc.*

*However, the author notes that, despite the general trend of growth, the attraction of foreign capital to the Tajik economy is not satisfactory, given the available opportunities.*

*In the final part of the article, the author proposes a number of measures to assess the investment climate and attract foreign capital, which include improving the country's investment environment, improving the legislative framework, developing market infrastructure, strengthening the securities market, developing a competitive environment, and so on.*

***Key words:** economy, investment, foreign capital, investment climate, gross domestic product, investment attractiveness, investment geography, stock market, valuation, competition, market infrastructure, portfolio investment.*

Айни замон яке аз муҳимтарин самти рушди иқтисодиёти муосири ҷаҳониро равандҳои сармоягузорӣ ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, ҷанбаи муҳимми

ҷолибияти сармоягузорӣ, омӯзиши мафҳуми сармоягузорӣ ва методологияи баҳодиҳии он мебошад. Барои ба даст овардани тасвири ҳамаҷониба оид ба мафҳуми "ҷолибияти сармоягузорӣ", онро аз нуқтаҳои назари гуногун таҳлил намудан лозим аст.

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ мафҳуми "ҷолибияти сармоягузорӣ" гуногун маънидод карда мешавад. Аз ҷумла, Л.Н. Чечевитсина ва И.Н. Чуев таърифи зерини ҷолибияти сармоягузориро пешниҳод намудаанд: "Ҷолибияти сармоягузорӣ – ин шароите, ки давлат ва ширкатҳо барои сармоягузорӣ, кафолат ва фазои сармоягузорӣ фароҳам овардаанд, мебошад" [10, с.83].

С.К. Шветс бошад, қайд менамояд: "Ҷолибияти сармоягузорӣ - ин маҷмуи хусусиятҳои гуногуни объективӣ, воситаҳо, имконот ва маҳдудиятҳое мебошад, ки алоқамандии ҷалби сармояро ба воситаҳои асосии корхона муайян мекунад" [11, с.260].

Бисёре аз иқтисодчиёни ватанӣ, аз ҷумла, Н.К. Каюмов, Ҳ.У. Умаров ва дигарон ба он мувофиқанд, ки муҳити ҷолиб барои сармоягузорӣ ба ду ҷузъи асосӣ вобастааст: иқтидори сармоягузории минтақа ва хавфҳои сармоягузорӣ. Ҷузъи аввал бо нишондиҳандаҳои калидии макроиқтисодӣ, ба монанди ҳаҷм ва суръати афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД), даромади миллӣ, сиёсати сармоягузорӣ, сохтори иқтисодиёт, мавқеъгирии фазои сармоягузорӣ бо омилҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла, захираҳо, ашёи хом, меҳнат ва воситаҳои пулӣ муайян карда мешавад.

Қисмати дуюм, сатҳи даромад ё хавфҳои эҳтимолии сармоягузориро нишон медиҳад, ки вобаста ба минтақа бо омилҳои умумии иқтисодӣ, молиявӣ ва асъорӣ, аз ҷумла хатари коҳиши сармоягузорӣ, тамоюли рушди иқтисодӣ ва буҷаи номутавозини минтақаҳо, инчунин, вазъи молиявии ширкатҳо муайян карда мешавад [3, с.2]. Дар баробари ин, набояд омилҳои сиёсиро, аз қабили ҳамраъйии сокинон дар асоси таҳлили натиҷаҳои интихоботи маҳаллӣ, қонунияти мақомоти маҳаллӣ, қонунгузории иҷтимоӣ, экологӣ, ҷиноӣ ва ғайраро фаромӯш кард.

Ҷолибияти сармоягузориро аз ҷиҳати иқтисодӣ дақиқтар олимон О. Казакова ва Л. Валинурова пешниҳод намудаанд, ки фаҳмиши худро оид ба ин истилоҳ таҳия кардаанд. Онҳо қайд менамоянд: «Ҷолибияти сармоягузорӣ - ин маҷмуи аломатҳои объективӣ, хосиятҳо, воситаҳо ва имкониятҳои объективӣ, ки талаботи эҳтимолии пардохтпазириро ба сармоягузорӣ муайян мекунанд, мебошад" [2, с.153].

М. Тошматов бошад, қайд менамояд: "Нишондиҳандаи воқеии ҷолибияти сармоягузории соҳаҳои алоҳида ва тамоми иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, сармоягузории дохилӣ бояд бошад". Аммо набояд фаромӯш кард, ки дар ин марҳилаи рушд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба захираҳои молиявӣ эҳтиёҷ дорад ва онҳо дар дохили кишвар маҳдуд мебошанд, мо бе сармояи хориҷӣ наметавонем ба натиҷаҳои зарурӣ ноил гардем. Зеро сармоягузории хориҷӣ барои истифодаи самарабахши неруи истеҳсолии мавҷуда, гузариш ба сарфаи энергия ва технологияҳои баланд, модернизатсияи ҳамаҷониба ва ташкили фондҳои нави истеҳсолӣ, пур кардани сармояи дохилии корхонаҳои ватанӣ барои рушди дарозмуддат зарур мебошад [7, с.1].

Воқеан, таҳқиқоти солҳои охир нишон медиҳад, ки чараёни васеи сармоягузории хориҷӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт яке аз шартҳои муайянкунандаи рушди босуръати индустриалӣ ва инноватсионии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст. Бо дарназардошти воқеият, ки сармоягузории дохилӣ дар айни замон талаботи афзояндаи дохилиро ба захираҳои сармоягузорӣ қонеъ гардонида наметавонад, ҷалби сармояи хориҷӣ аҳаммияти калон дорад [8, с.183]. Ин аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар дар соли 2021 зарурати ҷалби сармояи хориҷиро иброз дошта, чунин қайд намуданд: "…Беҳтар гардонидани фазои

сармоягузориву соҳибкорӣ ва ҷалби сармояи мустақим барои таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии мо ба ҳисоб меравад” [4, с.5]. Ҳамзамон, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъкид шудааст, ки беҳтар намудани муҳити фаъолияти сармоягузорони хориҷию дохилӣ, ки ҳамчун самара ба имкониятҳои иловагии буҷет таъсир мерасонад, чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Сарчашмаи муҳимми рушди барномавии кишвар дастгирии инвеститсионии шарикони рушд, сарчашмаи муҳимми дигар маблағҳои ташкилотҳои гуногунҷабҳа ба ҳисоб меравад. Ҳаҷми дурнамои воситаҳо барои 15 соли минбаъда (2015-2030) аз рӯйи ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузории дар стратегияи мазкур пешбинишуда беш аз 118,1 млрд доллари ИМА-ро ташкил медиҳад [6, с.26].

Бо ҷамъбасти таҳлили нуқтаи назари олимони мухталиф дар адабиёти иқтисодии мавҷуда роҷеъ ба моҳияти ҷолибияти сармоягузорӣ, қайд мекунем, ки новобаста аз шаклҳои гуногуни тафсири моҳияти иқтисодии ин мафҳум, дар аксари ҳолатҳо, таърифи мазкур барои арзёбии иқтисодӣ ва мувофиқи мақсад будани сармоягузорӣ дар ин ё он корхона истифода мешавад. Дар ин ҳолат, алтернативаи мавҷудаи сармоягузорӣ ҳамеша ба назар гирифта мешавад.

Ҳамин тариқ, ҷолибияти сармоягузорӣ, ба ақидаи мо, маҷмуи омилҳои мураккаби иқтисодие мебошад, ки бо баҳодиҳии иқтидори сармоягузорӣ ва хавфи сармоягузорӣ, сохтори сармоя, шакли идоракунӣ, сатҳи талабот ба маҳсулот ва рақобатпазирии он, инчунин, дараҷаи ҷолибияти сармоягузории кишварҳо, минтақаҳо ва соҳаҳо вобастагӣ дорад.

Арзёбии ҷолибияти сармоягузории кишварҳо яке аз ҳадафҳои асосии ҳар як сармоягузор ба ҳисоб меравад, ки натиҷаҳои минбаъдаро дар маҷмуъ барои иқтисодиёти миллии давлати қабулкунандаи сармоя муайян менамояд. Дар баробари ин, сармоягузор қарорҳои мушаххасро дар асоси таҷриба, натиҷаҳои омӯзиши муҳити сармоягузории давлат, минтақа ва ё корхона, ки аз ҷониби коршиносон баҳо дода шудааст, қабул менамояд.

Қобили қайд аст, ки дар доираи консепсияҳои мавҷуда оид ба арзёбии ҷолибияти сармоягузории кишварҳо, як қатор равишҳоро ҷудо кардан мумкин аст, ки барои баҳодиҳии омилҳо ва самтҳои фаъолсозии субъектҳои сармоягузорӣ истифода мешаванд. Онҳоро метавон дар маҷмуъ ба равишҳои зерин ҷудо намуд:

- равишҳои иқтисодӣ ва математикӣ;
- усули баҳодиҳии коршиносон;
- усули таҳлили омилҳо.

Ба гурӯҳи аввал, намудҳои таҳлил ва методҳои зерин ба монанди коррелатсионӣ, фарқият, моделсозии математикӣ, тавозуни байнисоҳавӣ ва ғайра дохил мешаванд. Ҳангоми арзёбии ҷолибияти сармоягузории минтақаи интихобшуда, бояд ҳатман омилҳои зерин ба монанди иқтидори сармоягузорӣ ва хавфи сармоягузориҳо ба назар гирифта шавад.

Қайд кардан муҳим аст, ки дар мавриди баҳодиҳии иқтидори сармоягузории кишвари қабулкунанда (давлати қабулкунанда), як қатор омилҳои объективиро, ки барои татбиқи ташаббусҳои сармоягузорӣ бо мақсади истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазир, шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва иқлимӣ дар кишвар аҳаммияти бузург доранд, ба назар бояд гирифт. Ин омилҳои асосиро, инчунин, метавон ба таври зайл гурӯҳбандӣ намуд:

- омилҳои иқлимӣ, ки иқтидори иқтисодӣ ва ҷуғрофиро дар бар мегиранд, бо ҷойгоҳҳои нақлиётӣ ва ҷуғрофӣ тавсиф меёбанд, аз ҷумла қобилияти гузариш, тавсиф ва фаъолнокии хатҳои алоқа, ҷойгиршавии ашёи хом ва пойгоҳҳои хӯрокворӣ;
- омилҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ, ки иқтидори минтақаҳои истироҳатӣ ва минтақаҳои сайёҳиро доранд;

- омили иқтидорӣ, ки иқтидори соҳаҳои нав ва модернизатсияи объектҳои мавҷударо ифода мекунад;

- омили демографӣ, ки шумораи синну сол ва хусусиятҳои ҷинсии аҳолиро муайян мекунад. Ин, инчунин, сатҳи афзоиши табиии аҳолӣ, муҳоҷиратро дар бар мегирад;

- омили инноватсионӣ, яъне шумора ва ихтисоси мутахассисоне, ки дар таҳия ва таҳқиқот ҷалб карда шудаанд, андозаи фондҳои илмӣ, сифат ва андозаи илмҳои бунёдӣ, намудҳои марказҳои илмӣ вобаста аз шакли моликият;

- захираҳои меҳнатӣ, ки таркиби неруи инсонӣ чунин нишондиҳандаҳои калидиро, ба монанди таҳсилот, ихтисос ва касб вобаста ба ихтисосҳо ва бахшҳои иқтисодиёти миллӣ дар назар доранд;

- омилҳои истеҳсолӣ, ки ҳаҷм ва сохтори истеҳсолот ва моликият, ҳолати фонди мавҷударо муайян мекунанд;

- инфрасохтори иҷтимоӣ, ки ҷузъи фарҳангӣ, муҳандисӣ ва маиширо дар бар мегирад, иҷрои омилҳои дар боло зикршударо таъмин мекунад [9, с.48].

Яке аз усулҳои маъмултарини баҳодиҳии ҷолибияти сармоягузорӣ ин усули баҳодиҳии коршинос мебошад. Бартарии асосии он аз истифодаи коршинос, бар замми маълумотҳои оморӣ ва нишондиҳандаҳои вақт, инчунин, аз иттилооти хусусиятҳои сифатидошта иборат аст.

Дар омӯзиши муҳити сармоягузории кишвари қабулкунанда хавфи баҳодиҳии он нақши муҳим дорад, зеро нишон медиҳад, ки оё кишвари қабулкунанда метавонад сари вақт уҳдадориҳои худро дар назди сармоягузорони хориҷӣ иҷро намояд? Дар баробари ин, хавфи ғайритиҷоратӣ низ вуҷуд дорад, ки аз омилҳои дохилӣ ва берунии иқтисодиёти кишвар вобастагӣ дорад.

Афзоиши ҷолибияти сармоягузорӣ дар саросари ҷаҳон тавассути сафарбаркунӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва табиии афзоиши маҳсулнокӣ, такмили фаъолияти тиҷорат дар натиҷаи рақобати солим ва инчунин, кам кардани хатарҳо ба даст оварда мешавад. Баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ тавассути таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноке, ки аз ҳисоби буҷаҳои гуногун ташаккул меёбанд, муҳим мебошад. Дар баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои нисбатан дарозмуҳлати сармоягузорӣ нақши муҳимро мебозад. Дар баробари ин, дастгирии молиявии соҳаҳои таҳқиқотталаб ва баландтехнологӣ, ҳавасмандгардонии тиҷорати хурду миёна низ муҳим мебошад. Зеро корхонаҳои ин сатҳ, ки дар созмон додани ҷойҳои кории нав нақши арзанда мегузоранд, ба ҳавасмандгардонӣ дар шакли имтиёзҳои андозию гумрукӣ ниёз доранд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҷолибияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чӣ тавре ки таҳлили гузаронидашуда (ниг. ҷадвали 1) нишон медиҳад, дар маҷмуъ, тамоюлҳои мусбатро ба худ касб намудааст. Масалан, соли 2021 шумораи корхонаҳои бо саҳми сармояи хориҷӣ фаъолияткунанда ба 400 расидааст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2012 ҳамагӣ 158 ададро ташкил медод, ки дар натиҷа, ҳаҷми сармояҳои пасандозшуда дар ин давра зиёда аз 45,5% афзудааст. Дар барорбари ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар пасманзари буҳрони ҷаҳонии молиявӣ, ки дар соли 2020 вобаста ба бемории ҳамаро фарогири COVID-19 ба вуҷуд омад, боиси коҳиши ҳаҷми сармоягузорӣ дар тамоми ҷаҳон гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қисми ҷудонопазири ин равандҳо мебошад, буҳрони бавуҷудомада дар самти ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти мо низ таъсири мусбӣ расонид.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар соли 2020 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 162,5 млн дол. ИМА ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли

2019 (345,9 млн дол. ИМА) 183,4 млн дол. ИМА кам мебошад. Бояд гуфт, ки барои рафъи сабабҳои коҳиши воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар кишвар сиёсати беҳбудбахшии фазои сармоягузорӣ андешида шуд, ки дар натиҷа соли 2021 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 342,5 млн дол. ИМА сармояи мустақими хориҷӣ ворид гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 (162,5 млн дол. ИМА) 180 млн дол. ИМА зиёд мебошад [12, с.1].

**Ҷадвали 1. - Пӯёи ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2012-2021 (млн долл. ИМА)**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2012 | 2014 | 2016 | 2018 | 2020 | 2021 | 2021 нисбат ба 2012 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Шумораи корхонаҳои бо саҳм сармояи хориҷӣ фаъолияткунанда | 158 | 190 | 266 | 349 | 381 | 400 | 39 (рушд) |
| 2. | Сармоягузории мустақим | 391,3 | 377,4 | 434,2 | 326,8 | 162,5 | 342,2 | 8,7 (коҳиш) |
| 3. | Дигар сармоягузориҳо | 355 | 530,4 | 408,4 | 317,7 | 265,9 | 376,0 | 10,5 (рушд) |

***Сарчашма:*** *Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ: маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. - С.371-372. Маълумоти омории Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (электронӣ: санаи дархост 11.10.2022) https://investcom.tj/tj/sarmoya/faolijati-sarmojaguzor/27-omori-sarmojaguzorii-hori.html*

Қобили қайд аст, ки ҳиссаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва дигар сармоягузориҳо ба иқтисодиёти кишвар дар тӯли 10 сол (2012-2021) мутаносибан 44,2 ва 51,1%-ро ташкил медиҳад. Таносуби сармоягузориҳои мустақим ва дигар намуди сармоягузориҳо, яъне қарзи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар ҷавобгӯи манфиатҳои миллӣ нест, зеро он ба зиёд шудани ҳаҷми қарзи берунаи давлатӣ оварда мерасонад. Дар муқоиса бо онҳо, ҳиссаи сармоягузориҳои портфелӣ дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳои хориҷӣ хеле кам буда, - 3,2%,-ро ташкил медиҳад ва гувоҳӣ аз он аст, ки иқтисодиёти дохилии мо ҳоло бо бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ, хусусан бо биржаҳои фондӣ робитаи мустаҳкам надорад [5, с.70].

Ҳамин тариқ, метавон қайд кард, ки мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми гардиши байналмилалии сармоягузории мустақими хориҷӣ чандон зиёд нест. Аз ин рӯ, ҷиҳати баланд бардоштани мавқеи давлат дар гардиши байналмилалии сармоягузории мустақими хориҷӣ ва зиёд ҷалб намудани он ба иқтисодиёти кишвар, беҳсозии фазои сармоягузорӣ муҳим мебошад. Дар ин ҷо, пеш аз ҳама, бояд кор дар самти рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ вусъат дода шавад. Таҳлили ҷараёни сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёт нишон медиҳад, ки сарфи назар аз тамоюлҳои мусбии ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, кишвар дар низоми гардиши сармоягузории байналмилалӣ саҳми ночизро доро мебошад. Воридшавӣ ва ҷамъшавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ бо диверсификатсияи пасти ҷуғрофӣ ва соҳавӣ хос буда, барои навсозии низоми иқтисодӣ ва ислоҳоти соҳавии кишвар дар низоми савдои байналмилалӣ мусоидаткунанда намебошад.

Дар шароити иқтисодиёти хурди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш додани сармоягузорӣ ба соҳаи саноат дар низоми сармоягузории кишвар бояд дарояндаи наздик мавқеи марказиро ба худ касб намояд. Зеро ҳанӯз захираҳои зиёди истифоданашуда, ки иқтидори бузург доранд, дар кишварамон мавҷуд мебошанд. Бо вуҷуди ин, ба ҳамагон маълум аст, ки соҳаи истеҳсолот барои рушди иқтисодиёт, таъмини ҷойҳои нави корӣ, баланд шудани даромаднокии аҳолӣ ва боло бурдани сатҳи зиндагӣ мусоидаткунанда мебошад.

Ҷараёни ҷаҳонишавии иқтисодиёт нишон медиҳад, ки сармояи хориҷӣ дар қатори тиҷорати байналмилалии молу хадамот, дар рушди иқтисодиёт нақши муассир дорад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар шароити муосир, рушди устувори

иқтисодиро бе иштироки самаранок дар равандҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла бе ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Дар гузориши UNCTAD (Созмони Милали Муттаҳид оид ба тиҷорат ва рушд) қайд шудааст, ки танҳо номуайянии сиёсати соҳавӣ, тағйирот дар сиёсати андозӣ метавонад ба ҷараёни сармоягузории байналмилалӣ таъсири ҷиддӣ расонад ва гардиши онро коҳиш диҳад [1, с.17]. Чунин тавсияҳои институтсионалӣ барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иқтисодиёти хурди кушод, ки дар он ислоҳоти институтсионалӣ механизми асосии ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ мебошад, комилан қобили қабул мебошад.

Дар ҳоли ҳозир фазои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нигоҳи сармоягузорони хориҷӣ бо он имкониятҳои бузурги табиию иқлимӣ, ки дар кишварамон мавҷуд аст, иқтидори воқеии сармоягузории кишварро нишон намедиҳад. Аз ин рӯ, таҳияи маҷмуи тадбирҳое, ки бевосита ба мусоид шудани фазои сармоягузории кишвар алоқаманд бошад, ба мақсад мувофиқ аст. Талошҳои ниҳодҳои давлат, ки марбут ба ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ мебошанд, бояд барои бартараф намудани монеаҳои сунъӣ ва сохторӣ дар ин самт равона карда шаванд. Ҳамзамон, коҳиш додани гаронии андоз, такмили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар самти идоракунии корпоративӣ бо мақсади қавӣ намудани ҳимояи ҳуқуқи саҳмдорон низ дар ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ муҳиммияти хосса дорад.

Диққати махсус зоҳир намудан ба рушди муҳити рақобат, ҷорӣ намудани низоми инноватсионии идоракунии истеҳсолот ва хизматрасонӣ муҳим мебошад. Иштирок дар лоиҳаҳои инфрасохтори байналмилалӣ ва минтақавии истеҳсолӣ ва такмили инфрасохтори иқтисоди бозорӣ яке аз механизми муҳимми беҳсозии фазои сармоягузории кишвар мебошад. Ин ва дигар вазифаҳо бояд бо назардошти риояи манфиатҳои миллӣ дар шароити ҳамгироии бозори захираҳои сармоягузорӣ ба амал бароварда шаванд.

Ба ақидаи мо, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии воридоти сармоя ва боз ҳам ҷолибтар гардонидани фазои сармоягузории кишвар, барномаи маҷмуӣ оид ба ҳавасмандгардонии сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар таҳия ва қабул карда шуда, ҳангоми амалисозии он ба дастгирии давлатии сармоягузориҳои хусусӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардан зарур аст.

**Адабиёт**


1. Доклад о мировых инвестициях за 2020 год. Инвестиции и цифровая экономика (издание Организации Объединенных Наций, в продаже под №E.17.II.D.3) [Электронный ресурс]. URL https://unctad.org/en/Pu blicationsLibrary/wir2020_overview_ru.pdf (дата обращения 11. 04. 2022)
2. Ильина С.А. Сущность категории «инвестиционный климат» и категории «инвестиционная привлекательность» / С.А. Ильина // Молодой ученый. - 2012. - №5. - С. 153-157. - [Электронный ресурс] URL https://moluch.ru/archive/40/4862/ (дата обращения: 22.10.2022).
3. Каюмов Н.К. Ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва робитаҳои иқтисодии хориҷии Тоҷикистон / Н.К. Каюмов, Х.У. Умаров. - Душанбе: Деваштич, 2005. – 192с.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». – Душанбе, 26.01.2021
5. Сафаров Б.Г. Формирование механизма привлечения прямых иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан / Б.Г. Сафаров, Д.К. Ходжаев // Вестник Таджикского университета коммерции. Серия экономических наук и бизнеса. – 2019. - №2 (27). - С.70-78.
6. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 98с.
7. Тошматов М.Н. Повышение инвестиционной привлекательности - стратегическая задача государства [Электронный ресурс] URL:

http://www.mts.tj/index.php?option=com_content&view= article&id=479%3A2013-12-09-05-19-27&catid=106%3A2013-05-27-06-16-28&Itemid=139&lang=ru (дата обращения 11. 05. 2022)
8. Хоҷазода Д.Қ. Таҳлили сохтори сармояи мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Д.Қ. Хоҷазода // Паёми молия ва иқтисод. - 2022. - №1 (30). - С.183-190.
9. Ходжаев Д.К. Региональная интеграция и ее влияние на инвестиционные процессы в Республике Таджикистан: теория и практика: монография / Д.К. Ходжаев. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 148 с.
10. Чечевицына Л.Н. Анализ финансово-хозяйственной деятельности: учебник. - 3-е изд. / Л.Н. Чечевицына, И.Н. Чуев. – Ростов н/Д.: Феникс, 2008. – 382 с.
11. Швец С.К. Анализ инвестиционного климата страны-реципиента при прямых зарубежных инвестициях / С.К. Швец // Материалы международной конференции «Инновационные механизмы в деятельности организации. Таможенный союз: проблемы и перспективы». – М., 2011.- С. 260-275.
12. Маълумоти омории Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ] URL: https://investcom.tj/tj/sarmoya/faolijati-sarmojaguzor/27-omori-sarmojaguzorii-hori.html (санаи муроҷиат: 20.01.2023 с.)

**УДК: 336.02**

# ТАНЗИМИ МОЛИЯВИИ ТАРАҚҚИЁТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАҲО

***Тӯхтаев Тӯхтабой Муқимович*** *– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва қарзи факултети молияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1. Тел.: +992927755704. E-mail: ttukhtaev@mail.ru*

***Мирзобобоев Фазлидин Абдумаҷитович*** *– унвонҷӯи кафедраи кори бонкии факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1. Телефон: 111213155. Email: fmirzoboboev@mail.ru*

*Дар мақола мафҳумҳое, ки раванди дарки нақшу мақоми танзими молиявиро дар тараққиёти минтақавӣ таъмин мекунанд, баррасӣ шудаанд. Таваҷҷуҳи хосса ба тавсифи аҳаммияти танзими молиявию фискалии муосир дар амалигардонии неруи тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа равона гардидааст. Шарҳи мафҳумҳои танзими молиявӣ дар таҳкиму тараққиёти неруи инвеститсионии мамлакат ва минтақа ба тариқи баёни илмӣ оварда шудааст. Услубҳои маъмули дарки илмии мафҳумҳои бонизоми хусусияту вижагиҳои танзими молиявӣ баррасӣ гаштаанд. Дар ин замина, тасаввури схемавии гурӯҳбандии унсурҳои танзими молиявии муосири тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа кор карда баромада шудааст, ки тавассути он робитаи мутақобилаи байни объектҳо ва субъектҳои танзими молиявӣ аз назари таъмини мутавозинии макроиқтисодии маҷмуавӣ муайян карда шудааст. Гурӯҳи омилҳое, ки ба таъмини устувории танзими молиявии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Тоҷикистон мусоидат мекунанд, муайян карда шудааст. Ҳамзамон, проблемаҳои асосии танзими молиявии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо муайян карда шудааст. Дар ин замина, амалигардонии як қатор тадбирҳо барои тараққиёти минбаъдаи танзими молиявии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо пешниҳод карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *танзими молиявӣ, танзими фискалӣ, низоми молиявӣ, тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа, унсурҳои танзими молиявӣ, объектҳои танзим, субъектҳои танзим.*

# ФИНАНСОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНОВ

***Тухтаев Тухтабой Мукимович*** *– кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой финансов и кредита факультета финансов Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, мкр. 17, дом 1. Телефон: 927755704. E-mail: ttukhtaev@mail.ru*

***Мирзобобоев Фазлидин Абдумаджитович*** *– соискатель кафедры банковского дела экономического факультета Худжандского государственного университета им. академика Бободжона Гафурова. Адрес:. 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, мкр. 17, дом 1. Телефон: 111213155. E-mail: fmirzoboboev@mail.ru*

*В статье рассматриваются основные понятия, опосредующие процесс понимания роли и места финансового регулирования в региональном развитии. Основной упор сделан на интерпретацию значения современного финансового и фискального регулирования в реализации потенциала социально-экономического развития в региональных масштабах. Проведён обзор понятий финансового регулирования в укреплении и развитии инвестиционного потенциала страны и региона. Рассмотрены популярные подходы к системному определению свойств и особенностей финансового регулирования. На этой базе разработано схематическое представление группировки элементов современного финансового регулирования социально-экономического развития регионов, благодаря чему выявлены взаимосвязь и взаимозависимость объектов и субъектов финансового регулирования, исходя из соображений обеспечения комплексного макроэкономического равновесия. Выявлена группа факторов, благоприятствующих устойчивости финансового регулирования социально-экономического развития регионов Таджикистана. Также выявлены основные проблемы финансового регулирования социально-экономического развития регионов. Предложены ряд мер для дальнейшего развития финансового регулирования социально-экономического развития регионов.*

***Ключевые слова:*** *финансовое регулирование, фискальное регулирование, финансовая система, социально-экономическое развитие региона, элементы финансового регулирования, объекты регулирования, субъекты регулирования.*

# FINANCIAL REGULATION OF THE SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF REGIONS

***Tukhtaev Tukhtaboy Mukimovich*** *– Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Finance and Credit of the Faculty of Finance in Tajik State University of Law, Business and Politics". Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, мкр. 17 micro district, 1 Block.*
*Phone: 927755704. Email: ttukhtaev@mail.ru*

***Mirzoboboev Fazlidin Abdumajitovich*** *- Competitor of the Department of Banking, Faculty of Economics, State educational institution "Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov". Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, мкр. 17 micro district, 1 Block. Phone: 111213155. Email: fmirzoboboev@mail.ru*

*The article discusses the key concepts that mediate the process of understanding the role and place of financial regulation in regional development. The main emphasis is placed on the interpretation of the importance of modern financial and fiscal regulation in the implementation of socio-economic development potential on a regional scale. The concepts of financial regulation in strengthening and development of investment potential of the country and the region were reviewed. Popular approaches to the system definition of properties and features of financial regulation are considered. On this basis the schematic representation of grouping the elements of modern financial regulation of social and economic development of regions was developed, due to which the interconnection and interdependence of objects and subjects of financial regulation basing on the considerations of complex macroeconomic equilibrium were*

*revealed. The group of factors favoring stability of financial regulation of socio-economic development of regions of Tajikistan was identified. The main problems of financial regulation of socio-economic development of regions have also been identified. A number of measures for further development of financial regulation of socio-economic development of regions has been recommended.*

***Keywords:*** *financial regulation, fiscal regulation, financial system, regional socio-economic development, elements of financial regulation, objects of regulation, subjects of regulation.*

Мазмуну моҳияти тараққиёти устувори минтақаҳои мамлакат бояд бо самтҳои тараққиёти умумидавлатӣ ба пуррагӣ мувофиқат кунад ва дар асоси он шаклҳо, усулҳо, афзорҳо ва механизмҳои танзими молиявию фискалӣ таҳия карда шаванд. Дар давраи муосири тараққиёти иқтимоию иқтисодии мамлакат, зарурати объективии аз нав дида баромадани нақши молияи минтақаҳо дар тараққиёти иқтисодиёти миллӣ чун иштирокчии асосии муносибатҳои молиявӣ, ки ташкил, тақсим ва азнавтақсимкунии захираҳои молиявии марказонидашудаву ғайримарказонидашудаоро дар байни соҳаҳои андухт ва истеъмол таъмин мекунад, ба миён омадааст.

Ҳамин тавр, проблемаи мазкур дар коркарди муаллифии консепсияи танзими молиявию фискалии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо бояд чун асос дониста шавад. Аслан, баррасӣ кардани тараққиёти минтақаҳо дар доираи самтҳои тараққиёти умумидавлатӣ, ки асоси онро принсипҳо, усулҳо, афзорҳо ва механизмҳои мушаххас ташкил медиҳанд, бештар дар осори навини олимони иқтисоддони рус ба назар мерасад [4].

Аз назари М.Х. Мескон, танзим ин «маҷмуи таъсиррасониҳои оқилӣ ба объекти идоракунӣ буда, ба бартараф кардани тағйирот аз ягон ҳолати дилхоҳ (нақшавӣ) равона карда шудааст» [1]. Ин тавсиф, аз назари мо, фаҳмиши ҷузъии ҳолати оптималии низоми танзимшавандаро аз ҷониби субъекти идоракунӣ дар давраи ҷории вақт муайян мекунад. Ҳангоми муайян гардидани тағйирот аз қимати оптималӣ, барои ба меъёрҳои императивии додашуда мувофиқ кардани низоми танзимшаванда, зарур аст, ки тадбирҳои дахлдор амалӣ карда шаванд. Чунин равиш бо маҳдудияти хеле баланди хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии тараққиёти объект маъруф буда, имкон намедиҳад, ки вижагиҳои тараққиёти минтақаи муайян ба пуррагӣ ба ҳисоб гирифта шаванд. Аз ин рӯ, наметавон онро чун афзори танзими молиявии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаи муайян мавриди истифодаи васеъ қарор дод.

Ба вазифаҳои тараққиёти минтақавӣ инҳоро мансуб донистан ҷоиз аст:
- коркарди асноди меъёриву ҳуқуқие, ки татбиқи арзёбии таъсири танзимкунандагиро ба тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа ба тартиб медарорад;
- муайян кардани марказҳои масъулият барои таъмини назорати сифати танзим дар соҳаи татбиқи устувории молиявии низоми минтақавӣ;
- муқаррар кардани номгӯи нишондиҳандаҳо ва қиматҳои ниҳоии онҳо, ки асоси иттилоотиро барои қабули қарорҳои хусусияти танзимотӣ дошта ташкил медиҳанд;
- ташкил кардани тартиби бонизоми танзими низоми молиявии минтақа дар шакли идоракунии стратегӣ ва тактикӣ мувофиқи самтҳои стратегияи тараққиёти мамлакат;
- ба эътидол овардани нобаробариҳои соҳавӣ, молиявӣ ва марзӣ бо мақсади таъмини тараққиёти устувори иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоиёти мамлакат;
- паст кардани дараҷаи таъсири берунаву дохилӣ ва хавфҳои макро- ва микроиқтисодӣ ба равандҳои иқтисодиву иҷтимоӣ;

- ташаккули ҳаҷми басандаи даромадҳои буҷетҳои минтақаҳо барои иҷроиши кафолатноки вазифаҳои ҷориву стратегии фаъолияти мақомоти маҳаллии идораи давлатӣ;
- дастгирии ҷузъи инвеститсионию инноватсионӣ дар буҷетҳои ҳамаи зинаҳои низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Иҷроиши вазифаҳои болозикр тавассути афзорҳои танзими давлатии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, ки тахти таъсири вазъияти тағйирпазири бозор, ислоҳоти муносибатҳои фискалию амволӣ ва таҷдиди иқтисодиёти инноватсионии мамлакат таҷдид шуда меистанд, имконпазир мегардад (ҷадвали 1).

Ҳамин тавр, амалан ҳамаи афзорҳои таъсиррасонии танзимотӣ то ин ё он дараҷа ба низоми молиявии минтақа дахолат мекунанд. Танзими тараққиёти иҷтимоию иқтисодии низоми молиявии минтақа ба ташаккули иқтисодиёти иҷтимоиасос, ихтисори тафриқаи молиявии марзҳои мамлакат, ки дар шароити муосири тараққиёти иқтисодиёти миллӣ тезу тунд шуда истодаанд, нигаронида шудааст.

**Ҷадвали 1. – Афзорҳои танзими тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо [4]**

| Номгӯи афзорҳо | Таъсири танзимотӣ |
|---|---|
| Асноди меъёрию ҳуқуқӣ | Асосҳои ҳуқуқии ташаккул, тақсимот ва истифодаи захираҳои молиявии минтақаро муқаррар мекунанд. |
| Афзорҳои маъмурӣ | Иқлими сармоягузорию соҳибкории минтақаро ташаккул медиҳанд, фаъолнокии кории минтақаҳои гуногунро вобаста аз ислоҳоти маъмурии гузаронидашудаистода арзёбӣ мекунанд. |
| Афзорҳои андозу буҷетӣ | Ташкил ва истифодаи захираҳои молиявиро бо мақсадҳои зерин муқаррар мекунад: баробарсозии сатҳи таъминоти буҷетии минтақаҳо; маблағгузории ваколатҳои аз буҷети сатҳи дигар гирифташуда; баробарсозии таносубҳо дар сатҳи таъминоти иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ; баланд бардоштани сифати идоракунии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| Фаъолияти фондҳои мақсадноки давлатӣ ва ширкатҳои давлатӣ | Захираҳои молиявии фондҳои мақсадноки буҷетӣ ва ғайрибуҷетии давлатӣ ба иҷроиши вазифаҳои ҷории иҷтимоӣ равона мегарданд.<br>Захираҳои молиявии ширкатҳои давлатӣ бошад, барои баланд бардоштани неруи инвеститсионии минтақаҳо аҳаммияти хосса доранд. |

Ҳамаи ин ҳалли масъалаҳои муҳимми бо ҳам алоқаманди зерини танзими молиявию фискалии тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ва инноватсионии минтақаҳоро талаб мекунад (расми 1):

- муайян кардани ҳадафи ниҳоии раванди танзими низоми молиявии минтақа;
- ягонасозии меъёрҳои арзёбии самаранокии тараққиёти низоми молиявии минтақа;
- мониторинги тараққиёти инвеститсионии низоми молиявии минтақаҳо;
- имкони ба тағйирот дар тараққиёти вазифавиву сохтории минтақаҳо сари вақт вокуниш нишон дода тавонистан.

Барои дарки моҳияти проблемаи гузошташуда мувофиқи вазифаҳои овардашуда ва афзорҳои танзим чунин мафҳуми «танзим», ки ба низоми молияи минтақа марбут буда метавонад, пешниҳод мешавад: ин раванди бонизомест, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ амалӣ гашта, чунин амалҳоро дар бар мегирад – арзёбии хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатӣ, мониторинги ноилгардии онҳо дар раванди фаъолияти низом, татбиқи тадбирҳои хусусияти ҷорӣ ва стратегӣ дошта, ки тараққиёти вазифавӣ ва сохтории низоми молияи минтақаро таъмин мекунанд [4].




**Расми 1. Вазифаҳои танзими тараққиёти иҷтимоию иқтисодии низоми молияи минтақа**

Бояд таъкид кунем, ки танзими молиявии тараққиёти минтақавӣ як қатор вижагиҳои ба худ хос дорад (расми 2):

- бештар ба равандҳои такрористеҳсол нигаронида мешавад, ки дар навбати худ, боиси шуғл ва, дар натиҷа, болоравии сифату сатҳи зиндагии аҳолии минтақа мегардад;
- ташаккули иқлими созгори соҳибкорӣ ва инвеститсионию инноватсионӣ барои татбиқи принсипҳои мустақилияти иқтисодӣ ва таъминнокии молиявӣ;
- нигаронидани сиёсати молиявию фискалӣ ба манфиатҳои иқтисодии дохилию беруна тавассути меъёрҳои бозории талаботу пешниҳод бо назардошти омилҳои муфидии ниҳоӣ (ҳаддӣ);
- баланд бардоштани самаранокии низоми менеҷменти молиявии минтақавӣ дар соҳаҳои таҳлили системавӣ ва назорат, амалигардонии барномаҳои ҷорӣ ва стратегии тараққиёти минтақа (амнияти экологӣ, вазъияти демографӣ, шуғли аҳолӣ, истифодаи стандартҳои иҷтимоӣ, таъминнокии буҷетӣ ва молиявии минтақаҳо ва ғайра).




**Расми 2. Хусусиятҳои танзими молиявии тараққиёти минтақавӣ**
**Коркарди муаллифон**

Аз рӯйи ҷамъбасти гуфтаҳои болоӣ, хулосаҳои асосиро таҳия менамоем:

- раванди назорати молиявӣ, ки ба тараққиёти низоми молиявии минтақа (аз назари тадбирҳои амалӣ) нигаронида шудааст, ҷузъи барномавие аст, ки ба тараққиёти тадриҷии минтақа равона гардидааст ва он аз ҷониби ҳокимияти маҳаллӣ ва марказӣ коркард мешавад;
- танзими молиявӣ дар сатҳи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд хусусияти бонизом дошта бошад, яъне дар асоси меъёрҳои гуногун, механизмҳо, афзорҳо, усулҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳое, ки ба танзими равандҳои иқтисодии минтақа мусоидат карда, дар маҷмуъ, ба болоравии нуфузи (рейтинг) иқтисодии минтақа таъсири мусбат мерасонанд, дар амал татбиқ карда шавад.

Ҳамин тавр, танзими молиявӣ маҷмуи тадбирҳое мебошад, ки ба баландбардории нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа равона карда мешавад. Ҳар минтақа, дар навбати худ, хусусиятҳо ва вазифаҳои хоси худро дорад, ки ба баландбардории нақшаҳои стратегии тараққиёти иқтисодиёт нигаронида шудаанд. Ин асосҳои раванди бисёрсатҳаи бонизом мебошад, ки пойгоҳ ва ҳадафи он таъмини хусусиятҳои миқдорию сифатии болобардории сатҳи тараққиёти иқтисодии минтақа аст.

Дар ин росто, ҳадафи асосии коркарди нақшаҳои стратегӣ, таъмини самаранокии иҷрои вазифаҳои гузошташуда, яъне натиҷаи ниҳоиест, ки татбиқи мақсаду вазифаҳои гузошташударо дар сатҳи микро- ва макроиқтисодиёт таъмин менамояд.

Дар амалияи дигар мамлакатҳо стратегияҳои минтақавии рушди маҳалҳо ба назар мерасанд, аммо таҷрибаи муосири Тоҷикистон ин аст, ки дар мо солҳои охир стратегияҳои рушд дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ қабул шуда, иҷроиши он бештар бо ибтикори бевоситаи ҳокимияти марказӣ таъмин карда мешавад. Стратегияҳои минтақавии тараққиёт бошанд, одатан дар доираи ҳамин ҳадафҳои миллии стратегӣ таҳия шуда, ҷузъе аз вазифаҳои расидан ба ҳамин ҳадафҳо ҳисоб мегарданд. Аммо дар муносибатҳои байнибуҷетӣ сарфи назар кардани имконият ва неруи истифодаи захираҳои молиявии сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ дар татбиқи барномаҳои рушди минтақаҳо нашояд. Зеро асоси тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишварро бояд маблағгузорӣ аз ҳисоби захираҳои марказӣ ташкил диҳанд, ки аз назари асоси илмӣ низ дуруст аст. Дар ҳамин қитъаи муносибатҳои байнибуҷетӣ сифат ва сатҳи такомулёфтагии танзими молиявию фискалии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо ба таври ошкор муайян мегардад.

Ҳамчунин, боиси қайд аст, ки дар шароити имрӯза раванди тараққиёти минтақаҳо дар асоси усулҳои ягонае, ки ба баландбардории сатҳи зиндагӣ ва даромадҳои воқеии аҳолӣ, ихтисори сарбории андоз ва, дар маҷмуъ, ҷузъи иқтисодии минтақа нигаронида шудааст, ба роҳ монда шудааст. Механизмҳо ва стратегияҳои асосӣ дар усулҳои ягонае таҷассум ёфтаанд, ки аз ҷониби мақомоти дахлдори марказӣ (вазорату кумитаҳои дахлдор) кор карда баромада мешаванд. Мавриди қайд аст, ки механизмҳою тадбирҳои таҳия ва коркарди стратегияи тараққиёти иқтисодиёти миллӣ ва минтақаҳои алоҳида бо назардошти ҳамоҳангии пурраи онҳо ҳанӯз ба назар намерасанд [6].

Вазифаи ҳавасмандгардонии (ё маҳдудсозӣ) танзими молиявии тараққиёти минтақавӣ дар он асос меёбад, ки низоми молиявии минтақаҳо раванди азнавтақсимкунии захираҳои молиявии давлатӣ ва маҳаллиро кафолат медиҳад, ки он, дар навбати худ, ба раванди такрористеҳсоли сармоя тавассути ҳавасмандгардонии минтақаҳо ва соҳаҳои иқтисодиёт фишори хеле баланд меорад. Тариқи вазифаи танзимотии андозҳо низоми молияи миллӣ ба истеҳсоли гурӯҳи алоҳидаи молу маҳсулот, ки истеъмоли пайвастаю густардаи онҳо дар ҷамъият қобили қабул нест,

таъсири маҳдудкунандагӣ мерасонад (маҳсулоти тамоку ва машрубот). Мақомоти ҳокимияти давлатӣ тавассути муқаррар кардани аксизҳо ба ин гурӯҳи молҳо, истеҳсоли онҳоро аз назари арзиш қимат мегардонанд ва талаботро ба молҳои аз назари иҷтимоӣ зараровар ҷилавгирӣ мекунанд [3].

Вазифаи назоратию иттилоотии танзими молиявӣ бошад, ташаккули пойгоҳи иттилоотии таҳлили фаъолияти молиявию хоҷагидории субъектони иқтисодиро таъмин мекунад. Афзорҳои вазифаи назоратию иттилоотӣ барои бурдани назорат аз болои раванд ва ҳолати фаъолияти хоҷагидории самараноки минтақа имконият фароҳам меоранд.

Ҳамин тавр, танзими молиявии давлатии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳоро метавон дар доираи низоми тараққиёти бисёрсамта ба роҳ монд, зеро аз тарафе, ҷамъоварӣ ва тамаркузи захираҳои молиявӣ дар бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёти минтақавӣ таъмин карда мешаванд, аз дигар тараф бошад, маҳдудкунии ҳаҷми захираҳои воридшаванда бо мақсади боздории нисбии бахши дигари иқтисодиёт ба назар мерасад, яъне таъмини тараққиёти мутавозини иқтисодиёти минтақа пайгирӣ карда мешавад.

Бо такя ба гуфтаҳои боло, метавон тавсифи муаллифонаи моҳияти танзими молиявии давлатии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳоро таҳия намуд. Ин низомест, ки механизми таъсиррасонӣ ба тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа маҳсуб гардида, дар давоми давраи муайяни вақт фаъолият мекунад [4]. Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои баландбардории суботи иқтисодӣ дар минтақа, сиёсати маҷмуавии давлат оид ба баландбардории сатҳи тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ зарур аст.

Таснифоти принсипҳои танзими молиявии давлатии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо дар ҷадвали 2 оварда мешавад.

**Ҷадвали 2. – Таснифоти принсипҳои танзими молиявии давлатии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо [4]**

| Номгӯи принсип | Хусусияти мафҳумии принсип |
|---|---|
| Принсипи таъминоти ҳуқуқӣ | Мавҷудияти фазои ҳуқуқиеро мефаҳмонад, ки муҳити ҳуқуқии танзими молиявии тараққиёти минтақаро муайян мекунад. |
| Принсипи муҳлатнокӣ | Муқаррар кардани муҳлатро барои ҳар як таъсиррасонии танзимотӣ ба тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа дар назар дорад. |
| Принсипи суроғанокӣ | Таъсиррасонии танзимотии суроғавиро ба ин ё он объекти танзим дар назар дорад (тараққиёти иҷтимоӣ, ё ки иқтисодӣ, вазъияти экологӣ, ё ки демографӣ дар минтақа ва ғайра). |
| Принсипи масъулият | Масъулияти тарафайнро дар танзимоти молиявӣ дар назар дорад: ҳам мақомоти ҳокимияти марказӣ, ки таъсири танзимотӣ мерасонанд, ҳам мақомоти маҳаллии ҳокимият, ки кумаки молиявиро қабул мекунанд. |
| Принсипи назорат | Зарурати назорати молиявии давлатиро аз болои истифодаи мақсадноки захираҳои молиявӣ муайян мекунад. |
| Принсипи ҷудонашавандагии танзими молиявии минтақавӣ дар низоми идораи молиявӣ | Зарурати таъсиррасонии ҳамешагии молиявиро ба таносубҳои минтақавӣ муайян мекунад. |
| Принсипи механизми молиявӣ | Таҳияи механизмҳои молиявиеро, ки амалигардонии танзими самараноки молиявии минтақаҳоро бо назардошти хусусиятҳои фаъолияташон ба роҳ мемонад, дар назар дорад. |
| Принсипи ҳамворкунии тараққиёти минтақавӣ | Вазифаи асосии танзими молиявиро оид ба ҳамворкунии нобаробариҳои молиявӣ дар тараққиёти минтақавӣ дар |

| | |
|---|---|
| | назар дорад. Ин принсип боиси қисматшавии ақидаи иқтисодшиносон оид ба зарурати ҳамворкунии давлатии тараққиёти манотиқ гаштааст. Ҳамин тавр, қисми муайяни олимон дар даст кашидан аз дахолати давлат ба раванди ҳамворкунии молиявии манотиқ исрор меварзанд, ки ба ақидаи онҳо, бояд тавассути механизми бозор амалӣ гардад. Мухолифони ин ақида бошанд, исрор мекунанд, ки дахолати давлат ба тараққиёти минтақаҳо бояд танҳо мустақим бошад. Ба назари мо, ин мавқеъгириҳо хеле ҳаддӣ мебошанд ва зарурати муқаррар кардани сатҳи меъёрии худҳамворкуниро ба миён меоранд. Танзими ҳудудҳои ҳамин меъёрҳо бошад, ба таъсири давлат ниёз дорад. |
| Принсипи меъёрнокӣ | Муайян кардани меъёрҳои қиматҳои оптималии тараққиёти минтақаҳоро бо додани баҳои (рейтинг) минтақа дар назар дорад (масалан, арзёбии сатҳу сифати зиндагии аҳолии минтақа, арзёбии неруи табиию захиравӣ ва иқтисодии минтақа, арзёбии устувории молиявии минтақа) [7]. |
| Принсипи фосиланокӣ | Зарурати ҳамворкунии муттасили ҷорӣ ва стратегии тараққиёти минтақавиро бо мақсади роҳ надодан ба тафриқаи назарраси молиявии минтақаҳои мамлакат дар назар дорад. |
| Принсипи мултипликатсия | Бо интегратсияи иқтисодии минтақавӣ тавсиф мешавад, ки ҳангоми чунин зуҳурот ҳар як таъсиррасонии иловагӣ боиси вусъат ёфтан ё баръакс заъфияти нобаробарии тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ мегардад. |
| Принсипи боназмӣ (системанокӣ) | Тараққиёти бонизоми мутавозин ва устувори минтақаро дар назар дорад (тараққиёти иҷтимоӣ, демографӣ, экологӣ, молиявӣ ва ғайра). |
| Принсипи демократӣ | Ҳамоҳангӣ ва мувофиқасозии ҳатмии манфиатҳои сатҳи марказ ва маҳалҳоро ҳангоми танзими молиявию фискалии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа дар назар дорад. |
| Принсипи сершумории объектҳои танзими молиявии минтақаҳо | Гуногунӣ ва сершумории унсурҳоеро дар назар дорад, ки низоми молиявии минтақаро ташкил медиҳанд (молияи мақомоти маҳаллии ҳокимият, молияи ташкилотҳои тиҷоратӣ, ғайритиҷоратӣ ва ғайра). |
| Принсипи ташаббускорӣ | Зарурати ташаббускорӣ ва ибтикороти минтақавиро дар назар дорад, ки рағбати минтақаро ба ин ё он намуди таъсири молиявии сатҳи марказ афзун намуда, дар ниҳоят, натиҷанокии танзими молиявиро меафзояд. |
| Принсипи мутобиқат ба қонунҳо | Шаффофияти иттилоотии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаро дар назар дорад, ки имкони ба таври фосилавӣ муайян кардани самаранокии танзими молиявии минтақаро фароҳам меорад. |

**Коркарди муаллифон**

Инак, танзими молиявии тараққиёти минтақаҳои кишвар унсури муҳимми идоракунӣ буда, субъектон ва объектони худро дорад (расми 3).

Унсурҳои дар расми 3 овардашудаи танзими молиявии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа, объектҳо ва субъектони танзими молиявиро муайян мекунанд. Аз ин рӯ, ҳамаи усулҳои муносибатҳои молиявӣ ба сифати унсурҳои танзими молиявӣ баромад мекунанд. Объектҳои асосии танзими тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ сохторҳои соҳавӣ, марзӣ ва иҷтимоӣ мебошанд, ки ба сатҳу динамикаи тараққиёти иқтисодии минтақа таъсири амиқ мерасонанд.

Субъектони танзими тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа раванди равобити байниҳамдигарии субъектони хоҷагидор, хоҷагиҳои хонавода ва аҳолиро бо

мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки самти тараққиёти иқтисодию ҳуқуқӣ, ташкилию молиявӣ ва ичтимоию иқтисодии минтақаро (яъне қоидаҳои бозӣ) муайян мекунанд, муқаррар менамоянд. Аз ин рӯ, раванди танзими молиявии тараққиёти марзӣ раванди хеле мураккабест, ки ҳадафи ниҳоияш ноил гаштан ба мутавозинии макроиқтисодии маҷмӯавӣ мебошад.




**Расми 3. Унсурҳои танзими молиявии тараққиёти ичтимоию иқтисодии минтақа**
**Коркарди муаллифон**

Ақидаҳои дар боло овардашударо ба таври бонизом таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки танҳо ҳангоми риояи меъёрҳои арзёбӣ, назорат ва аз нав тақсимкунии самараноки даромади минтақавӣ, кулли раванди тараққиёти иқтисодиёти минтақаро дар алоҳидагӣ ва иқтисодиёти миллиро дар маҷмӯъ ба ҳолати мутавозин наздик овардан мумкин аст.

Самтҳои дилхоҳи танзими молиявӣ тавассути назорати асноди меъёрию ҳуқуқие, ки ба баландбардории дараҷаи иттилоотпазирии пойгоҳи қонунгузорӣ бо мақсади таъмини муносибати мутақобилаи байни мақомоти марказиву маҳаллии идоракунӣ нигаронида шудаанд, амалӣ карда мешаванд.

Агар ақидаи пажӯҳишгарони соҳаро ба назар гирем, одатан дастгирии давлатӣ тавассути маблағгузорӣ ба минтақаҳо ё соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт амалӣ гардида, ба баланд бардоштани сатҳи тараққиёти иқтисодиёти минтақа равона мешавад [8]. Ин намуди дастгирӣ дар шароити Тоҷикистон, тавассути субсидияҳо ва дотатсияву қарзҳои махсуси имтиёзнок аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба роҳ монда мешавад.

Назари мутахассисон дар боби танзими чараёни таъминоти тараққиёти иқтисодиёти минтақавӣ бо захираҳои молиявӣ ҷолиби диққат аст. Танзими раванди таъминоти молиявӣ бо роҳи таъсири мустақим ва ғайримустақим, ҳангоми амалӣ кардани тадбирҳои гуногуни давлатию минтақавӣ оид ба таъмини устувории низоми молиявии минтақа роҳандозӣ карда мешавад. Ба афзорҳои таъсиррасонии ғайримустақим инҳо мансубанд: имтиёзҳои давлатӣ, паст кардани меъёрҳои андоз,

танзим тавассути сиёсати пулию қарзӣ бо мақсади таъмини устуворӣ ва баландбардории қурби асъори миллӣ, додани қарзҳо бо шартҳои махсуси мусоид барои дастгирии соҳибкории хурду миёнаи минтақа ва ғайра [8].

Дар сатҳи назария ва таҷрибаи мамолики мутараққӣ усулҳову принсипҳои сершуморе, ки ба тараққиёти минтақа ва давлат таъсир мерасонанд, мавҷуданд. Сиёсати ғайридискретсионӣ аз қабили чунин усулҳои маъмул аст, ки ба паст кардани сатҳи дахолати давлат ба равандҳои молиявию иқтисодии тараққиёти минтақаҳо равона гардидааст.

Танзимкунандаи насбшуда дигар афзори таъсиррасон ба тараққиёти минтақа мебошад, ки чун унсури боздорандаи лаппишҳои иқтисодӣ баромад карда, бидуни қарорҳову амалҳои махсус метавонад ба таври мухтору худкор фаъол бошад. Паҳлуи мусбии ин афзор тезкорӣ ва оқилият дар қабули қарори дахлдор мебошад, ки сифати фаъолияти ин танзимкунандаро таъмин карда метавонад. Сарчашмаи асосии таҳлил ва қабули қарорҳо дар ин ҳолат, иттилоот оид ба тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа мебошад. Механизми мазкур имкон медиҳад, ки иттилои зарур барои таҳлили вазъи бамиёномадаи иқтисодии мамлакат ва минтақа ҷамъ оварда шуда, дар ин асос қарорҳои фаврии зарур барои муътадилгардонии ҳолатҳои алоҳида дар низоми молиявии минтақа қабул карда шаванд.

Норасоиҳои ин навъи сиёсати танзимотӣ ихтисори назарраси фосилаи арзёбии лаппиши иқтисодӣ мебошад. Яъне, механизми мазкур сабабу омилҳои номуайяниҳои дар раванди таҳлил ва вазъияти мушаххас бамиёномадаро ба таври мухтор рафъ карда наметавонад. Ҳамин тавр, барои муътадилгардонии вазъиятҳои бамиёномада, коркарди стратегияи оқилонаи islоҳи самти сиёсати молиявӣ, ки дар принсипҳои пешгӯии ҳолати иқтисодии минтақа асос меёбад, лозим аст [9].

Дар шароити муосир, аксари иқтисодшиносон бар он боваранд, ки маҳз муътадилгардонии ҷузъӣ барои назорати босамари раванди рушди иқтисодии минтақа мусоид аст. Зеро бартарияти асосии ин навъи сиёсат назорат аз болои хароҷоту даромадҳои давлатӣ мебошад, ки дар навбати худ, захираҳои изофа, ё ки касри буҷетро мушаххасан рӯйи кор меорад.

Ҳамин тавр, дар давраи ба миён омадани касри буҷет, паст кардани сарбории андоз, ки бо баланд кардани меъёри пардохтҳои иҷтимоӣ ҳаракати якҷоя дорад, ба назар мерасад. Ин чораҳо барои таъмини эътидоли тундии иҷтимоӣ ва пешгирии хориҷшавии сармояи инсонӣ аз марзҳои минтақа ва мамлакат мусоидат мекунанд. Ин, дар навбати худ, ба нишондиҳандаҳои баланди таваррум ва сатҳи пасти даромадҳои воқеии аҳолӣ нигоҳ накарда, боиси баландшавии сатҳи қобилияти харидории аҳолӣ шуда метавонад [8].

Бо мақсади баланд бардоштани қимати нишондиҳандаҳои алоҳидаи иҷтимоию иқтисодӣ, такрористеҳсоли фондҳои асосӣ дар сатҳи макро- ва микроиқтисодиёт, ҳавасмандгардонии рушди фаъолияти соҳибкории минтақаҳо тавассути паст кардани меъёрҳои андозҳо, ҷорӣ кардани технологияҳои инноватсионӣ ва татбиқи сиёсати амортизатсионии оқилона зарур мебошад [2].

Ба сифати механизми пурсамари танзим сиёсати амортизатсионӣ чун афзори молиявӣ баромад карда метавонад, ки фишанги ҳавасмандгардонӣ ва таъмини тараққиёти устувори бахши молиявию иқтисодии минтақа маҳсуб мегардад. Чунин афзори пурсамар ба тавсеаи шартҳои мусоиди фаъолияти субъектони хоҷагидор замина мегузорад, ки барои баланд бардоштани ҷолибияти инвеститсионии минтақа, пеш аз ҳама, зарур аст. Ҳамчунин, боиси қайд аст, ки сиёсати амортизатсионии оқилона унсури стратегӣ ва ҷории тараққиёти минтақа маҳсуб мегардад [5].

Илова ба афзорҳои номбурдаи танзими молиявӣ, дигар васоити дастгирии молиявии давлатии соҳибкорони инфиродӣ низ аз қабили субсидияву дотатсияҳо, қарзҳо, грантҳои мақсаднок ва инвеститсияҳои буҷетӣ, супоришҳои пулакии

мақомоти ҳокимияти давлатии марказию маҳаллӣ, бо шартҳои мусоиду имтиёзнок додани амволи давлатӣ ба иҷора, кафолатҳои давлатӣ барои сармоягузориҳо низ маълуманд, ки захираҳои онҳо ҳанӯз ба таври пурра истифода нашудаанд [8].

Ҳамин тавр, таҳлил ва омӯзиши амиқи ақидаҳои марбута оид ба амалӣ гардонидани афзорҳои маъмули танзими молиявию фискалии давлат барои фаъол гардонидани имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, барои таҳияи хулосаҳои зерин замина гузошт.

Арзёбии таъсири гурӯҳи зерини омилҳо барои таъмини устувории танзими молиявии тараққиёти минтақа мусоидат мекунад:

- омилҳои муайянкунандаи неруи молиявӣ ва рақобатпазирии мақомоти маҳаллӣ;
- омилҳои иҷтимоию демографие, ки сатҳи воқеии зиндагии аҳолии мамлакат ва минтақаи алоҳидаро инъикос мекунанд;
- омилҳое, ки рушди устувори нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва тараққиёти бомароми инфрасохтори минтақаро таъмин мекунанд.

Проблемаҳои асосии танзими молиявию фискалии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир аз инҳо иборат буда метавонанд:

- ташаккули модели оптималии фаъолияти хоҷагидорие, ки ба навъи бозории хоҷагидорӣ нигаронида шуда, бо ғайридавлатикунонии саросарии моликият амалӣ гардид, ба афзоиши хароҷоти таъминоти тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ оварда расонид, ки дар натиҷа, боиси идоракунии барномавии ғайрисамараноки азнавтақсимкунии воситаҳои буҷетӣ гашт;
- сиёсати давлат оид ба захираҳои молиявӣ, ки ба махсусгардонии ашёгии минтақаҳои алоҳида нигаронида шуда буд, нуқтаҳои тамаркузи сармоя, неруи кадрӣ, неруҳои истеҳсолиро дар ин марзҳо муқаррар намуд, ки ин вазъ ба номутавозинии тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ боис гашт;
- самтгирии фазоӣ дар сиёсати давлатӣ, ки минтақаҳои дорои афзоиши фаъолнокии баланди иқтисодии аҳолӣ, инфрасохтори мутараққӣ, устувории молиявӣ ва ғайраро ҷудо карда, бо ҳамин сабаб фарқи байни минтақаҳои донор ва манотиқи дотатсиониро дар тараққиёти иқтисодиву иҷтимоӣ хеле назаррас мегардонад;
- ташкили истеҳсоливу марзии минтақаҳо, ки чун ҷойгиронии қувваҳои истеҳсолкунанда дар миқёси иқтисодиёти миллӣ дониста мешавад, рақобатпазирии истеҳсолотро дар бозори ҷаҳонӣ таъмин карда наметавонад. Сабаби асосиаш ҷойгиронии ғайриоқилона ва ғайримунсифонаи қувваҳои истеҳсолкунанда дар минтақа мебошад.

Таҳлилу раддабандии проблемаҳои танзими молиявию фискалии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, як қатор тадбирҳои амалӣ таҳия ва пешниҳод карда шаванд, ки татбиқи онҳо, аз назари мо, ба болоравии сифати танзими молиявии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо мусоидат карда метавонист.

Тадбирҳои болобарии сифати танзими молиявии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳоро дар замони муосир аз рӯйи чунин пайдарҳамӣ овардан мумкин аст:

- коркарди барномаи мусоидати ҳамаҷониба барои гузарониданиислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи минтақа ва маҳалҳо, ки ба ташаккули ҳавасмандиҳо барои татбиқи афзорҳои банақшагирии стратегӣ дар минтақаҳо равона гардида бошад;
- коркарди низоми мукаммали мониторинги нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии тараққиёти минтақавӣ: ҳолати пойгоҳи меъёриву ҳуқуқӣ, рафти татбиқи ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ, монеаҳои расмию ғайрирасмӣ дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва амалигардонии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, муайян кардани

маҳдудиятҳои инфрасохторӣ ва имкониятҳо барои татбиқи лоиҳаҳои бузурги инвеститсионӣ, таҳияи низоми ҷамъоварӣ ва паҳнкунии таҷрибаи беҳтарину пешқадами татбиқи ислоҳот дар сатҳи минтақаву маҳаллӣ;

- мусоидат кардан ба ҳамоҳангсозии байниминтақавии қарорҳо дар соҳаи сиёсати иқтисодӣ – иштироки вазорату мақомоти дахлдори ҳокимияти марказӣ дар раванди коркарди стратегияҳои тараққиёти минтақавӣ ва маблағгузории лоиҳаҳои инфрасохтории байниминтақавӣ, ки бо ташаббуси якчанд минтақаҳои шарик бунёд карда мешаванд;
- дастгирӣ ва мусоидат ба амалигардонии ҳамаҷонибаи барномаву лоиҳаҳои таҷрибавии (пилотӣ) саноативу истеҳсолии воридотивазкунанда, дастгирии молиявию ҳуқуқии стартапҳои соҳибкорони ташаббускори ватанӣ (хоса ҷавонон) ва тавсеаи минбаъдаи таҷрибаи ҳосилшуда дар натиҷаи амалигардонии ин лоиҳаву барномаҳо дар дигар минтақаҳои кишвар;
- татбиқи механизмҳои мавҷудаи ҳавасмандии молиявии минтақаҳо ва маҳалҳои афзалиятноки саноативу истеҳсолӣ, ки самти тараққиёти иҷтимоию иқтисодиашон бештар ба ташаккули минтақаҳои саноативу сайёҳӣ нигаронида шудааст. Маблағгузории муштараки ибтикороти ҳокимияти маҳаллӣ дар самти ислоҳоти созандаи иҷтимоию иқтисодӣ аз ҳисоби воситаҳои буҷети ҷумҳуриявӣ. Муайян карда, паҳн намудани таҷрибаи беҳтарини гузаронидани ислоҳоти иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ.

Таъмини тараққиёти устувори минтақавӣ, робитаи мутақобилаи самараноки ҳамаи сатҳу доираҳои ҳокимияти маҳалливу марказӣ дар татбиқи барномаҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, беҳтар кардани сифати танзим ва боло бурдани самаранокии истифодаи захираҳои молияviro дар миқёси минтақаҳои кишвар дар назар дорад. Дар робита бо ин, гузаронидани ислоҳоти маъмурӣ, ворид кардани механизмҳои нави танзим ва идоракунии буҷетию андозии равобити мутақобилаи мақомоти худидораи маҳаллӣ, тараққиёти механизмҳои ҳамкории бахшҳои хусусиву давлатӣ дар миқёси минтақаву маҳалҳо бояд ба яке аз афзалиятҳои стратегияи тараққиёти минтақавии мамлакат мубаддал гарданд.

**Адабиёт**


1. Мескон, М.Х. Основы менеджмента / М.Х. Мескон, М. Альберт, Ф. Хедоури. Пер. с англ. - М.: Дело, 1992. – С 332.
2. Писаренко, К.В. Методология управления социально-экономическим развитием регионов на основе сглаживания финансовой дифференциации: монография / К.В. Писаренко. - Краснодар, 2019. – 286 с.
3. Писаренко, К.В. Методические аспекты налогового и бюджетного планирования на региональном уровне: монография / К.В. Писаренко, И.В. Сергеев. – Белгород: Издательство БУПК, 2010. – 144 с.
4. Полиди, А.А. Финансовое и фискальное регулирование социально-экономического развития регионов: проблемы и перспективы применения / А.А. Полиди, К.В. Писаренко // Аудит и финансовый анализ. - 2014. - № 5. - С. 9-17.
5. Осипов В.А. Роль амортизации в формировании инновационного пути развития экономики /В.А. Осипов // Вестник КарГУ им. Е.А. Букетова. – Караганда. - 2002. – С. 166-169.
6. Слинкова, О.К. Моделирование процесса стратегического целеполагания социально-экономического развития региона / О.К. Слинкова, Р.А. Скачков // Современные проблемы науки и образования. – 2013. – № 5. – С. 112.
7. Тухтаев Т.М. Оценка финансового потенциала региона в системе мер антикризисного управления Согдийской области / Т.М. Тухтаев, П.М. Турдиматова // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: «Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума», 2020. - №2. - С.144-152.

8. Финансы: учебник под ред. А.Г. Грязновой, Е. В. Маркиной, М.Л. Седовой и др. - 2-е изд., перераб. и доп. - М., 2012. - 496 с.
9. Гликман Н. Экономический анализ региональных систем /Н.Гликман. - М.: Прогресс, 1980. - 279 с.

**УКД: 332**

## КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТЬ ЭКОНОМИКИ РЕГИОНА: ВОПРОСЫ МЕТОДОЛОГИИ

***Каримов Равшан Абдукаримович*** *- кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой таможенной службы, Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики.* ***Адрес****: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 17 мкр, дом 1. Телефон: 92 724 63 30. E-mail: karimovravshan@mail.ru*

*Статья посвящена обоснованию методологии исследования конкурентоспособности региональной экономики в условиях Республики Таджикистан. Региональная экономика исследуется, как объект конкурентоспособности, и обосновывается позиция автора по отношению к её сущности. Раскрываются общие направления и принципы исследования конкурентоспособности экономики региона: идентичность конкурентоспособности региональной экономики как конкурентоспособность страны; региональная экономика как субъект конкурентных преимуществ; конкурентоспособность на микроуровне как основа конкурентоспособности региона. На основе теоретического анализа направлений конкурентоспособности экономики региона выдвигается идея о том, что ей присуща специфичность, которая формируется в сочетании существующих моделей обеспечения конкурентоспособности экономики региона.*

*Автор акцентирует внимание на научных принципах формирования конкурентоспособности экономики региона. По мнению автора, именно методология в рамках научной школы новой институциональной экономики является наиболее пригодной для исследования конкурентоспособности региональной экономики. Предлагается авторский подход исследования в этом научном направлении, который, основываясь на существующих научных принципах, наиболее близок к институциональному подходу. На основе разработанной методологии исследования в работе предлагаются возможные пути повышения конкурентоспособности экономики Согдийской области Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *методология исследования, конкурентоспособность, регион, региональная экономика, институт, институциональная среда, инновационная экономика.*

## РАҚОБАТПАЗИРИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА: МАСЪАЛАҲОИ МЕТОДОЛОГӢ

***Каримов Равшан Абдукаримович -*** *номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи хадамоти гумруки Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,* ***Суроға:*** *735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, шаҳраки 17, бинои 1. Телефон: 92 724 63 30. E-mail: karimovravshan@mail.ru*

*Мақола ба асосноккунии методологияи таҳқиқоти рақобатпазирии иқтисодиёти минтақавӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Иқтисодиёти минтақа ҳамчун объекти рақобатпазирӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, мавқеи муаллиф дар робита бо моҳияти он асоснок карда шудааст. Самтҳо ва принсипҳои умумии таҳқиқи рақобатпазирии иқтисодиёти минтақавӣ муайян карда шудаанд: рақобатпазирии иқтисодиёти минтақавӣ ҳамчун рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ; иқтисодиёти минтақавӣ ҳамчун субъекти афзалияти рақобатӣ; рақобатпазирӣ дар сатҳи микро ҳамчун асоси рақобатпазирии минтақа. Дар асоси таҳлили назариявии самтҳои рақобатпазирии иқтисодиёти минтақавӣ ақида пешниҳод карда мешавад, ки он хусусияти хос дорад, ки дар омезиши моделҳои мавҷудаи таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа ташаккул ёфтааст.*

*Муаллиф ба принсипҳои илмии ташаккули рақобатпазирии иқтисодиёти минтақавӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Ба ақидаи муаллиф, маҳз методология дар доираи мактаби илмии*

*иқтисоди институтсионалии нав барои омӯзиши рақобатпазирии иқтисоди минтақа мувофиқтар аст. Равиши муаллифӣ ба таҳқиқоти ин самти илмӣ пешниҳод шудааст, ки дар асоси принсипҳои илмии мавҷуда ба равиши институтсионалӣ наздиктар аст. Дар асоси методологияи тадқиқотии таҳияшуда дар мақола роҳҳои имконпазири баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *методологияи таҳқиқот, рақобатпазирӣ, минтақа, иқтисодиёти минтақавӣ, институт, муҳити институтсионалӣ, иқтисодиёти инноватсионӣ.*

## COMPETITIVENESS OF THE REGIONAL ECONOMY: ISSUES OF METHODOLOGY

***Karimov Ravshan Abdukarimovich -*** *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Customs Service Tajik State University of Law, Business and Politics,. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, microdistrict 17, house 1. Phone: 92 724 63 30. E-mail: karimovravshan@mail.ru*

*The article is devoted to the substantiation of the methodology for studying the competitiveness of the regional economy in the conditions of the Republic of Tajikistan. The regional economy is studied as an object of competitiveness, and the author's position in relation to its essence is substantiated. The general directions and principles of studying the competitiveness of the regional economy are revealed: the identity of the competitiveness of the regional economy as the competitiveness of the country as a whole; regional economy as a subject of competitive advantages; competitiveness at the micro level as the basis of the region's competitiveness. Based on a theoretical analysis of the directions of the competitiveness of the regional economy, the idea is put forward that it is characterized by specificity, which is formed in a combination of existing models for ensuring the competitiveness of the regional economy.*

15. Шаститко А.Е. Предметно-методологические особенности новой институциональной экономической теории / А.Е. Шаститко // Вопросы экономики. - 2003. - №1. - С. 24- 41.
16. Шамсуллозода Х. Реализация инвестиционного потенциала страховых организаций Республики Таджикистан / Х. Шамсуллозода // Известия Академии наук Таджикистана. – 2014. - № 4(42). - С.57-61.

---

**УДК: 338:502.3**

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАНЗИМИ ИҚТИСОДИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИН

***Комилов Низомиддин*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров 16. Тел.: (+992 ) 918579290 Email: nizomiddin.komilov@mail.ru.*

***Султонова Насиба*** *- ассистенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. 735360, Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров 16. Тел.: 985804480. E-mail: spairav@gmail.com*

*Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявии танзими иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диққати асосӣ ба маданияти дурусти истифодаи замину заминдорӣ, механизми танзими иқтисодии замин, ислоҳоти замин ва самаранок истифода бурдани замин, системаи идоракунии замин ва танзими иқтисодии он дар соҳаи аграрӣ дода шудааст. Аз ҷониби муаллифон ташкили истифодаи оқилонаи замин ва ҳифзи он инвентаризатсия(бақайдгир)-и замин, муайян намудани навъу категорияи замин ва сатҳи заминистифодабарӣ, механизми ба роҳ мондани назорати истифодаи он муайян намудани арзиши иқтисодии замин муайян карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *танзими иқтисодии замин, маданияти заминистифодабарӣ, захираҳои замин, ҷанбаҳои иқтисодӣ, ҷанбаҳои экалогии замин, ислоҳоти замин, соҳаи кишоварзӣ, истифодаи замин.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ ХОЗЯЙСТВЕННОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬНЫХ РЕСУРСОВ

***Комилов Низомиддин*** *- кандидат экономических наук, заведующий кафедрой финансов и кредита Кулябского государственного университета им. Абуабдулло Рудаки. Адрес:735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С. Сафарова, 16. Тел.: (+992) 918579290. E-mail: nizomiddin.komilov@mail.ru*

***Султонова Насиба*** *- ассистент кафедры финансов и кредита Кулябского государственного университета им. Абуабдуллох Рудаки. Тел.: 985804480. E-mail: spairav@gmail.com*

*В данной статье изучены теоретические аспекты экономического регулирования эффективного использования земельных ресурсов. Основное внимание уделяется культуре землепользования и землевладения, механизму хозяйственного регулирования земли, земельным реформам и рациональному использованию земли, системе землеустройства и ее хозяйственному регулированию в аграрной сфере. Авторами определены организация рационального использования земель и их охраны, инвентаризация (учет) земель, определение вида и категории земель и уровня использования земель, механизм контроля за их использованием, определение хозяйственной ценности земли.*

***Ключевые слова:*** *экономическое регулирование земель, культура землепользования, земельные ресурсы, экономические аспекты, экологические аспекты земель, земельная реформа, сельскохозяйственная сфера, землепользования.*

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF REGULATION ECONOMIC USE OF EARTH RESOURCES

***Komilov Nizomiddin*** *- candidate of economic sciences, head of the department of finance and credit, Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki. Address: 735360, Tajikistan, Kulob, S. Safarov 16, tel.: (+992) 918579290, e-mail: nizomiddin.komilov@mail.ru*

***Sultonova Nasiba****- Assistant of the Department of Finance and Credit, Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, Tajikistan, Kulob, S. Safarov 16,*

*This article examines the theoretical aspects of economic regulation of the effective use of land resources. The main attention is paid to the correct culture of land use and land ownership, the mechanism of economic regulation of land, land reforms and rational use of land, the land management system and its economic regulation in the agrarian sector. The author defines the organization of rational use of land and its protection, inventory (accounting) of land, determination of the type and category of land and the level of land use, the mechanism for monitoring their use, and determining economic value. earth.*

***Key words:*** *economic regulation of land, culture of land use, land resources, economic aspects, environmental aspects of land, land reform, agriculture, land use.*

Захираҳои замин миёни унсурҳои табиат мақоми махсусро ишғол намуда, ҳамчун асоси ҳастии одамон, муҳити истеҳсолоти неъматҳои моддӣ ва маҳсулоти озуқаворӣ, объекти моликиятдорӣ ва хоҷагидорӣ мавриди бахрабардорӣ қарор доранд. Аз ҷиҳати иқтисодӣ бошад, захираҳои замин ҳамчун омили асосии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ ва соҳаи ҷангал, ҳамчун паҳнои ҷойгиркунии соҳаҳои иқтисоди миллии кишвар баромад менамояд. Аз ин лиҳоз, масъалаи танзими иқтисодии истифодабарии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ яке аз масъалаҳои мубрами рӯз мебошад.

Дар адабиёти иқтисодӣ олимон ақидаҳои худро нисбат ба истифодаи замину заминдорӣ, танзими иқтисодии замин, ислоҳоти замин ва самаранок истифода бурдани замин баён доштаанд.

У. Петти таъкид карда буд, ки агар меҳнат падари бойигарӣ аст, пас замин модари ӯст [13, с. 54]. Мавҷудияту инкишофи соҳаи кишоварзиро умуман бе замин тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро ки тибқи назарияи классикии омилҳои истеҳсолот замин дар соҳаи кишоварзӣ чун захираи асосӣ ду нақшро иҷро мекунад: якум, замин чун предмети (ашёи) меҳнат истифода мешавад. Яъне, вақте инсон ба воситаи олоти истеҳсолот қабати болоии замин - хокро коркард намуда, дар он зироат мекорад, дар ин маврид, замин ба сифати предмети меҳнат баромад мекунад. Дуюм, замин дар раванди истифодабарӣ, ҳамзамон вазифаи восита (олот, дастгоҳ)-и меҳнатиро низ иҷро мекунад ва ин аз замони неш задани тухми то ҷамъоварии ҳосили рустаниҳо давом мекунад.

Иқтисоддонони дигар А. Смит ва Д. Рикардо ба чунин назаранд, ки: «Масъалаҳои танзими идоракунӣ ва истифодаи захираҳои замину заминдорӣ дар истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ нақши созгор дорад» [14, с. 23]. Аз ҳамин нуқтаи назар, соҳаи кишоварзӣ ва истеҳсолоти онро бидуни замин тасаввур кардан ғайриимкон аст. Тамоми пешравиҳои ин соҳа аз истифодаи дурусти замин вобастагӣ дорад. Аммо олимоне низ ҳастанд, ки ба ин нуктаҳои қабулшуда розӣ нестанд. Масалан, С.В. Бороздин чунин меҳисобад ки: «Замин ба сифати захираи табиӣ танҳо олоти меҳнат ба шумор намеравад. Вай боиси коркарди муассир ва нуриандозӣ қарор мегирад, вале ин махсусият асос намешавад, ки замин ба предмети меҳнат нисбат дода шавад. Ба ақидаи ӯ, агар меҳнати кишоварзиро ба ҳиссаҳои алоҳида тақсим намоем, амалиётҳои алоҳидаи ёрирасонро ҷудо намоем, дар ҳар яке аз онҳо объекти таъсиррасониро аз назар гузаронем ва онҳоро ба предмети меҳнат нисбат диҳем, он гоҳ замин дақиқатан ҳам метавонад ҳам предмет ва ҳам олоти меҳнат бошад [9, с. 38]».

К. Маркс барои ба танзим даровардани заминҳои кишоварзӣ истифодаи заминро ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст: а) замин - ҳамчун омили асосии соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки тавассути сохторҳои махсуси ин соҳа идора ва танзим карда мешавад; б) замин - ҳамчун сармояи асосии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ, ки маҳз ба воситаи замин истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ рушд меёбад [10, с. 190].

Мувофиқи ақидаи В.Л. Анишин, «Замин барои дақиқан истифода шудани истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ишора карда мешавад ва барои тадбиқи имкониятҳои сармоя ва меҳнат мусоидат мекунад» [1, с. 113].

Муҳаққиқ ва иқтисоддони машҳур В.А. Добринин изҳор доштаст, ки «Истифодаи самараноки замин ва танзими иқтисодии он бояд дар соҳаҳои кишоварзӣ ба таври васеъ ба роҳ монда шавад ва барои дақиқан муайян намудани арзиши истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат кунад. Ҳамаи истифодабарандагони замин барои таъмини истеҳсоли маҳсулот аз ҳар як гектар замин бо ҳадди ақали хароҷот барои истеҳсолоти худ вазифадор аст. Захираҳои замин дар масоҳат маҳдуд тасвир шудаанд [4, с. 239]». Аммо нигоҳи иқтисодӣ, ин нуқтаи назар нисбӣ ҳисобида мешавад, зеро сармоягузориҳои иловагӣ дар замин имкон медиҳад, ки афзоиши мунтазами истеҳсоли воҳиди маҳсулот дар ҳар як минтақа имконпазир гардад.

Ташаккул ва рушди системаи идоракунии замин ва танзими иқтисодии он дар соҳаи аграрӣ бо истифодаи қонунҳои иқтисодӣ, ки хусусияти мутақобилияти заминро дар марҳилаҳои муайяни рушди иҷтимоӣ муайян мекунад, вобастагӣ дорад.

Дарвоқеъ, тавассути заминҳои кишоварзӣ ҳар гуна маҳсулоти истеҳсолкардашуда, ба ин васила, таҷрибаҳо мегузаронанд, то ин ки замини истифодашаванда мутобиқат мекунад ё не?! Гузаронидани таҷрибаҳо тавассути замин аз ҳосилхезии замин ва тобоварии маҳсулот дар иқлими он шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, истифодаи дурусти замин барои амнияти ғизо таъсири калон расонида, ба воситаи ин омили истеҳсолот, яъне замин мо метавонем ба яке аз ҳадафҳои стратегии давлату ҳукумат бирасем.

Л. Круткова ва Д.Г. Маслов дар таҳқиқоти худ се вазифаи танзими иқтисодии заминро ишора мекунад: ҷамъиятию иҷтимоӣ, экологӣ ва минтақавӣ [8, с. 106]. Иҷтимоӣ - тавассути зоҳиршаванда таҷдиди аҳолӣ бо роҳи беҳтар намудани сифати ҳаёт; Экологӣ - ҳангоми арзёбии замин ҳамчун ҷузъи муҳити зист (манзилҳо); Ташкили минтақавӣ - дар нигоҳдорӣ ва рушди минтақаҳои деҳот нишон дода шудааст.

Муаллифони дигар С.Х. Ашуров, С. Мирсаидов низ аз ташкили бозори замин дастгирӣ мекунанд, муаллифон чунин қайд мекунанд, ки шикасти собиқ низоми Шӯравӣ истифодаи замин ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ якчанд мушкилотро дар роҳи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ба миён овард. Ҳарчанд низоми бозории истифодаи замин рақобатро ба вуқуъ меорад ва моҳиятан бояд рақобат ҳам бошад, аммо монеаҳои ҷиддӣ дар роҳи рақобати озод эҷод шуданд [2].

Доктори илми иқтисод, профессор Ҳ.Р. Исайнов иброз медорад, ки: яке аз мушкилоти соҳаи кишоварзӣ ин кам шудани заминҳои обӣ мебошад. Захираҳои

заминҳои обӣ дар кишвар хеле маҳдуданд ва онҳо самаранок истифода бурда намешавад. Агар дар соли 2007 ба ҳар сари аҳолии кишвар 0,10 га замини обӣ рост меомад, дар ҳоли ҳозир ин адад ба 0.6 га рост меояд. Барои ин мебояд, ки танзими иқтисодии истифодабарии замин аз тарафи мақомотҳои дахлдор ҷиддӣ ба роҳ монда шавад ва обёрикунонии заминҳоро сол то сол афзун намоем», онро ба таври мушаххас бояд ба роҳ монем [6, с. 37].

Иқтисодшиноси дигар Т.Б. Ғаниев қайд мекунад, ки: аз нигоҳи мо, барои соҳаи агросаноатии Тоҷикистон дар шароити имрӯзаи инкишофи иқтисодӣ модели конспуалии рушди босуботи бехатарии иқтисодӣ бояд равандҳои зеринро дар бар гирад: гузаронидани ислоҳоти пурраи замин мувофиқи талабот, қонуниятҳои экоғунҷоишӣ, иҷтимоӣ ва минтақабандии кишоварзию хоҷагидорӣ; ташкили маданияти баланди заминдории тоҷикона ва истифодабарии самараноки захирахои обӣ [3, с. 23].

Аз нигоҳи мо, агар деҳқон бо як маданияти баланд заминро истифода барад ва аз он ду се ҳосил ба даст дарорад, дар ин ҳолат танзими иқтисодии заминистифодабарӣ дар сатҳи боло қарор мегирад.

Профессор Ҳ. Умаров ақидаҳояшро нисбат ба ислоҳоти замин ва ба танзим даровардани он чунин баён мекунад, ки: яке аз шароитҳои муҳим барои татбиқи муваффақонаи замин ва ислоҳоти аграрӣ таҷдиди сохтори иқтисодиёти ҷамъиятӣ мебошад, яъне хоҷагиҳои коллективӣ ва хоҷагиҳои давлатӣ. Маълум аст, ки хоҷагиҳои коллективӣ ва давлатӣ дорои моликият мебошанд. Ҳамзамон, ӯ иброз медорад, ки дар танзими иқтисодии замин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нақши калидӣ доранд [15, с. 81].

Ба андешаи мо, масъалаи муҳими самаранок истифода бурдани захираҳои замин ин ташаккулёбии механизми танзими иқтисодии истифодаи захираҳои замин ба ҳисоб меравад. Ин механизм, пеш аз ҳама, дар муқаррар ва ҷорӣ намудани стандартҳо ва манъ кардани истифодаи захираҳои замину об, ҷаримаситонӣ ва дигар ҷавобгариҳо, ки ба вайроншавии ҳолатҳои экологии ин захираҳо оварда мерасонад, зуҳур меёбад. Аз ҷониби дигар, андоз ва пардохтҳое, ки барои истифодаи захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ ҷорӣ гардидаанд, ҳолати беҳдошт ва истифодаи онҳоро беҳтар карда наметавонанд, чунки дар сурати аз ҳад зиёд бадшавии вазъи экологии ин захираҳо самаранок истифодабарии онҳо мушкил мегардад. Ҷорӣ намудани ҷаримаҳо барои истифодаи ғайримақсадноки захираҳои замин, ифлосшавии онҳо, вайронкунии низоми истифодаи захираҳои замин, ихтиёран ишғол намудани минтақаҳои замин, сари вақт напардохтани маблағҳо барои истифодаи онҳо низ зарур мебошанд, зеро маблағҳои аз ин ҳисоб бадастовардашуда то андозае метавонанд ҳолати экологӣ ва низоми истифодаи ин захираҳоро беҳтар намоянд.

Агар аз нигоҳи экологию иқтисодӣ назар кунем, дидан мумкин аст, ки ба ислоҳоти замин чунин шарҳ дода шудааст. Ба сабабҳои экологӣ ва иқтисодии ислоҳоти замин академик А.А. Никонов ишора мекард.

Ба ақидаи академик В.И. Назаренко нархи ҳозираи ҷаҳонӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ ба буҳрони эколог-иқтисодии маҳсулоти кишоварзӣ оварда мерасонад ва яке аз омилҳои асоси ин раванд нишондиҳандаи заминтаъминкунӣ ба ҳар як сари аҳолӣ, ки тайи чор даҳсола ба 14% коҳиш ёфтааст, ба ҳисоб меравад [11, с. 57]. Аз рӯи тадқиқоти мутахассисон, то солҳои 2030-ум талаботи ҷаҳонӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ ба 50% зиёд гардида, тамоюли афзоиши 8 млрд аҳолӣ ба ин раванд таҳдидҳои иловагиро ба миён меорад. То солҳои 2050-ум истеҳсоли маҳсулоти озуқавориро мебояд ду маротиба зиёд намуд. Қонеъгардонии чунин талаботи рӯзафзун ғайриимкон мебошад [5, с. 3].

Аз нигоҳи иқтисодшиноси ватанӣ Э.Н. Шералиев, танзими иқтисодии истифодаи захираҳои замин ин истифодаи дурусти маданияти заминистифодабарӣ, мушкилоти истифодаи самараноки замин, омили муҳими экологии ба захираҳои замин таъсиррасонанда, муносибати мунтазам ба ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва демографии деҳотро муайян мекунад [16, с. 124].

Ақидае мавҷуд ҳаст, ки имконияти васеъ кардани заминҳои корам ва зиёд намудани ҳаҷми захираҳои иловагии об ғайриимкон буда, дар шароити ҳозира аз ҳисоби заминҳои барои кишт ҳамагӣ 48%-и он мавриди истифода қарор доранд, ки ба ақидаи экологон ин меъёри нодурусти он мебошад. Идомаи кишти чунин заминҳо, дар навбати худ, ба буҳрони экологӣ оварда мерасонад. Инчунин, аз ҳисоби умумии майдони ҷангалҳо ҳамагӣ - 30%, аз захираҳои обии мавҷудбуда - 40% ва бе назардошти ифлосшавӣ аз сарчашмаҳо ҳамагӣ 50%-и онҳо истифода бурда мешаванду халос, ки бо сабабҳои асосии паст шудани ин заминҳо дар кураи замин ин бодхурдашавӣ - 56%, шӯразанӣ - 14%, сафолакбандӣ - 26%, таназзулёбии физикӣ ва урбанизатсия - 4%-ро ташкил медиҳанд [14]. Аз рӯи ҳисобҳои мутахассисон чунин рушди бемайлони аҳолӣ то солҳои 2030-ум ҳисоби миёнаи заминҳои корам аз 0,1 га ба то ба 0,08 га/одам ва заминҳои обии корам - с 0,047 до 0,032 га/одам баробар мешавад.

Дар ҷумҳурӣ мо бошад, ин нишондиҳанда ба 0,06-0,07 га/одам ба заминҳои обёришаванда рост меояд, ки ин раванд, сол то сол тамоюли камшавиро дорад. Таҳлили вазъи ҳозираи захираҳои заминҳои кишоварзӣ, бахусус, заминҳои обёришаванда дар минтақаҳои кишвар нишон медиҳад, ки тағйироти манфӣ дар вазъи экологӣ ва беҳдошти муҳити зист ба чашм мерасад. Ҳоло дар 60% замини обёришавандаи кишоварзӣ ҷараёни эрозияи хок мушоҳида карда шуда, шӯршавии заминҳои обёришаванда дар 190 ҳаз га ва дар 23%-и он баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ мушоҳида мегардад. Арзиши зарари ҷамъоварии ҳосили пахта аз ҳар як га ба 1,5 ҳазор сомонӣ баробар мебошад. Чунин раванд ба пастшавии ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, ифлосшавии заминҳои обёришаванда ва дар ниҳояти кор ба сатҳи пасти таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар боис мегардад.

Таназзулёбии захираҳои замин, аз як тараф ва афзоиши аҳолӣ, тараққиёт ва васеъшавии истеҳсоли зироатҳои обёришаванда, ифлосшавии муҳити зист тайи даҳсолаҳои охир, аз тарафи дигар, тақозои онро менамояд, ки сиёсати аграрии давлат оид ба муносибатҳои заминдорӣ дар соҳаи кишоварзӣ куллан тағйир дода шуда, ба ҷанбаи экологии ҳамаи чорабиниҳо оид ба рушди соҳаи кишоварзӣ, аз он ҷумла, хусусияти хоси истифодаи захираҳои замин ва махсусгардонии минтақаҳои алоҳидаи иқтисодии кишвар диққат дода шавад.

Мақсади асосии интихоби чунин тадқиқот таъмини рушди босуботи соҳаи кишоварзӣ буда, бо назардошти хусусияти хоси захираҳои замин, асосноккунии консептуалии алоқамандии инкишофи табиат ва ҷомеа, масоили экологию иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолӣ дар Тоҷикистон диққати махсус дода мешаванд. Самтҳои асосии ин консепсияро модели инкишофе ташкил медиҳад, ки дар он истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, пеш аз ҳама, захираҳои замину об, инкишофи техникӣ, технологияи пешқадами обёрикунӣ ва комплекси мелиоративӣ, усулҳои пешқадами танзими иқтисодии муносибатҳои заминдорӣ, имконоти мувофиқгардонии экосистема ва рушди устувори ҷомеа дар мадди аввал гузошта мешаванд. Аз ин хотир, ҷомеаи башариро зарур аст, ки дар ин раванд, дар фикри мувозинати манфиатҳои иқтисодӣ ва экологӣ буда, барои танзими оқилона ва самараноки истифодаи захираҳои замин ва беҳдошти муҳити зист омода бошанд.

Барои истифодаи самараноки замин ва пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ дар он аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ тадбирҳои мушаххас андешида шудааст. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ иброз доштанд: «...ҷиҳати иҷрои пурраву саривақтии барномаҳои қабулнамудаи Ҳукумати Тоҷикистон доир ба соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла масъалаҳои баланд бардоштани маданияти истифодаи замин, дуруст ба роҳ мондани фаъолияти соҳаҳои тухмипарварӣ, зотпарварӣ, картошкапарварӣ ва азхудкунии заминҳои нав чораҷӯӣ карда шавад [12]».

Омӯзишу баррасии тадқиқотҳои дар ин бахш анҷомдодаи олимони ватанию хориҷӣ ва таҷрибаи танзими давлатии истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ дар мамолики рушдкарда ва ҳамчунин, таҷрибаи ислоҳоти замину аграрии дар ҷумҳурӣ

амалигардида оид ба беҳтаргардонии истифодаи захираҳои замин дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи 10-15 соли охир бо назардошти омилҳои экологӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоии заминистифодабарӣ ба мо имкон дод, ки мо дар расми зерин қисматҳои асосии механизми танзими давлатии истифодаи захираҳои замини кишоварзиро тарҳрезӣ намоем (расми 1).




**Расми 1. Механизми танзими давлатии истифодаи захираҳои замин**
**Коркарди муаллифон.**

Бояд қайд кард, ки ҳар як унсури дар ҷадвали мазкур қайдшуда аз маҷмуи чорабиниҳое иборат мебошад, ки ба баланд бардоштани самаранокии истифодабарии захираҳои замину об ва рушди низоми заминдорӣ дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат менамоянд.

Ҳамин тариқ, баъди тадқиқи асосҳои назариявии ташаккулёбии механизми танзими иқтисодии муносибатҳои заминдорӣ чунин хулоса баровардем:

1. Механизми танзими иқтисодии муносибатҳои заминдорӣ ин муносибатҳои замин ба ташкили истифодаи оқилонаи замин ва ҳифзи он бо роҳи ташкили қоидаву меъёрҳои муайян барои ихтиёрдорӣ, истифода ва ихтиёрдории захираҳои заминии кишвар, самаранок истифодабарии захираҳои замин мебошад.

2. Механизми танзими иқтисодии муносибатҳои заминдорӣ бояд аз ҷониби мақомоти давлатӣ ба монанди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии беҳдошти замин ва обёрикунӣ танзими иқтисодии он ҷиддӣ ба роҳ монда шавад ва системаи идоракунии захираҳои замини кишоварзиро назорат кунанд.

3. Танзими иқтисодии истифодаи замин вазифаҳои зеринро иҷро мекунад: инвентаризасияи (бақайдгирӣ) замин; муайян намудани навъу категорияи замин ва сатҳи заминистифодабарӣ; - гузарондани корҳои заминсозӣ; мониторинги замин; тартиб додан ва ҷорӣ намудани кадастри давлатии замин; тартиб додани маҷмуи пурраи ҳуҷҷатҳо оид ба қонунгузории замин ва механизми ба роҳ мондани назорати истифодаи он; масъалаҳои баҳои замин, муайян намудани арзиши иқтисодии замин, нархгузории комплексии он барои такмил додани низоми андоз мебошад; чораҳо

вобаста ба (механизмҳои) амалӣ кардани бозори замин; мустаҳкамнамоии қонунгузорӣ оид ба ҳифзи судӣ ва ғайрисудии заминистифодабарӣ.

4. Барои ба танзим даровардани заминҳо чунин сохторҳои идоракунанда салоҳият доранд: Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии замин ва геодезии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, ҷамоатҳо.

**Адабиёт**


1. Аничин, В.Л. Измерение производственных возможностей сельскохозяйственных предприятий / В.Л. Аничин. - Харьк. гос. аграр. ун-т им. В.В. Докучаева. Харьков, 1995. – 113 с.
2. Ашуров С.Х. Рентные отношения в аграрной сфере / С.Х. Ашуров, С. Мирсаидов [Электронный ресурс] URL: sulbp-journal.narod.ru/jurnal/matn_1/ashurov_s_h.html. (дата обращения 20.05.2014).
3. Ғаниев Т.Б. Равандҳои консуптуалии рушду босуботи иқтисодӣ ва бехатарии иқтисодии роҳбарӣ /Т.Б. Ғаниев //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Иқтисоди миллӣ: масоили амният ва рақобатпазирӣ». – Душанбе, 2008. - С. 23-29.
4. Добрынин В.А. Экономика сельского хозяйства: учебник. / В.А. Добрынин– М.: Колос, 1999. - 239 с.
5. Долгушкин Н. Модернизация экономики - основа эффективности развития сельского хозяйства России / Н. Долгушкин // Международный сельскохозяйственный журнал. - 2012. - № 1. - С. 3-8.
6. Исайнов Х.Р. Продовольственная безопасность приоритетное направление аграрной политики в Республики Таджикистан / Х.Р. Исайнов, Р.Б. Шерматов // Материалы научно-теоретической конференции, посвященной 70-летию Н. Гадоева. - Душанбе, 2008. - С.37-43.
7. Кондратьев К.Я. Современное общество потребления и его экологические ограничения. / К.Я. Кондратьев, В.Ф. Крапивин. Глобальная экодинамика. М, 2005.
8. Круткова, Л.И. Марскисткая теория экономического плодородия почвы как методологическая основа совершенствования земельных отношений в России /Л.И. Круткова, Д.Г. Маслов // Экономические науки. - 2009. - №7(56). - С.104-110.
9. Маҷнунова М.Ҳ. Хусусияти замин ҳамчун воситаи истеҳсолоти кишоварзӣ / М.Ҳ. Маҷнунова, Ш. Саидаҳмадова//Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав, - 2013. - №1(25). - С. 38-44.
10. Маркс К. Сочинения, т. 23 /К. Маркс, Ф. Энгельс // М.: Государственное издательство политической литературы, 2-е изд. – 1961. -С. 190.
11. Материалы международной конференции «Проблемы обеспечения продовольственной безопасности: национальный и международный аспекты». - М., 2009. – С. 57.
12. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 22.12.2016 с.
13. Петти В. Трактат о налогах и сборах / В. Петти // Классика экономической мысли: Сочинения. - М.: Эксмо-Пресс, 2000. - 895 с.
14. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов / А. Смит. - М.: АСТ, 2017. – 640с.
15. Умаров Х. Таджикистан: Земельная и аграрная реформы. / Х. Умаров - Душанбе, 2005. - С. 81.
16. Шералиев Э.Н., Теоретические аспекты формирования и развития механизма устойчивого землепользования в аридных регионах/ Э.Н. Шералиев, М.С. Тешаев // Финансово-экономический вестник, -2021. - №4(28) - С. 121-126.

**УДК: 338.46: 37**

# РАВИЯҲОИ ИЛМӢ-МЕТОДИИ БАҲОДИҲИИ ИҚТИДОРИ АНДОЗИИ САТҲИ МИНТАҚАВӢ

***Воҳидов Умар Маҳмадиевич*** *- н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисоди рақамӣ ва логистикаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов, 64/14. E-mail: umarv@mail.ru. Телефон: +992934634040.*

***Баротов Амирхон Холмирзоевич*** *- ассистенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: a.barotov@mail.ru. Телефон: 918-35-55-73.*

*Дар мақола равияҳои илмӣ-методии баҳодиҳии иқтидори андозбандӣ дар робита ба ҷиҳатҳои субъективии онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муаллифон кӯшиш намудаанд, ки рушди категорияҳои андозро дар раванди андозбандӣ ҳамчун як қисми идоракунии захираҳои молиявии фаъолияти соҳибкорӣ нишон диҳанд. Ба ақидаи муаллифон, барои дар оянда васеъ кардани заминаи андозбандӣ ва устувор намудани буҷети сатҳҳои гуногун, ташаккул ва дуруст ба роҳ мондани истифодабарии ҳавасмандкуниҳою имтиёзҳои андозӣ хело зарур мебошад. Ҳамин ҷиҳат ҳамчун заминаи методологӣ барои андозбандӣ, гаронии андоз ва истифодаи имтиёзҳои андозӣ ва тақвият додани иқтидори андоз аз мавқеи назари муҳаққиқон мавриди таҳқиқ ва хулосабарорӣ қарор гирифтааст.*

*Муаллифон бо истифода аз фишангҳои илмӣ фикру мулоҳизаҳои худро ба намуди расм пешниҳод гардонида, дар он заминаҳои ташаккул ёфтани механизми андозбандиро нишон додаанд. Бо унсурҳои таркибии таъсис ёфтани иқтидори андозбандӣ, васеъ гардидани фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва параметрҳои заминавии банақшагирии даромадҳои фискалӣ, арзёбӣ намудани имкониятҳои молиявӣ дар кишвар асоснок гардидааст.*

***Калидвожаҳо****: равияҳои илмӣ-методӣ, иқтидори андозбандӣ, хавфи андозӣ, сиёсати андозӣ, иқлими андозӣ, воридоти андоз, иқтидори молиявӣ, буҷети минтақавӣ.*

# НАУЧНО-МЕТОДИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ ОЦЕНКИ НАЛОГОВОГО ПОТЕНЦИАЛА НА РЕГИОНАЛЬНОМ УРОВНЕ

***Вохидов Умар Махмадиевич*** *- к.э.н., доцент кафедры цифровой экономики и логистики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. E-mail: umarv@mail.ru. Телефон: +992934634040.*

***Баротов Амирхон Холмирзоевич*** *- ассистент кафедры налога и налогообложения, Таджикский государственный финансово - экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. E-mail: a.barotov@mail.ru. Телефон: 918-35-55-73.*

*В статье исследуются научно-методические подходы оценки потенциала налогообложения применительно к их субъективным аспектам, где автор попытался показать развитие налоговых категорий в процессе налогообложения в рамках управления финансовыми ресурсами в сфере предпринимальства. По мнению авторов, для расширения налогооблагаемой базы и стабилизации бюджетов разных уровней в будущем крайне необходимо сформировать и правильно реализовать применение стимулирования налоговых льгот. Этот же аспект считается как методологическая основа налогообложения, налогового бремени и использования налоговых льгот для укрепления налогового потенциала.*

*Авторы, используя научный инструментарий, представили свое мнение в форме рисунка, где показали структуры формирования механизма налогообложения. С формированием налогового потенциала и расширением финансовых возможностей в стране основываются составляющие элементы создания налогового потенциала и её оценки с учетом расширения деятельности хозяйствующих субъектов и основных параметрах планирования бюджетного дохода.*

***Ключевые слова**: научно-методические подходы, налоговый потенциал, налоговый риск, налоговая политика, налоговый климат, налоговые поступления, финансовый потенциал, региональный бюджет.*

## SCIENTIFIC AND METHODOLOGICAL APPROACHES ASSESSMENT OF TAX POTENTIAL AT THE REGIONAL LEVEL

***Vohidov Umar Makhmadievich**, PhD in Economics, Associate Professor of the Department of Digital Economy and Logistics, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, s. Dushanbe, st. Nakhimov, 64/14. E-mail: umarv@mail.ru. Phone: +992934634040.*

***Barotov Amirkhon Kholmirzoevich,** Assistant of the Department of Tax and Taxation, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, st. Nakhimova, 64/14. E-mail: a.barotov@mail.ru. Phone: 918-35-55-73.*

*The article explores scientific and methodological approaches to assessing the potential of taxation in relation to their subjective aspects, where the author tried to show the development of tax categories in the process of taxation as part of the management of financial resources in the field of entrepreneurship. According to the author, in order to expand the tax base and stabilize the budgets of different levels in the future, it is extremely necessary to form and correctly implement the use of tax incentives. The same aspect is considered as the methodological basis of taxation, the tax burden and the use of tax incentives to strengthen the tax potential.*

*The author, using scientific tools, presented his opinion in the form of a drawing, where he showed the structures of the formation of the taxation mechanism. With the formation of tax potential and the expansion of financial opportunities in the country, the constituent elements of the creation of tax potential and its assessment are based, taking into account the expansion of the activities of economic entities and the main parameters of budget revenue planning.*

***Key words**: scientific and methodological approaches, tax potential, tax risk, tax policy, tax climate, tax revenues, financial potential, regional budget.*

Равияҳои илмӣ-методии баҳодиҳии иқтидори андозӣ дар шароити имрӯза, дар маҷмуъ, барои ошкор намудани моҳияти асосӣ ва заминаи объективии категорияҳои иқтисодӣ равона карда мешавад. Дар ин самт равияи иқтидори андозбандиро дар робита ба ҷиҳатҳои субъективии онҳо фаро мегирад. Рушди категорияҳои андоз дар раванди андозбандӣ ҳамчун як қисми идоракунии захираҳои молиявии соҳибкорон баромад мекунад. Бинобар ин, барои дар оянда васеъ кардани базаи андозбандӣ ва устувор намудани буҷети сатҳҳои гуногун, ташаккул ва дуруст ба роҳ мондани истифодабарии ҳавасмандкунииҳоюю имтиёзҳои андозӣ хело зарур гардидааст. Ин ҷиҳатҳо ҳамчун заминаи методологӣ барои андозбандӣ, гаронии андоз ва истифодаи имтиёзҳои андозӣ ва тақвият додани иқтидори андоз истифода мешаванд.

Тибқи дастовардҳои назариявию методологии муҳаққиқон, ин аз он ҷиҳат бармеояд, ки новобаста аз васеъ истифода бурдани мафҳуми иқтидори андоз дар адабиёти иқтисодӣ масъалаи омӯхташаванда то ҳол шарҳи мушаххас ва шаффофро дар бар нагирифтааст. Ҷой надоштани ибора ва категорияҳои шарҳи яккелаи иқтидори андозӣ ба монанди фаҳмиши яккела гирифтани мафҳумҳои "иқтидори молиявӣ" ва "иқтидори андозӣ", ё ин ки "иқтидори буҷетӣ" ва "иқтидори андозӣ"

мебошад. Гуногунмаъно шарҳ додани категорияҳои “иқтидори андозӣ” дар илм ва амалияи муосири ватанӣ ва хориҷӣ равияҳои гуногунро ба амал оварда, мувофиқан ба онҳо методикаи миқдоран муайян кардани иқтидори андозиро ба миён меоранд.

То ин замон, дар адабиёти илмӣ мафҳуми ягонаи иқтидори андоз ҷой надорад, новобаста аз он ки дар ин самт корҳои зиёди илмӣ-таҳқиқотӣ анҷом ёфтааст. Истифодаи мафҳуми иқтидор дар барномаи ҳамкориҳои техникии бонки умумиҷаҳонӣ, ки махсус барои Федератсияи Россия пешниҳод гардидааст, аз ҷониби мо мавриди истифода қарор мегирад. Дар робита ба ин, мафҳуми иқтидор чунин аст: “Иқтидори андоз ин қобилияти базаи андозбандӣ дар ҳудуди ин ё он воҳиди маъмурӣ буда, даромад дар шакли воридшавии андозиро таъмин менамояд. Ба омилҳои иқтидори андозии минтақавӣ дилхоҳ базаи андозбандӣ мансуб буда, дар ҳудуди салоҳиятнокии мақомоти ҳокимияти давлатии минтақавӣ мебошад” [6, с. 84].

Аз назари мо, монандии мафҳуми ба Россия тааллуқдоштаи “иқтидори андоз” ҳаммаънои мафҳуми хориҷии “қобилияти андозӣ” ё “ғунҷоиши андозӣ” мебошад. Лекин, истифодаи он дар хориҷа одатан дар сатҳи субъекти хоҷагӣ қабул карда мешавад. Гарчанде таҳқиқотҳое ҳастанд, ки истифодаи мафҳуми “қобилияти андозӣ” барои шарҳи иқтидори андозии давлат ва субъектҳои он, инчунин, арзёбии тамсилавии қобилияти андозӣ дар сатҳи давлат ва минтақа ҷой дорад. Дар амалияи ғарб, иқтидори андозии умумӣ ва андозҳои алоҳида истифода мешавад. Аз нигоҳи амалия, иқтидори умумӣ ин худ суммаи тамоми иқтидори андозҳо мебошад. Иқтидори андози мушаххас бошад, ҳамчун имконияти максималии имконпазири маблағи воридшавии андозҳо дар як давраи муайян буда, вобаста аз муқаррароти тартиби қонунгузории ҳисоби уҳдадориҳои андоз бо таври оияндабинӣ мавқеъ мегирад.

Дар робита ба фаҳмида гирифтани иқтидори андоз, аз назари мо, маълум мегардад, ки ҳарчи бештар рушди ҳаматарафаи фаҳмиши мазмуни иқтидори андоз аз ҷиҳати шарҳи миқдории онҳо бар омада, ҳисоби иқтидори андозро ҳамчун ҷузъи методикаи тақсимоти хароҷоти байнибуҷетӣ фаро мегирад. Маҳз бо дарназардошти ягонагии меъёрҳои андоз, метавон қайд намуд, ки иқтидори андоз аз рӯйи заминаи андозбандии ҳар як минтақа муайян карда мешавад.

Дар робита ба ин масъала, метавон қайд кард, ки таърифи дар адабиёт ва амалияи давлатҳои ғарб омада, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон на он қадар мувофиқ аст, зеро дар аксар маврид аз ҷониби Ҳокимияти давлатии маҳаллӣ бо мақсади гирифтани кумакпулиҳои молиявӣ (дотатсия) аз буҷети умумиҷумҳуриявӣ дар алоқамандии зич қарор мегиранд. Масалан, тибқи ақидаи С. Барро, андоз ҳамчун “қобилияти субъекти маъмурӣ-ҳудудӣ барои гирифтани даромадҳои андоз аз манбаъҳои худ, сарфи назар аз сатҳи кунунии кӯшишҳои фискалӣ» тавсиф карда мешавад [12, с. 60]. Аз ин ҷо, мантиқан чунин бармеояд, ки шарҳи мутахассиони ғарб дар робита ба иқтидори андоз ҳамчун “қобилият”-и низоми андоз муқаррар карда мешавад, яъне аз нигоҳи онҳо ҷиҳати натиҷагирӣ асоси амал намудани андозбандӣ мебошад. Дар асоси ин метавон гуфт, ки иқтисоддонҳо ва молияшиносони ғарбӣ ҷанбаи миқдории муайян кардани иқтидори андозро риоя мекунанд ва амалан ба таносуби иқтидори андоз ва таъсири он ба равандҳои такрористеҳсол мадди назар мегардад. Иқтидори андоз дар заминаи вобастагии функсионалӣ ба назар гирифта намешавад. Аз ин ҷо муносибатҳои андоз ва манфиатҳои иқтисодӣ на ба танзим ва ҳавасмандгардонӣ, балки ба иҷрои вазифаи фискалии андозҳо равона мегардад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар ин хусус аз ҷониби муҳаққиқони хориҷи наздик, аз қабили олимони Федератсияи Россия иқтидори андозро таҳқиқ намудаанд. Масалан, Н.Д. Матрусов чунин мешуморад, ки дар фаҳмиши васеъ, «иқтидори андоз» - ҳаҷми умумии захираҳои андозбандишавандаи минтақа мебошад ва дар фаҳмиши тангтар, «иқтидори андоз» дар худ маблағи ҳадди аксари воридоти андоз ва хироҷҳои ҳисобшударо дар шароити қонунгузории амалкунанда ифода мекунад [10, с. 58].

Ба ақидаи А. Туракулов: “Иқтидори андози минтақа маҷмуи пардохтҳои андозӣ, ҷаримаю фоизҳо ва ҷамъи бақияи қарзи андоз мебошад, ки барои таъмини қисми даромади буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ равона мегарданд”.

Бо ҳамин мазмун, таҳлили сарчашмаҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби И.Р. Иброҳимзода, С.Р. Улуғхоҷаева, А.А. Бегматов, В.Д. Сабуров, Х.Қ. Ҷумъабоев, М.М. Салимова ва дигарон оид ба масъалаи иқтидори андоз ба мо имкон медиҳад, ки ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар шароити имрӯза дар робита ба шарҳи иқтидори андоз бо равишҳои гуногуни назариявӣ ва амалӣ ифода гардидаанд. Алалхусус, равиши фискалӣ, байнибуҷетӣ ва равиши захиравию натиҷавӣ, ки дар таҳқиқоти мо мавқеи хосса доранд.

Дар таҳқиқоти худ аксари муаллифон муносибати фискалиро барои муайян кардани иқтидори андоз риоя мекунанд, вале бояд нодурустии назариявӣ ва методологии ин равишро қайд намуд, ки он танҳо ба вазифаи фискалии муносибатҳои андоз дар низоми мафҳум ва ибораҳои мавҷудаи андоз таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Чунин равиш дар раванди истифодаи он аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади андозбандӣ ва пешгӯии андоз, муайян кардани ҳаҷми сафарбаркунии эҳтимолии даромад ба буҷетҳои дахлдор, тартиб додани шиносномаи андози минтақаҳо, ҳисоб кардани нишондиҳандаи ҳамкории фискалии андозҳо ҷолиб мебошад.

Аз адабиёт ва амалияи андозбандӣ бармеояд, ки аз ҳама бештар равияи захиравию натиҷавӣ дар робита ба иқтидори андозӣ мавқеи устувор гирифтааст. Гурӯҳе аз муҳаққиқон мушкилоти муайян кардани иқтидори андозро ҳамчун натиҷаи ҳадди аксари имконпазири раванди ниҳоии идоракунӣ меҳисобанд. Масалан, Н.И. Климова дар шарҳи худ, категорияи “иқтидор”-ро ҳамчун ҳамин гуна нишондиҳандаи ҷамъбастӣ меҳисобад, ки ин аз таъсири тамоми захираҳои ҷойдошта вобастагӣ дорад. Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки мавқеи мутахассисон дар бораи “захира-натиҷа”-ро ҳамчун замина ҳисобиданд ва он мавриди истифодабарӣ қарор дорад. Дар ин ҳолат, ба андешаи онҳо, имконияте ҷой дорад, ки вобаста ба шарҳи муаммои ҷойдошта, мафҳумҳои “иқтидор” ва “захираҳо” ҷудо карда мешаванд. Дар ин ҳолатҳо ба сифати амалиёти ҳисобишаванда чунин гурӯҳи муаллифон таносуби “захира – натиҷа”-ро бо тариқи усули умумииқтисодӣ мавриди истифода қарор медиҳанд [4, с. 130].

Ҳамин тариқ, унсурҳои таркибии заминаи андозбандӣ ва иқтидори андозӣ дар доираи фаъолияти субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз нигоҳи мо, бояд ки параметрҳои заминавии банақшагирии даромадҳои фискалиро дар асоси арзёбӣ намудани имкониятҳои молиявӣ (андозӣ)-и минтақаҳо дар бар гирад (ниг. ба расми 1).




**Расми 1. Механизми раванди андозбандӣ дар минтақа**
**Коркарди муаллифон**

Аз расми 1 маълум мегардад, ки механизми раванди андозбандӣ дар минтақа аз мазмун ва мундариҷаи категорияҳои «захираҳои андозӣ» ва «иқтидори андозӣ», ҳамзамон, марҳилаҳои гуногуни таъсисёбии раванди такрористеҳсолкунӣ вобастагӣ дорад. Ба ақидаи мо, дар робита ба ин, захираҳои андоз нишондиҳандаи миқдорӣ

мебошанд, ки ғанӣ гардонидани буҷет аз он вобастагӣ дошта, маҳз дар асоси нишондиҳандаҳои зикргардида, механизми ташаккули иқтидори андозро ифода мекунад.

Чунин механизм имкониятеро фароҳам меорад, ки дар доираи минтақа ташаккули иқтидори андозро аз ҳолатҳои хавфи андозӣ, ба эътибор гирифтани сиёсати андозӣ ва иқлими андозӣ дар алоқамандии зич ҳамчун объекти идоракунӣ қарор диҳад. Ба ақидаи мо, чунин ҳолат барои дар оянда ба ҳисоб гирифтани параметрҳои ташаккули воридоти андоз ва ғанӣ гардонидани иқтидори буҷетӣ аз ҳисоби воридоти андоз, захираҳои андозӣ ва робита ба муваффакшавӣ барои ба ҳисоб гирифтани иқтидори андозии минтақа мусоидат намояд.

Иқтидори андозии субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун даромадҳои имконпазири андозе ҳисобида мешаванд, ки дар асоси манбаи андозбандишаванда бо назардошти меъёрҳои ҷорӣ, тартиби муқарраршудаи ҳисоб кардани онҳо дар шароити муқаррарии андоз ҳисоб карда мешавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки иқтидори андоз бояд аз мавқеи ҳадди ниҳоии даромади андоз бо истифодаи муфиди кулли захираҳои ҷойдоштаи минтақа мушаххасан мавриди таҳқиқ бояд қарор гирад. Дар робита ба ақидаҳои олимон ва мутахассисони соҳа, маълум мегардад, ки ҳаҷми даромадҳои андозе, ки дар шароити мавҷуда барои истифодаи тамоми захираҳои минтақавӣ ҷой доранд, аз назари мо, ҳамчун иқтидори андози воқеӣ фаҳмида мешаванд. Дар натиҷа, даромадҳои андоз низ ҳамчун ҷузъи таркибии ташаккул додани параметрҳои мушаххаси моделсозӣ ва хулосабарорӣ ба ҳисоб мераванд. Дар ин замина, ҷиҳати дурнамои ташаккул додани иқтидори андози минтақавӣ ва беҳтар кардани таркиби маҷмуи маҳсулоти минтақавии кишвар имконпазир мегардад. Қайд кардан бамаврид аст, ки маҳз ҳамин ҷиҳат асоси равияҳои илмӣ-методии баҳодиҳии иқтидори андозии сатҳи минтақавӣ ба шумор рафта, равиши захиравию натиҷавӣ дар ин самт бартарияти бештар дорад. Аз ин хусус, мавқеи Т.Ф. Юткина ва консепсияи коркардашудаи ӯ, аз назари мо, ҷолиби диққат мебошад, ки моҳияти он иқтидори андозии стратегӣ – ҳаҷми дурнамошавандаи даромади умумӣ, ки дар доираи истеҳсолот ва муомилот баъд аз бартараф кардани хароҷоти умумӣ ба даст оварда мешавад. Дар заминаи ин, мавқеи мо чунин аст, ки захираҳои молиявӣ бояд дар ғанигардонии буҷети давлатӣ тавассути пардохтҳои андоз мутобиқ ба низомҳои муайянгардидаи андозбандии кишвар ҷамъоварӣ карда шаванд.

Мувофиқ ба ақидаи Т.Ф. Юткина, дараҷаи муайян гардидани заминаи андозбандӣ: "... ин дар асоси принсипҳои илмии ташаккули иқтидори андоз ва маълумоти амалии мониторинги фискалӣ оид ба арзиши таърихии он ба даст оварда шудааст" [11, с. 122]. Ҳамин тавр, муҳаққиқ иқтидори андозро дар асоси таносуби унсурҳои арзиши ба вуҷудомада ва истеъмолшаванда муайян намуда, таносуби ҳиссаҳои даромади умумии ҷамъият ва маблағи даромади миллиро, ки ба воситаи фондҳои истеъмол аз нав тақсим карда мешаванд, муқаррар менамояд.

Аз нуқтаи назари мо, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурате дар пеш меистад, ки бойигарии миллиро аз мавқеи ташаккули иқтидори андоз дар сатҳи минтақаҳо ва субъектҳои хоҷагидор боз ҳам фаъолтар гардонем.

Тибқи равияҳои номбаргардида, чунин ҷанбаҳои асосии муайян кардани иқтидори андозро вобаста ба ҳадафҳои стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 нишон додан мумкин аст. Қайд кардан бамаврид аст, ки пардохти андоз ин захираи молиявӣ ба шумор рафта, тибқи низоми андозбандӣ муқаррар мегардад. Ҳамзамон, захираҳои молиявие мебошанд, ки бояд тавассути андозбандӣ дар низоми «аҳолӣ-хоҷагидорӣ-ҳудуд» самаранок сафарбар карда мешаванд. Чунин ҳолатҳо тибқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 барои ҳалли муаммоҳо дар самтҳои мушаххаси идоракунии давлатӣ хело зарур гардидаанд. Аз ҷумла, барои

“бозмонии раванди ғайримутамарказонии фискалӣ аз дигаргунсозиҳои низоми идоракунии давлатӣ, бахусус аз раванди ислоҳоти низоми идоракунии молияи давлатӣ”, ки чунин равия барои ташаккул додани иқтидори андоз нокифоя мебошад. Инчунин, дар самти идоракунии маҳаллӣ барои «низоми идоракунии маҳаллӣ дар сатҳи шаҳрҳо, ноҳияҳо ва ҷамоатҳо бо муайян намудани иншооти молу мулкӣ ва қисми даромади онҳо тибқи принсипҳои ғайримутамарказонии фискалӣ” [7, с. 35- 41] ба роҳ монда мешавад. Аз ин ҷо интихоби ин ё он ҷанбаи баррасии иқтидори андози минтақа аз вазифаи ҳалшаванда вобаста мебошад. Бинобар ин, ба ақидаи мо, арзёбии фаъолияти андози мақомоти минтақавӣ, пеш аз ҳама, баҳодиҳии ҷамъоварии андоз дар минтақаҳои алоҳида ва муқоисаи минтақавӣ аз рӯйи омӯзиши иқтидори андоз дар бахши андозбандӣ бояд асоснокӣ дошта бошад.

Аз назари мо, таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба моликияти мақсадноки равиши захираҳо ба шарҳи иқтидори андоз бояд, ки дар доираи чунин ҷанбаҳо ба назар гирифта шавад: таъсири дарозмуддат ва кӯтоҳмуддати даромадҳои имконпазири андозии минтақаҳо. Ба ақидаи мо, дар ин замина, таъсири омили ба иқтисодиёти минтақавӣ ва, умуман, сатҳи умумиҷумҳуриявӣ хос мебошад. Дигар гурӯҳи муҳаққиқон, аз қабили Д.Р. Попенков, ақида дорад, ки иқтидори андоз ба стратегӣ ва ҷорӣ тақсим мешавад. Иқтидори стратегӣ ин ҳаҷми ҳадди имконпазири захираҳои молиявие мебошад, ки тавассути андозбандӣ бо истифодаи оптималӣ ва оқилонаи ҳар як захираи мавҷудаи минтақа метавонад дар низоми хоҷагидорӣ сафарбар карда шавад. Дар ҷанбаи ҷорӣ бошад, иқтидори андоз ин қобилияти базаи захиравии минтақа барои ба даст овардани даромадҳои воқеии буҷет дар шакли андозҳо ва пардохтҳо тибқи қонунгузории амалкунанда ҳисобшуда мебошад.

Ҳамин тавр, дар раванди гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, ташаккули низоми муосири андоз олимонро водор намуд, ки ба муаммоҳои иқтисодиёти минтақа аз мавқеи нав назар андозанд. Дар ин ҷода, чунин ҳисобида мешавад, ки ҳар як минтақа аз рӯйи мавқеи ҷойгиршавӣ, хусусиятҳои таърихӣ ва миллӣ, суботи иҷтимоию сиёсӣ, сатҳҳои ибтидоии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, нақш дар сатҳи кунунии рушди иқтисоди миллӣ ва дараҷаи мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ, сохтори онҳо дар доираи талаботи Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ ба роҳ монда шаванд. Ҳамин аст, ки аз ҷониби муҳаққиқон дар робита ба мафҳум ва мундариҷаи иқтисоди минтақавӣ рӯз то рӯз ақида ва равияҳои нав пайдо гардида истодааст, ки зарурати коркарди равияҳои илмӣ-методии баҳодиҳии иқтидори андозии сатҳи минтақавиро зарур гардонидааст.

Дар натиҷаи таҳқиқ ва омӯзиши масъалаи зикргардида, мафҳуми «иқтидори андоз» бояд бо чунин таърифи муаллифӣ пешниҳод карда шавад: иқтидори андози минтақа аз ҷиҳати функсионалӣ аз мавҷудияти омилҳои истеҳсолот вобаста мебошад. Мафҳум ва мундариҷаи ташаккули иқтидори андоз дар робита ба шарҳи он аз ҷониби муаллифон ҷамъбаст гардида, дар ин асос ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар доираи низоми муайяни андоз, мазмуни сифатӣ ва андозаи миқдории онро бо тариқи маҷмуии рушди иқтисодӣ, ки бо динамикаи иқтидори иқтисодӣ, заминаҳои ҳуқуқӣ ифода мекунанд, муайян кардан лозим аст. Ҳамин тавр, унсурҳои асосии андоз бо тариқи иловагӣ нишондиҳандаҳои татбиқи иқтидори низоми муносибатҳои байнидавлатиро низ дар худ таҷассум менамоянд.

**Адабиёт**


1. Бегматов, А.А. Влияние налогов на экономический рост: вопросы теории и практики / А.А. Бегматов, Н.А. Солиев //Финансово-экономический вестник. - Душанбе, 2019. - №4 (20). – С. 26 – 33.
2. Воҳидов, У.М. Баъзе ҷанбаҳои гаронии андоз дар сатҳи корхонаҳои хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон / У.М. Воҳидов, М.М. Воҳидов // Паёми молия ва иқтисод. - Душанбе, 2019. - №1(17). – С. 62-68.
3. Зенченко, С.В. Бюджетный потенциал региона и методические подходы к его оценке / С.В. Зенченко // Финансовая политика и БРЭР. - 2008. - №2 (19). - С. 183 – 198.

4. Климова, Н.И. Экономический инструментарий регулирования федеративных отношений / Н. Климова // Материалы Международной научно-практической конференции на тему «Экономические факторы федерализации России». - М., 2000. – С. 125 -134.
5. Маъмуров, А.М. Баҳодиҳии иқтидор ва тамоюли нишондиҳандаҳои асосии ҷамъоварии андоз дар вилояти Суғд /А.М. Маъмуров, Х.Ҳ. Исматов // Ахбори ДДҲБСТ, силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. - Хуҷанд, 2021. - №2 (87). - С. 41-55.
6. Россия и проблемы бюджетно-налогового федерализма: Программа технического сотрудничества Всемирного банка. - Москва, 1993. - С. 84-85.
7. Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030. - Душанбе, 2016. – 98с.
8. Тӯхтаев, Т.М. Ҷанбаҳои назариявию методии иқтидори андози минтақа: муаммо ва дурнамои татбиқ / Т.М. Тӯхтаев, Х.Х. Исматов // Паёми молия ва иқтисод.– Душанбе, 2021. - № 4 (28). - С. 126 - 136.
9. Ҷумъабоев, Х.Қ. Ҷамъоварии андоз ҳамчун нишондиҳандаи назорати андоз дар сатҳи минтақа / Х.Қ. Ҷумъабоев, А.М. Маъмуров // Паёми молия ва иқтисод.– Душанбе, 2021. - № 4 (28). - С. 91-101.
10. Юткина, Т.Ф. Налоги и налогообложение. Учебник / Т.Ф. Юткина. – М.: ИНФРА, 2002. – 216 с.
11. Юткина, Т.Ф. Налоги и налогообложение: Учебник. 2-е изд., перераб. и доп./ Т.Ф. Юткина. - М.: ИНФРА, 2002. – 224 с.
12. Barro S. M. State Fiscal Capacity Measures: A Theoretical Critique / Measuring Fiscal Capacity, ed. Reeves H. C. - Boston: Oelgeschlager, Gunn & Hain, Publishers, Inc., 1986. - P. 60

**УДК: 338**

## ТАСНИФ ВА БАҲОДИҲИИ ХАВФҲОИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

***Содиқов Раҳмон Ҳамроевич*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Носир, 33. Тел.: +992 93-518-00-12. E-mail: rakhmon67@mail.ru*

***Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич*** *- муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 63/3. Тел: 900-604-645, E-mail: farrukhinemat@mail.ru.*

*Дар шароити муносибатҳои бозорӣ корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар вазъияти зиёд шудани номуайянӣ ва ноустувории муҳити иқтисодӣ пеш мебаранд. Дар ин робита, дар масъалаи гирифтани натиҷаи ниҳоии пешбинишуда номуайянӣ, носаҳеҳӣ ва нобоварӣ ба вуҷуд меоянд ва дар ин замина, хавфҳо, яъне эҳтимоли нобарории кор, талафоти молиявӣ ва моддии пешбининашуда пайдо мешавад. Вобаста ба чунин ҳолат, зарурати таҳияи стратегияи нави идоракунии корхонаи саноатие, ки дар шароити номуайянӣ ва хавф фаъолият мекунад, таҳияи методикаи таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳо, инчунин, тартиби қабул ва иҷрои қарорҳои идоракунӣ, ба миён меоянд. Барои бомуваффақият ва самаранок идора кардани хавфҳо қобилияти муайянкунӣ, таҳлил, баҳодиҳӣ ва пешгӯии хавфҳоро доштан зарур аст.*

*Дар ин мақола равишҳои методии ташаккули системаи меъёрҳои таснифи хавфҳои корхонаҳои саноатӣ, равишҳои баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои мазкур баррасӣ ва алгоритми таҳлили хавфҳо пешниҳод ва тартиби истифодашаванда барои таҳлили хавфҳо нишон дода шудаанд. Муаллифон усулҳои сифатӣ ва миқдории таҳлили хавфҳои корхонаҳои саноатиро ҷамъбаст кардаанд. Бо мақсади таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳо, таҳияи усулҳои паст кардани сатҳи онҳо ҳангоми идоракунии истеҳсолот, схемаи умумии системаи идоракунии хавфҳо барои корхонаҳои саноатӣ пешниҳод карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *хавфҳо, корхонаи саноатӣ, суғуртаи хавфҳо, баҳодиҳии хавфҳо, таснифи хавфҳо, идоракунии истеҳсолот, эҳтимолият, таҳлили сифатӣ, таҳлили миқдорӣ, худсуғуртакунии хавфҳо.*

## КЛАССИФИКАЦИЯ И ОЦЕНКА РИСКОВ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

***Содиков Рахмон Хамроевич*** - *кандидат экономических наук, доцент кафедры управления государственными финансами Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Носира, 33. Тел.: (+992) 93-518-00-12. E-mail: rakhmon67@mail.ru*

***Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич*** - *старший преподаватель кафедры экономики и управления Технологического университета Таджикистана. Адрес: 734061, Република Таджикистан, г. Душанбе, ул. Н. Карабаева, 63/3. Тел.: 900-604-645. E-mail: farrukhinemat@mail.ru.*

*В условиях рыночных отношений промышленным предприятиям Республики Таджикистан приходится осуществлять свою деятельность в условиях нарастающей неопределенности ситуации и изменчивости экономической среды. В связи с этим, возникает неопределенность, неточность и неуверенность в получении ожидаемого конечного результата, а, следовательно, возникают риски, т.е. вероятность неудачи, непредвиденных финансовых и материальных потерь. Исходя из этого, возникает необходимость в разработке новой стратегии управления промышленным предприятием, действующего в условиях неопределённости и риска, разработки методики анализа и оценки рисков, а также процедуры принятия и реализации управленческих решений. Для успешного и эффективного управления рисками необходимо уметь их идентифицировать, анализировать, оценить и прогнозировать. В данной статье рассмотрены методические подходы к формированию системы классификационных критериев рисков промышленных предприятий, подходы к оценке рисков данных предприятий, представлен алгоритм анализа рисков, обозначены процедуры, применяемые для анализа рисков. Авторами проведено обобщение качественных и количественных методов анализа рисков промышленных предприятий. Предложена общая схема системы управления риском промышленных предприятий с целью осуществления анализа и оценки рисков, выработки методов их снижения при управлении производством.*

***Ключевые слова:*** *риски, промышленное предприятие, страхование рисков, оценка рисков, классификация рисков, управление производством, вероятность, качественный анализ, количественный анализ, самострахование рисков.*

## CATEGORIZATION AND ESTIMATION RISK INDUSTRIAL ENTERPRISE

***Sodikov Rahmon Hamroevich*** - *candidate in economics, assistant professor of the Department of Management State Finance of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. The address: 734025, Tajikistan, Dushanbe, street Said Nosir 33. Tel.: 93-518-00-12. E-mail: rakhmon67@mail.ru.*

***Khairulloev Farruh Ne'matulloevich*** - *senior teacher of the pulpit of the economy and governing of Technological university of Tajikistan. The address: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, street N. Karaboev, 63/3. Tel.: 900-604-645. E-mail: farrukhinemat@mail.ru.*

*In condition of the market relations industrial enterprise Republics of Tajikistan it happens to realize its activity in condition growing uncertainties to situations and variability of the economic ambience. In this connection, appears the uncertainty, inexactness and insecurity in reception expected final result, but, consequently, appear the risks, that is to say, probability of the failure, incidental financial and material losses. Coming thereof, appears need in development of the new strategy of management industrial enterprise, acting in condition uncertainty and risk, development of the methods of the analysis and estimations risk, as well as procedures of the acceptance and realization of the management decisions. For successful and efficient management risk necessary to know how their identify, analyses, value and forecast. In given article are considered methodical approaches to shaping the system of the taxonomic criterion risk industrial enterprise, approaches to estimation risk data enterprise, is presented algorithm of the analysis risk, is marked procedures applicable for analysis risk. The Authors is organized generalization qualitative and quantitative methods of the analysis risk industrial enterprise. It is offered general scheme managerial system by risk industrial enterprise for the reason realization of the analysis and estimations risk, productions of the methods of their reduction when production governing.*

***Keywords:*** *risks, industrial enterprise; the insurance risk, estimation risk, categorization risk; production management, probability, qualitative analysis, quantitative analysis, insurance risk itself.*

Яке аз хусусиятҳои муҳимми фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ мавҷудияти номуайянӣ ва хавфҳо ҳам дар марҳилаи ташаккул ва ҳам дар давраи фаъолияти минбаъдаи онҳо мебошад. Хавфҳо хусусияти муҳим, ҳатмӣ ва ногузири фаъолияти ҳар як субъекти соҳибкорӣ мебошанд.

Корхона, чун қоида, бе мавҷудияти хавфҳо ба натиҷаҳои баланди иқтисодӣ ноил шуда наметавонад, яъне хавфҳо агар, аз як тараф, эҳтимоли пайдоиши зарар бошанд, аз тарафи дигар, омили рушди босуръати корхона ба шумор меравaнд. Қабули ҳар гуна қарор аз ҷониби соҳибкор дар ҷараёни фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ хусусияти хавфнокӣ дорад, яъне эҳтимоли ба вуҷуд омадани зарар, талафот ё натиҷаҳои мусбӣ мавҷуд мебошад. Вобаста ба ин О.Уайлд навишта буд, ки ҳар касе кӯшиш мекунад, ки аз берун ҳарчи бештар ба дарун ворид шавад, вай ҳарчи бештар ба хавф рӯ ба рӯ мешавад [8, с.141].

Ричард Боултон ва ҳамкорони ӯ мегӯянд: «Шумо бидуни хавф тиҷорат карда наметавонед. Агар шумо таваккал накунед, ҳеҷ чиз ба даст оварда наметавонед» [1, с.115].

Фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ монанди ҳар гуна фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити мавҷудияти хавфҳо амалӣ мегардад ва аз ин ҷост, ки масъалаи тасниф ва баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноатӣ аҳаммияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад. Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти корхонаҳои саноатӣ фаъолияти сармоягузорӣ буда, бо хавфҳои сармоягузорӣ сахт вобаста аст. Намудҳои асосии хавфҳои сармоягузорӣ инҳо мебошанд: қарзӣ, фоизӣ, биржавӣ, селективӣ, талафи молиявии мустақим, фоидаи аз даст додашуда, паст шудани даромаднокӣ, муфлисшавӣ ва ғайра. Иқтисодчиёни ватанӣ А.Б. Мирсаидов, Ш.М. Саидмуродов қайд кардаанд, ки хавфи сармоягузорӣ ин эҳтимолияти пайдоиши ғайричашмдошти талафоти молиявӣ дар ҳолати номуайянии шароити сармоягузорӣ мебошад [5, с.42]. Воқеан ҳам, номуайянӣ сарчашма ё заминаи пайдоиши хавфи сармоягузорӣ буда, эҳтимолият ва зарар хусусиятҳои хоси он мебошанд. Ба андешаи мо, натиҷаи хавфи сармоягузорӣ на танҳо зарар, балки фоида ё зиёд шудани даромад назар ба нақшаи пешбинишуда низ шуда метавонад. Аз ин ҷост, ки ба ақидаи Ш.М. Саидмуродов, «хавфу хатар ин имконияти потенсиалии ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои ногаҳонӣ бо натиҷаҳои манфӣ ё мусбӣ барои амволи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ буда, донистани хусусият ва оқибатҳои он ҳатмӣ мебошад» [6, с.29]. Иқтисодчии тоҷик Ш. Шамсуллозода қайд намудааст, ки ташаккул ва рушди соҳибкорӣ ба дараҷаи муайян аз сатҳи хавфҳои марбут ба фаъолияти он вобаста мебошад [9, с.40].

Масъалаи баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳои корхонаҳои саноатӣ аз хусусиятҳои хоси фаъолияти онҳо вобаста мебошад (расми 1).

Рушди босуръати фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ба он оварда мерасонад, ки заминаҳо ва омилҳои пайдоиши хавфҳо доимо зиёд шуда, дар натиҷа ҳаҷми оқибатҳои манфии онҳо бештар мегардад. Барои идоракунии оқилона ва самараноки хавфҳо идентификатсия ё муайянкунӣ, таҳлил, баҳодиҳӣ ва пешгӯии онҳо зарур аст.

Дар робита ба бахши истеҳсолӣ, хавф ҳамчун имкони аз даст додани як қисми захираҳо ва/ё кам шудани даромад нисбат ба сатҳҳо ва арзишҳое муайян карда мешавад, ки дар асоси фарзияҳои истифодаи оқилонаи захираҳо ва меъёрҳои қабулшуда ва сенарияи рушди шароити бозор ҳисоб карда шудаанд [2, с.151].

Хусусиятҳои таснифи хавфҳои корхонаҳои саноатӣ. Дар адабиёти муосири иқтисодӣ оид ба моҳияти мафҳуми «хавф» андешаҳои зиёди олимон-иқтисодчиён мавҷуд аст ва ба андешаи мо, таърифҳои зерини ин мафҳумро пешниҳод кардан хело муҳим мебошад:

- хавф эҳтимоли дуршавӣ аз натиҷаҳои ба нақша гирифташуда (зарар ё фоидаи иловагӣ) [7, с.85];
- хавф ҳолати номуайяние мебошад, ки онро аз ҷиҳати сифатӣ ва миқдорӣ баҳогузорӣ кардан мумкин аст [4, с.92];

- хавф амали бобарор дар вазъияти номуайянӣ ба умеди натиҷаи мусбӣ мебошад [10, с.63].




**Расми 1. Хусусиятҳои хоси корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Сарчашма:** коркарди муаллифон.

Таснифи хавфҳо моҳияти онҳоро кушода, имкон медиҳад, ки хусусиятҳои онҳо муайян карда, дар асоси натиҷаҳои баҳодиҳии онҳо тадбирҳо оид ба паст кардани сатҳи хавфҳо таҳия шаванд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Таснифи хавфҳои корхонаҳои саноатӣ**

| **Меъёрҳои тасниф** | **Намуди хавфҳо** | **Тавсифи хавфҳо** |
|---|---|---|
| Соҳаи пайдоиш | Сиёсӣ | Бо номуътадилии сиёсӣ ва ворид кардани тағйирот ба қонунгузории амалкунандаи мамлакат вобаста мебошад. |
| | Экологӣ | Бо ҳолатҳои садамавӣ ва ифлосшавии муҳити зист вобаста аст. |
| | Истеҳсолӣ | Бо ҳолатҳои зерин вобаста аст: танаффуси маҷбурӣ дар истеҳсолот; талафоти воситаҳои асосӣ; аз кор баромадани фондҳои асосӣ. |
| | Тиҷоратӣ | Бо тағйирёбии шароити фаъолияти тиҷоратӣ ва қисмҳои бозор вобаста мебошад. |
| | Нақлиётӣ (логистикӣ) | Бо ҳолати беталаф нигоҳ доштани бор ҳангоми боркашонӣ, риояи мӯҳлати таҳвили бор алоқаманд мебошад. |
| | Молиявӣ | Бо эҳтимоли аз даст додани захираҳои молиявӣ вобаста аст. |
| Табиати пайдоиш | Объективӣ | Хавфҳое, ки новобаста аз фаъолияти корхона ё таъсири одамон ба вуҷуд меоянд. |
| | Субъективӣ | Хавфҳое, ки дар натиҷаи таъсири одамон пайдо мешаванд. |
| Муҳити пайдоиш | Берунӣ | Тағйирёбии сиёсати иқтисодӣ, офатҳои табиӣ, хавфи асъорӣ. |

| | | |
|---|---|---|
| | Дохилӣ | Хавфҳое, ки бевосита бо фаъолияти корхона вобаста мебошанд: истеҳсолӣ, молиявӣ, тиҷоратӣ, техникӣ ва ғайра. |
| Сатҳи қобили қабул будани хавф | Имконпазир, қобили қабул | Хавфе, ки зарари молиявии дар натиҷаи рух додани он бавуҷудомада аз ҳаҷми фоидаи интизории корхона камтар аст. |
| | Бисёр мушкил, хатарнок | Хавфе, ки зарари молиявии дар натиҷаи рух додани он бавуҷудомада аз ҳаҷми фоидаи интизории корхона бештар мебошад. |
| | Ҳалокатовар | Хавфе, ки зарари молиявии дар натиҷаи рух додани он бавуҷудомада ба ҳаҷми сармояи умумии корхона баробар ё аз он зиёдтар буда, ба муфлисшавии корхона оварда расониданаш имконпазир мебошад. |
| Имконпазирии суғуртакунӣ | Суғурташаванда | Хавфҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ қабул карда мешаванд. |
| | Суғуртанашаванда | Хавфҳои эҳтимоли ба вуҷуд омаданашон, инчунин зарари имконпазир хело зиёд буда, аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ қабул карда намешаванд. |
| Оқибати фарорасии хавф | Холис ё соф | Хавфҳое, ки натиҷаашон сифр (на зарар, на фоида) ё манфӣ (зарар) мебошанд (офатҳои табиӣ, хавфҳои экологӣ, истеҳсолӣ, сиёсӣ, нақлиётӣ, қонунгузорӣ ва ғайра). |
| | Спекулятивӣ (ҳаннотӣ) | Хавфҳое, ки натиҷаашон ё манфӣ (зарар) ва ё мусбат (фоида) мебошанд (хавфҳои таваррумӣ, қарзӣ, фоизӣ, биржавӣ, муфлисшавӣ ва ғайра). |

**Сарчашма:** муаллифон таҳия кардаанд.




**Расми 2. Алгоритми баҳодиҳии маҷмуии хавфҳои корхонаҳои саноатӣ**
**Сарчашма:** муаллифон таҳия кардаанд.

Равишҳо оид ба баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноатӣ. Дар натиҷаи омӯзиши равишҳои гуногун оид ба баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноатӣ мо алгоритми зеринро таҳия намудем (расми 2).

Хусусияти муҳимми таснифи хавфҳои корхонаҳои саноатӣ он аст, ки чунин тасниф одатан шартӣ мебошад, зеро ба намудҳои гуногун тақсим кардани хавфҳо душвор аст. Чунки ҳамаи хавфҳо бо ҳам сахт алоқаманд буда, ҳамдигарро иваз ва пурра мекунанд, хусусияти омехта доранд ва метавонанд ҷузъи ҷудонашавандаи якдигар бошанд.

Дар марҳилаи аввали баҳодиҳии маҷмуии хавфҳои корхонаҳои саноатӣ муайянкунии сабабҳо ва омилҳои хавфҳо, ки таъсири манфии онҳо ба фаъолияти хоҷагидорӣ бояд кам карда шавад, гузаронида мешавад. Мақсади асосии баҳодиҳии хавфҳо муайян кардани ҳадди ниҳоии хавфҳои қобили қабул ё имконпазир барои ҳолати мушаххас мебошад. Пас аз ин, бояд омилҳои муайяншуда таҳлил ва арзёбӣ карда шаванд [3, с.151]. Таҳлили муқоисавии усулҳои баҳодиҳии хавфҳо имкон дод, ки мо дар ин самт ду равишро ҷудо намоем: баҳодиҳии сифатӣ ва баҳодиҳии миқдорӣ (расми 3).




**Расми 3. Тартиби таҳлили хавфҳои корхонаҳои саноатӣ**
**Сарчашма:** муаллифон таҳия кардаанд.

Хусусияти асосии равиши баҳодиҳии сифатии хавфҳо дар он зоҳир мегардад, ки аввал хавфҳои имконпазир ва зарари эҳтимолии онҳо муайян карда шуда, баъдан чорабиниҳо оид ба идоракунии онҳо таҳия карда мешавад. Таҳлили сифатии хавфҳои

корхонаҳои саноатӣ барои муайян кардани ҳамаи хавфҳои имконпазир, омилҳо ва сабабҳои пайдоиши онҳо, пайдарпайии амалҳое, ки дар рафти иҷрои онҳо хавфҳо ба вуҷуд меоянд, нигаронида шудааст.

Яке аз усулҳои маъмул, хеле дастрасу имконпазир ва васеъистифодашавандаи баҳодиҳии сифатии хавфҳои корхонаҳои саноатӣ усули экспертӣ мебошад (расми 4).

Хусусияти хоси усули баҳодиҳии экспертӣ дар он аст, ки ҳангоми қабули қарори мувофиқ ё муносиб далелҳои дақиқи математикӣ талаб карда намешаванд. Барои ба даст овардани натиҷаҳои миқдории хавфҳо, экспертҳо ҳамчун "асбоби ченкунӣ" истифода мешаванд. Интуитсия, дониши касбӣ ва таҷрибаи андӯхтаи экспертҳо имкон медиҳад, ки маълумоти хело дақиқ ва дуруст ба даст оварда шавад.




**Расми 4. Алгоритми технологияи баҳодиҳии экспертии хавфҳои корхонаҳои саноатӣ**
**Сарчашма:** муаллифон таҳия кардаанд.

Зарурати истифодаи усули баҳодиҳии экспертӣ барои арзёбии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ дар он аст, ки хусусияти хавфҳо гуногун буда, муайян кардани оқибати онҳо душвор мебошад. Масалан, арзёбии хавфҳои корхонаҳои мазкур, ки бо пайдоиши корхонаҳои нави ин соҳа, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, тағйирёбии сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат ва ғайра вобаста мебошанд, душвории муайянеро пеш меорад. Усули баҳодиҳии экспертӣ бо роҳи гузаронидани пурсиши якчанд эксперти мустақил бо мақсади баҳодиҳии сатҳи хавфҳо ё муайян кардани таъсири омилҳои гуногун ба сатҳи ин хавфҳо амалӣ карда мешавад. Ҳангоми истифодаи усули мазкур, агар экспертҳои пурсидашуда мустақил бошанд, натиҷаҳои хуб ба даст овардан мумкин аст.

Хусусияти хоси усули баҳодиҳии экспертӣ дар он аст, ки ҳангоми қабули қарори мувофиқ ё муносиб далелҳои дақиқи математикӣ талаб карда намешаванд. Барои ба даст овардани натиҷаҳои миқдории хавфҳо, экспертҳо ҳамчун "асбоби ченкунӣ" истифода мешаванд.

Интуитсия, дониши касбӣ ва таҷрибаи андӯхтаи экспертҳо имкон медиҳад, ки маълумоти хело дақиқ ва дуруст ба даст оварда шавад.

Бояд зикр намуд, ки дар ҷараёни идоракунии хавфҳо дар баробари усулҳои баҳодиҳии сифатӣ, инчунин, усулҳои гуногуни баҳодиҳии миқдории хавфҳо истифода мешаванд. Усулҳои бештар маъмул ва паҳнгардидаи баҳодиҳии миқдории хавфҳо инҳо мебошанд: усули баҳодиҳии оморӣ, усули қиёсӣ, усулҳои мантиқӣ-эҳтимолӣ, гурӯҳи усулҳои таҳлилӣ ва ғайра (расми 5).

Баҳодиҳии миқдории хавфҳо, ки асоси онро назарияи эҳтимолият ва омори математикӣ ташкил медиҳанд, ҷараёни баҳодиҳии ададиро барои ҳар як хавф дар назар дошта, имкон медиҳад дараҷаи таъсиррасонӣ ва эҳтимоли ба вуҷуд омадани хавфҳо баҳогузорӣ карда шавад. Мақсади асосии таҳлили миқдории хавфҳо муайян кардани ҳаҷми натиҷаи эҳтимолии хавфҳо (манфӣ, мусбат, сифр) ба шумор меравад [11, с.118].

Бояд қайд намуд, ки тавассути баҳодиҳии миқдории хавфҳо, ҳамзамон, нишондиҳандаҳои миқдории эҳтимоли рух додани хавфҳо ва оқибати онҳо муайян карда шуда, баҳодиҳии сатҳи хавфҳо гузаронида мешавад. Баҳодиҳии миқдории хавфҳо назар ба баҳодиҳии сифатии хавфҳо мушкил буда, тадқиқоти махсусро талаб мекунад.




**Расми 5. Таснифи усулҳои баҳодиҳии миқдории хавфҳои корхонаҳои саноатӣ**

**Сарчашма:** муаллифон таҳия кардаанд.

Ба андешаи мо, аз сабаби сода будани ҳисобҳои математикӣ усулҳои омории баҳодиҳии хавфҳо бештар маъмул мебошанд.

Дар солҳои охир ба усулҳои таҳлилии баҳодиҳии хавфҳо, яъне усулҳое, ки тақсимоти эҳтимолиятро ба назар мегиранд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад. Ин усулҳо, чун қоида, барои арзёбии хавфҳои сармоягузорӣ ва инноватсионӣ истифода мешаванд.

Барои ҳалли масъалаи пешгӯии хавфҳои корхонаҳои саноатӣ аз ҳамаи усулҳои маълуми оморӣ ва иқтисодӣ истифода бурдан мумкин аст, ки имкон медиҳанд параметрҳои объект пешакӣ дар фосилаи муайяни вақт ҳисоб карда шавад. Сатҳи хавфро дар асоси алгоритми зерин арзёбӣ кардан мумкин аст:

$$СХ=ЭПХ*ТЭМ, \quad (1)$$

дар ин ҷо: СХ - сатҳи хавфи дахлдор;

ЭПХ - эҳтимоли пайдоиши хавф;

ТЭМ - маблағи талафоти эҳтимолии молиявӣ дар амалисозии хавфи мазкур.

Ҳамин тариқ, маҷмуи усулҳои муайян кардани эҳтимолияти талафот мавҷуд мебошад, ки барои баҳодиҳии тахминии ҳаҷми умумии хавфҳои корхонаи саноатӣ имкон медиҳанд.

Корхонаи саноатӣ дар ҷараёни фаъолияти худ метавонад аз қабул ё иҷрои ин ё он қарори марбут ба хавф, яъне қарори хавфнок, даст кашад.

То имрӯз аз ҷониби олимони гуногун шумораи зиёди усулҳои то ҳадди ақал кам кардани зарари хавфҳои корхонаҳои саноатӣ пешниҳод карда шудааст. Ба андешаи мо, роҳҳои асосии то ҳадди ақал кам кардани хавфҳои корхонаҳои саноатӣ инҳо мебошанд:

- тақсимоти хавф дар байни агентҳои гуногун;
- суғуртакунии хавфҳо;
- худсуғуртакунии хавфҳо;
- ташкили диверсификатсияи истеҳсолот;
- маҳдудкунӣ (муқаррар кардани лимит);
- банақшагирии алтернативӣ;
- ташкили сохтори тағйирпазири истеҳсолӣ;
- ташкили фондҳои захиравӣ (суғуртавӣ);
- мониторинги иттилоотӣ;
- омӯзиш ва баланд бардоштани тахассуси кормандон;
- истифодаи технологияҳои муосир;
- дур шудан ё даст кашидан аз хавфҳо.

Бо назардошти хусусиятҳои соҳавии корхонаҳои саноатӣ ҳангоми идоракунии истеҳсолот бояд роҳҳои паст кардани сатҳи хавфҳо, ки ба таъмини захираҳои истеҳсолот ва пешбурди фаъолияти самараноки таъминотӣ нигаронида шудаанд, муайян карда шавад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. - Усулҳои паст кардани сатҳи хавфҳои корхонаҳои саноатӣ**

| Намуди хавфҳо | Усулҳои паст кардани сатҳи хавфҳо |
|---|---|
| **Дар соҳаи истеҳсолот** | |
| Хавфи техникӣ | Гузаронидани чорабиниҳои профилактикӣ ё пешгирикунӣ, ташкили фондҳои захиравӣ, суғуртавӣ |
| Хавфи технологӣ | Назорати сифат, мониторинги вазъият |
| Хавфи ташкили истеҳсолот | Таҳияи самтҳои ояндадори рушд, ташкили оқилонаи сохтори истеҳсолот, гузаронидани сиёсати самараноки инноватсионӣ ва сармоягузорӣ |
| Хавфи таъмини захираҳои меҳнатӣ | Баланд бардоштани тахассуси кормандон, омӯзиш ва такмили ихтисоси кормандон, гузаронидани аттестатсия, суғуртакунӣ аз ҳодисаҳои нохуш |

| | |
|---|---|
| Хавфи иҷрои корҳо | Усулҳои ҳавасмандкунии кормандон, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои корхона мусоидат менамоянд |
| Хавфи офатҳои табиӣ | Суғуртакунӣ, худсуғуртакунӣ ё ташкили фонди захиравӣ (суғуртавӣ) |
| **Дар соҳаи таъминот ва фурӯш** | |
| Хавфи бозорӣ | Гузаронидани ҷараёнҳои ҳамгироӣ (бастани шартномаҳо ва созишномаҳои дарозмуҳлат), диверсификатсияи истеҳсолот |
| Хавфи нақлиётӣ | Худсуғуртакунӣ, ҷорӣ намудани ҷаримаҳои муҷозотӣ |
| Хавфи инноватсионӣ | Татбиқи технологияҳои каммасрафи инноватсионӣ |
| Хавфи харидани ашёи хом | Татбиқи усулҳои илмии идоракунии захираҳо |
| Хавфи маркетингӣ | Гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ, диверсификатсияи бозорҳои фурӯш, ташкил ва рушди тамғаи молӣ (брэнд) |

**Сарчашма:** муаллифон таҳия кардаанд.

Ҳамин тариқ, шароити муосири иқтисодӣ, ки корхонаҳои саноатӣ дар он фаъолият доранд, зарурати тасниф ва баҳодиҳии хавфҳоро тақозо мекунад.

Тавсияҳои методии баррасишуда оид ба таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳо имкон медиҳанд механизми самараноки пешгирии хавфҳо, ки ба ҳалли масъалаҳои муътадилсозӣ ва рушди корхонаҳои саноатӣ нигаронида шудааст, ташкил карда шавад. Инчунин, тавсияҳои мазкурро ҳамчун воситаи муҳим ҳангоми қабул ва иҷрои қарорҳои марбут бо хавфҳо истифода бурдан мумкин аст.

**Адабиёт**


12. Атапина Н.В. Сравнительный анализ методов оценки рисков и подходов к организации риск-менеджмента / Н.В. Атапина, В.Н. Кононов // Молодой учёный. - 2019. - №5(52). - С. 112-120.
13. Костин Ю.В. Как управлять рисками / Ю.В. Костин, А.Б. Бычкин // Финансовый директор. - 2018. - №9. - С. 148-155.
14. Лапуста М. Риски в предпринимательской деятельности / М. Лапуста. - М.: Дело и Сервис, 2018. - 312 с.
15. Машков Д.М. Совершенствование механизма управления рисками промышленного предприятия: дис. на соиск. уч. степ. канд. экон. наук. по спец: 08.00.05 / Д.М. Машков. - М., 2019. - 187 с.
16. Мирсаидов А.Б. Риск и страхование в системе аграрных экономических отношений (теоретический аспект) / А.Б. Мирсаидов, Ш.М. Саидмуродов // Кишоварз (Земледелец). - 2014. - №3(63). - С. 40-46.
17. Саидмуродов Ш.М. Такмили методҳои паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи н.и.и. аз рӯйи ихтисоси: 08.00.10 / Ш.М. Саидмуродов. – Душанбе, 2018. - 189 с.
18. Серов С.Н. Методические особенности оценки инвестиционных процессов в условиях финансовой неустойчивости предприятий: дис. на соиск. уч. степ. канд. экон. наук: 08.00.05 / С.Н. Серов. - Ставрополь. - 2005. - 154 с.
19. Уайльд О. Портрет Дориана Грея: избранные произведения (сборник)/О.Уайльд. - М.: Эксмо, 2016. - 458 с.
20. Шамсуллозода Ш. Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия: диссертасия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.10 - Душанбе. - 2022. - 344 с.
21. Шелепов А.М. Управление экономическими рисками хозяйствующих субъектов: дис. на соиск. уч. степ. канд. экон. наук по спец: 08.00.05 / А.М. Шелепов. - Кострома. - 2016. - 188 с.

22. Boulton R. E.S.,Libert B. D.,Samek S. M.Cracking the Vaiue Code: How Successful Businesses Are Creating Wealth in the New Economy. N.Y.: HarperBusiness, 2010. P. 181.

**УДК 336:631 (575.3)**

## УСУЛҲОИ ИДОРАКУНИИ ТАЪМИНОТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР РУШДИ ИСТИФОДАБАРИИ ОБ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН

***Арабов Фирдавс Пулодович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 73. Телефон: 918-72-28-29. E-mail:firdavs300@mail.ru.*

*Дар мақолаи мазкур масъалаи идоракунии сармоягузорӣ дар рушди истифодабарии об дар соҳаи кишоварзӣ ва заминҳои обёришавандаи Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Хусусиятҳои хоси таъминоти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ ва истифодабарии об дар ин самт муайян гардидааст. Аз ҷониби муаллиф, таҳлили ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ва маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷаи давлат гузаронида шуда, сабабҳои бад шудани инфрасохтори ирригатсионӣ, заҳбуру заҳкашҳо ва зеристгоҳҳои обкашонӣ муайян карда шудааст. Метод ва механизмҳои таъминоти сармоягузорӣ ба истифодаи об дар заминҳои обёришаванда пешниҳод карда шудааст. Маҷмуи принсипҳо ва сарчашмаҳои дастгирии сармоягузории истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ муайян ва пешниҳод шудааст.*

***Калидвожаҳо:** таъминоти сармоягузорӣ, истифодаи об, мелиоратсия, заминҳои обёришаванда, рушди устувор, кишоварзӣ, усулҳои идоракуӣ, инфрасохтори ирригатсионӣ.*

## МЕТОДЫ УПРАВЛЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННЫМИ ОБЕСПЕЧЕНИЯМИ В РАЗВИТИИ ВОДОПОЛЬЗОВАНИЯ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ ТАДЖИКИСТАНА

***Арабов Фирдавс Пулодович** - кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры общественных наук, Таджикский государственный институт культуры и искусств им. М. Турсунзаде. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад. 73. Тел.: (+992) 918-72-28-29. E-mail: firdavs300@mail.ru*

*В данной статье рассматривается вопрос управления инвестициями в развитии водопользования в сельском хозяйстве и орошаемых землях Таджикистана. Определены особенности инвестиционного обеспечения сельского хозяйства и водопользования в этом направлении. Автор проанализировал объем иностранных инвестиций и финансирования из государственного бюджета, выявил причины износа ирригационной инфраструктуры, дренажа и водопровода. Предложены способ и механизмы обеспечения инвестиций в использовании воды на орошаемых землях. Определен и предложен комплекс принципов и источников поддержки инвестиций в водопользовании в сельском хозяйстве.*

***Ключевые слова:** инвестиционное обеспечение, водопользование, мелиорация, орошаемые земли, устойчивое развитие, сельское хозяйство, методы управления, ирригационная инфраструктура.*

## MANAGEMENT METHODS OF INVESTMENT PROVISIONS IN THE DEVELOPMENT OF WATER USE IN AGRICULTURE OF TAJIKISTAN

***Arabov Firdavs Pulodovich** - Candidate of economic sciences, Senior Lecturer of the Department of Social Sciences, Tajik State Institute of Culture and Arts named after M. Tursunzade, Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Borbad, 73. Phone: 918-72-28-29. E-mail: firdavs300@mail.ru*

*This article discusses the issue of managing investments in the development of water use in agriculture and irrigated lands in Tajikistan. The features of investment support for agriculture and water use in this direction are determined. The author analyzed the volume of foreign investments and financing from the state budget, identified the reasons for the deterioration of irrigation infrastructure, drainage and water supply. A method and mechanisms for ensuring investments in the use of water on irrigated*

*lands are proposed. A set of principles and sources of support for investment in water use in agriculture has been identified and proposed.*
***Key words:*** *investment provision, water use, melioration, irrigated lands, sustainable development, agriculture, management methods, irrigation infrastructure.*

Таъминоти сармоягузорӣ дар самти истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ маҷмуи усулҳо, шаклҳо ва манбаъҳои маблағгузории ба таври мақсаднок таъсисёфта буда, барои барқарорсозӣ ва ҳифзи захираҳои об, навсозӣ, таҷдид ва азнавсозии техникии иншооти инфрасохтори об, пешгирии оқибатҳои зараровар аз ҳисоби таъсири об, равона карда мешавад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки мушкилоти асосии таъминоти сармоягузорӣ барои такрористеҳсолкунии маҳсулоти кишоварзӣ ва таҷдиду азнавсозии системаи ирригатсионӣ дар минтақаҳои заминҳои обёришаванда инҳо мебошанд:

- ҳаҷми ками маблағгузорӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ барои чорабиниҳо оид ба эҳёсозии системаҳои мелиоративӣ, муҳаррикҳои обтаъминкунӣ, ки бинобар сабаби фарсуда шуданашон қувваи баркро аз меъёр зиёд истифода мебаранд;
- қоҳиш ёфтани ҳаҷми маблағгузории давлатӣ барои пардохти маблағи неруи барқ дар самти таъминоти об;
- кифоя набудани ҳаҷми сармоягузорӣ барои рушд ва инфрасохтори кишоварзӣ, ворид намудани техника ва технология барои обёрии қатрагӣ;
- фарсуда шудани заҳбуру заҳкашҳои обёрии дохилихоҷагӣ;
- ба қайд нагирифтани фарсудашавии системаҳои мелиоративӣ ва шабакаҳои обтаъминкунӣ;
- фарсудашавии зиёди инфрасохтори муҳандисии системаҳои ирригатсионӣ;
- ҳаҷми ками маблағгузории давлатӣ барои харидорӣ ва муҷаҳҳазонидани техникаи ирригатсионӣ.

Дар минтақаи заминҳои обёришаванда ва дорои заҳкашҳо, мушкилоти таъмини сармоягузорӣ барои таҷдид ва азнавсозии системаҳои мелиоративӣ инҳо ба ҳисоб мераванд:

- ҳангоми тақсим намудани заминҳои собиқ колхозу совхозҳо системаи обкашонии дохилихоҷагӣ бе назорат монда, соҳиби ягонаи худро пайдо накардаанд;
- моликони иншооти мелиоративии дохилихоҷагӣ наметавонанд, ки бо шартҳои муфид аз бонкҳо қарз дарёфт намоянд;
- набудани фонди махсуси маблағгузорӣ барои таҷдид ва азнавсозии системаҳои мелиоративии байнихоҷагӣ ва дохилихоҷагӣ;
- батанзимдарорӣ ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳо, аз нав обёрӣ намудани ҳудудҳои хушкшуда дар баъзе минтақаҳо ба роҳ монда нашудааст, ки ин боиси паст шудани истеҳсолоти маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ мегардад.

Вобаста ба ин, маҷмуи принсипҳо ва сарчашмаҳои таъминоти сармоягузории истифодаи об дар соҳаи кишоварзиро пешниҳод менамоем, ки барои самаранок истифодабарии об дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат мекунад:

- принсипи истифодаи устувори об, ки риояи меъёрҳо ва стандартҳои мавҷудаи истифодаи оқилонаи оби тозаро дар гардиши иқтисодӣ, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ дар бар мегирад;
- принсипи нигоҳ доштани якпорчагии системаҳои хоҷагии об, ки ҳангоми ба истифодаи доимӣ ва муваққатӣ додани иншооти инфрасохтори муҳандисӣ, манбаъҳои таъмини оби нӯшиданӣ, саноатӣ ва маишӣ;
- принсипи ташкили муносибатҳои шарикӣ байни давлат, ки моликони хоҷагии об ва иншооти обрасонӣ ва субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва молиявӣ мебошанд;

- принсипи рафъи ихтилоф байни афзалиятҳои рушди инфрасохтори хоҷагии об ва навсозии усулҳои анъанавии идоракунии об ва тағйирот дар муҳити институтсионалии истифодаи замин;
- принсипи ба ҳисоб гирифтани тағйироти институтсионалӣ дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ дар минтақаҳое, ки мелиоратсияи заминҳои кишоварзӣ васеъ ба роҳ монда шудааст;
- принсипи ҳамгироии идоракунии захираҳои табиӣ.

Бояд қайд намуд, ки айни замон сармоягузорӣ манбаи асосӣ барои таҷдид ва азнавсозии инфрасохтори соҳаи кишоварзӣ, азнавсозии фонди ирригатсионӣ, барқарор намудани заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ ва байнихоҷагии давлат ба ҳисоб меравад, ки азнавсозии пурраи онҳо боиси баланд бардоштани ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ гардида, рушди устувори соҳаи кишоварзиро таъмин менамояд.

Вобаста ба рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, истифодаи самараноки об дар ин соҳа, таҷдиду азнавсозии инфросохтори обтаъминкунӣ дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” чунин афзалиятҳо пешбинӣ шудааст:

- пешбурди ислоҳоти аграрӣ ва обтаъминкунии он;
- таъмини дастрасии иқтисодӣ ва ҷисмонӣ ба озуқаворӣ бар пояи пешрафти устувори бахши агросаноатӣ;
- ташаккули низоми идоракунии захираҳои замин ва об дар асоси тақсимоти одилона ва устувори онҳо барои парвариши зироатҳои арзишманди кишоварзӣ;
- фаъолияти устувори низоми нигаҳдорӣ, истифодаи инфрасохтори обёрӣ ва заҳбуру заҳкашӣ ба сифати замина барои фаъолияти устувори заминҳои обёришаванда ва таъмини амнияти озуқаворӣ, шуғли аҳолӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар деҳот;
- барқарорсозии низоми обёрӣ ва заҳбуру заҳкашҳо, беҳтар намудани дастрасии об ба заминҳои обёришаванда, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо аз шӯршавӣ ва ботлоқзоршавӣ;
- такомули таъмини механизмҳои иқтисодӣ барои пӯшонидани хароҷоти нигаҳдорӣ ва истифодабарии инфрасохтори обёрӣ ва заҳбуру заҳкашҳо, такмил додани низоми субсидияи давлатӣ барои пардохти истифодаи неруи барқи обёрии заминҳои кишоварзӣ ба воситаи пойгоҳҳои обкашӣ, кам кардани таъсири манфии сиёсати тарифии ҳаққи хидмати соҳаи обёрӣ ва баландбардории самаранокии соҳа;
- инкишоф додани бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва аз байн бурдани мушкилоти дастрасии бозор барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;
- ҳалли масъалаҳои таҳвили инфрасохтори обёрикунӣ ва заҳбуру заҳкашҳои мавҷудаи дохили хоҷагӣ ба ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (АИО) ва таҳкими дастгирии давлатӣ барои рушди устувор ва фаъолияти онҳо;
- ҷорӣ намудани низоми самараноки ҳавасмандкунии давлатӣ барои аз худ намудани заминҳои нав ва ба гардиши кишоварзӣ баргардондани заминҳои шӯршуда, ботлоқзор ва партов [11, с. 26].

Дар ҳолати татбиқ шудани ҳадафҳои дар боло овардашуда, рушди устувори соҳаи кишоварзӣ таъмин карда шуда, истифодаи ҳадафмандона ва сарфакоронаи об дар соҳаи кишоварзӣ ба роҳ монда шуда, ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ ҳангоми обёрии заминҳои кишоварзӣ, аз қабили обёрии қатрагӣ ба роҳ монда мешавад.

Тавре дар маълумотҳои расми 1 дида мешавад, сармоягузорӣ ба соҳаи иқтисод тайи ду даҳсолаи охир рӯ ба афзоиш дорад. Динамикаи сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ бошад, дар ҳолати тағийрёбӣ қарор дошта, якранг набуда, тамоюли пасту баландшавӣ дорад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки самти банақшагирии сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ на ҳама вақт устувор буда, раванди иҷроиши он хуб ба роҳ монда

намешавад. Сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ 0,1% ҳаҷми сармоягузорӣ ба соҳаи иқтисодиётро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки бояд ҳаҷми он аз 5 то 6% ММД-ро ташкил диҳад. Дар ҳолати ҳаҷми сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ 5-6% - ММД расидан, метавон рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва амнияти озуқавориро таъмин намуд.




**Расми 1. - Сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи захираҳои табиӣ (млн сомонӣ) [3, с. 329-340].**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ дар бисёр шаҳру ноҳияҳои мамлакат барои татбиқи чорабиниҳои мелиоративӣ, тоза намудани заҳбуру заҳкашҳо, барқарор намудани инфрасохтори ирригатсонӣ сармоягузорӣ карда намешавад. Танҳо дар соли 2020 аз ҳисоби буҷаи давлатӣ барои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ 59193,3 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст. Ин маблағҳо аслан дар самти ба кор андохтани фондҳои асосӣ дар ҳаҷми 12193,6 ҳазор сомонӣ, иҷрои корҳои сохтмонӣ бо маблағи 11494,8 ҳазор сомонӣ ва корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ равона карда шудааст.

**Ҷадвали 1. - Маблағгузорӣ барои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ дар соли 2020 (ҳазор сомонӣ)**

| | Фондҳои асосӣ ба истифода дода шудаанд | Маблағгузорӣ иҷро карда шудаанд | Иҷрои корҳои сохтмонӣ ва васлкунӣ |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | 12193,6 | 35504,9 | 11494,8 |
| Ҳифзи ҳавои атмосферӣ | - | 15070 | - |
| Корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ | 12193,6 | 20434,9 | 19023,8 |

**Таҳлили муаллиф аз рӯи [4, с. 26].**

Тайи ду даҳсолаи охир афзоиши устувори маблағгузорӣ барои истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ ба мушоҳида мерасад, ки рушди воқеии маблағгузорӣ то соли 2009 ва афзоиши номиналӣ пас аз соли 2009 дида мешавад [2, с. 131]. Дар ин давра, барои рушди соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла бунёду азнавсозии инфрасохтори обрасонӣ, азхудкунии заминҳои нав, беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳо, таъминоти соҳаи кишоварзӣ бо техникаи зарурӣ, тухмиҳои аълосифат ва дастрасии субъектҳои хоҷагидор ба маблағгузорӣ 22 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар ҳаҷми беш аз 5,4 миллиард сомонӣ татбиқ шудааст. Ҳоло дар ҷумҳурӣ боз 7 лоиҳаи дигар ба маблағи 2,4 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст [10]. Ин барои рушди соҳаи кишоварзӣ муҳим буда, барои дар оянда нигоҳ доштани рушди устувори соҳаи

кишоварзӣ, истифодаи самараноки захираҳои об, заминҳои кишоварзӣ, ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ ва агротехникаи пешрафта, аз ҷумла бунёди боғҳои интенсивӣ, ҷорӣ намудани обёрии қатрагӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва маблағгузории давлатӣ муҳим мебошад.

Новобаста ба ин, тайи солҳои охир иқтидори обкашонии қубурҳои обтаъминкунӣ 15-20 фоиз кам, маҳсулнокии зеристгоҳҳои насосӣ 20-30 фоиз ва дар баъзе ҷойҳо аз ин ҳам зиёд коҳиш ёфтааст. Чоҳҳои амудӣ ва заҳбуру заҳкашҳо низ дар ҳамин ҳолат қарор доранд [1, с. 90]. Ҳамин тавр, аз 515 зеристгоҳҳои насосии дар баланси Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз як се ҳиссаашон таҷдиди пурра ва ё азнавсозиро талаб менамояд. Аз 298 километр қубурҳои обгузар, ки аз қубурҳои пулодии диаметрашон аз 400 то 2400 миллиметр сохта шудаанд, бештар аз нисфи он пурра иваз карданро талаб мекунад, зеро ҳамаи онҳо фарсуда шудаанд. Ин ва дигар мушкилоти дар минтақаҳои обёрикунии заминҳои кишоварзӣ ҷойдошта, ба паст шудани ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ ва диградатсия шудани онҳо боис мегардад.

Чунин тамоюлҳои манфӣ асосноккунии равишҳои назариявӣ ва методологиро ба тағйир додани муҳити институтсионалии дастгирии сармоягузорӣ дар бахши истифодаи об талаб мекунанд, ки доираи шаклҳо, усулҳо ва манбаъҳои дастгирии сармоягузориро дар соҳаи истифодаи об васеъ намуда, самаранокии фаъолияти сармоягузориро афзоиш медиҳад.

Таъминоти сармоягузории истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ - маҷмуи усулҳо, шаклҳо ва манбаъҳои институтсионализатсияшудаи сармоягузорӣ дар барқарорсозӣ ва ҳифзи захираҳои об, навсозӣ, таҷдид ва азнавсозии техникии иншооти инфрасохтори об ва пешгирии оқибатҳои зараровари обро инъикос менамояд.

Маблағҳои буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ ва маблағҳои худи корхонаҳо имрӯз манбаи асосии сармоягузорӣ дар лоиҳаҳои таҷдид ва азнавсозии системаи обтаъминкунӣ ва ирригатсионӣ, инчунин, дубора истеҳсол, барқароркунӣ ва ҳифзи захираҳои об мебошанд. Корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ мустақилона ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ аз ҳисоби ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва қарзӣ, гирифтани қарзҳои дарозмуддат бо фози паст, ба роҳ монда наметавонанд. Ин ҳолат боиси татбиқ нашудани чорабиниҳо вобаста ба таҷдиди сохтори пурраи техникӣ ва технологии иншооти хоҷагии об ва инфрасохтори ҳифзи об мегардад [5, с. 38].

Дар чунин шароит, усулҳои асосии афзоиши ҳаҷми таъминоти сармоягузории истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ бояд инҳо бошанд:

- институтсионализатсияи қоидаҳо, меъёрҳо ва стандартҳои нави идоракунии об ва фаъолияти ҳифзи об;
- тиҷоратикунонии хидматрасониҳои идоракунии об ва экосистемаҳои табиӣ;
- саҳомони корхонаҳои давлатии хоҷагии об ва ҷанбаҳои алоҳидаи фаъолияти ташкилотҳои буҷетии хоҷагии об;
- маблағгузории аз ҳисоби корхонаҳои кишоварзӣ;
- ҳаққи хидматрасонии об.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, диверсификатсияи манбаъҳои таъмини сармоягузории соҳаи истифодаи об зарур аст, вале дар баробари ин, риояи як қатор принсипҳо (мо дар боло дар бораи онҳо гуфта будем), ки зуҳуроти истифодаи сарфакорона ва поин бурдани иқтидори захираҳои обро пешгирӣ намуда, имконият фароҳам меорад, ки аксари аҳолӣ ва заминистифодабарандагон оби самаранок ва ҳадафмандона истифода баранд.

Яке аз мушкилоти асосӣ дар он аст, ки аз зери назорати давлат берун мондани идоракунӣ ва ба истифода додани системаи мелиоративии байнихоҷагӣ ва истифодаи

системаи дохилихоҷагии иншооти гидротехникӣ ба шумор меравад. Дар натиҷа, ҳиссаи асосии инфраструктураи инженерӣ, махсусан дар минтақаи обпарто барҳам дода шуда, ба рушди истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ таъсири манфӣ расонд. Аз ин рӯ, имрӯз яке аз мушкилоти асосии обёрӣ ва аз худ намудани иқтидори заминҳои обёришаванда ва истеҳсолоти агросаноатӣ ин барқарор намудани заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ ва дохилихоҷагӣ, барқарор намудани хати иншооти гидротехникӣ, бо технологияи ҳозиразамони инноватсионӣ ба ҳисоб меравад, ки аз ҳисоби он рушди устувори соҳаи кишоварзиро таъмин карда тавонад.

Бояд қайд намуд, ки он механизмҳое, ки дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ ва механизмҳое, ки ҳангоми гузариш ба иқтисоди бозорӣ истифода бурда шуда буданд, бинобар дигаргун шудани иқлим ва таҷдиди сохтори хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ дигар ба кор намеравindependent. Аз ин рӯ, барномакунонии шаклҳои маблағгузорӣ ба монанди институтсионаликунонӣ, корпоратикунонӣ ва тиҷоратикунонии муносибатҳои иқтисодии истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ роҳандозӣ намудан зарур аст. Ин имконият фароҳам меорад, ки батанзимдарории фонди заминҳои мелиоративӣ, васеъ намудани доираи шакли нави маблағгузории чорабиниҳои мелиоративӣ, азнавкунии хати иншооти гидротехникӣ ва барқарор намудани заминҳои обёришаванда, ба таври оммавӣ ҷорӣ намудани таъминоти сармоягузории татбиқи лоиҳаҳои таҷдид ва азнавсозии техникии системаҳои ирригатсионӣ ва заҳбуру заҳкашҳо, самаранок идора карда шаванд.

Бо назардошти таҷрибаи маблағгузории такрористеҳсоли васеи объектҳои зеркомплекси хоҷагии об ва мелиоратсия, масъалаҳои асосии таъмини сармоягузории таҷдид ва азнавсозии системаҳои ирригатсионӣ ва заҳбуру заҳкашҳо оварда шудаанд (расми 2).

Ҳалли мушкилоти номбаршудаи таъминоти сармоягузории навсозии иншооти гидротехникии минтақаҳои ирригатсионӣ ва заҳбуру заҳкашҳо дар шароити имрӯзаи институтсионалии истифодаи заминҳои мелиоративӣ хеле мушкил аст.

Ҷолибияти пасти сармоягузории истеҳсолоти кишоварзӣ дар минтақаи кишоварзии обёришаванда ба ворид шудани сармояи на танҳо хориҷӣ, балки дохилӣ мишкилӣ ба бор меоварад, ки ин ба таври мултипликативӣ дар сустшавии суръати барқарорсозии инфрасохторҳои иҷтимоию иқтисодии маҳаллаҳои аҳолинишини воқеъ дар минтақаи мелиоративӣ инъикос меёбад [6, с. 176].

Бо назардошти сохтори мураккаби соҳавӣ ва ҳудудии комплекси хоҷагии об ва нақши нобаробарии тақсимоти захираҳои об дар раванди истеҳсолот, зарур аст, ки самтҳои афзалиятноки зиёд намудани ҳаҷми таъминоти сармоягузорӣ дар қисматҳои алоҳидаи он, пеш аз ҳама дар соҳаи кишоварзӣ муайян карда шаванд. Самтҳои афзалиятноки афзоиши ҳаҷми таъминоти сармоягузорӣ ба эҳтиёҷоти соҳаи об инҳоянд:

- зиёд намудани миқдори хидматрасониҳои техникии нигоҳубин ва таъмири хатҳои заҳбуру заҳкашҳои обёрии дохилихоҷагӣ ва маблағгузории он аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ, истифодабарандагони об ва ҳаққи хидматрасонии об;
- ҷалби маблағҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва соҳибкорони ин самт барои тоза намудани каналҳои обгузар, барқарор намудани дамбаҳои обанборҳо, соҳилмустаҳкамкунӣ;
- гузаронидани чорабиниҳои мелиоративӣ вобаста ба беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ, беҳтар кардани сатҳи экологии заминҳо, бартараф намудани эрозияи хок бо истифода аз маблағҳои буҷети маҳаллӣ;
- татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ вобаста ба барқарор намудани инфрасохтори заминҳои обёришаванда ва иншооти гидротехникӣ дар асоси созишнома бо давлат, принсипи шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва субъектҳои соҳибкорони соҳаи аграрӣ, инчунин ташкилотҳои молиявию қарзӣ;




**Расми 2. - Мушкилоти асосии таъминоти сармоягузории такрористеҳсоли васеи шабакаҳои обёрӣ ва хатҳои обгузари заминҳои обёришаванда.**

**Коркарди муаллиф.**

- иштирок дар лоиҳаҳои сарфаҷӯии энергия ҳангоми таъмини об ба субъектҳои хоҷагии қишлоқ дар доираи истифодаи системаҳои бузурги мелиоративӣ аз ҳисоби маблағгузории буҷетӣ;

- иҷрои корҳо аз ҳисоби Ассотсиатсияи истифодабарандагони об оид ба ҷорӣ намудани технологияи ҳозиразамони баҳисобгирии об, системаҳои информатсионию ҳисоббарорӣ дар самти банақшагирии обёрӣ ва тақсимоти об;

- баланд бардоштани арзиши заминҳои мелиоративӣ ва ҷолибияти онҳо барои сармоягузорон тавассути барқарор кардани ҳолати кории системаҳои мелиоративӣ ва таъмини режими мусоиди гидрологии истеҳсолоти сермаҳсули кишоварзӣ;

- ташаккул додани нақшаҳои азхудкунии маблағҳо аз фонди махсуси ташкилотҳои буҷетии хоҷагии об, ки барои хидматрасонии пулакӣ барои таҷдид ва азнавсозии шабакаҳои обёрӣ гирифта шудаанд;

- аз нав дида баромадани меъёри пардохти об барои обёрӣ ба истеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар асоси тасҳеҳи арзиши хидматрасонӣ ҳар моҳ бо назардошти талабот ба об, бо назардошти шароити воқеии обу ҳавои соли ҷорӣ.

Таҳлили гузаронидашуда нишон дод, ки дар айни замон лоиҳаҳои идоракунии об ва ҳифзи истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ кам маблағгузорӣ мешаванд. Ин ба таҷдид ва аз нав кардани системаҳои обтаъминкунӣ, азнавсозии техникӣ ва технологии хатҳои обгузари байнихоҷагӣ ва дохилихоҷагӣ, иншоот гидротехникӣ низ рабт дорад. Имкониятҳои мавҷудаи зиёд намудани маблағҳои сармоягузорӣ барои такрористеҳсоли иқтидори захираҳои об ва навсозии инфрасохтори хоҷагии об аз ҳисоби ситонидани пардохтҳо барои истифодаи махсуси об ва андози экологӣ барои партовҳои моддаҳои ифлоскунанда ба объектҳои об пурра истифода намешаванд.

Ҳамин тариқ, афзоиши назарраси ҳаҷми таъминоти сармоягузории истифодаи обро дар соҳаи кишоварзӣ, метавон дар асоси чунин усулҳо ба даст овард:

- институтсионализатсияи меъёрҳо, қоидаҳо ва стандартҳои нави фаъолияти хоҷагии об дар соҳаи кишоварзӣ;
- зиёд намудани тиҷоратикунонии хидматрасонии об дар соҳаи кишоварзӣ ва экосистемаҳои табиӣ;
- корпоратсиякунонии корхонаҳои давлатии хоҷагии об;
- диверсификатсияи шаклу усулҳои сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои идоракунии об, ҳифзи ва истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ, пеш аз ҳама, бо роҳи бастани созишномаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ.

**Адабиёт**

1. Арабов, Ф.П. Инвестиционное обеспечение эколого-экономического развития сельского хозяйства / Ф.П. Арабов // Экономика сельского хозяйства России. – 2022. – №2. - С. 88-93. - DOI 10.32651/222-88. - EDN RDIWFS.
2. Арабов, Ф.П. Методы инвестиционного обеспечения экологического развития сельского хозяйства Республики Таджикистан/ Ф.П. Арабов // Вестник университета (Российско-таджикский (славянский) университет). - 2021. - №3-4(75). - С. 131-140.
3. Омори солона. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе, - 2021. - 598 с.
4. Ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе. - 2021. – 57 с.
5. Голян В.А. Инвестиционное обеспечение сферы водопользования: институциональное основание и отраслевые особенности / В.А. Голян, И.И. Андрощук // Экономист. -2013 - №8. - С. 36-43.
6. Исайнов Х.Р. Инвестиции в земельно-водных ресурсов Таджикистана: механизм управления их эколого-экономического использования / Х.Р. Исайнов, Ф.П. Арабов. - Душанбе: «Типография ТНУ», 2021. - 217 с.

7. Одинаев, Х.А. Экосистемные услуги и компенсационные механизмы в условиях Центральной Азии / Х.А. Одинаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – №2/5-1. – С. 3-11.
8. Одинаев, Ш.Т. Инвестиционная привлекательность регионов: особенности и пути достижения / Ш.Т. Одинаев, Ш.Х. Раджабов, Б.С. Музаффаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2013. – №2/5(117). – С. 256-260.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.01.2021. – Душанбе, 2021 с. – 35 с.
10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, №636. Душанбе, 2016. - 103 с.
11. Тағоев, Ҷ.Ҳ. Рушди инноватсияҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои минтақаи агросаноатии Кӯлоб / Ҷ.Ҳ. Тағоев, П.М. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. - 2022. – №2(31). -P. 56-64.
12. Шералиев Э.Н. Методика оценки эколого-экономической эффективности инвестиций в системе землепользования / Э.Н. Шералиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2016. - №2/9(218). - С. 197-200.

**УДК: 338.514 (575.3)**

## ХАТАРИ ҚАРЗӢ ВА ОҚИБАТҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ОН

***Махшулов Саидхуҷа Ҷумъаевич,*** *н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: 918563308. E-mail: saidhuja1986@mail.ru.*

***Сафаров Қаландар Саймаҳмудович*** *н.и.и., муаллими калони фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: 907737878. E-mail: saifarov.qalandar@mail.ru.*

***Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким****, ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: 918563308. E-mail: saidhuja1986@mail.ru.*

*Дар шароити ҷаҳонишавӣ муносибатҳои гуногуни ҷанбаи иқтисодӣ ва афзоиши таъсири манфии ин равандҳо ба низоми бонкию молиявӣ як қатор хавфҳои бонкиро ба миён овард. Дар сатҳи низоми бонкӣ ва даромаднокии он масъалаи сандуқи қарзии он яке аз масъалаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, тамоми ташкилотҳои қарзӣ кӯшиш менамоянд, ки сифати сандуқи қарзии худро беҳтар намуда, ҳиссаи қарзҳои муаммодорро дар маҷмуи умумии қарзҳо коҳиш диҳанд. Бо назардошти баланд гардидани сатҳи хавфҳои низоми бонкӣ ва махсусан, хавфҳои сандуқи қарзии низоми бонкӣ, муаллиф кӯшиш намудааст, ки мушкилоти мавҷуда ва сатҳи хавфи сандуқи қарзиро арзёбӣ намояд. Ғайр аз ин, дар мақолаи мазкур дурнамои рушди сандуқи қарзии низоми бонкӣ ва сифати он таҳлил гардидааст. Бо ҳамин зарурат, нашри мақола метавонад дар ҳалли мушкилоти ҷойдошта то як андоза мусоидат намояд.*

***Калидвожаҳо:*** *сандуқи қарзӣ, бозори қарзӣ, хавфи қарзӣ, бозоргирӣ, пардохтпазирӣ, пул, танзим, бехатарӣ, иқтисодиёт, суръат, амалиёт, низоми бонкӣ, хатар, муносибат.*

# ДОЛГОВОЙ РИСК И ЕГО СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ПОСЛЕДСТВИЯ

***Махшулов Саидхуджа Джумаевич*** *- кандидат экономических наук, доцент кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: 918563308. E-mail: saidhuja1986@mail.ru.*

***Сафаров Каландар Саймахмудович*** *- кандидат экономических наук, старший преподователь кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: 907737878. E-mail: saifarov.qalandar@mail.ru.*

***Шарифзода Гулрухсор Мирзохаким*** *- ассистент кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.*

*В условиях глобализации многоплановых экономических отношений и усиления негативного влияния этих процессов на банковско-финансовую систему возникает ряд банковских рисков. На уровне банковской системы и ее рентабельности вопрос о ее кредитном фонде считается одним из основных вопросов. В связи с этим, все кредитные организации стараются улучшить качество своего кредитного портфеля и снизить долю проблемных кредитов в общей сумме кредитов. Принимая во внимание повышение уровня рисков банковской системы, и особенно рисков кредитного портфеля банковской системы, автор попытался оценить существующие проблемы и оценить уровень риска кредитного портфеля. Кроме того, в данной статье анализируются перспективы развития кредитного портфеля банковской системы и его качество. При этих требованиях публикация статьи может в какой-то степени помочь в решении существующих проблем.*

***Ключевые слова:*** *кредитный фонд, кредитный рынок, кредитный риск, маркетинг, ликвидность, деньги, регулирование, безопасность, экономика, скорость, операция, банковская система, риск, отношения.*

# DEBT RISK AND ITS SOCIO-ECONOMIC IMPACT

***Makhshulov Saidkhuja Djumaevich*** *- candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Banking, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, k. Nakhimova 64/14. Phone: 918563308. E-mail: saidhuja1986@mail.ru.*

***Safarov Kalandar Saimahmudovich*** *- candidate of Economic Sciences, assistant of the Department of Banking, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, k. Nakhimova 64/14. Phone: 907737878. E-mail: saifarov.qalandar@mail.ru*

***Sharifzoda Gulrukhsor Mirzohakim*** *- assistant of the Department of Banking, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, k. Nakhimova 64/14.*

*In the context of globalization of multifaceted economic relations and the strengthening of the negative impact of these processes on the banking and financial system, a number of banking risks have arisen. At the level of the banking system and its profitability, the issue of its credit fund is considered one of the main issues. In this regard, all credit institutions are trying to improve the quality of their loan portfolio and reduce the share of problem loans in the total amount of loans. Taking into account the increase in the level of risks of the banking system and especially the risks of the loan portfolio of the banking system, the authors tried to assess the existing problems and assess the risk level of the loan portfolio. In addition, this article analyzes the prospects for the development of the loan portfolio of the banking system and its quality. With these requirements, the publication of an article can help to some extent in solving existing problems.*

***Keywords:*** *credit fund, credit market, credit risk, marketing, liquidity, money, regulation, security, economics, speed, operation, banking system, risk, relationships.*

Дар шароити гузариш ба муносибатҳои нави иқтисоди бозорӣ масъалаҳои зиёде дар назди бонкҳою ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ҷиҳати танзими пулу қарз, танзим ва назорати асъор, масъалаҳои хизматрасонӣ ба муштариён ва дигар намуди амалиётҳои хусусияти инноватсиониро ба миён мегузорад, ки танзим ва бехатарии он шарти зарурӣ мебошад. Тамоюлҳои доимотағйирёбандаи авзои иқтисодӣ ва равандҳои босуръати ҷаҳонишавӣ тамоми сохторҳои иқтисодиро водор менамояд, ки стратегияи бехатарии фаъолияти худро таҳия намуда, амалиётҳои иқтисодиро дар сатҳи дуруст пеш баранд.

Дар айни замон, ин тамоюл ва тағйироти раванди ҷаҳонишавӣ ба осебпазир гардидани низоми бонкӣ таъсир расонида, вазъияти бонкҳоро муаммодор намуд. Ҳамин буд, ки сатҳи хавфҳо дар низоми бонкӣ афзоиш ёфта, муаммоҳои бехатарии онҳоро зиёд намуд. Аз ҳамин лиҳоз, масъалаи идора намудани хавфҳои бонкӣ дар стратегияи ҳар як ташкилоти қарзӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ва аввалиндараҷа маҳсуб ёфта, ба он аҳаммияти хоса медиҳанд. Дар баробари ин, бо сабаби масъалаи актуалӣ будани хавфҳои низоми бонкӣ олимону коршиносон низ ба он аҳаммият медиҳанд. Зеро хатар ин ҳодисаи ба назар ноаён мебошад, ки ҳангоми ба вуҷуд омаданаш бонк даромади пешбининамудаи худро аз даст медиҳад. Дар дигар маврид, баъзе олимон бар он ақидаанд, ки хавфи бонкӣ дар натиҷаи тараққиёти номуътадили иқтисодиёт низ ба вуҷуд меояд. Зеро бонкҳо он даромаде, ки чашмдор буданд, ба даст намеоранд [1, с. 7].

Ғайр аз ин, хавф ин ҳодисаи таърихӣ ва иқтисодӣ мебошад. Чун ҳодисаи таърихӣ хавф аз ҷониби одамон қабул карда шудааст. Аммо ҳамчун ҳодисаи иқтисодӣ мумкин аст ба вуҷуд ояд ё ба вуҷуд наояд. Вобаста ба ин, гуфтан мумкин аст, ки дар низоми бонкдории имрӯза тамоюлҳои бавуҷудоии хавфҳои бонкӣ сабабу ангезаҳои гуногун доранд, ки дар онҳо таъсири омилҳои субъективӣ ниҳоят калон мебошад. Махсусан, дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар афзоиши сатҳи хавфҳои бонкӣ омилҳои субъективӣ зиёд мебошад, ки хавфҳои иқтисодӣ боиси ошкоргардии онҳо дар сатҳи низом гардидаанд.

Хатари бонкӣ ҳамчун ҳодисаи хусусияти умумидошта дар бештари вақт аз нуқтаи назари дарки оқибатҳои бавуҷудоянда берун аст. Яъне, хатари бонкӣ ин ҳодиса ё ҷараёни ғайри қобили пешниҳодшаванда буда, дарки дақиқан ба вуҷуд омадани он дар ҳолатҳои муайян аз диди шахс берун мебошад. Ин хатарро дар тамоми давру замон, пеш аз ҳама, бонкҳои тиҷоратӣ дар ҳама шароит дар стратегияи дарозмуддати худ бояд пешбинӣ намоянд. Эҳтимолияти ба вуҷуд омадани хатар вобаста ба ҳар як амалиёти бонкӣ дар лаҳзаҳои интизорнашаванда ояндабинӣ ва оқибатҳо ё ҳолатҳои эҳтимолии бавуҷудояндаро ҳатман пешбинӣ намоянд.

Бояд гуфт, ки шароити бошиддат тағйир ёфтани авзои иқтисодиёти давлатҳои ҳамсоя, таҳримҳо ба як қатор шарикони стратегии рушд ва тағйирёбии вазъи авзои сиёсии ҷаҳонӣ ба низоми бонкию молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман, ба иқтисодиёт таъсири манфӣ расонид. Қайд кардан ба маврид аст, ки буҳрони молиявии ҷаҳонӣ, ки соли 2008 ба вуҷуд омад, вазъи иқтисодии аксари давлатҳои ҷаҳонро халалдор намуда, ба ҳолати имрӯзаи низоми бонкии мо низ таъсири манфии худро расонид ва то як андоза қобили пардохт будани мизоҷонро дар бозпасгардонии қарзҳо заиф гардонид.

Ҳолатҳои бавуҷудоии хавфҳо дар шароити имрӯза аз як қатор омилҳо вобаста мебошанд, ки онҳоро ба омилҳои дохила ва беруна ҷудо намудан мумкин аст. Пайвастагии доимии бонкҳои тиҷоратӣ бо иқтисодиёт метавонанд якдигарро дар ҳама ҳолат пурра кунанд ё аз якдигар вобаста бошанд. Ҷараёни ба вуҷуд омадани

хатарҳои бонкӣ тибқи мушоҳида омилҳо ва сабабҳои гуногун доранд, ки дар нақша ба тариқи зайл нишон дода шудааст:




**Расми 1. - Омилҳои таъсиррасон ба рушди иқтисодӣ ва сатҳи хавфҳои бонкӣ**

***Сарчашма: Таҳияи муаллифон.***

Қайд кардан ба маврид аст, ки таъсири омилҳои доимотағйирёбандаи иҷтимоию иқтисодии кишвар ба барҳамхӯрии аксар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва қисман ба бонкҳои тиҷоратӣ сабаб гардид, ки эътимоди аҳолиро нисбат ба низом коста намуда, пардохтпазирии онҳоро заиф кард, ки натиҷаи онро дар ҷадвали 1 мушоҳида кардан мумкин аст.

**Ҷадвали 1. - Тағйирёбии шумораи бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дар солҳои 2014-2021**

| Номгӯи бонкҳо | Солҳо | | | | | | | | Тағйирёбии мутлақ | Тағйир от бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | | |
| Бонкҳо | 17 | 17 | 18 | 17 | 17 | 17 | 18 | 14 | -3 | -17,6% |
| Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ | 1 | - | - | - | - | - | - | - | -1 | - 100% |
| Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд | 42 | 39 | 38 | 27 | 25 | 25 | 20 | 18 | -24 | - 57,1% |
| Ташкилотҳои қарзии хурд | 42 | 31 | 14 | 7 | 6 | 6 | 6 | 4 | -38 | -90,4% |
| Фондҳои қарзии хурд | 36 | 36 | 34 | 33 | 31 | 31 | 29 | 27 | -16 | -44,4% |
| **Ҳамагӣ** | **138** | **123** | **103** | **84** | **79** | **79** | **73** | **63** | **- 75** | **-54,3%** |

***Сарчашма:*** *Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ. 2014, №12(233), 2018, №12(281), 2020, №13(305).*

Бамаротиб барҳам хӯрдани бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ, аз як тараф, ба боварии аҳолӣ, аз дигар тараф бошад, ба сатҳи иқтисодиёти давлат таъсири манфӣ расонид. Таҳлилҳои ҷадвали 1. нишон медиҳанд, ки соли 2014 оғози барҳамхӯрии бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дар низом мебошанд. Ғайр аз ин, гуфтан

мумкин аст, ки камбудиҳои қаблан дар низоми бонки мавҷудбуда бо шиддати давраи дуюми буҳрони молиявии ҷаҳонӣ ошкор гардиданд. Яъне, дар як муддати кӯтоҳ шумораи онҳо дар ҳадди 54,3% коҳиш ёфт. Аз таҳлили ҷадвали мазкур аён аст, ки шумораи бонкҳо дар муқоиса ба соли 2014 3 адад ё 17,6%, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ 100%, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд 24 адад ё 57,1%, ташкилотҳои қарзии хурд 38 адад ё 90,4% ва фондҳои қарзии хурд 16 адад ё 44,4% коҳиш ёфтаанд. Дар баробари ин, гуфтан мумкин аст, ки ду бонки низомсози кишвар, ки ҳиссаи бештари бозори байнибонкӣ дар дасти онҳо буд: ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» ва ҶСК «Агроинвесбонк» қобилияти пардохтпазирии худро дар ин давраи буҳронӣ аз даст дода, муфлис гардиданд. Дар баробари коҳиши бошиддати шумораи бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ масъалаи сандуқи қарзии низоми бонкӣ низ хатарнок гардида, ин масъала ба сатҳи даромади бонкҳои тиҷоратӣ таъсири манфӣ расонид. Ин аст, ки дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ хавфҳои қарзӣ яке аз мушкилоти асосии низоми бонкӣ дар шароити муосир маҳсуб меёбад.

Ҳамин аст, ки дар фаъолияти бонкҳо амалиёти қарзӣ яке аз сарчашмаҳои асосии даромади бонкҳо ба шумор меравад. Аз рӯи додан ва ситонидани қарз ба фаъолияти бонкҳо баҳо медиҳанд, зеро онҳо хавфи қарзиро ба зиммаи худ мегиранд. Дар ҷараёни фаъолияти бонкҳо ҷобаҷогузории қарзҳо ва сифати онҳо аҳаммияти зиёд доранд. Аз ин рӯ, самти асосии фаъолияти бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ бояд ба кам кардани хавфи қарзӣ равона карда шавад.

Якчанд роҳу усули кам кардани хавфи қарзӣ вуҷуд дорад. Яке аз усулҳои асосии он муайян кардани пардохтпазирии муштарии қарзгиранда аст. Корманди шуъбаи қарздиҳии бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ бояд ин усулро зиёдтар истифода барад. Зеро ин усул шароит фароҳам меоварад, ки дар натиҷаи арзёбии пардохтпазирии қарзгиранда баргардонидани қарз дар вақти муқарраршуда таъмин карда шавад. Дар таҷрибаи бонкҳои мамлакатҳои мутараққӣ пардохтпазирии муштарии қарзгиранда бо усули баҳодиҳии ҷудогона ба ҳар муштарӣ сурат мегирад. Дар вақти баҳодиҳӣ муштариёни қарзгиранда ба гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд. Истифодаи ин усул вобаста ба таҷрибаи кории бонкҳо гуногунанд.

Усули дигари кам кардани хавфи қарзӣ - кам кардани ҳаҷми қарз ба як қарзгиранда аст. Ин усул дар ҳолате истифода мегардад, ки бонки тиҷоратӣ ба пардохтпазирии муштарии қарзгиранда боварии мутлақ надорад. Кам кардани ҳаҷми қарз ба як қарзгир дар ҳолати барнагаштани он ҳаҷми хавфи қарзиро кам мекунад.

Усули сеюм, таъмини гарави қарз аст, зеро ин усул баргаштани маблағи қарз ва фоизи онро таъмин менамояд. Истифодаи ин усул талаб менамояд, ки арзиши гарав аз маблағи қарз зиёд бошад ва ҳолати барнагаштани қарз, маблағи аз фурӯши моли багаравмонда на танҳо маблағи қарз, балки фоизи ҳисобшударо низ пӯшонад.

Усули чорум ин бимакунии (суғуртакунии) қарз аст. Дар ҳолати бима намудани қарз ҳамаи хавфи қарзӣ ба зиммаи ташкилоти бимакунанда мегузарад.

Усули панҷуми кам кардани хавфи қарзӣ аз қарзгиранда талаб намудани мактуби кафолатӣ аст. Ин гуна мактубро идораи болоии муштарии қарзгиранда ва ё дигар корхонае медиҳад, ки вазъи молиявиаш бонки қарздиҳандаро қонеъ менамояд. Зеро дар ҳолати аз ҷониби қарзгиранда барнагардонидани маблағи қарз ва фоизи он, бонки қарздиҳанда маблағи қарз ва фоизи онро аз ҳисоби корхонаи кафолатдиҳанда меситонад. Новобаста ба истифодаи роҳу усулҳои гуногуни идора намудани хавфи қарзӣ ҳамоно дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми қарзҳои муаммодор нигаронкунанда мебошад.

Таконҳои солҳои охир баъд аз соли 2014 собит намуд, ки низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози таъмини талаботи рӯзафзуни аҳолӣ бо пули нақд ва таъмини талаботи асъории ҷомеа осебпазир мебошад. Норасоии асъори хориҷӣ, таҳримҳо ба шарикони стратегии рушд ва як қатор мушкилоти дигар боиси он гардид,

ки аз як тараф, шумораи бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дар ҳоли коҳишёбӣ қарор гирифт, аз дигар тараф, ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар маҷмуи қарзҳо афзоиш ёфт. Қайд кардан зарур аст, ки яке аз мушкилоти асосии низоми қарзӣ таҳти як гарав ба чанд нафар додани қарз мебошад.

**Ҷадвали 2. - Сифати сандуқи қарзии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2021 (млн сомонӣ)**

| Гурӯҳбандии қарзҳо | Солҳо | | | | | | | | Тағйирот бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Ҷамъи карзҳо | 9 661,3 | 11 228,4 | 9 823,1 | 8 507,3 | 8 652,5 | 9 703,2 | 10 882,5 | 11 970,4 | 23,9% |
| Қарзҳои фаъол | 7 482,1 | 6 983,2 | 5 220,0 | 5 460,7 | 6 021,5 | 7 144,2 | 8 336,7 | 10 363,6 | 38,5% |
| Қарзҳои ғайрифаъол | 2 179,2 | 4 245,2 | 4 603,1 | 3 046,6 | 2 631,0 | 2 559,0 | 2 545,8 | 1 606,8 | -26,3% |
| Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар маҷмуи қарзҳо | 22,6% | 37,8% | 46,9% | 35,8% | 30,4% | 26,4% | 23,4% | 13,4% | 9,4% |

***Сарчашма:*** *Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумоти сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон. https://www.nbt.tj*

Аз таҳлили маълумоти ҷадвали 2. маълум аст, ки ҷамъи қарзҳои додашуда соли 2020 дар муқоиса ба соли 2014 ба андозаи 23,9% афзоиш ёфта, ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар муқоиса ба соли 2014 ба андозаи 26,3% коҳиш дода шудаанд, ки ин ба хуб шудани сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ мусоидат менамояд. Ҳамчунин, таҳлилҳои ҷадвали мазкур аз хуб шудани сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ далолат мекунад, аммо барои рушди иқтисодиёти кишвар қаноатмандкунанда нест, ки ин масъаларо дар нақшаи дурнамо низ дар сатҳи зарурӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

**Ҷадвали 3. - Дурнамои ҳаҷми сандуқи қарзии низоми бонкӣ то давраи солҳои 2022-2025 (млн сомонӣ)**

| | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми сандуқи қарзӣ | 11970,4 | 16427,08568 | 18224,1017 | 20328,3866 | 22773,7399 |
| Аз ҷумла | | | | | |
| Қарзҳои қолабӣ бо % | 9887,55 | 13568,77 | 15053,11 | 16791,25 | 18811,11 |
| | 82,6 | 82,6 | 82,6 | 82,6 | 82,6 |
| Қарзҳои ғайриқолабӣ бо% | 442,9048 | 607,80 | 674,29 | 752,15 | 842,63 |
| | 3,7 | 3,7 | 3,7 | 3,7 | 3,7 |
| Қарзҳои шубҳанок бо% | 255 | 349,94 | 388,22 | 433,05 | 485,14 |
| | 2,2 | 2,130254628 | 2,1302546 | 2,130255 | 2,1302546 |
| Қарзҳои хатарнок бо % | 35 | 48,03 | 53,29 | 59,44 | 66,59 |
| | 0,3 | 0,29238789 | 0,2923879 | 0,292388 | 0,2923879 |
| Карзҳои беэътимод бо % | 1340,685 | 1839,83 | 2041,10 | 2276,78 | 2550,66 |
| | 11,2 | 11,2 | 11,2 | 11,2 | 11,2 |

**Манбаъ: Ҳисоби муаллифон**

Аз таҳлили маълумоти ҷадвали 3. маълум аст, ки яке аз муваффақиятҳои низоми бонкӣ ва таъминкунандаи рушди иқтисоди миллӣ ин сифати сандуқи қарзӣ мебошад. Ҳамзамон, сифати сандуқи қарзӣ аз ҳаҷми маблағҳои он ва кам будани маблағҳои муаммодор иборат мебошад. Дурнамои рушди сандуқи қарзии низоми бонкӣ агар дар давоми солҳои 2021-2025 90,2%-ро ташкил намуда бошад, ин нишондиҳанда қаноатмандкунанда нест. Ғайр аз ин, тибқи дурнамо, қарзҳои муаммодор низ дар ҳоли зиёдшавии назарнорас қарор доранд, ки ин метавонад оқибати хуб надошта бошад. Агар таҳлили ҳиссаи қарзҳои низоми бонкиро дар муқоиса ба ММД арзёбӣ намоем, пас ин нишондиҳанда шаҳодат аз он медиҳад, ки таъсири қарзҳои низоми бонкӣ ба рушди иқтисодиёт кам мебошад. Ғайр аз ин, ҳиссаи сандуқи қарзии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор кишварҳои дуру наздик мутаносибан хеле кам мебошад. Масалан, ин нишондиҳанда дар ИМА 236,5%, Ҷумҳурии Халқии Хитой 194,4%, давлатҳои Иттиҳоди Аврупо 151,4%, Германия 134,8%, Россия 74%, Қазоқистон 44,9% ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, зиёда аз 13%-ро ташкил медиҳад.

Агар ин ҳиссаро дар рушди низоми бонкӣ арзёбӣ намоем, пас маълум мегардад, ки он мутаносибан 13,5%-ро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса бо як қатор давлатҳои пешрафта зиёда аз 100%-ро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, гуфтан мумкин аст, ки агар ҳаҷми қарздиҳии низоми бонкӣ баробар ба ММД бошад, пас дар ин ҳолат нишондиҳандаи мазкур зиёда аз 90 миллиард сомониро ташкил медиҳад, ки ин метавонад ба рушди иқтисодиёт мусоидати фаъол намояд. Тибқи нишондиҳандаҳои дурнамои мазкур, рушди низоми қарзӣ ва сандуқи қарзии низоми бонкӣ барои дар сатҳи зарурӣ рушд додани иқтисодиёт қаноатмандкунанда нест.

Дуруст қайд гардидааст, ки хатарҳои бонкӣ хусусияти вобастагӣ дошта, дар баробари дигар хатарҳои ҷиддидошта таъсиррасон ба фаъолияти иқтисодии бонкҳо маҳсуб меёбад [5, с. 78]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷриба нишон медиҳад, ки афзоиши сатҳи хавфҳо дар сатҳи низоми бонкӣ ва ҷараёни ба вуҷуд омадани хатарҳо хусусияти занҷирӣ дошта, яке боиси ба вуҷуд овардани дигараш мегардад ва дар натиҷа, он метавонад бонкро ба муфлисшавӣ мувоҷеҳ намояд. Имрӯз таъсири ҷараёни ба вуҷуд омадани хатар дар бозори байнибонкӣ танҳо ба ҳамон бонкҳое таъсир мерасонад, ки стратегияи ноустувор ва захираҳои накди нокифоя доранд ё фаъолияти худро дар доираи стратегияи муайяншуда ба роҳ намемонанд, ба ин мисол шуда метавонад:

- ба самтҳои қобилияти сусти бозоргир равона кардани маблағҳои ҷалбшуда ва захираҳо;
- пешниҳоди маблағҳои пулӣ ба сифати қарз тавассути парвандаҳои қарзии қалбакӣ ва гарави нокифоя;
- риоя накардани мӯҳлати қарзҳои додашуда дар вобастагӣ ба маблағҳои ҷалбкардашуда ва сари вақт бозпасгардонии онҳо;
- дар натиҷаи қобилияти пасти пардохтпазирӣ вайрон шудани таносуби мӯҳлати маблағҳои ҷалбшуда ва қарзҳои додашуда ва ғайра.

Дар айни ҳол барои аз шароити мушкилоти имрӯзаи вазъияти хатарноки буҳронӣ ва омилҳои дигари манфӣ баромадан бояд чораҳои зерин андешида шаванд:

1. Ҳамоҳангсозии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ бо самтҳои афзалиятноки истеҳсолот. Агар дар соҳаи фаъолияти бонкӣ соҳаи тиҷорат ва хизматрасонӣ бештар даромаднок бошад, дар он сурат, устувории фаъолияти онҳо аз истеҳсолот ва ғанӣ будани бозори истеъмолӣ ва ғайриистеъмолӣ вобаста аст. Бояд зикр намуд, ки бонкҳои тиҷоратӣ дар аввал аз соҳаи тиҷорат ва хизматрасонӣ даромад мегиранд, лекин оқибати оянда ба мушкилот рӯбарӯ шуданро аз стратегияи худ берун медонанд, ки асоси устуворӣ ва фаъолияти доманадори бонкҳои тиҷоратӣ, пеш аз ҳама, ба истеҳсолот вобастагӣ дорад.

2. Пешбинӣ намудани стратегияи тақсимот ва ҷамъоварии маблағҳо ё гардиш ва гирдгардиши онҳо аз рӯи хусусият ва таъминоти гуногундошта. Яке аз ҳадафҳои

асосӣ ва доманадори фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити имрӯза ин тақсимоти дуруст ва ҷамъоварии маблағҳои таъйиноти гуногундошта мебошад. Агар дар бонкҳои тиҷоратӣ стратегияи муайян оид ба сари вақт баргардонидани маблағҳои муҳлаташ баитмомрасида ва захирашуда набошад, ин минбаъд ба фаъолияти бонк монеаҳои гуногун эҷод месозад.

3. Риояи саривақтии меъёрҳои пардохтпазирӣ. Яке аз вазифаҳои асосии бонкҳои тиҷоратӣ дар баробари додани қарзу миёнарав будан байни харидору фурӯшандагон ин иҷрои уҳдадориҳои саривақтии он мебошад.

Агар бонки тиҷоратӣ дар пардохтпазирии худ ба хатоӣ роҳ диҳад, он боиси аз даст додани заҳираҳои пулӣ, даромади пулӣ ва дар натиҷа, аз даст додани эътибори он мегардад.

4. Ташкили пардохти аксари амалиётҳо тавассути пули миллӣ, аз он ҷумла амалиёти қарзӣ ва қабули амонату пасандозҳо.

Дар бонки тиҷоратӣ ташкили ҳадди аксари амалиётҳо бо пули миллӣ имконияти дар сари вақт ба бонк баргаштани маблағҳо мегардад ва омилҳои қурбӣ ва бухронӣ дар бозори асъор ба гардиш ва гирдгардиши маблағҳои пулӣ таъсири кам мерасонад.

5. Ташкили сиёсати дурусти кадрҳо ва назорати пайваста аз рӯи фаъолияти филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ.

Агар дар бонки тиҷоратӣ ҷобаҷогузории кадрҳо дуруст ба роҳ монда нашуда ва назорати доимӣ мавҷуд набошад, фаъолияти он бонк, филиал ё маркази хизматрасонии бонкӣ дер давом намекунад. Чунки ҳолатҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҳангоми ревизияи филиали бонки тиҷоратӣ кормандони филиал аз мағозаю тоҷирон барои аз ревизия гузаштани филиал маблағҳоро ҷамъоварӣ менамоянд. Лекин дар асл маблағҳо бе таъйиноти мушаххас ба бонк барнагаштаанд ё ғайримақсад ба ягон самти камфаъол сафарбар шудаанд, ки ин ҳолат барои фаъолияти бонк ва муфлисшавии он як зарбаи бузург мебошад.

6. Риояи меъёри ташкили захираҳои пулӣ ё пойгоҳи пул вобаста ба ҳаҷми амалиёт ва даромади дар стратегияи бонк пешбинишуда.

Ин гуна захира ё пойгоҳи пулӣ асоси мавқеи минбаъдаи бонкҳоро дар арсаи иқтисодӣ устувор инъикос менамояд ва бояд ҳар як бонк барои фаъолияти бенуқсон ва устувор баробари пулҳои дар гардишбуда аз рӯи таъйиноти гуногун захираи пулӣ дошта бошад, то аз баъзе ҳолатҳои ғайричашмдошти баамаломада, аз қабили ба таъхир афтодани пардохти маблағҳои қарзӣ ё ҳолатҳои дигар онро рӯйпӯш карда тавонад.

Ба воситаи ба роҳ мондани чунин ҳолатҳо ё дуруст риоя кардани меъёрҳо ва пешниҳодҳои дар боло зикргардида метавон ба қадри имкон сатҳи устувории фаъолияти бонкҳоро дар бозори байнибонкӣ таъмин намуда, дараҷаи ба амал омадани хатарҳоро қисман ё пурра кам намоем.

**Адабиёт**


1. Ашуров Н. Идора кардани хавфи бонкӣ: васоити таълимӣ / Н. Ашуров., С.Ҷ. Махшулов. - Душанбе, 2021. – 146 с
2. Варфоломеева В.А. Роль и значение денег в современной экономике / В.А. Варфоломеева // Актуальные проблемы экономики и управления. - 2021. - №2 (30). - С. 3-7.
3. Гогохия Д.Ш. Некоторые сюжеты из истории внешней торговли в контексте теории денег / Д.Ш. Гогохия // Экономическая теория. ВТЭ. - 2020. - №4. - С. 19-28.
4. Махшулов С.Дж. Устойчивость национальной валюты, ее теория и методология / С.Дж. Махшулов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2018. - №9. - С. 174-179.

5. Махшулов С.Ҷ. Хатарҳои ба муносибатҳои бонкӣ алоқаманд / С.Ҷ. Махшулов // Паёми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон. - 2016. - №1/5. - С.78-84.
6. Махшулов С.Дж. Конкурентоспособность кредитных организаций и актуальность их финансовых показателей с учетом ликвидности /С.Дж. Махшулов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. - №5-2. - С. 54.
7. Рушди низоми бонкӣ дар 25 соли Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: «Вектор принт», 2016. - 294 с.
8. Тупик Н.В. Деньги в экономике меняют свою роль / Н.В. Тупик // Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. - 2011 - №6-1. - С. 137-139.
9. Раҳимзода Ш. Иқтисодиёту бонкдорӣ ва рушди онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ / Ш. Раҳимзода, С.Ҷ. Махшулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2021. - №7. - С. 193.
10. Раҳимзода Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз: китоби дарсӣ /Ш. Раҳимзода. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 484 с.
11. Меъёрҳои фоизии сиёсати пулӣ [манбаи электронӣ] URL: https://www.nbt.tj. Санаи муроҷиат 28.10.2022.

---

**УДК: 368.01.331.7.**

## ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТА ДАР ШАРОИТИ ДИГАРГУНСОЗИИ ИҚТИСОДИЁТ

***Қаюмова Фирӯза Абдуллоевна*** *– н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: 001-10-34-05. Email: pbobomurodov@mail.ru.*

***Раҳимов Файзалӣ Саъдуллоевич*** *– н.и.и., дотсенти кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: (+992) 90-100-87-63. Email: f-rahimov77@mail.ru.*

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои муҳимми фаъолияти ташкилотҳои суғурта дар шароити дигаргунсозии иқтисодиёт мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки мушкилоти ташаккул ва инкишофи минбаъдаи суғурта ҳамчун категорияи молиявӣ барои мамлакатҳое, ки иқтисодиёташон дар давраи гузариш қарор дорад, аз ҷумла барои Тоҷикистон, ки дар системаи иқтисодиёт дигаргуниҳои куллӣ ба амал меоянд, муҳим арзёбӣ мегардад. Равандҳои дигаргунгардии низоми иқтисоди миллӣ, ки омӯзиши илмии бозори байналмилалии суғурта ва таҳияи роҳҳои самаранок истифода бурдани таҷрибаи ҷаҳониро дар соҳаи суғурта барои рушди минбаъдаи фаъолияти суғурта дар мамлакат ва таъмини татбиқи бомуваффақияти ислоҳоти иқтисодиро ба миён меорад, зарур мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *суғурта, фаъолияти суғурта, суғуртаи ҳаёт, давлат, иқтисодиёти миллӣ, ҷуброни зарар, молия, сармоя, субъекти хоҷагидорӣ.*

## ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ СТРАХОВЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ В УСЛОВИЯХ МОДЕРНИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ

***Қаюмова Фируза Абдуллоевна*** *– к.э.н., доцент кафедры менеджмента Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.* ***Адрес:*** *734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Носира 33.* ***Телефон:*** *001-10-34-05.* ***E-mail:*** *pbobomurodov@mail.ru.*

***Рахимов Файзали Садуллоевич*** *- к.э.н., доцент кафедры информационных систем и технологий в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.* ***E-mail:*** *f-rahimov77@mail.ru;* ***Телефон:*** *(+992) 90-100-87-63.*

*В данной статье изучены важные вопросы деятельности страховых организаций в условиях модернизации экономики. Авторы отмечают, что проблема становления и дальнейшего развития страхования как финансовой категории считается актуальной для стран с переходной экономикой, в том числе для Таджикистана, где происходят кардинальные изменения в экономической системе. Процессы модернизации экономики национальной экономической системы требуют научного изучения международного страхового рынка и разработки путей эффективного использования международного опыта в области страхования для дальнейшего развития страховой деятельности в стране и обеспечения успешной реализации экономических реформ.*
***Ключевые слова:*** *страхование, страховая деятельность, страхование жизни, государство, национальная экономика, возмещение ущерба, финансы, капитал, хозяйствующий субъект.*

## ACTIVITIES OF INSURANCE ORGANIZATIONS IN CONDITIONS OF ECONOMIC MODERNIZATION

***Kayumova Firuza Abdulloevna*** *- Candidate of Economics Sciences, Professor of the Department of Management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir street 33. Phone: 001-10-34-05. Email: pbobomurodov@mail.ru.*
***Rakhimov Faizali Sadulloevich*** *- Candidate of Economics Sciences, Professor of the Department of Information Systems and Technologies in Economics, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, s. Dushanbe, st. Nakhimov, 64/14. E-mail: f-rahimov77@mail.ru; Phone: (+992) 90-100-87-63.*

*In this article, important issues of the activities of insurance organizations in the context of economic modernization have been studied. The authors note that the problem of the formation and further development of insurance as a financial category is considered relevant for countries with economies in transition, including Tajikistan, where fundamental changes are taking place in the economic system. The processes of modernizing the economy of the national economic system require a scientific study of the international insurance market and the development of ways to effectively use international experience in the field of insurance for the further development of insurance activities in the country and ensure the successful implementation of economic reforms.*
***Key words:*** *insurance, insurance activity, life insurance, state, national economy, compensation for damage, finance, capital, business entity.*

Марҳилаи кунунии рушди иқтисоди ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ, ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба системаи муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ зарурати рушди бозори суғуртаро бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ ва хусусиятҳои миллӣ ба миён меорад. Мушкилоти ташаккул ва инкишофи минбаъдаи суғурта ҳамчун категорияи молиявӣ барои мамлакатҳое, ки иқтисодиёташон дар давраи гузариш аст, аз ҷумла барои Тоҷикистон, ки дар системаи иқтисодиёт дигаргуниҳои куллӣ ба амал меоянд, муҳим арзёбӣ мегардад. Равандҳои дигаргунгардии низоми иқтисоди миллӣ омӯзиши илмии бозори байналмилалии суғурта ва таҳияи роҳҳои самаранок истифода бурдани таҷрибаи ҷаҳониро дар соҳаи суғурта барои рушди минбаъдаи фаъолияти суғурта дар мамлакат ва таъмини татбиқи бомуваффақияти ислоҳоти иқтисодиро ба миён меорад.

Муҳаққиқ Ғ.Д. Ашуров чунин қайд мекунад: “Таҳлили марҳилаҳои муосири рушди иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки новобаста аз ҳамаи мушкилоти ҷойдошта марҳила ба марҳила раванди рушду такомули иқтисодиёт дар мамлакат идома дорад” [1, с.182]. Мо бо ақидаи муҳаққиқ мувофиқ ҳастем. Дар ҳақиқат, имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигаргунсозии низоми иқтисоди миллӣ бо тағйирёбии фазои иқтисодии ҷаҳонӣ рӯ ба рӯ гашта истодааст ва дар ин раванд вазифадор аст, ки марҳила ба марҳила раванди рушди иқтисодиро таъмин намояд.

Муносибати мамлакатҳои мутараққӣ барои гузаштан ба низоми инноватсионии тараққиёт, ки ба дигаргунсозии иқтисодиёт оварда мерасонад, ба таҷрибаи хеле калони азнавташкилдиҳии равандҳои дохилӣ асос ёфтааст [3, с.173], ки ин боиси инкишофи ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ва минбаъд ба инкишофи устувори ҳамкории байналмилалии иқтисодии давлат мегардад.

Стратегияҳое, ки имрӯз дар самти дигаргунсозии равандҳои иқтисодӣ таҳия шудаанд, дар самтҳои зерин пешбинӣ гардидаанд:

1. Ташаккул, ҳавасмандгардонӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар асоси ғояҳои ояндадор дар фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор бо мақсади ба даст овардани молу хизматрасониҳои принсипи навдошта, ки ба қонеъ гардонидани талаботи бозори муосир ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ мусоидат мекунанд [6, с.91].

2. Тағйир додани низоми таълиму тарбия дар муассисаҳои олии касбӣ барои тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, ки ба таъмини истеҳсолот ва идоракунии инноватсияҳо, ҷорӣ намудани равишҳо ва усулҳои технологияҳои таълимӣ дар раванди таълим, ки афзалиятҳои рақобатпазирро дар бозори меҳнат таъмин мекунанд, нигаронида шудааст.

3. Тағйир додани бозори меҳнат, меъёрҳои он, танзими таносуби талабот ва пешниҳод, таъмини бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси иштирокчиёни бозори меҳнат бо мақсади таъмини ҳаракати мутахассисон, инчунин ҷалби корҷӯёни ояндадор.

4. Ба ҳадди аксар расонидани дастгирии иттилоотӣ барои рушди соҳаҳои инноватсионӣ бо мақсади ба таври оптималӣ паҳн кардани таҷриба ва имкони ҷорӣ намудани инноватсия аз ҷониби субъектҳои ақибмонда.

5. Муҳайё намудани шароит барои рушди соҳибкории инноватсионӣ, бахусус дар соҳаи соҳибкории хурду миёна, таҷдиди сиёсати ҷаҳонӣ дар саноат, ки ба пешбурд ва тавсеаи корхонаҳои саноатии рақобатпазир дар бозорҳои ҷаҳонӣ амалкунанда нигаронида шудааст [9, с.11].

6. Мутобиқ намудани сиёсати иҷтимоию иқтисодие, ки тақсимоти оқилонаи неъматҳои фаъолияти хоҷагӣ, ҳалли проблемаи камбизоатии аҳолӣ ва баланд бардоштани фаъолияти ҷамъиятии онро таъмин менамояд.

Дар натиҷаи таҳлили самтҳои асосии стратегии дар боло овардашуда, қайд намудан зарур аст, ки бозорҳои суғуртаи кишварҳои мутараққӣ аллакай давраи рушди васеъро аз сар гузаронидаанд ва рушди онҳо аз сабаби зиёд будани талабот ба хизматрасонии суғурта аз пешниҳоди онҳо имконнопазир гардидааст. Баръакси бозорҳои кишварҳои пешрафта, бозорҳои суғуртаи кишварҳои иқтисодашон дар ҳоли гузариш, ки Тоҷикистонро низ дар бар мегиранд, ҳанӯз дар раванди ташаккулёбӣ қарор доранд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ соҳаи суғурта тадриҷан мавқеи афзалиятнокро дар иқтисодиёти мамлакатҳои ҷаҳон ишғол карда истодааст. Дар ин бахши иқтисодиёт шумораи зиёди субъектҳои хоҷагидорӣ таъсис ёфта, боиси афзоиши ҷойҳои нави корӣ гардида, мувофиқан саҳми он дар ташаккули маҷмуи маҳсулоти дохилӣ назаррас мегардад.

Таҳқиқоти олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар самти суғурта исбот намудааст, ки шумораи хоҷагиҳои манфиатдор нисбат ба шумораи субъекҳои ҷабрдида зиёдтар аст. Бинобар ин, тақсими ҷуброни зарар байни хоҷагиҳои манфиатдор, ҳангоми ба миён омадани ҳодисаҳои суғуртавӣ сабуктар мегардад. Вобаста ба ин, агар шумораи субъектҳои тақсимкунандаи зарар чӣ қадар зиёд бошад, ҳиссаи ҳар кадом иштироккунанда дар маблағи тақсимшавандаи ҷуброн ҳамон қадар кам мегардад.

Ба андешаи муҳаққиқ Ғ.Д. Ашуров, “низоми хизматрасониҳои суғуртавӣ яке аз унсурҳои муносибатҳои истеҳсолӣ мебошад, ки он ҳамаи соҳаҳои гуногуни иқтисодро фарогир аст. Ин низом ба баргардонидани (ҷуброн намудани) талафоти моддӣ

алоқаманд аст, ки барои ҷараёни беист ва бетанаффуси такрористеҳсол асос мегардад" [1, с.18].

Ба ҳамагон маълум аст, ки суғурта зарарро бартараф намекунад, балки он танҳо пардохти пулӣ мебошад. Мисол, суғуртаи сӯхтор пеши роҳи сӯхторро гирифта наметавонад, аммо он моро аз талафоти моддӣ муҳофизат мекунад.

Дар ду даҳсолаи охир афзоиши босуръати бозорҳои суғурта мушоҳида шуда истодааст. Фаъолияти бозори суғурта ҳамчун миёнарави молиявӣ ва ҳам ҳамчун таъминкунандаи интиқол ва ҷуброни хавфҳо метавонад ба рушди иқтисодӣ тавассути имкон додани идоракунии самараноки хавфҳои гуногун мусоидат кунад, ки ба ҷамъшавии сармояи нав мусоидат намояд ва пасандозҳои дохилиро ба сармоягузориҳои истеҳсолӣ сафарбар кунад. Дар ин замина, далелҳои дар боло зикршуда саволҳоро дар бораи таъсире, ки афзоиши босуръати фаъолияти суғурта ба рушди иқтисодӣ хоҳад дошт, ба миён меорад.

То кунун аксари корҳои таҷрибавӣ таъсири бахши бонкӣ ва рушди бозори саҳомӣ ба рушди иқтисодӣ арзёбӣ шудаанд. Гарчанде ки саҳми иқтидори фаъолияти бозори суғурта дар рушди иқтисодӣ эътироф шуда бошад ҳам, арзёбии робитаи эҳтимолии сабабӣ байни фаъолияти бозори суғурта ва рушди иқтисодӣ ба қадри кофӣ аз тарафи олимон таҳқиқ нагардидааст.

Дар ин замина, ҳадафи таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки баҳодиҳии системавии таъсири бозори суғурта ба рушди иқтисодӣ бо дарназардошти дигаргунсозии иқтисодиёт барои расидан ба рушди устувор мусоидат мекунад ё не, таҳқиқ мешавад. Дар ин шароит раванди дигаргунсозӣ асоси фаъолияти ташкилии соҳаи суғурта буда, қисми таркибии фаъолияти мустақили идоракунӣ мебошад, ки заминаи консептуалии таҷдиди иқтисодиётро ташкил медиҳад. Ин ба мо имкон медиҳад, ки навоварӣ дар фаъолияти суғурта на ҳамчун маҳсулоти ниҳоӣ, ки метавонад фоидаи ҳадди аксар оварад, балки ҳамчун раванд ё фаъолият барои муайян кардани имкониятҳои беҳтарини қонеъ гардондани талаботи давлатию иҷтимоӣ дар шароити тағйирёбии низоми иқтисодӣ баррасӣ шавад.

Фаъолияти суғурта ҳамчун як таъминкунандаи интиқол ва ҷуброни хавфҳо ва ҳам ҳамчун сармоягузори институтсионалӣ метавонад ба рушди иқтисодӣ бо роҳҳои зерин мусоидат намояд: 1) мусоидат ба суботи молиявӣ; 2) мусоидат ба тиҷорат ва савдо (қадимтарин фаъолияти суғурта); 3) сафарбар кардани пасандозҳои дохилӣ; 4) имкон медиҳад, ки хавфҳои гуногун идора карда шаванд, то ба ҷамъшавии сармояи нав мусоидат кунанд; 5) мусоидат ба тақсимоти самараноки сармояи дохилӣ; 6) мусоидат ба паст ё кам кардани талафот. Илова бар ин, эҳтимол ба рушди иқтисодӣ суғуртаи ҳаёт ва ғайриҳаёт таъсири гуногун дошта бошад, зеро ин ду намуди суғурта хонаводаҳо ва ташкилотҳоро аз хатарҳои мухталифе, ки ба фаъолияти иқтисодӣ бо тарзҳои гуногун таъсир мерасонанд, муҳофизат мекунанд. Дар моддаи 1, зербанди 8-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" чунин омадааст: "Суғуртаи ҳаёт ин намуди суғурта, ки амалӣ намудани пардохти суғуртавиро дар ҳолатҳои фавти шахси суғурташуда ё дар давоми зиндагии ӯ то ба охир расидани муҳлати суғурта ва ё то синну соли дар шартномаи суғурта дарҷгардида пешбинӣ менамояд". Ба маънои суғуртаи ғайриҳаёт дар қонуни мазкур мафҳуми суғуртаи умумӣ истифода шудааст, ки дар зербанди 7-и моддаи 1 чунин шарҳ дода шудааст: "Суғуртаи умумӣ – суғуртаи шахсӣ, молумулкӣ, суғуртаи ҷавобгарии гражданию ҳуқуқӣ ва дигар намудҳои суғурта, ки ба соҳаи суғуртаи ҳаёт дахл надоранд" [4].

Равандҳои суғурта ва таъмини амнияти шахсӣ, корхона, ташкилот, соҳа, комплекс ва, умуман, мамлакат барои таъмини фаъолияти самарабахши муносибатҳои иқтисодии ҷамъият пешбинӣ шудаанд. Амният яке аз хусусиятҳои натиҷаи фаъолият ва рушди ҳама гуна система мебошад. Бинобар ин, зарурати таъмини амният яке аз меъёрҳои асосии субъектҳои соҳибкорӣ дар сатҳҳои гуногуни ташкили ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

Агар ин меъёр амалӣ нагардад, он гоҳ тангшавии захираҳои таъминоти амният, паст шудани самара ва амиқ шудани зиддиятҳои иҷтимоӣ-иқтисодии байни субъектҳои (иштирокчиёни) муносибатҳои иқтисодӣ ба амал меояд.

Системаи таъсири бозори суғурта ба амнияти иқтисодӣ, бинобар инкишоф наёфтани равандҳои макроиктисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол ташаккул наёфтааст. Рушди сусти бозори суғурта дар системаи амнияти иқтисодӣ яке аз омилҳои муҳимтарини паст кардани ҷолибияти сармоягузории иқтисоди миллӣ мебошад. Инро бо он шарҳ медиҳад, ки тағйироти иҷтимоӣ дар Тоҷикистон боиси пайдоиши хатарҳои гуногун гардидааст. Вобаста ба ин, нақши хадамоти суғурта дар ҳалли проблемаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва моликияти аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидор аз бисёр ҷиҳат ҳалкунанда мегардад.

Хусусиятҳои хоси рушди бозори хизматрасонии суғурта дар Тоҷикистон номутаносибӣ, набудани механизмҳои самараноки ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодии субъектҳои асосӣ мебошад. Бо назардошти гуфтаҳои боло, баланд бардоштани самаранокӣ ва устувории фаъолияти иқтисоди миллӣ ва рақобатпазирии он бе таҳкими иқтидори бозори суғурта дар Тоҷикистон ғайриимкон аст.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ танҳо давраи ташаккул ва рушди бозори суғурта ҷараён дорад, ки дар раванди он ҳам заминаи ҳуқуқӣ ва иқтисодии он, инчунин низоми таъмини амнияти ташкилотҳои суғуртавӣ метавонад тағйир ёбад. Бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон бо суғурта танҳо тақрибан 8% майдони суғуртавӣ бо сатҳи пардохтҳо – 9,2% фаро гирифта шудааст, ҳол он ки ин нишондиҳанда дар кишварҳои аврупоӣ 60 – 80% – ро ташкил медиҳад. Дар айни замон, бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни дигар бозорҳои ғайрибонкии молиявӣ бештар сармоягардии баландро соҳиб аст.

Дар байни ширкатҳои ватании суғуртавӣ, ки дар бахши суғуртаи бозори молиявии Тоҷикистон фаъолият мекунанд ва ба дигаргунсозии низоми иқтисодии мамлакат мусоидат мекунанд, дороиҳои ташкилотҳои суғуртавии кишвар дар маҷмуъ дар соли 2021 ба 527,3 млн сомонӣ баробар гардида, дар муқоиса ба соли гузашта ба маблағи 114,9 млн сомонӣ (27,9%) зиёд мебошад. Ин афзоиш асосан дар натиҷаи зиёд гардидани дороиҳои ҶСП “ТС “Суғуртаи аввалини миллӣ” дар ҳаҷми 52,4 млн сомонӣ, ҶДММ “ТС Бима”дар ҳаҷми 9,6 млн сомонӣ, ҶДММ “ТС Боварӣ” дар ҳаҷми 6,9 млн сомонӣ, инчунин аз ҳисоби ба бозори суғуртаи ҷумҳурӣ воридшавии ташкилотҳои суғуртавии навтаъсиси ҶСП ТС “Паймон Иншуренс” ва ҶДММ “ДС суғурта” бо ҳаҷми умумии 40,3 млн сомонӣ сармояи оинномавӣ ба амал омадааст.

Аз ин лиҳоз, чун дигар соҳаҳои фаъолият, амалияи суғуртакунонӣ аз ҷараёни таҳияи маҳсулоти суғуртавӣ оғоз гардида, барои гурӯҳҳои гуногуни истеъмолгарон пешбинӣ мешавад, ки ҷадвали 1 инъикоскунандаи ин ҷараён аст.

**Ҷадвали 1. - Гурӯҳбандии истифодабарандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ**

| **Гурӯҳи истифодабарандагони маҳсулоти суғуртавӣ** | **Сатҳи ихтисосмандӣ** | **Самтҳои фурӯш** | **Талабот ба суғуртакунандагон** |
|---|---|---|---|
| Оммавӣ | Стандартӣ | Фурӯши мустақим, аз ҷумла тавассути агентҳои интернетӣ | Рушди шабакаҳои фурӯш |
| Гурӯҳҳои мақсаднок | Хизматрасонии маҷмуӣ (комплексӣ) | Агентҳо, брокерҳо | Мавҷудияти андеррайтерҳо, маълумоти зарурӣ ва методҳои ҳисоббароркунии тарафҳо |
| Гурӯҳҳои фардӣ ё индивидуалӣ | Маҳсулоте, ки дар асоси баҳодиҳии хавф барои чунин мизоҷон таҳия шудаанд | Брокерҳо, мутахассисони ширкати суғуртавӣ | Мавҷудияти андеррайтерҳо, ки дорои омодагии касбӣ буда, заминаи ахборотӣ оид ба хавф ва заминаи методологӣ доранд |

***Сарчашма.*** *Дар асоси маводҳои дар гардиши илмӣ мавҷудбуда таҳия шудааст:* *https://www.elibrary.ru/download/elibrary_44094103_79059731.pdf* .

Ҳамин тариқ, дар шароити муосир муттаҳид намудани кӯшишҳои мақомоти назоратию давлатӣ ва бозори суғурта ба ҳалли масъалаҳои муҳимтарини зерини соҳа мусоидат мекунад:

- рушди миқёси бозори суғуртаи ҷумҳурӣ, зиёд кардани ҳиссаи он дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ;
- баланд бардоштани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои суғурта дар мамлакат;
- афзоиши эътимоди аҳолӣ ва субъекти хоҷагидор ба суғурта ҳамчун муассисаи молиявии устувор ва боэътимод;
- баланд бардоштани дараҷаи суғуртаи аҳолӣ ва иқтисодиёти ҷумҳурӣ;
- баланд бардоштани масъулияти иҷтимоии фаъолияти суғурта, рафъи шартҳои баҳсҳо байни суғуртакунандагон ва истеъмолкунандагони хизматрасонии суғурта;
- баланд бардоштани маданияти суғурта, саводнокии молиявӣ ва огоҳии аҳолӣ дар соҳаи хизматрасониҳои суғуртавӣ, ошкорбаёнӣ ва шаффофияти ташкилотҳои суғуртавӣ ва таъмини татбиқи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагони хизматрасонии молиявӣ дар ҷумҳурӣ.

Инкишофи иқтисодиёти инноватсионӣ дар шароити муосир, ки ба дигаргунсозии иқтисодиёт оварда мерасонад, бавуҷудоии низоми самараноки ҳифзи суғурта, ҷорӣ намудани навъҳои муосири суғурта, технологияи суғурта, беҳтар намудани сифати хизматрасонии суғурта ва такмил додани шаклу усулҳои назорати суғуртаро талаб мекунад. Соҳаи суғурта дар рушди иҷтимоию иқтисодии дилхоҳ кишвар бо истифода аз захираҳои ташкилотҳои суғурта барои рушди тамоми системаи молиявӣ, аз ҷумла сармоягузорӣ саҳми калон дорад. Дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи гузариш қарор дорад, бозори суғурта ҳамчун яке аз воситаҳои молиявӣ мавқеи устуворро ишғол мекунад, ки ҳифзи самараноки манфиатҳои амволии давлат, шаҳрвандон ва ташкилотҳоро аз хатарҳои табиӣ, техногенӣ, иқтисодӣ ва ғайра таъмин мекунад.

Хулоса, аҳаммияти баланди соҳаи суғурта барои хоҷагии халқ дар сарфа намудани маблағҳои буҷетӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои молиявии давлат инъикос мегардад. Ҳамзамон, барои иқтисодиёти муосир бахши суғурта бояд бештар ҳамчун воситаи муҳимми молиявие истифода шавад, ки имкон медиҳад рақобатпазириро дар миқёси минтақавӣ ва байналмилалӣ баланд бардорад. Дурнамои рушди самараноки бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозии иқтисодиёт аз фаъолияти ширкатҳои суғурта, афзоиши сармоя ва самаранокии тиҷорати онҳо вобаста аст.

**Адабиёт**


1. Ашуров, Ғ.Д. Идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ: назария, методология, амалия: дис. ... д-р илм. иқт: 08.00.05 / Ғ.Д.Ашуров. – Душанбе, 2020. – 318 с.
2. Зубец А. Н. Страховой маркетинг /А. Н.Зубец. – Москва: издательство “Анкил“, 1998. – 328 с.
3. Курбонов, А.К. Инновация как индикатор экономического роста / А.К.Курбонов, П.У.Бобомуродов, Б.Д.Исвалиев // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. - 2021. - №1-3 (89). - С. 173-178.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”. [манбаи электронӣ]. – URL: https://www.mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-фаъолияти-суғуртавӣ
5. Оксфордский толковый словарь: англо-русский. М.: Изд-во РГГУ; Прогресс-Академия, 2005. – 620 с;

6. Раҳимов Ф.С. Рақамикунонии бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: зарурат, мушкилот ва дурнамои рушд /Ф.С.Раҳимов, У.О.Халилова//Паёми молия ва иқтисод. - 2021. - № 3 (27). - С. 90-95.
7. Савонько Л.М. Страхование предпринимательского риска: монография / Л.М. Савонько. - Москва: Русайнс, 2019. - 108с.
8. Серебровский В.И. Страхование / В.И. Серебровский. - М.: Финансовое Издательство НКФ СССР, 1927. – 340 с.
9. Шамсов И.С. Анализ зарубежного опыта по внедрению инноваций в региональных инновационных подсистемах /И.С.Шамсов, П.У.Бобомуродов. - Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. - 2017. - № 2-6. - С. 10-14.
10. Longman Dictionary of contemporary English. - 5th edition. – 2009. – 739 с.

**УДК: 368+336.714 (045)**

# РУШДИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲОИ АҲОЛӢ - ОМИЛИ МУҲИМИ ТАШАККУЛИ САРЧАШМАҲОИ ЗАХИРАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ

***Ҳусайнов Муродалӣ Сайдамирович*** - *н.и.и., и.в. мудири кафедраи суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.* ***Суроға****: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 987 80 93 93. E-mail: murodxusayn@mail.ru.*

***Авгонов Нуралӣ Айниддинович*** - *доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси молия, муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.* ***Суроға****: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Н. Қаробоев 63/3. Тел.: (+992) 93 440 12 12. E-mail: avgonov.nurali@mail.ru*

*Дар мақола рушди низоми суғуртаи пасандозҳои аҳолӣ ҳамчун омили муҳими ташаккули сарчашмаҳои захираҳои сармоягузорӣ таҳлил ва арзёбӣ гардидааст. Дар раванди таҳлили масоили мазкур ҳадафҳои низоми суғуртаи пасандозҳои аҳолӣ муайян гардида, ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда, шумораи пасандоздорони суғурташуда ва пардохти ҷубронпулии суғурта аз ҷониби Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар солҳои 2015-2021 арзёбӣ гардидааст. Таҳлили муқоисавии нақши фондҳои суғурта дар пешгирии хатари талафот аз рӯи пасандозҳо ва параметрҳои кафолатҳои ҷубронпулӣ дар баъзе давлатҳои Аврупо ва Осиё гузаронида шудааст. Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда назари муаллифон доир ба самтҳои асосии рушди низоми суғуртаи пасандозҳои аҳолӣ дар мамлакат баён гардидааст.*

***Калидвожаҳо****: низоми суғуртаи пасандозҳои аҳолӣ, Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, низоми бонкӣ, пасандозҳои аҳолӣ, сармоягузорӣ, суғурта, андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо, пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ.*

## *РАЗВИТИЕ СИСТЕМЫ СТРАХОВАНИЯ СБЕРЕЖЕНИЙ НАСЕЛЕНИЯ - ВАЖНЫЙ ФАКТОР ФОРМИРОВАНИЯ ИСТОЧНИКОВ ИНВЕСТИЦИОННЫХ РЕСУРСОВ*

***Хусайнов Мурадали Саидамирович*** - *к.э.н., и.о. заведующий кафедрой страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: (+992) 987 80 93 93. Email: murodxusayn@mail.ru.*

***Авгонов Нурали Айниддинович*** – *доктор философии (PhD) по специальности – Финансы, старший преподаватель кафедры экономической теории и экономики развития Технологического университета Таджикистана. Адрес: 734061, Республика*

*Таджикистан, г. Душанбе, пр. Н. Карабаева, 63/3. Тел.: (+992) 93 440 12 12. Email: avgonov.nurali@mail.ru*

*В статье проанализирован и оценен процесс развития системы страхования сбережений населения как важного фактора формирования источников инвестиционных ресурсов. В процессе анализа данных вопросов определены цели системы страхования сбережений населения, оценены размер застрахованных сбережений, количество застрахованных вкладчиков и выплата страхового возмещения Фондом страхования сбережений физических лиц в 2015-2021 гг. Авторами проведен сравнительный анализ роли страховых фондов в предотвращении риска потерь по сбережениям и параметрам компенсационных гарантий в некоторых странах Европы и Азии. На основе проведенных анализов выражено мнение авторов об основных направлениях развития системы страхования сбережений населения в стране.*

***Ключевые слова**: система страхования сбережений населения, Фонд страхования сбережений физических лиц, банковская система, сбережения населения, инвестиции, страхование, размер возмещения сбережения, застрахованные сбережения физических лиц.*

## *THE DEVELOPMENT OF THE SYSTEM OF INSURANCE OF SAVINGS OF THE POPULATION - IMPORTANT FACTOR IN THE FORMATION OF SOURCES OF INVESTMENT RESOURCES*

***Khusainov Muradali Saidamirovich** - candidate of economics, head of the department of insurance of the Tajik state financial and economic university. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Tel.: (+992) 987809393. Email: murodxusayn@mail.ru.*

***Avgonov Nurali Ainiddinovich** – doctor of philosophy (PhD) with a degree in – Finance, senior lecturer at the department of economic theory and development economics of the Technological university of Tajikistan. Address: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, N. Karabaev Ave. 63/3. Tel.: (+992) 934401212. Email: avgonov.nurali@mail.ru*

*The article analyzes and evaluates the development of the population's savings insurance system as an important factor in the formation of sources of investment resources. In the process of analyzing these issues, the goals of the population savings insurance system were determined, the amount of insured savings, the number of insured depositors and the payment of insurance compensation by the Individuals' Savings Insurance Fund in 2015-2021 were estimated. A comparative analysis of the role of insurance funds in preventing the risk of losses on savings and the parameters of compensation guarantees in some countries of Europe and Asia has been carried out. On the basis of the analyzes carried out, the authors expressed their opinion on the main directions of development of the system of savings insurance of the population in the country.*

***Key words**: population savings insurance system, individuals' savings insurance fund, banking system, household savings, investments, insurance, savings reimbursement amount, insured savings of individuals.*

Низоми суғуртаи пасандозҳо, ки даҳсолаҳо боз дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон амал мекунад, ҳамчун механизми муассири таъмини фаъолияти муътадили низоми бонкӣ эътироф шудааст. Ин эътироф аслан беасос нест, самаранокии низом воқеан бо фаъолияти худ дар давраҳои бӯҳронҳои сершумори молиявӣ, ки аксар кишварҳои ҷаҳон аз сар гузаронидаанд, тасдиқ карда мешавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки суғурта ҳамчун фондҳои махсус дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ нақши босазоро иҷро намуда, дар ҳолати ба миён омадани воқеаҳои суғуртавӣ мушкилии молиявии иштирокчиёни фаъолияти суғуртавиро ҳал

намуда, барои ҳалли масъалаҳои дигари иқтисодӣ мусоидат менамояд. Солҳои охир таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди бахши суғурта афзуда, тайи солҳои истиқлолият дар ин самт як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ [3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10, 11, 12, 13] қабул карда шудаанд, ки дар маҷмуъ, ба инкишофи соҳа мусоидат намуданд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки низоми суғуртаи бонкӣ механизми амалкунандаи ҳалли проблемаҳои макроиқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Яке аз афзалиятҳои асосии он таъмини кафолати баргардонидани пасандозҳо ба ҳисоб меравад. Афзалияти дигари низоми суғуртаи пасандозҳо дар он аст, ки эътимоди аҳолиро ба низоми бонкӣ таъмин менамояд, зеро пасандозҳо аз ҷониби давлат ҳимоя карда мешаванд, ки дар навбати худ, ба афзоиши миқдор ва ҳаҷми пасандозҳо таъсири мусбат мерасонад. Низоми суғуртаи пасандозҳо барои ноил гардидан ба ҳадафҳои зерин ташкил карда мешавад:




**Расми 1. Ҳадафҳои низоми суғуртаи пасандозҳои аҳолӣ [1, с. 150]**

Низоми суғуртаи пасандозҳо ин механизми самараноки ҳимояи пасандозҳо мебошад, ки барои суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ аз ҷониби давлат равона карда шудааст ва дар сурати муфлисшавии бонк, низоми суғуртаи пасандозҳо ба пасандозгузорон кафолати пурра ва ё қисман баргардонидани пасандозҳоро медиҳад.

Барои баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар ва рушди пасандозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми суғуртаи пасандозҳо аҳамияти хоса дорад, чунки ҳифзи пасандозҳои аҳолиро кафолат медиҳад, пешгирии бозпас гирифтани пасандозҳоро дар ҳолати буҳронӣ таъмин месозад ва ба ин васила, таҳкими устувории низоми бонкии Тоҷикистонро мустаҳкам мекунад.

Дар соли 2021 фаъолияти 6 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 4 бонк ва 1 ташкилоти амонатии қарзии хурд, бинобар барҳамдиҳии маҷбурӣ ва 1 бонк, бинобар барҳамдиҳии ихтиёрӣ, қатъ гардид. Ҳамзамон, дар ин давра, 1 ташкилоти амонатии қарзии хурди нав таъсис дода шуд. Дар маҷмуъ, дар панҷ соли охир дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ 29 ташкилоти қарзӣ мавриди барҳамдиҳӣ қарор гирифтанд, ки аз онҳо фаъолияти 6 бонк ва 13 ташкилоти амонатии қарзии хурд бо сабаби барҳамдиҳии маҷбурӣ, 1 бонк ва 9 ташкилоти амонатии қарзии хурд бо сабаби барҳамдиҳии ихтиёрӣ қатъ карда шуданд. Ҳамзамон, дар ин муддат 2 бонк бинобар азнавташкилдиҳӣ дар шакли табдилдиҳӣ ва ҳамроҳшавӣ аз феҳрист хориҷ карда шуда, 4 ташкилоти амонатии қарзии хурд ва 6 бонк (аз он ҷумла, 3 адад, бинобар табдилдиҳӣ аз ТАҚХ ба бонкҳо ва 1 адад, бинобар азнавташкилдиҳӣ дар шакли ҳамроҳшавӣ аз ТАҚХ ба бонк) ба феҳрист дохил карда шуданд [15, с. 22]. Тағйироти шумораи

ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар чанд соли охир дар диаграммаи 1 пешниҳод гардидааст.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2021 дар Феҳристи ташкилотҳои қарзӣ - узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеии мамлакат 29 ташкилоти қарзӣ ба қайд гирифта шуд, ки аз онҳо 11 адад бонк ва 18 адад ташкилотҳои амонатии қарзии хурд мебошанд (ниг. ба диаграм. 1).

**Диаграммаи 1 - Шумораи ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар солҳои 2015-2021** ***(дар интиҳои давра)***




**Манбаъ:** Таҳияи муаллифон дар асоси ҳисоботи солонаи Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ барои соли 2021. С. 22.

Қайд кардан лозим аст, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” ҳар як ташкилоти қарзие, ки иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро барои ҷалби пасандозҳои шахсони воқеӣ дорад, узви хазина мебошад. Бо вуҷуди ин, аз шумораи бонкҳои анъанавӣ БДА ҶТ “Амонатбонк” ва КВД БССТ “Саноатсодиротбонк” бинобар муқаррароти дар моддаи 55 қисми 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” дарҷгардида, ки тибқи он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонидани амонату пасандозҳои шахсони воқеиро кафолат медиҳад ва бинобар муассиси ин бонкҳо будани давлат, ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ шомил намебошанд. Ҳолати мазкур ба талаботҳои қонуни соҳавӣ ва меъёрҳои байналмилалии суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ва тавсияҳои коршиносони ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ мувофиқ набуда, он бевосита барои дар низоми бонкӣ таъмини шароити рақобати солиму баробар миёни ташкилотҳои қарзӣ ва фарогирии пурраи онҳо дар низоми суғуртаи пасандозҳо монеаҳои алоҳида эҷод менамояд [15, с. 24].

Фаъолияти низоми суғуртаи пасандозҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ба роҳ монда мешавад, ки он 2 августа соли 2011 қабул карда шудааст. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва молиявии низоми суғуртаи ҳатмии пасандозҳои шахсони воқеӣ, аз ҷумла, тартиби таъсис ва фаъолияти хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеиро муқаррар карда, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои пасандоздорон ва таҳкими боварии аҳолиро ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» (аз 3.08.2018 с. тахти №1551) андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ на бештар аз 500 ва аз рӯи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ на бештар аз 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шудааст.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатӣ барои соли 2022” аз санаи 1-уми январи соли 2022 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба андозаи 64 сомонӣ муқаррар карда шуд, ки дар натиҷа, андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ ба 32 000 сомонӣ ва аз рӯи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ то ба 22 400 сомонӣ зиёд гардид (ниг. ба диаграммаи 2).

**Диаграммаи 2 - Афзоиши андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва афзоиши андозаи ҷубронпулии суғуртаи пасандозҳо дар солҳои 2015-2022**




**Манбаъ:** Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ. www. idif.tj

Тавре аз нишондиҳандаҳои диаграммаи 2 аён аст, аз соли 2015 инҷониб андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо 1,6 маротиба ё ин ки 60% зиёд шудааст, ки он дар навбати худ боиси афзоиши ҳаҷми ухдадориҳои потенсиалии хазина аз рӯи пардохти ҷубронпулии суғурта мегардад. Боиси қайд аст, ки андозаи ҷубронпулии суғурта дар кишвари мо бо нишондиҳанда барои ҳисобҳо алоқаманд аст, дар ҳолати аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд намудани ҳаҷми нишондиҳанда барои ҳисобҳо он бевосита боиси афзоиши андозаи ҷубронпулии суғуртаи пасандозҳо мегардад.

Барои қиёс намудани ҷуброни суғуртаи пасандозҳои аҳолӣ дар таҷрибаи байналмилалӣ онро бо андозаи ММД ба ҳар сари аҳолӣ муқоиса менамоянд. Хазинаи Байналмилалии Асъор то солҳои 2007-2008 зарурати пардохти ҷубронпулии суғуртаи пасандозҳои аҳолиро дар сатҳи 1-2% -и ММД ба ҳар сари аҳолӣ муайян намуда буд. Пас аз бухрон ин нишондиҳанда дар доираи 3-5 ҳиссаи ММД ба ҳар сари аҳолӣ муқаррар гардидааст [14, с. 149].

Таҳлили муқоисавии нақши фондҳои суғурта дар пешгирии хатари талафот аз рӯи пасандозҳо ва параметрҳои кафолатҳои ҷубронпулӣ дар баъзе давлатҳои Аврупо ва Осиё нишон дод, ки хусусиятҳои ҳатмӣ будани узвият ва пардохти аъзоҳаққӣ, вазифаҳои васеи фондҳо, меъёри ҳадди ниҳоии маблағи ҷубронпулӣ, суръати ҷубронпулӣ, андозаи аъзоҳаққӣ ба хазина ва принсипи ҳисобкунӣ ба таври гуногун ба роҳ монда шудаанд.

**Ҷадвали 1 - Муқоисаи нақши фондҳои суғурта дар пешгирии хатари талафот аз рӯи пасандозҳо ва параметрҳои кафолатҳои ҷубронпулӣ дар баъзе давлатҳои Аврупо ва Осиё (дар соли 2022)**

| Шаклҳо, вазифаҳо, меъёрҳо | Ҳатмӣ будани узвият ва пардохти аъзоҳаққӣ | *Вазифаҳои васеи фондҳо (пешгирии* | Меъёри ҳадди ниҳоии маблағи | *Суръати ҷуброн-пулӣ* | Андозаи аъзоҳаққӣ ба хазина ва принсипи ҳисобкунӣ |
|---|---|---|---|---|---|

| Кишварҳо | | *муфлисшавӣ, барқарорсозии ташкилотҳои қарзии муфлисшуда)* | ҷубронпули дар бахши пасандозҳо и бонкӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|
| *ИМА* | + узвият вобаста ба иҷозатнома | + | 100 000* долл. ИМА | 7 рӯз | *0,08 фоизи маблағи миёнаи пасандозҳо дар як сол* |
| *Британияи Кабир* | + | + | 100 000 фунт стерлинг | 7 рӯз | *на бештар аз 0,4 фоизи маблағи пасандозҳо* |
| *Олмон* | шартан ихтиёрӣ (*узвият вобаста аст бо узвияти дар иттифоқи федералии бонкҳои Олмон*) | + | 100 000 евро | 7 рӯз | 0,03% аз бақияи пасандозҳо дар як сол |
| *Фаронса* | ихтиёран | + | 100 000 евро | 7 рӯз | *ба таври инфиродӣ, на зиёда аз 0,2-0,4% бақияи пасандозҳо дар як сол* |
| *Испания* | + | + | 100 000 евро | 7 рӯз | *ҳиссаҷудокунӣ вобаста ба фоида* |
| *Италия* | ихтиёран | + | 100 000 евро | 7 рӯз | *ҳиссаҷудокунии баробар аз рӯи соҳаи хавфҳои ташкилотҳо* |
| *Норвегия* | + | - | 2 млн.долл. ИМА | 7 рӯз | *0,1% аз маблағи умумии пасандозҳои кафолатнок + то 0,05% маблағи умумии дороиҳои бо таваккал баркашидашуда* |
| *Нидерланд* | + | - | 100 000 евро | 7 рӯз | *ҳиссаҷудокунӣ вобаста ба ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда ва соҳаи хавфи бонк* |
| *Чехия* | + | + | 100 000 евро | 7 рӯз | *0,001% дар як сол аз ҳамаи пасандозҳо* |
| *Русия* | *вобаста ба иҷозатнома* | - | 1,4 млн. рубл | 14 рӯз | *0,5% дар як квартал аз маблағи бақияи суратҳисобҳо барои баҳисобгирии пасандозҳо* |
| *Тоҷикистон* | *вобаста ба иҷозатнома* | - | 32 000 сомонӣ | 14 рӯз | 0,5% ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ |

***Манбаъ**: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои Королева Л.А., Александрова А.И. Сравнительный анализ национальных систем страхования банковских вкладов в странах Европейского союза, Великобритании, США и России. Научный журнал НИУ ИТМО. Серия «Экономика и Экологический менеджмент», № 1, 2022. С. 32. ва* Ҳисоботи солонаи Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ барои соли 2021. С. 25,38.

**пасандозҳо дар иттифоқҳои қарзӣ ва кооперативҳои ИМА бояд дар доираи то 250 000 доллар ҷуброн карда шаванд.*

Ҳамин тариқ, дар асоси маълумоти ҷадвали 1 қайд кардан бамаврид аст, ки дар шароити имрӯза дар баробари кишварҳое, ки ҷуброни суғуртаи пасандозҳо дар ҳаҷми муайян муқаррар гардидааст, инчунин давлатҳое мавҷуданд, ки дар он ҷо ҳангоми муфлисшавии ташкилотҳои қарзӣ, ҷуброни пурраи пасандозҳо дода мешавад, ба

монанди Аморати Муттаҳидаи Араб, Гонконг, Исландия, Иордания, Қувайт, Малайзия, Муғулистон, Венгрия, Сингапур, Австрия, Таиланд, Туркманистон, Лихтенштейн ва ғайра.

*Барои арзёбии самаранокии фаъолияти низоми суғуртаи пасандозҳо нишондиҳандаи динамикаи пасандозҳои ҷалбшудаи* ташкилотҳои қарзии молиявӣ *муҳим аст, зеро он дараҷаи эътимоди аҳолиро ба низоми бонкӣ ва умуман ба низоми суғуртаи пасандозҳо, инъикос мекунад* (диагр. 3). Боиси тазаккур аст, ки *як нуктаи муҳими низоми бонкии ҳар як давлат таъмини кафолати пасандозҳо мебошад, ки ба афзоиши эътимоди пасандозгузорон мусоидат намуда, минбаъд суръати афзоиши ҷараёни сармоягузориро муайян мекунад.*

*Бо таҳлили маълумотҳои дар диаграммаи 3 овардашуда метавон қайд намуд, ки сарфи назар аз ҳамаи тағйироте, ки дар низоми бонкии мамлакат солҳои охир ба амал омад, ҳаҷми пасандозҳои аз аҳолӣ ҷалбшуда дар ҳолати афзоиш қарор дорад, ки дар ин ҷо нақши низоми суғуртаи пасандозҳои аҳолӣ бузург арзёбӣ мегардад.*

**Диаграммаи 3 - Динамикаи ҳаҷми пасандозҳои (амонатҳои) аҳолӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давраи солҳои 2015-2021**




**Манбаъ:** Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ - феврали соли 2019 (283). - Саҳ. 29., Бюллетени омори бонкӣ – декабри соли 2019 (293). – Саҳ. 31., Бюллетени омори бонкӣ – декабри соли 2020 (305). – Саҳ. 32,33., Бюллетени омори бонкӣ - декабри соли 2021 (316). – Саҳ. 31,32.

Дар соли 2021 ҳаҷми бақияи пасандозҳои аҳолӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявибуда 5 366,9млн. сомониро (нисбат ба ММД 5,4%) ташкил намуда, нисбат ба соли 2020 28,8 млн. сомонӣ зиёд гардидааст. Дар таркиби пасандозҳои аҳолӣ дар соли 2021 92 742,1 ҳазор сомонии ба пасандозҳои дархостшаванда, 2 055 906,1 ҳазор сомонии ба амонатҳои пасандозӣ ва 3 218 266,3 ҳазор сомонӣ ба пасандозҳои муҳлатдор рост меояд. Аз ҳаҷми умумии бақияи пасандозҳои аҳолӣ дар соли 2021 3 295,8 млн сомонӣ бо пули миллӣ ва 2 071,1 млн. сомонӣ бо асъори хориҷӣ рост меояд [2, с. 31, 32].

Мавриди қайд аст, ки соли 2017 зери таъсири омилҳои гуногун ва бад шудани вазъи молиявии якчанд бонк, аз ҷумла "Тоҷиксодиротбонк" ва "Агроинвестбонк", боварии аҳолӣ нисбати низоми бонкии кишвар паст гардида, дар натиҷа, пасандозҳои аҳолӣ тамоили камшавиро ба худ гирифт. Ҳамин тавр, дар натиҷаи муътадил гардидани вазъи низоми бонкии мамлакат афзоиши пасандозҳои аҳолӣ ба назар

мерасад. Афзудани ин иқтидор дар дилхоҳ кишвар муҳим арзёбӣ карда мешавад, чунки сарчашмаи захираҳои сармоягузорӣ дар дохили мамлакат пайдо мегардад, инчунин барои нигоҳ доштани устувории низоми бонкӣ ва вазъи иқтисодии кишвар дар маҷмуъ, мусоидат мекунад.

Тибқи ҳисоботҳои ташкилотҳои қарзӣ, ба ҳолати 31 декабри соли 2021 ҳаҷми умумии маблағи пасандозҳои шахсони воқеӣ, ки аз ҷониби хазина мавриди суғурта фаро гирифта мешаванд, 3 315,1 млн. сомониро ташкил дода, шумораи пасандоздорони суғурташуда ба 816,3 ҳазор нафар расид.[1] Дар муқоиса ба интиҳои соли 2020 маблағи пасандозҳои суғурташуда 3,9 фоиз кам ва шумораи пасандоздорони суғурташуда бошад 68,8 фоиз зиёд гардид [15, с. 31].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи бештари ҳаҷми пасандозҳои шахсони воқеӣ, ки аз ҷониби Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар давраи солҳои 2015-2021 суғурта шудаанд, маъмулан ба бонкҳо рост меояд, ки онҳо 87 фоизи ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташударо дар ҳамин давра (2015-2021) ташкил медиҳанд.

**Диаграммаи 4 - Ҳаҷми пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ аз ҷониби Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар давраи солҳои 2015-2021, млрд сомонӣ**




**Манбаъ:** Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ. www. idif.tj

Тавре ки аз маълумотҳои омории диаграммаи 4 аён аст, коҳишёбии маблағи пасандозҳои суғурташуда мушоҳида карда мешавад, ки ин асосан дар натиҷаи аз фарогирии суғурта баромадани пасандозҳои бонкҳои барҳамдодашуда, хусусан ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" ба вуқуъ омадааст.

Таҳлили сохтори пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ дар соли 2021 нишон медиҳад, ки аз шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда ҳиссаи бештари онҳо - 97,9 фоиз (799 ҳазор нафар) дар доираи маблағи ҷубронпулӣ пурра фаро гирифта шуда, ҳиссаи боқимондаи пасандоздорон, ки маблағи пасандозҳояшон аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд буда, қисман ҷуброн карда мешаванд, 2,1 фоизи шумораи умумии пасандоздоронро (17 ҳазор нафар) ташкил медиҳад. Нишондиҳандаҳои мазкур аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар мавриди эҳтимолии ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ шумораи аксари пасандоздорони суғурташуда аз ҷониби хазина пурра

[1] Бе назардошти суратҳисобҳои пасандозие, ки тибқи моддаи 24 Қонуни ҶТ "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" суғурта намешаванд.

ҳимоя карда мешавад. Аз таҳлили шумораи пасандоздорони суғурташуда аён гардид, ки ҳиссаи бештари он ба пасандоздорони дар доираи маблағи ҷубронпулӣ рост меояд (ниг. ба диаграм. 5).

Дар соли 2021 аз тарафи хазина ба пасандоздорони ташкилотҳои қарзии барҳамдодашуда аз маблағи умумии ҷубронпулии тибқи Феҳристи пасандоздорон ҳисобшуда, ки 208,9 млн. сомониро ташкил медиҳад, тибқи ҳисоботҳои фосилавии бонк-агентҳо ба санаи 31-уми декабри соли 2021 ба маблағи 177,9 млн. сомонӣ воқеан пардохт карда шудааст. Аз соли 2016 то инҷониб бошад, хазина ба пасандоздорони суғурташудаи 17 ташкилоти қарзии барҳамхӯрда ба маблағи воқеии 201,0 млн. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт намудааст [15, с. 27]. Ҳамин тавр, низоми суғуртаи пасандозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми мавҷудияти худ бо самаранокии фаъолият ва ҳалли вазифаҳои асосии ин низом тавсиф ёфта, худро ҳамчун механизми муассири таъмини суботи молиявии фаъолияти низоми бонкӣ муаррифӣ намудааст.

**Диаграммаи 5 - Шумораи пасандоздорони суғурташуда ва пардохти ҷубронпулии суғурта аз ҷониби Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ба пасандоздорон дар солҳои 2015-2021**




**Манбаъ:** Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ. www. idif.tj

Дар соли 2021 аз тарафи хазина ба пасандоздорони ташкилотҳои қарзии барҳамдодашуда аз маблағи умумии ҷубронпулии тибқи Феҳристи пасандоздорон ҳисобшуда, ки 208,9 млн. сомониро ташкил медиҳад, тибқи ҳисоботҳои фосилавии бонк-агентҳо ба санаи 31-уми декабри соли 2021 ба маблағи 177,9 млн. сомонӣ воқеан пардохт карда шудааст. Аз соли 2016 то инҷониб бошад, хазина ба пасандоздорони суғурташудаи 17 ташкилоти қарзии барҳамхӯрда ба маблағи воқеии 201,0 млн. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт намудааст [15, с. 27]. Ҳамин тавр, н*изоми* суғуртаи пасандозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми мавҷудияти худ бо самаранокии фаъолият ва ҳалли вазифаҳои асосии ин низом тавсиф ёфта, худро ҳамчун механизми муассири таъмини суботи молиявии фаъолияти низоми бонкӣ муаррифӣ намудааст.

Дар шароити муосири иқтисодӣ рушди устувори низоми бонкиро бе низоми суғуртаи пасандозҳо тасаввур кардан душвор аст. Аз ин рӯ, пайваста такмил додани он зарур аст, ки он воситаи самарабахши ҳифзи манфиатҳои пасандозгузорон ва

таъмини фаъолияти нисбатан муътадили бонкҳо дар шароити ноустувории иқтисодии иқтисодиёти ҷаҳон мебошад.

Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда метавон ба сифати самтҳои асосии рушди низоми суғуртаи пасандозҳои аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидани тадбирҳои зеринро қайд кард:

- зиёд кардани андозаи қонунии ҷуброни суғурта ба пасандозгузорон бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ;
- дар ҳолати муфлисшавии бонкҳо, пешниҳоди механизмҳои таъмини баргардонидани пасандозҳо ба шахсони воқеӣ, ки пасандозҳои онҳо аз ҳаҷми ҷуброни суғуртавӣ зиёданд;
- такмили фаъолияти иттилоотӣ, пурзӯр намудани таъминоти иттилоотӣ ва таблиғотии тадбирҳо оид ба ҷалби маблағҳои аҳолӣ;
- амалӣ намудани мониторинги омилҳои манфӣ, инчунин ташаккул ва татбиқи сиёсати самараноки пасандозҳо бо назардошти онҳо;
- кам кардани шумораи ташкилотҳои қарзӣ, ки вазъи молиявии онҳо эътимоднок нест;
- такмили назорат ва таҳлили фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявии иштироккунандаи низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ;
- дар васоити ахбори оммавӣ васеъ паҳн кардани маълумот дар бораи фаъолияти Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ;
- пурзӯр кардани талабот нисбат ба ташкилотҳои қарзии молиявие, ки ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дохил мешаванд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки рушди низоми суғуртаи пасандозҳои аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сатҳи рушди иқтисодӣ ва амнияти иқтисодии кишвар муҳим арзёбӣ мегардад.

**Адабиёт**


1. Авгонов Н.А. Низоми суғуртаи пасандозҳои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ташаккулёбӣ, рушд ва дурнамо /Н.А. Авгонов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. Бахши соҳаҳо ва комплексҳои байнисоҳавӣ. Душанбе, 2021. - №1. - С. 150-159.
2. Бюллетени омори бонкӣ - декабри соли 2021 (316). - С. 31, 32.
3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, аз 11 декабри соли 1999, №885.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», ш. Душанбе, 17 майи соли 2004, №37.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», ш. Душанбе, аз 29 декабри соли 2010, №681.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақа», ш. Душанбе, аз 19 марти соли 2013, №955.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», ш. Душанбе, аз 13 декабри соли 1997, №517.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», ш. Душанбе, аз 12 январи соли 2010, №595.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ», ш. Душанбе, аз 3 июли соли 2012, №860.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ», ш. Душанбе, аз 2 августи соли 2011, №758.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ», ш. Душанбе, аз 23.11.2015 № 1252, аз 3.08.2018 № 1551.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ш. Душанбе, аз 18 июни соли 2008, №408.

13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи мутақобила», ш. Душанбе, аз 5 августи соли 2009, №540.
14. Тошматов М.Н. Пасандозҳои аҳолӣ ҳамчун иқтидори захираҳои сармоягузорӣ. Монография. /М.Н. Тошматов, Н.А. Авгонов. - Душанбе: "ДТТ", 2022. – 149с.
15. Ҳисоботи солонаи Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ барои соли 2021. Душанбе-2021. - С. 24, 38.

**УДК: 338.46**

## СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ: БАЪЗЕ УСУЛҲОИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ ОН

***Тағоева Робиямоҳ Гулмуродовна*** *- н.и.и., дотсенти кафедраи суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Тел.: 90 751 12 01. E-mail: robiyamoh@inbox.ru.*

*Дар мақола роҳҳои асосии такмили механизми идоракунии рушди соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ, намудҳои механизмҳои иқтисодӣ, ки ба рушди соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар иқтисоди муосир мусоидат мекунанд, баррасӣ карда мешаванд.*

*Ба назар гирифта шудааст, ки рушди дурнамои соҳаи хидматрасонии иҷтимоӣ бо мушкилоти молиявӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, кадрӣ, ташкилӣ ҳамроҳӣ мекунад, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд: набудани захираҳои молиявии худ барои рушди таҷҳизоти нав ва технологияҳои инноватсионӣ, ба даст овардани лоиҳаҳои инноватсионӣ, хариди таҷҳизоти навтарин, ба даст овардани ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ. Ин мушкилро дастнорасии қарзҳо, хавфҳои зиёд ва фоизи истифодаи маблағҳои қарзӣ душвортар мекунанд.*

***Калидвожаҳо:*** *роҳҳои такмил, рушд, соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ, механизмҳои иқтисодӣ, ҳамоҳангсозии манфиатҳои тарафайн, тамсилаи истифода, муносибатҳои байнибуҷетӣ, низоми буҷа.*

## СФЕРА СОЦИАЛЬНЫХ УСЛУГ: НЕКОТОРЫЕ ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ МЕХАНИЗМА УПРАВЛЕНИЯ ЕЕ РАЗВИТИЯ

***Тагаева Робиямох Гулмуродовна*** *– к.э.н., доцент кафедры страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова, 64/14. Тел.: 90 751 12 01. E-mail: robiyamoh@inbox.ru.*

*В статье рассматриваются основные пути совершенствования механизма управления развитием сферы социальных услуг, виды экономических механизмов, способствующих развитию сферы социальных услуг в современной экономике.*

*Автором рассмотрено, что перспективное развитие сферы социальных услуг сопровождается финансовыми, экономическими, информационными, кадровыми, организационными проблемами, важной из которых является нехватка собственных финансовых средств на освоение новой техники и инновационных технологий, приобретение инновационных проектов, закупку новейшего оборудования, приобретение прав на объекты интеллектуальной собственности. Данная проблема усложняется недоступностью кредитов, высокими рисками и ставками процентов за пользование заёмными средствами.*

***Ключевые слава:*** *пути совершенствования, развитие, сфера социальных услуг, экономические механизмы, согласование взаимных интересов, модель использования, межбюджетные отношения, бюджетная система.*

## SOCIAL SERVICES: THE SOME WAYS TO IMPROVE THE MECHANISM FOR MANAGING OF THEIR DEVELOPMENT

***Tagaeva Robiyamokh Gulmurodovna*** *- Candidate of Economics, Associate Professor of the Department of Insurance, Tajik State Financial and Economic University. Adress: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 64/14 Nakhimov str. Phone: 90 751 12 01. E-mail: robiyamoh@inbox.ru.*

*The article discusses the main ways to improve the mechanism of management of the development of social services, the types of economic mechanisms that contribute to the development of social services in the modern economy. The development of the service sector over the past few years has been positive.*

*The article considers that the long-term development of the social services sector is accompanied by financial, economic, information, personnel, and organizational problems, the most important of which is the lack of own financial resources for the development of new equipment and innovative technologies, the acquisition of innovative projects, the purchase of the latest equipment, and the acquisition of intellectual property rights. This problem is complicated by the unavailability of loans, high risks and interest rates for the use of borrowed funds.*

***Key words:*** *ways of improvement, development, social services, economic mechanisms, coordination of mutual interests, use model, inter-budgetary relations, budget system.*

Дар шароити муосир вазифаи асосии идоракунии ташкилотҳо дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ асосан рушди устувори онҳо ва такмилдиҳии механизми идоракунӣ дар мамлакат мебошад.

Соҳаи хизматрасонӣ ҳамчун қисми асосии системаи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарогирии васеи рушди иқтисодӣ муайян карда мешавад. Рушди соҳаи хизматрасонӣ дар ибтидо иқтисодиёти давлатҳои мутараққӣ, баъдан, дар кишварҳои рушди иқтисодиашон миёна ва инчунин дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ аз солҳои панҷоҳу шастуми асри XX ба нақша гирифта шуда буд ва то имрӯз ин тамоюл идома дорад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар шароити имрӯза вазифаҳо дар самтиислоҳоти соҳаи хизматрасонӣ дар кишвар дар доираи Барномаи СМР-2030, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи декабри соли 2016, № 636 тасдиқ шудааст, иҷро мешаванд [5].

Дар асоси нишондиҳандаҳои муҳимми иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ки заминаи ташаккули иқтисоди кишварро ташкил медиҳад, мутобиқи ин ҳуҷҷат, марҳилаи ибтидоии рушд ба солҳои 2016-2020 рост меояд.

Татбиқнамоӣ ва ҳалли ин масъалаҳо дар оянда ҳам комёбиҳои пешравии илмию-техникӣ, пай дар пай васеъ намудани истифодаи донишҳои нав дар корхонаҳои соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар соҳаҳои дигар ва баланд бардоштани савияи тахассусии кормандон зарур аст.

Дар вилояти Хатлон «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020» татбиқ шуда истодааст, ки дар он 278 лоиҳа ба маблағи 10951,8 млн сомонӣ, аз ҷумла 87 лоиҳа барои бахши иҷтимоӣ ба маблағи умумии 626,6 млн сомонӣ, 148 лоиҳа ба маблағи 9506,5 млн сомонӣ ба самтҳои рушди иқтисодиёти кишвар ва ҳифзи амнияти шаҳрвандони вилоят 43 лоиҳа ба маблағи 818,7 млн сомонӣ, ки ба афзоиши иқтисодиёти вилоят мусоидат менамоянд, равона шудааст.

Ҷойгиркунии захираҳо дар асоси Барномаи тасдиқшудаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2016-2020 мутобиқи соҳаҳо аз ҳисоби тамоми маблағгузорӣ дар зарфи 5 сол барои рушди муътадили иктисодиёти вилоят 9506,6 миллион сомонӣ, барои рушди маориф ва илм 92,6 млн сомонӣ, нигаҳдории тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 221,6 млн сомонӣ, маданият 198,7 млн сомонӣ, рушди варзиш 97,6 млн сомонӣ равона карда шудааст. Вазни қиёсии соҳаи тараққиёти иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии маблағњое, ки дар ҳамаи ин соҳаҳо тақсим карда шудаанд, дар ин давра ҳамагӣ 6,6 фоизро ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки афзоиши минбаъдаи соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ба ҳалли вазифаҳои молиявӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, кадрӣ, ташкилӣ асос ёфтааст, ки инҳоянд: баланд бардоштани нархи газ, сӯзишворӣ, ашьёи хом ва масолеҳ, пардохти системаи гармидиҳӣ, қувваи барқ ва об, меъёр ва тарифҳои иҷораи замин, бино, нақлиёт, суғуртаи амвол ва ғайра. Ин тағйирот асосан дар арзиши хизматрасониҳои иҷтимоӣ инъикос меёбад. Илова бар ин, набудани имкониятҳои молиявии худӣ барои

азхудкунии техникаи навтарин ва технологияҳои муосир, хариди лоиҳаҳои муосири ҳозиразамон, ба даст овардани таҷҳизоти нав, хариди ҳуқуқи истифодабарии моликияти зеҳнӣ. Мушкилоти мазкур бо сабаби баланд будани фоизи қарзҳо, хавфи баланд ва фоизи истифодаи маблағҳои қарзӣ, иштироки номувофиқи сохторҳои минтақавӣ, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (ҳукуматҳо) намояндагӣ мекунанд, дар идоракунии рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар минтақа бештар мегардад, ба амал меояд.

Бояд қайд намуд, ки дар солҳои охир роҳбарияти кишвар ба афзоиши соҳаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ диққати ҷиддӣ медиҳад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ чунин қайд намуданд: «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани соли 2018 барои дарки аҳаммияти ин соҳа такони ҷиддӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ бахшид, шумораи сайёҳоне, ки ба Тоҷикистон ташриф овардаанд, дар соли 2018 нисбат ба соли 2017 2,5 баробар афзудааст, аммо барои пурра амалӣ гардидани ҳадафҳои гузошташуда як сол кофӣ нест. Бинобар ин, Барномаи «Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030» қабул шуд, ки он бояд имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон муаррифӣ гардиданд, вале барои рушди инфрасохтори ин соҳа дар тамоми манотиқи кишвар тадбирҳои иловагӣ андешид» [2].

Барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳи механизми муосири танзими давлатии сайёҳӣ, ташаккули стратегияи маркетинги истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи туризм ва харҷи маблағҳои буҷетӣ ва дигар манбаъҳо бо мақсади пешбинишуда барои рушди сайёҳӣ зарур аст.

Раванди асосии ташкили бизнес-инкубаторҳо дар он аст, ки тибқи ҳуҷҷатҳои қабулшуда маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ амалӣ карда мешавад. Дар айни замон, бояд ин равандҳоро дар шакли ёрии молиявию кредитӣ, моддию техникӣ, додани имтиёзҳои андоз, ёрии иттилоотию машваратӣ ва дигар шаклхо дастгирӣ намудан лозим аст.

Дар кишвар Қонун «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» қабул гардид, ки дар он асосҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, тартиби амалигардонии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар бахши иҷтимоӣ, ки манфиатҳои давлат ва бахши хусусиро ҳимоя мекунанд, пешбинӣ шудааст.

Бо истифодаи дурусти шароити ташаккули фишангҳои иқтисодии ҳавасмандгардонии шарикии давлат ва бахши хусусӣ тафовути дараҷа ва сифати зиндагии аҳолӣ коҳиш меёбад.

Вазифаи асосии афзоиши соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ таҳияи механизмҳои ташкили шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад. Фарзияҳои асосии зерин ба ҷалби соҳибкорон дар бозори хизматрасонии иҷтимоӣ мусоидат мекунанд (расми 1).

Рушди соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ бо ҷалби шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба афзоиши фаъолияти корхонаҳои соҳа мусоидат мекунад. Хусусиятҳои ин механизм дар ҷалби сармоя аз бахши соҳибкорӣ барои бунёди иншооти иҷтимоӣ дар ҷалби сармоя зоҳир мегардад. Механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба принсипҳои ҳифзи манфиатҳои иқтисодии давлат ва сохторҳои соҳибкории хусусӣ дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ асос ёфтааст.

Хусусияти татбиқи механизми ШДБХ дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ на ба даст овардани фоидаи ҳадди ақал аз ҷониби иштирокчиёни раванд, балки дар ошкор намудани аҳаммияти иҷтимоии лоиҳаҳое, ки маблағгузориҳои калонро талаб мекунанд ва давлат аз уҳдаи иҷрои сохтмон ва азнавсозии инфраструктураи иҷтимоӣ баромада наметавонад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт – саноати истеҳсолӣ ва энергетикӣ, аз ҷумла, барои коркарди пурраи алюминий, пахта ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ имтиёзҳои махсуси

иловагӣ муқаррар карда шудааст, ки омили муҳимми такмили фазои сармоягузорӣ ва ҷалби сармоягузорону соҳибкорони хориҷӣ ба иқтисоди минтақа мебошад [9, с.103].




**Расми 1. Механизми ташкили давлатӣ-хусусии шарикӣ дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ**

Коркарди муаллиф.

Мувофиқи он истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба ҷалби сармоя дар ин соҳа мусоидат мекунад, ки барои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои иҷтимоӣ қобили қабул дониста мешавад.

Дар оянда афзоиши хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои судманди шарикии давлат ва шарикии ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ бояд ба ин самтҳо равона шаванд: такмили минбаъдаи тадбирҳои дастгирии давлатӣ ба фаъолияти муосир, пеш аз ҳама, дар соҳаи навовариҳои иҷтимоӣ; афзоиши рақобат (дастгирии воқеият ва самаранокии на танҳо механизмҳои нав, балки пеш аз ҳама, механизмҳои қаблан мавҷудбуда, ки ба муқаррар намудани талаботи баробар ва возеҳи рақобат барои ворид шудан ба бозори хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва назорати фурӯш равона шудаанд); идоракунии такмили ташкилотҳо дар асоси нақшаҳоиояндавӣ бо талаботи мунтазам тағйирёбанда, ки дар асоси банақшагирӣ ба амал бароварда мешаванд.

Ба ақидаи мо, хизматрасониҳои иҷтимоӣ бо истифода аз механизмҳои зерини иқтисодӣ ба амал бароварда мешаванд:

- механизми бозорӣ дар асоси ҳамбастагии манфиатҳои ҳар ду ҷониб дар расонидани хизматрасониҳои иҷтимоӣ сохта мешавад;
- механизми давлатии таъмини ҳифзи иҷтимоӣ;

- механизми омехтае, ки бозор ва механизми давлатиро тавассути истифодаи дотатсияҳои давлатӣ, сарпарастон, субвенсияҳо, шарикони иҷтимоӣ алоқаманд мегардонад.

Асоси механизми иқтисодии идоракунии сохтори хизматрасониҳои иҷтимоиро ба ҳам пайвастани манфиатҳои дутарафаи иштирокчиён ташкил медихад. Схемаи механизми иқтисодии идоракунии соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ тартиб дода шуд, вазифаи асосӣ аз он иборат аст, ки аз афзоиши соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар натичаи ба ҳам пайвастани манфиатҳои иқтисодии тарафҳо таъминоти кафолатноки хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба даст меояд.

Дар шароити бозор ҷиҳатҳои асосии механизми идоракунии соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ мувофиқати манфиатҳои дутарафаи иқтисодии субъектҳои соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ мебошад.

Органҳои соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ инҳоянд: муассисаи идоракунии давлатӣ, муассисаи мустақили идоракунии вилоятӣ, истеъмолкунандагон, истеҳсолкунандагон, суғуртакунандагон, пешниҳодкунандагони хизматрасонии иҷтимоӣ, инчунин, институтҳои қарздиҳӣ.




**Расми 2. Сохтори механизми иқтисодии идоракунии соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ**

**Коркарди муаллиф.**

Субъектҳои дар боло қайдшуда манфиатҳояшонро ҳимоя менамоянд, чунки ҳар яки онҳо манфиатхои худро доранд. Масалан, доираи иқтисодии манфиатҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ ин ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ, дастрасии хизматрасониҳои иҷтимоӣ, беҳтарнамоии сифати зиндагӣ мебошад. Манфиатҳои асосии суғуртакунандагон дар системаи суғуртаи ихтиёрӣ ба даст овардани даромад, камкунии имконияти рӯй додани ҳодисаи суғуртавӣ мебошад. Дар ин ҳолат ҳамоҳангии манфиатҳои субъектҳои соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ба самаранокии истеҳсолкунандаи хизматрасонии иҷтимоӣ ноил шудан мумкин аст.

Дар баробари ин, мо механизми иқтисодии идоракунии соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоиро ҳамчун маҷмуи механизмҳои идоракунии хизматрасониҳои давлатӣ ва хусусӣ мешуморем.

Дар натиҷаи тадкиқот схемаи механизми иқтисодии идоракунии соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ тартиб дода шудааст, мақсади асосии он ҳавасмандгардонии пешравии соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ дар натиҷаи мувофиқоии манфиатҳои ҳамдигарии тарафҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ мебошад.

Дар сатҳи макроиқтисод механизми иқтисодӣ имкон медиҳад, ки манфиатҳои иқтисодии чунин ҷонибҳо дар ҷараёни хизматрасонии иҷтимоӣ: мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, ташкилотҳои тандурустӣ, маориф ва фарҳанг, истеъмолкунандагони хизматҳои иҷтимоӣ муттаҳид карда шаванд. Ҳангоми истифодаи механизми иқтисодӣ

мақомотҳои идоракунандаи маҳаллӣ дар сатҳи минтақаҳо ҳаҷми истеъмоли хизматҳои иҷтимоиро муайян мекунанд, талаботро нисбат ба муассисахои тандурустӣ, маориф ва маданият муайян мекунанд. Вазифаҳои татбиқи механизми хоҷагидорӣ аз беҳтарсозии идоракунии хизматрасонии иҷтимоӣ ва такмили сармояи инсонӣ иборат аст, ки боиси рушди рақобатпазирии давлатҳо мегардад.

Мақсади асосии механизми иқтисодии идоракунии соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ҳавасмандгардонии рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ дар натиҷаи омезиши (мутобиқшавии) манфиатҳои иқтисодии пешниҳодкунандагони хизматрасониҳои иҷтимоӣ мебошад.

Низоми маблағгузории соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ, маблағҷудокунии соҳаи хизматрасонии иҷтимоиро аз буҷет дар бар мегирад, корхонаҳои давлатӣ бо дарназардошти кафолатҳои давлатӣ, иҷтимоӣ ва аз ҷониби филиалҳои соҳибкорони худӣ пешниҳоди хизматрасонии иҷтимоии пулакӣ ба роҳ мемонанд.

Дар ин раванд аҳаммияти асосӣ ба санҷиши зерсистемаи буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ дода мешавад.

Аз ин ҷо таваҷҷуҳи хосса ба омӯзиши системаи муносибатҳои байнибуҷетӣ бештар дода мешавад. Системаи муносибатҳои байнибуҷетӣ ба тақсимоти маблағҳо дар байни шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо вобаста ба эҳтиёҷоти воқеии онҳо ба хизматрасонии иҷтимоӣ нигаронида шудааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло, муносибатҳои байнибуҷетӣ воситаи фароҳам овардани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва маблағгузории давлатӣ вобаста ба сатҳи зиндагии онҳо ҳамчун воситаи таъмини ҳифзи ҳадди ақали хизматрасонии иҷтимоӣ дар миқёси минтақавӣ мебошад.

Модели пешниҳодшудаи истифодаи муносибатҳои байнибуҷетӣ дар танзими (идоракунии) хизматрасонии иҷтимоии давлатӣ ва хусусӣ дастгирии рушди ин муносибатҳои байниякдигарӣ дар самти дастгирии захираҳои соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар сатҳи буҷет, хизмат менамояд ва ба ҳалли масъалаҳои зерин мусоидат менамоянд:

- аз буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар ҷудо кардани маблағҳо ба буҷети байнидавлатӣ ва маҳаллӣ;
- афзоиши даромад дар ҳамаи намудҳои буҷетҳо аз ҳисоби ҷалби захираҳои молиявии хусусӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии давлатӣ дар соҳаи иҷтимоӣ.

Ба ақидаи мо, самти асосии такмили механизми идоракунии пешбурди соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ иборатанд аз: эътироф ва иҷрои қарорҳои маъмурӣ ва васеъ истифода бурдани усулҳои стратегии идоракунӣ аз ҷониби қисми роҳбарият, ки дар мавҷудияти доимии онҳо дар бозор мусоидат менамояд.

**Адабиёт**

1. Орифова А.О. Основные направления поддержки государством малого предпринимательства в Республике Таджикистан / А.О. Орифова, З.Э. Мухаммадиева // Вестник ТГУПБП. – 2010.- №1(41). - С. 59-67.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ. – Душанбе, 26.12.2018.
3. Саидова М.Х. Государственно-частное партнерство в сфере физической культуры и спорта Республики Таджикистан / М.Х. Саидова // Вестник ТГУПБП. – 2014. - №3. -С. 103-108.
4. Сафарова Л.Д. Организационно-экономические особенности становления и развития государственно-частного партнерства в сфере услуг: дис…. канд. экон. наук. - 08.00.05./ Л.Д. Сафарова. – Душанбе, 2016. - 168 с.
5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 98с.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» аз 28 декабри соли 2012, № 907.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» // Қонунгузорӣ дар соҳаи иқтисоди ҶТ // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 1999. - С.25-29.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғайридавлатӣ гардонидан ва хусусигардонии моликияти давлатӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1995. – №22. Моддаи 187-192.
9. Шапиров У.А. Организационные аспекты стимулирования инвестиционных процессов в Хатлонской области Республики Таджикистан / У.А. Шапиров // Экономика Таджикистана. - 2019. - №1. - С. 100-107.

**УДК: 339.97; 339.924**

## АНАЛИЗ ПРИТОКА ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В КОНТЕКСТЕ СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ГОСУДАРСТВАМИ ЧЛЕНАМИ ШОС

***Худойбердиев Джахонгир Махмуродович*** *- соискатель кафедры мировой экономики и международной торговли Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: +992-001-99-09-05. E-mail: jkhudoyberdiev@gmail.com*

*В данной статье изучены сущность и значение привлечения иностранных инвестиций в национальную экономику Республики Таджикистан для развития промышленного сектора страны. Автором представлено, что привлечение иностранных инвестиций (ПИИ) положительно влияет на производственный сектор и улучшает макроэкономическую среду и это проблема является весьма актуальной. В целях привлечения иностранного капитала для обеспечения индустриализации страны нужна инвестиционная привлекательность и благоприятный климат для потенциальных инвесторов, чтобы создать инвестиционные потоки в промышленном секторе нашей страны.*

***Ключевые слова:*** *инвестиция, привлечение иностранных инвестиций (ПИИ), финансы, промышленный сектор, региональная экономика, СЭЗ, ЕАЭС, ШОС, ЕС.*

## ТАҲЛИЛИ САРМОЯГУЗОРИИ МУСТАҚИМИ ХОРИҶӢ ДАР ЗАМИНАИ ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА КИШВАРҲОИ УЗВИ СҲШ

***Худойбердиев Ҷаҳонгир Маҳмуродович*** *– унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумхурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, телефон: +992-001-99-09-05. E-mail jkhudoyberdiev@gmail.com*

*Дар мақолаи мазкур моҳият ва аҳаммияти ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳаи саноати кишвар мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Нишон дода шудааст, ки ҷалби сармояи хориҷӣ (ҶСХ) ба соҳаи истеҳсолот таъсири мусбат расонида, фазои макроиқтисодиро беҳтар мекунад ва ин масъалаи хеле рӯзмарра аст. Бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ барои таъмини саноатикунонии кишвар ҷолибияти сармоягузорӣ ва фазои мусоид барои сармоягузорони эҳтимолӣ ҷиҳати фароҳам овардани ҷараёни сармоягузорӣ дар бахшҳои саноатии кишвари мо зарур аст.*

***Калидвожаҳо****: сармоягузорӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ (ҶСХ), молия, бахши саноат, иқтисоди минтақавӣ, МОИ, ИХОА, СҲШ, ИА.*

# ANALYSIS OF FOREIGN DIRECT INVESTMENT IN THE CONTEXT OF COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE SCO MEMBER STATES

***Khudoyberdiev Jahongir Makhmurodovich*** - *Applicant of the Department of World economy and international trade of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14, phone: +992-001-99-09-05. Email: jkhudoyberdiev@gmail.com*

*This article explores the essence and significance of attracting foreign direct investment in the national economy of the Republic of Tajikistan for the development of the industrial sector of the country. It is shown that the influx of foreign direct investment (FDI) has a positive effect on the manufacturing sector and improves the macroeconomic environment, and this problem is very relevant. In order to attract foreign capital to ensure industrialization, our country urgently needs investment attractiveness and a favorable climate to import it, create economic flows in the process of monitoring accelerated the world economy and connected the national economy with the world economy.*

***Key words****: investment, foreign direct investment (FDI), finance, industrial sector, regional economy, FEZ, EAEU, SCO, EU.*

В настоящее время в Таджикистане осуществляется многонациональное, отраслевое и региональное программное обеспечение в рамках Стратегии долгосрочного формирования нашего государства. Промышленность Таджикистана является частью экономики страны и ее развитие, прогресс зависит от решения экономических и социальных задач и обеспечения достойной жизни населения.

Быстрое развитие страны - одна из ключевых и главных задач, реализуемых сейчас «Национальной стратегией развития Таджикистана до 2030 года», принятой Президентом Таджикистана уважаемым Э. Рахмон в Послании в 2018 году Парламенту Таджикистана [3].

В целях ускорения индустриализации в республике успешно реализуются: «Стратегия развития промышленности Таджикистана до 2030 г.», «Программа ускоренного индустриализации Таджикистана на 2020-2025 гг.», «Программа развития черной металлургии на 2025 г.», «Программа развития легких промышленностей на 2022 г.» и др. отраслевых программ.

Согласно Программе ускоренного развития Республики Таджикистан на 2020–2025 гг. предусмотрено строительство и введение 736 производств с 18 тыс. новыми рабочими местами, а также повышение долей промышленности в экономике страны до 30% [4].

Отметим, что за первые десять лет независимости Республики Таджикистан вплоть до 2000 года резкий спад производства произошел в 2-4 раза. В 2010 г. его рост в сравнении с 2000 г. составил 200, в 2020 г. в сравнении с 2010 г. - 270, в сравнении с 2000 г. - 540. Считается, что самый высокий темп роста был обеспечен в 2010-2020 гг.

Таджикистан развивает тесное взаимодействие со странами Ближнего и Дальнего зарубежья и сотрудничает с различными финансовыми организациями мира. Реализация проектов в области легкой, пищевой, металлической, машиностроительной, химико-химической, строительно-фармацевтической промышленности с применением современной техники и полной переработкой отечественных сырья. Основное значение имеют полезные ископаемые, сельское хозяйство и лекарственные растения. В данном направлении реализовано несколько отраслевых проектов, которые помогли расширить переработку промышленного сырья и сельского хозяйства.

В настоящее время предусмотрена льгота по максимальному использованию промышленных потенциалов и повышенной переработке местного сырья, включая хлопковое волокно и первичный алюминий, в конечные продукты. В Таджикистане

приняты специальные программы развития этих областей. Некоторые регионы страны продолжают формировать промышленные зоны. Эти территории будут охвачены предприятиями переработки нефти, тканей, металлов, производства цемента и производства химической продукции.

Для улучшения инвестиционного климата в промышленном секторе необходимо сотрудничество со стороны государства, бизнеса и науки для развития промышленных предприятий и предлагаются следующие цели:

1. Нормативно-правовое регулирование предоставления государством льгот инвесторов, организаций, к результатам научной деятельности и их внедрению в производственный цикл.

2. Совершенствование патентно-лицензионной деятельности путем усиления взаимодействия органов исполнительной власти в области инноваций, производства и науки.

3. Поощрение в области изобретательской деятельности и патентования обеспечивают приоритетные направления науки и техники [9. с.119].

С целью привлечь иностранные инвестиции, новые технологии, управленческий опыт, образование современных инфраструктур, решить проблемы занятости, создать новые рабочие места, насытить внутренний рынок продукцией, потребительскими товарами и экспортировать промышленную продукцию, принять Закон Республики Таджикистан «О свободной экономической зоне Республики Таджикистан», в соответствии с Законом на территории Таджикистана действуют 5 свободных зон, в том числе СЭЗ «Сугд», СЭЗ «Дангара», СЭЗ «Пяндж», СЭЗ «Ишкашим», СЭЗ «Куляб».

Предпринимательская деятельность в свободной экономической зоне, независимо от формы владения, освобождена от уплаты каких-либо видов налога, предусмотренного Налоговым Кодексом Таджикистана, кроме социальных и налоговых налогов.

В настоящее время в Таджикистане существуют сотни производственных направлений и сотни видов продуктов, которые относятся к сферам горной и перерабатывающей промышленности, машиностроительной, легкой, химической, угольной, перерабатывающей промышленности, металлургии, строительного материала, пищевой отрасли. В Таджикистане богаты полезные ископаемые, а этот фактор свидетельствует о прочной основе развития горного и строительного производства. В Таджикистане открыты и подготовлены к разработке 600 месторождений драгоценного металла, из них на данный момент в эксплуатации только десятки шахт, где добывается больше 40 видов руды.

Подведение итогов уровня промышленного развития и динамика изменения структуры отраслей в стране в 2000-2021 гг. Можно сказать, что достаточно высокий темп роста обеспечен. В зависимости от стратегических целей страны уделяется особенное внимание приоритетным проектам в гидроэнергетике, сельском хозяйстве, коммуникациях и транспорте, строительстве и туристской инфраструктуре [4].

По нашим мнениям, чтобы улучшить инвестиционную активность и найти эффективные способы улучшения климата инвестиций и бизнеса в Таджикистане, важно принимать решение Правительства страны, которое содействует эффективному сотрудничеству, создавать благоприятные условия для предпринимателей и инвестиционных инвесторов, применять соответствующие меры, и, по нашим мнениям, в бизнесе и инвестиционном предпринимательстве необходимо рационально пользоваться всеми имеющимися ресурсами.

Важнейшие условия привлечения инвестиций иностранных компаний в отдельные секторы экономики - грамотный бизнес-план с положительной репутацией объекта инвестиций, налоговой политикой государства, наличием применения соответствующих сборов, налоговых ставок предоставления дополнительной налоговой льготы, страховыми взносами, вычетами. На данный момент необходимо провести работу по нескольким направлениям, которые можно назвать:

- совершенствование системы налогообложения, направленной на не допуск налоговых нарушений;
- оказание технического и экономического обоснованного инвестиционного проекта;
- разработка мероприятий по привлечению инвестиций из иностранных государств;
- совместные инвестиционные проекты по созданию крупнейших промышленных предприятий по производству переработки и хранения в отрасли машиностроения и легкой промышленности, сельского хозяйства и услуг;
- рассмотрение недостаточного предоставления и высокие процентные ставки и кредиты предпринимателям;
- борьба с «теневой» экономикой, снижение процентных ставок банков и льготные кредиты коммерческим проектам;
- улучшение кредитной системы, создание комфортной среды для ликвидных предприятий для сохранения их.

К тому же существуют некоторые факторы, которые влияют на привлечение инвестиций иностранных государств в экономику Таджикистана. В первую очередь, инвестор принимает во внимание сумму выручки от вложенного денежного средства, если уровень дохода ниже, чем ожидается, то вложение не будет реализовано. Во-вторых, инвестор тщательно анализирует все существующие альтернативы и выбирает наиболее выгодный бизнес. В-третьих, важно иметь налоговое право страны в соответствии с установленным регионом. Высокая налоговая ставка не привлекается иностранным инвестором, поскольку налоговая политика влияет на процессы инвестирования через налоги, сборы, страховые взносы, в том числе определяет ставку налогов, определяет налоговую базу, предоставляет налоговые льготы, вычеты. В четвертом случае, инвестиции оказывают влияние на инфляцию [2, с.3].

Особое внимание Правительством Таджикистана уделяется привлечению инвестиций в страну и это один из главных факторов, способствующих росту производства и экономическому развитию страны, способствующих созданию новой рабочей местности и рабочей среды населения, учитывая, что доля до 35 лет - 54 и средний возраст - 24 года - огромный интеллект и человеческие возможности [5, с.3].

Итак, сегодня в экономике Таджикистана испытывается необходимость в привлечении иностранного инвестиционного и инвестиционного проекта, но существуют проблемы, связанные с совершенствованием технических и экономических решений. Успешное решение данной проблемы будет зависеть от эффективных способов улучшения инвестиционного климата и инвестиционного политики Правительства РТ при условии применения надлежащих мер по предоставлению гарантий государству, а также действий по применению различных инструментов и механизмов в данной области.

Масштабный иностранный приток инвестиций в реальную экономику - одна из основных условий для форсированного развития инновационно-индустриального развития таджикской экономики. Индустриальное и инновационное развитие экономики Таджикистана выбрано как дальнейшее развитие экономики республики. В Национальной стратегии развития в период до 2030 года отмечается, что полный переход к этой модели развития потребует 114 млрд долларов. Учитывая то, что внутренние инвестиции сейчас не могут удовлетворить растущую внутреннюю потребность в инвестиционных ресурсах, существует большой смысл в привлечении иностранных инвестиций. Поэтому в Послании 2017 г. Президент Таджикистана, уважаемый Э. Рахмон уделил большое внимание необходимости привлекать иностранные инвестиции и совершенствованию экономической дипломатии, направленной на привлечение инвестиций, организацию делового инвестклимата в республике. Анализ свидетельствует о том, что в связи с мировым финансовым кризисом, который привел к снижению объема инвестиций в мире в 12 миллиардов

долларов, в Таджикистане также наблюдается сокращение объема инвестиций в 606,2 млн. долларов.

В условиях напряженной конкуренции на рынках ПИИ мира, включая в Центральную Азию, Таджикистану в будущем необходимо предпринять срочное действие для восстановления доверия к потенциальному инвестиционному донору. Возобновление новых соглашений по инвестициям со странами ЕС, СНГ, ЕАЭС может стать фактором компенсации потерь из других стран.

В условиях небольшой открытой экономической ситуации в Республике Таджикистан увеличение инвестиций в промышленный сектор должен стать приоритетом в инвестиционной политике страны в дальнейшем. Это следствие того, что на сегодняшний день существует большой резерв, который не доходит до использования мощностей в стране. В то же время производственный сектор – движущая сила любой экономической системы, направленная на создание рабочего места, рост доходов, благосостояние населения. Иностранные инвестиции в мировую экономику играют не меньшую роль в процессе глобализации экономики, чем в международной торговле товаров и услуг. Стало ясно, что устойчивость экономического развития невозможно без успешного участия в процессах мирохозяйственного развития, включая активный приток прямых инвестиций в ПИИ.

Нужно отметить, что место Таджикистана в системе прямых международных инвестиционных потоков невелико, и, чтобы увеличить долю страны в ПИИ, необходимо работать над улучшением инвестиционных климатов. Во-первых, нужно развивать работу в направлении развития вторичного рынка и повышения бизнес-климата. Необходимо уделять внимание развитию конкурентной среды и внедрению инновационных технологий управления производством и услугами. Международные и региональные инфраструктурные и производственные проекты, а также улучшение инфраструктуры рынка являются важнейшим механизмом для улучшения инвестиционных климатов страны. Эти задачи должны быть выполнены при соблюдении интересов государства в условиях глобальной интеграции инвестиционного рынка.

Законы Республики Таджикистан «Об государственной защиты и поддержки предпринимательства», «Об инвестиции», «О внешнеэкономической деятельности», «Об акционерных обществах», «О лизинге», «О концессии» обеспечивают охрану прав и интересов иностранного инвестора, создают прозрачную правовую базу интеграции республики с мировым сообществом, стимулируют участие иностранного инвестора в приватизации национальных объектов.

Шанхайская организация сотрудничества (ШОС) - международная организация, созданная в основном на основе соглашений между Таджикистаном, Казахстаном, КНР, Киргизией и Россией о расширении доверия в военном секторе на границе с 1996 годом и взаимным сокращении военных сил на границе с 1997 годом.

1 ноября 2022 в формате видеоконференции состоялось заседание совета премьер-министра стран-членов Шанхайской Организации Сотрудничества (ШОС). В нем приняли участие: премьер-министр Индийской Республики С. Джайшанкар, Председатель правительства Казахстана А.А. Смаилов, Председатель Государственного совета Китайской Народной Республики Ли Кэйцян, Председатель кабинета министров Киргизской Республики А.У. Жапаров и Министр по иностранным делам Пакистана Б.Б. Зардари и Председатель правительства РФ М.В. Мишустин и премьер-министр Таджикистана К. Расулзода, премьер-министр Узбекистана А.Н. Арипов.

Глава делегации отметила предложение Таджикистана создать Банк данных инвестиционного проекта в промышленности стран-членов Союза. Глава делегации отметила предложение Таджикистана разработать Положение об организации мероприятий в рамках Союза промышленных организаций [2, с.4].

В 2021 г. в стране были сданы 309 новых промышленных предприятия и цеха, создано более 5 тыс. новых рабочих мест, а промышленное развитие увеличилось на

22%. В результате реализации производственных и цеховых предприятий в 2021 г. объем производства достиг 38,8 млрд. сомон.

С января по сентябрь 2021 года в сравнении с аналогичным показателем 2020 года в стране поступило в 1,6 раза больше инвестиций зарубежных стран.

В целях увеличения инвестиций, особенно прямых иностранных в экономику республики, в стране подписаны 50 новых соглашений и договоров сотрудничества на сумму 7,2 млрд. сомони, включая строительство новых предприятий промышленности [5, с.3].

В 2007-2021 гг. в экономику Таджикистана инвестировали более 65 государств мира, большую часть которых предоставляла Китайская Народная Республика - 3 млрд. долларов коммуникации, строительство и финансовое обслуживание, геологическое и горное изыскание, монтаж технологий, промышленность и строительные услуги. Россия — 1 млрд. 647,9 млн долл. или 15% (строительства, коммуникаций, геологического изучения, финансовых услуг, здравоохранения, строительной индустрии, торговли, энергетики, туризма и других услуг), США - 712,8 млн долл. или 6,5% (коммуникаций, финансовых услуг, образование, сельские хозяйства, медицинское обслуживание, водоснабжения и береговых укреплений, строительства, геологических и горных исследований, промышленность).

Агентство по статистике Президента Таджикистана сообщило, что в 2021 году общий объем иностранных инвестиций составил 718,3 млн. долларов, в том числе 342,2 млн долларов прямых, 0,1 млн долларов портфельных инвестиций, 376,0 млн долларов - других видов инвестиций (Диаграмма 1).

С января по декабрь 2021 года по сравнению с аналогичным периодом 2020 года приток прямых иностранных инвестиций составил 179,7 млн. долл. США или 110,6%, а другие виды инвестиций составили 110,6 млн. долл. или увеличились на 41,7,6% [1, с.11]

**Диаграмма 1.- Привлечение иностранних инвестиций в 2020 и 2021 годах.**




**Источник: Таджикистан: 30 лет государственной независимости, Статистика Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2021.-с.1-11.**

Приток иностранных инвестиций в Таджикистан по странам рассматривается в диаграмме 2 за 2021 год (в млн. долларах США). Как мы видим, объем основных притоков иностранных инвестиций в Таджикистан приходится на Китай.

Таджикистан, в отличие от других партнеров ШОС, занимает довольно слабое место в области ПИИ. Итак, мы можем отметить, что существуют определенные трудности, которые мешают полноценному сотрудничеству, а место Таджикистана в системе прямых международных инвестиционных потоков невелики.

**Диаграмма 2. - Приток иностранных инвестиций по странам в 2021 году**




**Источник: Таджикистан: 30 лет государственной независимости, Статистика. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2021.-с.1-11.**

Для того, чтобы увеличить долю страны в ПИИ, необходимо работать над улучшением инвестиционных климатов, которые помогут не только отрасли промышленности, но и в других сферах. Взаимодействие между странами региона и отраслями неравномерно. Но, в целом, это торгово-экономические отношения могут рассматриваться как положительные, у сторон имеются большие перспективы.

**Литература:**


1. Информация о притоке иностранной инвестиции в экономику Республики Таджикистан в 2021 году. Департамент инвестиционного продвижения. На основании официальных данных Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан [электронный ресурс] URL: https://investcom.tj/uploads/docfiles/620b3ba05fa62.pdf (дата обращения: 17.10.2022)
2. Нурмахмадов З.М. Роль иностранных инвестиции в развитие национальной экономики РТ / З.М. Нурмахмадов //Вестник Таджикского национального университета, Душанбе. - 2019. – №. 4. - С. 186-190
3. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмон Маджлиси Оли Республики Таджикистан [электронный ресурс] URL: https://khovar.tj/rus/2018/12/poslanie-prezidenta-respubliki-tadzhikistan-madzhlisi-oli-respubliki-tadzhikistan-2/ (дата обращения: 26.12.2018)
4. Прогресс – для страны и всего мира //Деловая Россия: промышленность, транспорт, социальная жизнь. – 2022. - №7-8. [электронный ресурс] https://tajsohtmon.tj/ru/tajikistan_ru/13933-progress-dlya-strany-i-vsego-mira-statyu-o-strategii-razvitiya-tadzhikistana-opublikoval-zhurnal-delovaya-rossiya-promyshlennost-transport-socialnaya-zhizn.html (дата обращения: 14.09.2022)
5. Развитие предпринимательства, инвестиций и современные тенденции экономики //Народная газета, 2018. - №4(20168)
6. Сафаров Б.Г. Формирование механизма привлечения прямых иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистана/ Б.Г.Сафаров, Д.К.Ходжаев // Вестник Таджикского национального университета, Душанбе, 2019. – №. 2(27). - С. 70-78
7. Совместное коммюнике по итогам двадцать первого заседания Совета правительства (премьер-министров) государств – членов Шанхайской организации сотрудничество [электронный ресурс] URL: http://rus.sectsco.org/archive_news/20221101/921857/-

SOVMESTNOE-KOMMYuNIKE-po-itogam-dvadtsat-pervogo-zasedaniya-Soveta-glav pravitelstv.html (дата обращения: 01.11.2022)
8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе-2016.- 89с.
9. Хамроев М.И. Роль иностранных инвестиций в обеспечении развитии национальной экономики/ М.И. Хамроев // Международный научно-практический журнал «ENDLESS LIGHT in SCIENCE» 17.12.2022 Алматы, Казахстан. С. 114-120. DOI 10.24412/2709-1201-2022-114-120 [электронный ресурс] URL:https://cyberleninka.ru/article/n/na-shi-sarmoyaguzori-oi-hori-dar-tamini-rushdi-i-tisodiyoti-mill (дата обращения: 26 декабря 2022)
10. Ҳисоботи сармоягузориҳои хориҷӣ. [манбаи электронӣ] URL: http:// www.gki.tj (санаи муроҷиат: 19.10.2022)

---

**УДК: 330.15 (575.3)**

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Шеркулов Одилҷон Дилмуродович*** *- аспиранти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Шамсӣ 18/1 ҳуҷраи 31. E-mail: odiljon91_91@mail.ru Тел: 900669150*

*Дар мақолаи мазкур оид ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявию методологии масъалаҳои рушди инфрасохтори соҳибкорӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили он баҳри дастгирии рушди соҳибкории истеҳсолӣ бахшида шудааст. Дар робита ба ин, асосҳои назариявии рушди инфрасохтори соҳибкорӣ ҳамчун маҷмуи институтҳо ва сохторҳои хизматрасоние, ки тавассути робитаи бахшҳои истеҳсоливу хизматрасонӣ ва амалисозии функсияҳои такрористеҳсолкунӣ, танзим ва мусоидат ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ таъсир дошта, дар фазои ягонаи бозорӣ тавозуни манфиатҳои истеҳсол ва талаботро таъмин менамояд, фаҳмида мешавад.*

*Ҳамзамон бо ин, мувофиқи натиҷаҳои дар мақола овардашуда ҷанбаҳои методологии таҳия ва татбиқи механизми ташкилию иқтисодии рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ такмил дода шудаанд, ки ҳалли масоили ба ҳамдигар таъсиррасонии ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ва дар ин замина, баланд бардоштани самараву натиҷаи омилҳои мавриди истифодаи рушди инфрасохторро дар бар мегирад. Инчунин, дар мақолаи мазкур нақш ва ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ дар рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *соҳибкорӣ, инфрасохтор, истеҳсолӣ, иқтисодӣ, бахши хусусӣ, рушди иқтисодӣ, саноатикунонӣ, маблаггузорӣ.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ ИНФРАСТРУКТУРЫ ПРОИЗВОДСТВЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Шеркулов Одил Дилмуродович*** *- аспирант кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: г. Душанбе, район Сино, ул. Шамси 18/1, квартира 31. Тел: 900669150. E-mail: odiljon91_91@mail.ru*

*Данная статья посвящена изучению теоретических аспектов развития инфраструктуры производственного предпринимательства и разработке практических рекомендаций по ее совершенствованию в поддержку развития производственного*

*предпринимательства. В связи с этим теоретические основы развития инфраструктуры производственной как совокупности институтов и сервисных структур, влияющих на взаимосвязь производственной и сервисной сфер и реализацию воспроизводственных функций, регулирование и стимулирование промышленного предпринимательства, обеспечивают баланс производственных интересов и спрос в едином рыночном пространстве.*

*При этом в соответствии с представленными в статье результатами были усовершенствованы методологические аспекты разработки и реализации организационно-экономических механизмов развития инфраструктуры промышленного предпринимательства. Также в статье обосновывается роль и сотрудничество государственного и частного секторов в развитии инфраструктуры промышленного предпринимательства в Республике Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *предпринимательство, инфраструктура, производство, экономика, частный сектор, экономическое развитие, индустриализация, финансирование.*

## THEORETICAL ASPECTS OF THE DEVELOPMENT OF THE INFRASTRUCTURE OF INDUSTRIAL ENTREPRENEURSHIP IN REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Sherkulov Odil Dilmurodovich*** *- postgraduate student of the Department of Economic Theory of the Tajik State Financial and Economic University. Address: Dushanbe, Sino district, Shamsi street 18/1 apartment 31. E-mail: odiljon91_91@mail.ru Tel: 900669150.*

*This article is devoted to the study of the theoretical aspects of the development of the infrastructure of industrial entrepreneurship and the development of practical recommendations for its improvement in support of the development of industrial entrepreneurship. In this regard, the theoretical foundations for the development of the production infrastructure as a set of institutions and service structures that affect the relationship between the production and service sectors and the implementation of reproductive functions, regulation and stimulation of industrial entrepreneurship, ensure the balance of production interests and demand in a single market space.*

*At the same time, in accordance with the results presented in the article, the methodological aspects of the development and implementation of organizational and economic mechanisms for developing the infrastructure of industrial entrepreneurship were improved. The article also substantiates the role and cooperation of the public and private sectors in the development of infrastructure for industrial entrepreneurship in the Republic of Tajikistan.*

***Key words:*** *Entrepreneurship, infrastructure, manufacturing, economy, private sector, economic development, industrialization, financing.*

Самаранокии амалисозии сиёсати саноатикунонии босуръати иқтисоди миллӣ асосан ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ вобаста мебошад. Аҳамияти ташаккул ва рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ дар таъмини нишондиҳандаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтарсозии сатҳи зиндагии аҳолӣ зарурати фароҳамсозии фазои мусоиди фаъолиятро тақозо менамояд. Дар робита ба ин, яке аз монеаҳои рушди бахши хусусӣ, хусусан, соҳибкории истеҳсолӣ мавҷуд набудани муносибати ягона доир ба ташаккулёбии инфрасохтори таъминкунандаи фазои мусоид барои амалисозии соҳибкории истеҳсолӣ мебошад.

Соҳибкорӣ ва фароҳамсозии фазои мусоиди пешбурди фаъолияти он дар робита ба ташаккулёбиву тараққиёти муносибатҳои бозорӣ заминаи асосии рушди устувори иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби дигар, рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ ба инфрасохтори мукаммали таъминкунандаи фаъолият вобастагии мустақим дорад. Дар кишварҳои дар ҳоли рушд қарордошта, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ташаккулёбӣ ва рушди инфрасохтори

мусоидаткунандаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ аҳамияти калидӣ пайдо карда, ҳамчун омили муҳимтарини таъминкунандаи сифат ва рақобатпазирии истеҳсолоти миллӣ ва ҷорисозии навгониҳои илму техника хизмат менамояд [1, с. 38-40].

Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд, рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва инфрасохтори он, ҳамчун яке аз омилҳои муҳими тағйирёбии иқтисодиёти Тоҷикистон ва ҷамъият, дар маҷмуъ, ба ҳисоб меравад [10, с. 8].

Бояд тазаккур дод, ки мафҳумҳои “инфрасохтор”, “инфрасохтори бозорӣ” ва “инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ” дар адабиёти гуногуни иқтисодӣ васеъ истифода бурда мешавад [4, с. 120]. Вале то ҳанӯз дар атрофи моҳият ва мақоми мафҳумҳои мазкур ягонагии дарки масъала ва мавқеи мувофиқашудаи мушаххас ба назар намерасад.

Мафҳуми “инфрасохтор” дар иқтисодиёт ҳамчун зерсохтори иқтисодӣ маҷмуи соҳаҳои ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёт хизматрасонанда, инчунин, ҳамаи намудҳои муносибатҳои иқтисодии ба фаъолияти бомароми ҳаётии хонаводаҳо, аҳолӣ, ширкатҳо, минтақаҳо ва давлатҳо шароит муҳайёкунанда фаҳмида мешавад [2, с. 78].

Аз ин нуқтаи назар, инфрасохтори соҳибкорӣ - маҷмуи шароит ва меъёрҳои умумии хизматрасоне мебошад, ки ба рушди соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории истеҳсолӣ тавассути системаи техникиву технологӣ, ташкиливу иқтисодӣ ва алоқамандиҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад ва рушди соҳибкориро дар сатҳи микро-, мезо- ва макроиқтисодиёт таъмин менамояд [8, 91-100].

Вобаста ба ин, инфрасохтори мукаммали фаъолияти соҳибкорӣ раванди пайвастаи рушди инноватсиониро имкон дода, элементҳои анъанавиашро тағйир ва инчунин, имкониятҳои нави ба хизматрасониҳои тамоми функсияҳои соҳибкорӣ равонагардидаро фароҳам месозад.

Дар шароити муосир самти афзалиятноки ислоҳоти сохтории иқтисодиёт ва пешбурди сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ, пеш аз ҳама, таъмини шароити мусоид барои рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ мебошад.

Ҳамчун бахши иқтисодиёти миллӣ соҳибкории истеҳсолӣ имконияти муваффақона ҳал намудани як қатор масъалаҳоро фароҳам оварда, дар қонеъсозии талаботи бозорҳои дохилӣ ба молу маҳсулоти зарурӣ, хизматрасониҳо, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва паст кардани сатҳи бекорӣ, азхудкунӣ ва истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ, истеҳсоли молҳои рақобатпазиру содиротӣ, ташаккули муносибатҳои рақобатии бозорӣ ва ғайра саҳми беназир мегузорад.

Аз ин лиҳоз, мувофиқ ба фаъолияти соҳибкорӣ бояд функсияҳои инфрасохтори бозорӣ ва ҷанбаҳои таъминсозии инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ ҷудо карда шаванд.

Ба андешаи мо, инфрасохтори истеҳсоливу ғайриистеҳсолӣ дар раванди муносибатҳои бозорӣ якдигарро пурра гардонида, бо фароҳамсозии шароитҳои зарурӣ ҷараёни самаранок ва бомуваффақият рушд намудани фаъолияти соҳибкориро тақвият мебахшад.

Ҳамин тавр, танҳо маҷмуи элементҳои калидии дар боло овардашудаи инфрасохтор, бо назардошти ризоият ва амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи соҳибкорӣ, метавонад ташаккулёбии фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузориро дар кишвар таъмин намояд.

Ба андешаи мо, ҷиҳати расидан ба ҳадафи чоруми рушди иқтисоди миллӣ, дастгирии институтсионаливу инфрасохтории рушди бахши соҳибкорӣ амали саривақтиву зарурӣ мебошад. Махсусан, заминаи меъёрии ҳуқуқии мусоид, инфрасохтор ва институтҳои мусоидаткунанда фазои рушди соҳибкориро тақвият бахшида, ба рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ такони бузург медиҳанд.

Маҳз такя ба захираҳои дохилӣ, хусусан неруи созандаи соҳибкорӣ арзиши иловашударо тавлид ва истеҳсолоти ватаниро афзун карда, ҳадафҳои стратегии

миллиро таъмин мекунад [3, с. 118]. Ҳалли мушкилоту масъалаҳои назариявии рушди инфрасохтор ва нақши созандаи он дар рушди соҳибкорӣ мавқеи хоси соҳибкории истеҳсолиро дар таъмини дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ нишон медиҳад.




**Расми 1. - Таъминоти инфрасохтории фаъолияти соҳибкорӣ**
**Коркарди муаллиф**

Ҳамин тавр, таҳқиқи заминаҳои назариявии ташаккул ва рушди инфрасохтори соҳибкорӣ нишон медиҳад, ки олимону таҳқиқотчиёни гуногун дар мушаххассозии паҳлуҳои алоҳидаи ташаккулёбии инфрасохтори истеҳсолӣ ва функсияҳои он саҳмгузорӣ кардаанд [7, с. 19]. Аз ҷониби дигар, ба андешаи мо, фарогирии функсияҳои дигари инфрасохтор доир ба робитаи танзими фаъолияту муносибатҳои соҳибкорон бо институтҳои иқтисодиву молиявӣ ва омилҳои идоракунӣ нақш ва мавқеи инфрасохтори соҳибкории истеҳсолиро пурраву мукаммал хоҳад намуд. Хусусан, пешниҳоди хизматрасониҳои муосир ва қонеъсозии талаботи рушди соҳибкории истеҳсолӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои интитутсионалии таъминкунандаи рушди истеҳсолот ва қонеъсозандаи талаботи истеъмолӣ моҳияти категорияи инфрасохтори рушди соҳибкориро фарохтар гардонидааст ва ин омилҳо мукаммалсозии консепсияи рушди соҳибкории истеҳсолиро тақозо менамоянд. Зеро таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи саноатӣ собит менамояд, ки инфрасохтори дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ ҳамчун системаи ташкилотҳои давлативу ғайридавлатиест, ки барои таъсису дастгирии фаъолияти самараноки субъектҳои соҳибкорӣ шароит муҳайё менамояд ва дар рушди бахши хусусӣ инфрасохтори мусоид нақш ва мавқеи калидӣ дорад [6, с. 19].

Зикр кардан ба маврид аст, ки маҳз фароҳамсозии шароитҳои мусоиди соҳибкориву сармоягузорӣ боиси аз нав эҳёшавии саноати мамлакат ва таъмини

ҳадафи чоруми рушди стратегии кишвар, яъне саноатикунонии босуръат хоҳад гардид. Аз ҷониби дигар, қисмати муҳими таҳлили рушди саноат ин ташкил ва ҷойгиркунии соҳаҳо вобаста ба минтақаҳои кишвар маҳсуб меёбад. Аз ин нуқтаи назар, дар ҷадвали 1 ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ барои давраи солҳои 2010-2020 мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст [5, с. 272].

**Ҷадвали 1. - Динамикаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар давраи солҳои 2010-2020 (бо нархҳои соли 2020), млн. сомонӣ**

| Минтақаҳо | 2010 | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020/2010, афзоиш бо %. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тоҷикистон, ҳамагӣ | 11344 | 16116 | 22677 | 25080 | 28391 | 30890 | 2,7 |
| ВМКБ | 77 | 126 | 208 | 250 | 256 | 229 | 2,9 |
| Суғд | 3300 | 6402 | 11391 | 12063 | 13414 | 15573 | 4,7 |
| Хатлон | 3694 | 5321 | 6767 | 7653 | 8900 | 8998 | 2,4 |
| ш. Душанбе | 1991 | 2330 | 2483 | 2741 | 2831 | 2800 | 1,4 |
| НТМ | 855 | 1607 | 1774 | 2307 | 2976 | 3289 | 3,8 |

**Манбаъ**: Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2021 с. саҳ. 123-124

Таҳлили ҷадвали мазкур дар солҳои 2010-2020 нишон медиҳад, ки ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ дар ҷумҳурӣ зиёда аз 2,7 маротиба афзудааст. Вобаста ба минтақаҳои ҷумҳурӣ натиҷаҳои аз ҳама беҳтар дар вилояти Суғд ба мушоҳида мерасад. Дар соли 2020 4,7%-и истеҳсоли маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ ба вилояти Суғд рост омада, ин нишондиҳанда дар 6 соли охир 2,7 баробар зиёд гардидааст.

Дар соли 2020 ҳаҷми маҳсулоти саноатии ВМКБ дар муқоиса бо соли 2010 зиёда аз 2,9 баробар, дар вилояти Хатлон - 2,4 баробар, дар шаҳри Душанбе - 1,4 ва дар НТМ 3,8 баробар афзудааст.

Ба андешаи мо, дар он минтақае, ки инфрасохтори рушдкардаи соҳибкории истеҳсолӣ муҳайё шудааст, натиҷаҳои истеҳсолӣ низ бартарият пайдо кардааст.

Бояд тазаккур дод, ки мушкилоту омилҳои монеи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон яксон нестанд. Дар айни ҳол метавон мушкилоти барои аксари минтақаҳои кишвар хосбударо чунин ҷудо кард [10, с. 329]:

- дастрасӣ ба маблағгузорӣ;
- сатҳи касбияти қувваи корӣ;
- рақобати носолим дар бахши ғайрирасмии иқтисод (иқтисодиёти пинҳонӣ);
- коррупсия, хӯрдашавии аз ҳад зиёди ҷисмонии объектҳои инфрасохтор;
- сатҳи нокифояи рушд;
- сатҳи дастрасӣ ва мутавозин будани низоми мавҷудаи инфрасохтори соҳибкорӣ ва ғайра.

Ба андешаи мо, ба чораҳои асосии бартараф намудани мушкилоти номбаршуда инҳо шомил мешаванд:

- мутобиқсозии таъсиррасониҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ба ташаккул ва рушди низоми таъминоти инфрасохтории соҳибкорӣ;

- рушди шароити инфрасохторӣ ва таъмини фаъолияти мукаммалу муназзамии он;

- таъминоти мутавозини объектҳои инфрасохторӣ;

- таъмини ҳамбастагии зичи давлат ва бахши хусусӣ;

- ташаккули инфрасохтор мувофиқи талаботи субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ;

- бунёд ва рушди объектҳои инфрасохторӣ, ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги онҳо;

- истифодаи васеи механизмҳои худтанзимкунӣ ва шарики давлатӣ ва хусусӣ;

- истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ки дар айни замон омили самараноке барои рушди соҳибкорӣ дар шароити ҷоришавии иқтисодиёти рақамӣ ба ҳисоб мераванд.

Айни ҳол, ба ақидаи мо, фаъолияти оқилонаи ин унсурҳо аз баҳисобгирии хусусиятҳои соҳибкории истеҳсолӣ ва дастгирии суроғанок дар асоси ташаккули сохтори самараноки таъминоти инфрасохтории онҳо вобастагӣ дорад.

Таҳлили мушкилоти ташаккулёбӣ ва рушди низоми таъминоти инфрасохтории соҳибкории истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои зерини онҳо ҷудо карда шаванд:

а) вобастагии низоми таъминоти инфрасохтории соҳибкории истеҳсолӣ аз омилҳои ҳудудӣ, демографӣ ва амсоли онҳо;

б) вобастагии ташаккул ва рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ аз сатҳи шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

в) вобастагии байни низоми таъминоти инфрасохтории соҳибкории истеҳсолӣ ва сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат.

Дар маҷмуъ, баинобатгирӣ ин хусусиятҳо фароҳам овардани шароити мусоидро ҷиҳати рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ ва низоми таъминоти инфрасохтории он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо мекунад.

Бояд зикр кард, ки бунёди низоми комили таъминоти инфрасохтории соҳибкории истеҳсолӣ ба механизми дақиқи таъмини шароити рушди соҳибкории муосир ва беҳтарсозии иртиботи мутақобилаи байни унсурҳои инфрасохторӣ такя мекунад.

Дар асоси таҳлилҳои зикршуда ва нуқтаи назари мутахассисону муҳаққиқон дар байни вазифаҳои асосии рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити дигаргунсозиҳои бозорӣ махсусиятҳои калидии зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Ноилшавӣ ба рушди заминаҳои моддию техникии низоми таъминоти инфрасохтории соҳибкории истеҳсолӣ;

2. Таъмини низоми самаранокӣ идоракунии рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити вусъатёфтаи рақобат дар муносибатҳои бозорӣ;

3. Таҳия ва амалисозии стратегияи рушди истеҳсоли намудҳои мухталифи молу маҳсулот дар заминаи васеъ ба роҳ мондани коркарди ашёи хом ва ба ин васила, ноилшавӣ ба арзиши иловашуда дар иқтисоди миллӣ;

4. Такмили низоми банақшагирӣ ва ҳавасмандсозии соҳибкории истеҳсолӣ;

5. Мусоидат ба беҳтарсозии фаъолияти маркетингӣ ва инноватсионии соҳибкории истеҳсолӣ;

6. Ташаккули сохторҳои муосири мусоидаткунанда ба рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ ва монанди инҳо.

Ҳамин тариқ, ташаккули инфрасохтори самараноки соҳибкории истеҳсолӣ дар рушди иқтисоди миллӣ нақш ва мавқеи меҳварӣ дошта, дар маҷмуъ, метавонад оқибатҳои зеринро ба бор овард:

- таъмини устувории заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ;

- ташаккули робитаи эътимодноки давлат ва бахши хусусӣ дар самти таъмини фаъолияти самараноки соҳибкорӣ;

- баланд рафтани сатҳи маърифати ташкилию иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкорон;

- афзоиши истеҳсолоти молҳои баландсифат ва инноватсионӣ;

- пайдошавии сарчашмаҳои нав ва зиёд гардидани воридоти маблағҳо ба буҷети давлатӣ;

- бунёди ҷойҳои нави корӣ ва бартараф кардани мушкилоти шуғли пурсамари аҳолӣ дар мамлакат;

- таъмини ҳимояи институтсионалӣ ва амнияти иқтисодӣ;

- коҳишёбии сатҳи иқтисоди пинҳонӣ ва монеаҳои маъмурию сунъӣ.

**Адабиёт**


1. Галочкина О.А. Инфраструктура предпринимательства: сущность и виды / О.А. Галочкина, И.В. Разумова //Вестник экономики, права и социологии. - СПбр, 2012.-№1. - С. 38-40.

2. Джурабаев Г. Объективная необходимость формирования эффективного развития предпринимательства в современной экономике /Г. Джурабаев, Г.Х. Сохибназаров // Вестник ТНУ, Серия социально-экономических наук. 2019. - часть 2. - С. 78.

3. Кодирзода Д.Б. Организационно-экономический механизм развития инновационной деятельности в промышленности Республики Таджикистан /Д.Б. Кодирзода, У.М. Джумаев // Таджикистан и современный мир. 2019. - №(64).- С.118.

4. Одесс В.И. Рыночная инфраструктура /В.И. Одесс // Риск. 1997. - №3-4.- С.120-123.

5. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. (маводи электронӣ) - Душанбе: АОНПҶТ, 2020. – 272с.

6. Рахимов Р.К. Макроэкономический анализ добавленной стоимости по экономике Республики Таджикистан / Р.К. Рахимов// Таджикистан и современный мир. 2017. - №3 (53). - С. 19.

7. Саидмурадов Х.Л. Стратегические ориентиры развития национальной экономики Таджикистана /Х.Л. Саидмурадов // Таджикистан и современный мир. 2017. -№3 (53). - С. 19 -23.

8. Тағоев Б.Ш. Баъзе масъалаҳои таъминоти инфрасохтории соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Б.Ш. Тағоев //Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2020. №2 (31).- С. 91-100.

9. Шодиев К.Қ. Омилҳо ва нишондиҳандаҳои муайянкунандаи рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳот /К.Қ. Шодиев // Паёми молия ва иқтисод. - 2022. - №4/1. -С. 85-92.

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2019, шаҳри Душанбе.


**УДК: 657.1**

## ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИРИ ТАЪМИНОТИ БАҲИСОБГИРӢ-ТАҲЛИЛӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИ НАССОҶӢ

***Файзализода Муҳаммадраббӣ Музаффар*** - *ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/16. Тел.: 987-48-98-94. E-mail: fayzalizodam@list.ru*

*Имрӯз корхонаҳои саноати нассоҷӣ бо шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва шароити дигаргуниҳои муҳим фаъолият мекунанд, ки ин, дар навбати худ, ба ҷараёни истеҳсолот таъсир мерасонад. Ҳадафи стратегии асосии ҳар як корхонаи нассоҷӣ баланд бардоштани сатҳи фоиданокӣ мебошад, ки тавассути идоракунии самараноки фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ба даст меояд.*

*Мушкилоти таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои нассоҷӣ ва дӯзандагии мамлакат, пеш аз ҳама, бо набудани иттилооти фаврӣ ва бонизом оид ба хароҷот, инчунин, бо сифати қарорҳои идоракунии роҳбарият*

*алоқаманд мебошанд. Корхонаҳои нассоҷӣ ва дӯзандагӣ на танҳо тавассути истеҳсоли маҳсулоти баландсифат, инчунин, бо истифода аз усулҳои самараноки идоракунии хароҷот метавонанд бартариҳои рақобатиро дар бозор ба даст оранд.*

*Дар мақолаи мазкур вазъи таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунӣ дар корхонаҳои нассоҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда мешавад. Тасдиқ карда шудааст, ки дар натиҷаи қабули қарорҳои идоракунии оқилона дар асоси маълумоти низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ дар тамоми самтҳои фаъолияти корхонаҳои саноати нассоҷӣ натиаҳои молиявӣ ба андозаи назаррас баланд мешаванд. Дар натиҷаи таҳқиқот хулоса бароварда мешавад, ки мукаммалсозии таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ ба беҳгардии вазъи молиявии корхонаҳои соҳа меоварад.*

***Калидвожаҳо:*** *соҳаи нассоҷӣ, низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ, таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ, иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ, қарорҳои идоракунӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, сиёсати баҳисобгирӣ.*

## АНАЛИЗ СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ УЧЕТНО-АНАЛИТИЧЕСКОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ НА ПРЕДПРИЯТИЯХ ТЕКСТИЛЬНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ

***Файзализода Мухаммадрабби Музаффар*** *- ассистент кафедры бухгалтерского учёта Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Нахимова 64/16. Тел: 987-48-98-94. E-mail:fayzalizodam@list.ru*

*Сегодня предприятия текстильной промышленности действуют в различных организационно-правовых формах и в особых изменяющихся условиях, что в свою очередь влияет на производственный процесс. Основной стратегической целью любого текстильного предприятия является повышение уровня рентабельности, что достигается за счет эффективного управления финансово-хозяйственной деятельностью.*

*Проблемы учетно-аналитического обеспечения управления производственными процессами на текстильных и швейных предприятиях страны в первую очередь связаны с отсутствием оперативной и регулярной информации о затратах, а также качестве принимаемых управленческих решений. Текстильные и швейные предприятия могут получить конкурентные преимущества на рынке не только за счет выпуска качественной продукции, но и за счет использования эффективных методов управления затратами.*

*В данной статье исследуется состояние учетно-аналитического обеспечения управления на текстильных предприятиях Республики Таджикистан. Подтверждено, что в результате принятия рациональных управленческих решений на основе данных учетно-аналитической системы по всем направлениям деятельности предприятий текстильной промышленности значительно возрастают финансовые результаты. В результате исследования делается вывод, что совершенствование учетно-аналитического обеспечения управления производственными процессами приводит к улучшению финансового положения предприятий отрасли.*

***Ключевые слова:*** *текстильная промышленность, учетно-аналитическая система, учетно-аналитическое обеспечение управления производственными процессами, учетно-аналитическая информация, управленческие решения, управленческий учет, учетная политика.*

## ANALYSIS OF THE CURRENT STATE OF ACCOUNTING AND ANALYTICAL SOFTWARE AT TEXTILE INDUSTRY ENTERPRISES

***Faizalizoda Muhammadrabbi Muzaffar*** *- assistant of the Department of Accounting, Tajik State University of Finance and Economics. Address: Address: 734067, Republic of*

*Tajikistan, Dushanbe city, 64/16 Nakhimov street. Tel: 987-48-98-94. E-mail: fayzalizodam@list.ru*

*Today, textile industry enterprises operate in various organizational and legal forms and in special changing conditions, which in turn affects the production process. The main strategic goal of any textile enterprise is to increase the level of profitability, which is achieved through the effective management of financial and economic activities.*

*The problems of accounting and analytical support for the management of production processes at the textile and clothing enterprises of the country are primarily associated with the lack of operational and regular information on costs, as well as the quality of managerial decisions. Textile and clothing enterprises can gain a competitive advantage in the market not only through the production of quality products, but also through the use of effective cost management methods.*

*This article examines the state of accounting and analytical support for management at textile enterprises in the Republic of Tajikistan. It is confirmed that as a result of making rational management decisions based on the data of the accounting and analytical system in all areas of activity of textile industry enterprises, financial results increase significantly. As a result of the study, it is concluded that the improvement of accounting and analytical support for the management of production processes leads to an improvement in the financial position of enterprises in the industry.*

***Key words:*** *textile industry, accounting and analytical system, accounting and analytical support for the management of production processes, accounting and analytical information, management decisions, management accounting, accounting policy.*

Имрӯз дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли рушди устувор мушоҳида мешавад. Омили муҳимми рушди иқтисодӣ афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мебошад. Ҳамин тавр, дар даҳ соли охир, ҳамасола афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар мамлакат ба назар мерасад (расми 1). Ин нишондиҳанда дар соли 2020 нисбат ба соли пешин 108,8%-ро ташкил додааст.




**Расми 1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ.**
**Сарчашма:** муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ таҳия кардааст [10, с.398].

Дар таркиби саноат яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятнок соҳаи нассоҷӣ мебошад. Мутобиқи маълумоти омори расмӣ, дар соли 2020 аз ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ - 30890 млн сомонӣ, ҳиссаи саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ 9,3% (2870 млн сомонӣ)-ро ташкил медиҳад [10, с.400]. Мавҷуд будани захираҳои назарраси ашёи хом, аз ҷумла нахи пахта, ки истеҳсоли он дар солҳои охир ҳамасола аз 100 ҳазор тонна зиёд аст, ба рушди саноати нассоҷӣ мусоидат мекунад (расми 2).




**Расми 2. Ҳаҷми истеҳсоли пахтаи хом ва нахи пахта.**

**Сарчашма:** муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ таҳия кардааст [10, с.447].

Ба рушди саноати нассоҷӣ дар мамлакат диққати махсус дода мешавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ироа намудани Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2021 мақомоти дахлдорро чунин вазифадор намуданд: «Дар 5 соли минбаъда барои таъмин кардани рушди саноати сабук доир ба таъсиси 5 маҷмааи коркарди ниҳоии нахи пахта бо ҷалби беш аз 11 миллиард сомонӣ чораҳои амалӣ андешанд. Илова бар ин, бо дарназардошти фароҳамсозии омилҳои ҳавасмандгардонӣ дар корхонаҳои саноатии аз фаъолият бозмонда, аз ҷумла корхонаҳои нассоҷии дар ихтиёри давлат қарордошта низоми идоракунии корпоративӣ роҳандозӣ ва бо ҷалби бахши хусусӣ фаъолияти самараноки онҳо ҳарчи зудтар таъмин карда шавад» [6].

Ба хотири рушди соҳаи нассоҷӣ ва ҳавасманд намудани истеҳсоли дохилии маҳсулоти нассоҷӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе имтиёзҳои андоз муқаррар карда шудааст, аз ҷумла, тибқи муқаррароти қисми 3 моддаи 251 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳвили пилла, нахи пахта, калобаи пахта, пахтаи коркарднашуда, аз ҷумла барои содирот, аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда шудааст.

Дар шароити дигаргуниҳо дар иқтисоди бозорӣ ва шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони ҷаҳонии савдо, яке аз тамоюлҳои асосии ислоҳоти саноати нассоҷӣ зарурати таъсиси низоми босамараи таъминоти иттилоотӣ - таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ мебошад. Бо роҳи бунёд намудани низоми самарабахши назорат ва татбиқи усулҳои муосири баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳлили иқтисодӣ метавон арзиши аслии маҳсулотро паст ва ҳосилнокии тамоми воҳидҳои сохтории истеҳсолии корхонаро ба андозаи назаррас баланд бардошт. Ин масъала махсусан дар саноати дӯзандагӣ муҳим аст, зеро корхонаҳои дӯзандагӣ аз дигар соҳаҳо бо таъиноти маҳсулоти тайёр, раванди технологӣ ва хусусиятҳои истеҳсолоти худ фарқ мекунанд.

Тамоми иттилоот оид ба арзиши аслии маҳсулот дар корхона аз ҷониби низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ таъмин мегардад, ки дар он нишондиҳандаҳои бунёдкунандаи хароҷот аз ҷиҳати ретроспективӣ (таърихӣ) ифода гардидаанд, бинобар ин, зарурати дар баробари таҳлили хароҷоти воқеӣ ба ҷо овардани таҳлили арзиши аслӣ ва фоидаи нақшавӣ ба миён меояд. Маҳз якҷоя бо баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ бояд дар

низоми идоракунии корхонаҳои нассоҷӣ низоми ҳамгирои баҳисобгирии идоракунӣ амал кунад, ки он фаъолияти истеҳсолии корхонаро дар зинаҳои гуногуни идоракунӣ сари вақт ва ҳамаҷониба инъикос менамояд. Дар натиҷаи қабули қарорҳои идоракунии оқилона дар асоси маълумоти низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ дар тамоми самтҳои фаъолияти корхона натиҷаҳои молиявӣ ба андозаи назаррас баланд мешаванд. Натиҷаҳои молиявӣ бо хароҷоти истеҳсолӣ алоқамандии зич дошта, ба ин васила бо низоми қабули қарорҳои идоракунии ба беҳгардонии фаъолияти корхона равонагардида дар робита қарор доранд. Аз ин рӯ, мукаммалсозии таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ ба беҳгардии вазъи молиявии корхона меоварад.

Имрӯз ба ҷо овардани таҳқиқи фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои нассоҷӣ масъалаи мубрам аст, чунки бозори маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ вобаста ба шароити нави иқтисодӣ хусусиятҳои навро ба худ мегирад. Корхонаҳои нассоҷӣ асосан ба гурӯҳи корхонаҳои бузург мансуб буда, аксари корхонаҳои дӯзандагии дар мамлакат фаъолияткунанда корхонаҳои хурд мебошанд. Азбаски ҳаҷмҳои истеҳсолоти корхонаҳои дӯзандагии хурд начандон калон мебошанд ва барои қонеъ намудани дархостҳои силсилаҳои хурди маҳсулот барои фармоишгарони алоҳида пешбинӣ шудаанд, таъмин намудани низоми истеҳсолии чандир, ки татбиқи низомҳои муосири банақшагирӣ ва идоракунӣ, инчунин, бозсозии сохтори ташкилии корхонаҳоро дар бар мегирад, муҳим аст. Низоми муассири таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ имкон медиҳад, ки равандҳо ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти нав ба таври фаврӣ бозбинӣ карда шаванд, маҳсулнокии истеҳсолот ва муташаккилӣ дар ҷойҳои корӣ баланд бардошта шавад, сифати беҳтари маҳсулоти истеҳсолшаванда таъмин карда шавад, инчунин, самаранокии фаъолияти инноватсионии корхона ба даст ояд.

Омӯзиши низомҳои идоракунии як қатор корхонаҳои нассоҷии мамлакат нишон дод, ки яке аз мушкилоти асосӣ дар ташаккули таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ низоми амалкунандаи баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ мебошад. Инро баъзе интишороти муҳаққиқони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ низ тасдиқ мекунанд [4; 7; 11]. Дар корхонаҳои нассоҷӣ нишондиҳандаҳои молиявӣ бо таъсири талаботи иттилоотии баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз ҳисоб карда мешаванд, ки дар паёмади ин ҳолатҳои дастгирӣ наёфтани қарорҳои идоракунии ҷорӣ бо иттилооти фаврӣ оид ба хароҷот ба миён меоянд. Дар асоси маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ чун манбаи иттилоот барои таҳлили босифати хароҷоти истеҳсолӣ мудирияти истеҳсолоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ идоракунии ҷории ҷараёнҳои истеҳсолиро ба ҷо оварда, қарорҳои фаврӣ қабул мекунад. «Баҳисобгирии идоракунӣ – манбаи иттилоотии асосӣ барои қабули қарорҳо, беҳгардонӣ ва назорат дар корхона мебошад. Низомҳои босамараи баҳисобгирии идоракунӣ бо таъмини иттилооти саривақтӣ ва аниқ оид ба намудҳои фаъолият, ки барои ноил шудан ба муваффақият зарур аст, метавонанд арзишнокии назаррасро барои корхонаҳои муосир бунёд кунанд» [1, с.26]. Мавҷуд набудани алоқамандии байни баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ ба мушкилоти ҷиддӣ дар низоми идоракунии корхона меоварад, ки дар мавриди он истифодабарандагони иттилооти ташаккулёфта дар раванди идоракунии хароҷот иштирок намекунанд. Маҳз аз ин сабаб дар баробари таҳлили молиявӣ бояд ба таҳлили идоракунӣ, ки вазифаҳои таъминоти фаврӣ ва таҳлилиро дар низоми таҳлили иқтисодӣ иҷро мекунад, диққати махсус дода шавад.

Дар натиҷаи таҳқиқот мо тасдиқ кардем, ки таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ унсури бонизом буда, идоракунии муносиби ҷараёнҳои истеҳсолиро дар корхонаҳои нассоҷӣ таъмин мекунад. Дар низоми таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ иттилооте ташаккул меёбад, ки аз ҷониби менеҷменти корхона барои қабули қарорҳои идоракунӣ ба кор бурда мешавад. Бинобар ин, мукаммалсозии методикаи таъминоти

баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои нассоҷӣ бевосита бо рушди минбаъда ва ташаккули иттилоот барои ҳадафҳои идоракунӣ ва намудҳои пешқадами баҳисобгирии муҳосибӣ алоқаманд аст.

Ҳоло ба сифати чунин намуди пешқадами баҳисобгирии муҳосибӣ баҳисобгирии идоракунӣ баромад мекунад, ки бо ақидаҳои олимони ватанӣ М.В. Калемуллоев [3], Б.Ҳ. Каримов [4], Д.А. Розиев [8], Қ.Х. Хушвахтзода [11] ва дигарон асоснок карда шудааст.

Омӯзиши адабиёти мазкур ва дигар асарҳои илмӣ дар баробари таҳқиқи низомҳои идоракунии корхонаҳои нассоҷӣ ба мо имкон дод, ки шароити ташаккул ва рушди муқаррароти баҳисобгирии идоракуниро дар алоқамандӣ бо таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ мушоҳида кунем. Ин дар методология ва расмиёти баҳисобгирӣ ва таҳлили идоракунӣ, ки дар солҳои охир ба таври назаррас дигар шуда, ба муҳтавои иттилооти дар таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ ташаккулёбанда таъсир расонидаанд, ифода ёфтааст. Далели ин гуна рушд табдили муҳтавои касби муҳосиб, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва таъминоти барномавии равандҳои баҳисобгирӣ ва таҳлили иқтисодӣ мебошад. Бинобар ин, баҳисобгирии идоракунии муосир дорои имконияти васеи иттилоотӣ барои идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои нассоҷӣ мебошад. Ҳамин тавр, ҳадафи асосии баҳисобгирии идоракунии муосир чун унсури таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ дар корхонаҳои нассоҷӣ таъмини иттилооти мубрам ва зарурӣ ба менеҷмент барои идоракунии босамараи ҷараёнҳои истеҳсолӣ мебошад. Дар ин маврид самаранокии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ бояд аз ҷиҳатҳои гуногун баррасӣ карда шавад. Якум, чун таъмини манфиатҳои соҳибмулкони корхона, ки дар афзункунии арзиши корхона ифода меёбад. Дуюм, таъмини манфиатҳои давлат аз рӯйи самтҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, инчунин, ҳалли масъалаҳои рушди стратегӣ ва устувори иқтисодии мамлакат.

Дар доираҳои мутахассисони соҳаи иқтисодиёт ва идоракунӣ, ҳамчунин, дар амалияи таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии субъектҳои хоҷагидорӣ ақидаи устуворе пойдор гардидааст, ки муваффақияти баҳисобгирии идоракунӣ бештар аз он вобаста аст, ки бо таъсири низоми муносиби баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун унсури таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ натиҷаҳои қарорҳои идоракунии таҳия ва қабулшуда ба кадом андоза беҳ мегарданд.

Бо вуҷуди доираи густурдаи таҳқиқот дар соҳаи баҳисобгирии идоракунӣ, таҳияи усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот, ҳоло методика ва равиши ягона ба ташкили низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот чун унсури муҳимми таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои нассоҷии мамлакат ташаккул наёфтааст. Вале, дар амалияи ҷаҳонии ташкили таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии ҷараёнҳои истеҳсолӣ методикаҳо ва тарзҳои мухталифи баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ таҳия гардида ва дар низоми идоракунии корхонаҳои тиҷоратӣ татбиқ шудаанд. Дар раванди идоракунии хароҷот дар корхонаҳои муосири саноати нассоҷӣ ҳоло ҳам масъалаҳои ҳалталаб зиёд ҳастанд, ки асосан бо хусусиятҳои истеҳсолоти нассоҷӣ ва талаботи нави бозор ба маҳсулоти соҳаи мазкур алоқаманд мебошанд.

Имрӯз талабот ба иттилооти дар низоми таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии корхона, аз ҷумла дар унсури муҳимми он - баҳисобгирии идоракунӣ бунёдшаванда зиёд ва ҷиддӣ шудааст. Доираи истифодабарандагони иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ на танҳо маъмурият ва менеҷменти худи корхонаро дар бар мегирад, акнун истифодабарандагони берунӣ низ дар баробари соҳибмулкон, сармоягузорон ва роҳбарияти корхонаҳои нассоҷӣ ба ин гуна иттилоот ниёз доранд.

Дар амалияи байналмилалӣ тамоюл ба ташаккули чунон низоми таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ба назар мерасад, ки он дар баробари баҳисобгирии идоракунӣ фарогири намудҳои дигари баҳисобгирии муҳосибӣ, бахусус баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгири андоз (ки ба истифодабарандаи берунӣ нигарон мебошанд) буда, чун низоми баҳисобгирии ҳамгиро маъмул гардидааст. Ташкил ва пешбурди низоми баҳисобгирии идоракунии ҳамгиро ба ҷо овардани таҳқиқоти мукаммали ҷадидро талаб менамояд. Ҳамин гуна таҳқиқот махсус барои корхонаҳои саноати нассоҷӣ аз ҷониби муҳаққиқ Д.А. Розиев [9] ба ҷо оварда шудааст. Муаллиф дар рисолаи худ чунин қайд мекунад: «Баҳисобгирии идоракунии ҳамгиро бахши низоми умумии таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона буда, низоми идоракунии онро бо иттилооти зарурӣ барои таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар доираи идоракунии фаврӣ, тактикӣ ва стратегӣ бо истифода аз методика ва методологияи вазифаҳои идоракунӣ, чун банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, таҳлил, назорат, буҷетикунонӣ ва ояндабинӣ таъмин менамояд» [9, с.27]. Ба андешаи муҳаққиқ, ҳама намудҳои баҳисобгирии муҳосибии муосир – баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз чун унсурҳои таркибии низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ (баҳисобгирии идоракунӣ) бояд аз як марказ ҳамоҳангсозӣ шаванд ва барои ноил шудан ба мақсади ягона – омода намудани иттилоот барои тартиб додани ҳисоботи ҳамгиро (идоракунӣ, молиявӣ ва андоз) амал кунанд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти худ, ки мо дар якчанд корхонаҳои нассоҷӣ (ҶДММ «ИИ Нассоҷии Тоҷик», ҶДММ «Ёқут-2000», ҶДММ «Чевар», ҶСК «Кӯлоб Текстайлз», ҶДММ «Ресандаи Хатлон») гузаронидем, аз ҷумла бо роҳи гузаронидани суҳбат бо мутахассисон, менеҷерҳо, кормандони хадамоти баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои мазкур, чунин мушкилоти ташкили таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла мушкилоти бо таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии хароҷотро ошкор кардем, ки дар поён оварда мешаванд.

1. Нарасидани кормандони соҳибмаълумот, ки барои истифодаи босамари усулҳо ва воситаҳои муосири таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ ва таҳия намудани иттилооти барои низоми идоракунии корхонаҳои нассоҷӣ мубрам қодир бошанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар мақолаи муҳаққиқон В.Т. Чая ва Н.И. Чупахина [12, с.25] ба сифати заминаҳои татбиқи низоми баҳисобгирии идоракунии босамар чунин омилҳо ишорат карда шудаанд: сатҳи тахассуси кормандон, ташаббускории роҳбарият, раванди таъминоти иттилоотӣ, ғояҳои кормандон, дараҷаи мутобиқшавии методикаҳо ба намудҳои алоҳидаи фаъолияти иқтисодӣ, мукаммалсозии сохтори ташкилӣ, молиявӣ ва усулҳои идоракунии бо низоми баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқ.

2. Ба «марказҳои хароҷот» тақсим кардани хароҷот аз рӯйи ҳамон як тарҳ аввал дар баҳисобгирии молиявӣ, сипас дар баҳисобгирии идоракунӣ ба амал меояд, ки дар натиҷа хароҷоти барзиёди меҳнатӣ бе гирифтани ягон хел самар аз онҳо ба миён меоянд.

3. Аз даст додани таҳлилнокӣ ва имконияти идорашавандагӣ ҳангоми интиқоли маълумот аз низоми баҳисобгирии молиявӣ ба низоми баҳисобгирии идоракунӣ.

4. Ҳисобот барои истифодабарандагони гуногун маълумоти ададии гуногунро аз рӯйи ҳамон як нишондиҳандаҳо дар бар мегирад ва дар паёмади он мувофиқат дар идоракунии фаъолияти корхона ва воҳидҳои сохтории он мушоҳида намешавад.

5. Тамоми ҳуҷҷатҳои ба пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ мансуббуда танҳо аз нигоҳи аломатҳои шакл, миқдори нусхаҳо, тартибдиҳандагон ва истифодабарандагон ба танзим даровардa шудаанд, вале дар онҳо воқеан омили вақт ва робитаи мантиқии байни ҳуҷҷатҳо ба инобат гирифта нашудааст. Дар натиҷа, ихтилофи маълумот дар зинаҳои мухталифи менеҷмент ба амал меояд, ки сабабҳои он

на тафовут дар методологияҳо, балки номувофиқии байниҳамдигарӣ дар бизнес-ҷараёнҳо мебошанд.

6. Мушкилоти хос барои қариб ҳама корхонаҳои калон, ки бо иҷрои миқдори зиёди шартномаҳо ва қарордодҳо бо фармоишгарон сарукор доранд, ташкили кори кормандони онҳо мебошад. Таҳия ва ҳамоҳангсозии қарордоҳо ва шартномаҳо аз ҷониби якчанд воҳидҳои сохтории корхона амалӣ карда мешавад, ки ҳар кадоми онҳо ҷанбаҳои худро назорат мекунанд. Тақсимоти сарбории кормандоне, ки ба корҳои омодасозӣ ва назорати шартномаҳо машғуланд, дар вақт нобаробар аст – авҷгириҳои сарбории барзиёди кормандон дар интиҳои давраҳои ҳисоботӣ (охири семоҳа, сол), инчунин, сарбориҳои якдафъаинаи барзиёди ғайричашмдошт ба назар мерасанд. Бештари расмиёти мувофиқакунӣ такроршаванда мебошанд, хадамоти гуногун барои равандҳои мувофиқакунӣ миқдори гуногуни вақтро сарф мекунанд.

7. Дар ҳар як корхона сиёсати баҳисобгирӣ мавҷуд аст ва он амалӣ карда мешавад. Принсипҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ дар Низомномаи баҳисобгирии муҳосибӣ (НБМ) 1/99 «Сиёсати баҳисобгирии корхонаҳо» [8] муқаррар ва нуктаҳои асосии он вобаста ба хусусиятҳои пешбурди баҳисобгирӣ ва ҳадафҳои фаъолият дар корхонаҳои алоҳида мушаххас карда, бо фармони махсуси роҳбарони корхонаҳо тасдиқ карда мешаванд. Дар ин маврид ба ҷиҳатҳои баҳисобгирии андоз диққати бештар ҷудо карда мешавад. Дар доираҳои муайяни маҳдуд корхона метавонад аз тариқаҳои пешниҳоднамудаи муқарраршудаи баҳисобгирӣ тариқаҳои барои худ мақбулро интихоб кунад. Вале барои эҳтиёҷи идоракунии корхона, ки яке аз вазифаҳои он қабули қарорҳои идоракунӣ дар асоси арзёбии аниқи вазъи хоҷагидорӣ мебошад, таҳия намудани пояҳо ва принсипҳои инфиродии баҳисобгирӣ барои ҳар як корхона зарур аст. Дар ҷадвали 1 порча аз сиёсати баҳисобгирии корхонаи нассоҷӣ оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. – Порчаи сиёсати баҳисобгирии корхонаи нассоҷӣ**

| Бахши баҳисобгирӣ | Тартиби баҳисобгирӣ |
|---|---|
| Баҳисобгирии истеҳсоли маҳсулоти тайёр бо арзиши аслӣ | Инъикос дар дебети ҳисоби 10740 «Маҳсулоти тайёр» аз кредити ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» ё зерҳисобҳои он:<br>10731 «Истеҳсолоти асосӣ»;<br>10732 «Истеҳсоли нимтайёраҳо» (ҳисобҳои таҳлилӣ барои намудҳои алоҳидаи нимтайёраҳо);<br>10733 «Истеҳсолоти ёрирасон» (ҳисобҳои таҳлилӣ барои намудҳои алоҳидаи истеҳсолоти ёрирасон);<br>10734 «Хароҷоти умумиистеҳсолӣ»;<br>10735 «Хароҷоти умумихоҷагӣ»;<br>10736 «Истеҳсоли маҳсулот аз ашёи хом ва маводи фармоишгар» (ҳисобҳои таҳлилӣ барои фармоишгарони алоҳида);<br>10737 «Партовҳои истеҳсолӣ» (ҳисобҳои таҳлилӣ барои намудҳои алоҳидаи партовҳо - – партовҳои баргарданда ва партовҳои бебозгашт);<br>10738 «Ноқис дар истеҳсолот» (ҳисобҳои таҳлилӣ барои намудҳои алоҳидаи ноқис);<br>10739 «Истеҳсолот ва хоҷагиҳои хизматрасон» (ҳисобҳои таҳлилӣ барои |

| | |
|---|---|
| | намудҳои алоҳидаи истеҳсолот ва хоҷагиҳои хизматрасон) |
| Барӯйхатгирии бақияҳои мавод ва нимтайёраҳо дар коргоҳҳои истеҳсолӣ | Дар санаи аввали ҳар моҳ гузаронида мешавад |
| Бақияҳои мавод ва нимтайёраҳо дар истеҳсолоти нотамом | Бо арзиши аслии воқеӣ инъикос карда мешаванд |
| Давраи ҳисобкунии арзиши аслӣ (ҳисоботӣ) / давраи муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ | Моҳи ҳисоботӣ |
| Ба баҳисобгирӣ қабул кардани партовҳои баргарданда | Бо арзиши меъёрӣ-нақшавӣ (партовҳои минбаъд дар корхона истифодашаванда) ё бо нархи имконии фурӯш (партовҳои фурӯхташаванда) |
| Баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ | Усули меъёрӣ истифода мешавад |
| Арзиши аслии воҳиди маҳсулоти тайёр | Бо роҳи бевосита тақсим кардани хароҷот ба миқдори маҳсулоти тайёр ҳисоб карда мешавад |
| Арзиши аслии воқеии маҳсулоти тайёр | Маблағи умумии хароҷоти давраи ҳисоботӣ ва арзиши истеҳсолоти нотамом дар аввали давраи ҳисоботӣ бо тарҳи арзиши истеҳсолоти нотамом дар охири давраи ҳисоботӣ |
| Хароҷоти дар ҳисобҳои 10734 «Хароҷоти умумиистеҳсолӣ» ва 10735 «Хароҷоти умумихоҷагӣ» баҳисобгирифташуда | Ба ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» мутаносибан ба хароҷоти дар ҳисоби мазкур пас аз маҳкам кардани ҳисоби 10733 «Истеҳсолоти ёрирасон» ғунгардида тақсим карда мешаванд |

**Сарчашма:** муаллиф дар асоси омӯзиши сиёсати баҳисобгирии корхонаҳои нассоҷӣ таҳия кардааст.

8. Шакли афзалиятноки расонидани маълумот оид ба натиҷаҳои фаъолияти воҳидҳои сохтории истеҳсолӣ ва дигар шуъбаҳо (хадамот) ба роҳбари аввали корхона ҳисоботи ҳарҳафтаинаи роҳбарони воҳидҳои сохторӣ (асосан дар шакли шифоҳӣ ва баъзан хаттӣ) мебошад. Паёмади чунин тартиб, пеш аз ҳама, имконияти таҳрифи маълумот, баъдан, вобастагии роҳбари аввал аз масъулиятнокии кормандони дахлдор мебошад. Дар ин маврид роҳбарияти олӣ метавонад аз кормандони бемасъулият иттилооти ба вазъи корҳо дар воҳидҳои сохторӣ мувофиқ набударо қабул кунад.

9. Дастгирии иттилоотии нокифояи менеҷменти олии корхонаҳо. Дар ин маврид ба куллӣ тақвият додани унсури таҳлилӣ талаб карда мешавад. Иттилооти ба менеҷменти олии корхона пешниҳодшаванда бояд имконияти васеи таҳлилӣ дошта бошад. Дар акси ҳол, роҳбарон маҷбур мешаванд, ки худ мустақилона иттилооти заруриро ба даст оранд ва кормандони тобеи худро ба иҷрои кори ғайримуқаррарӣ ва пуршиддат водор кунанд.

10. Пойгоҳи иттилоотии дар асоси баҳисобгирии молиявӣ бунёдшаванда нишондиҳандаҳоро дар сатҳи умумии корхона инъикос менамояд. Даврияти назарраси таҳия ва пешниҳод кардани ҳисобот (як маротиба дар семоҳа, барои баъзе шаклҳои ҳисобот – як маротиба дар сол), инчунин, пешниҳоди танҳо нишондиҳандаҳои арзишӣ дар ҳисобот талаботи итттилоотии истифодабарандагони онҳоро қонеъ карда наметавонад.

Мушкилоти мазкур дар ташкили таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ ҳангоми корбурди равиши ҷараёнӣ метавонанд бартараф карда шаванд.

Акнун амсилаи таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилиро мувофиқ ба шароити фаъолияти корхонаҳои нассоҷии таҳқиқшуда таҳия менамоем (расми 3).

Аз амсила ба назар мерасад, ки дар таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ мақоми сиёсати баҳисобгирӣ муҳим аст, чунки он чун воситаи асосии муқаррар кардани тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омода намудани ҳисобот (молиявӣ, идоракунӣ, андоз) баромад мекунад. Ин гуна амсилаи таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки қарорҳои идоракунии ба талаботи муҳити бозорӣ ҷавобгӯ қабул карда шаванд ва, дар ниҳоят, самаранокии истеҳсолот дар корхонаҳои нассоҷӣ таъмин карда шавад.




**Расми 3. Амсилаи таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ дар корхонаи нассоҷӣ.**

**Сарчашма:** муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт ва низомҳои баҳисобгирӣ-таҳлилии корхонаҳои нассоҷӣ таҳия кардааст.

Дар илова ба мушкилоти дар ташкили таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ ошкоршуда дар низомҳои идоракунии корхонаҳои нассоҷии ба таҳқиқ фарогирифташуда мушкилоти дигари ба фаъолияти босамараи низоми таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ монеашаванда ошкор карда шуданд, чун:

- пурра муайян ва аниқ набудани мафҳумҳои инъикоскунандаи иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ, ки ба паст шудани имконияти кормандони идоракунанда барои қабули қарорҳои идоракунӣ боис мешавад;

- на дар ҳама ҳолатҳо ҳадафҳои фаъолияти корхона бо иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилии дар низоми таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ ташаккулёфта мувофиқат мекунанд, бинобар ин, зарур аст, ки ҳадафҳои аниқи идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар доираи стратегияи рушди корхона таҳия карда шаванд;

- дар аксари корхонаҳои нассоҷӣ бозбинии меъёрҳои хароҷоти истеҳсолӣ сари вақт гузаронида намешавад, истифодаи ашёи хом ва маводи ба стандартҳои истеҳсолӣ мувофиқатнакунанда ба паст шудани сифати маҳсулоти тайёр меоварад, бинобар ин, тавсия дода мешавад, ки назорати ташаккули хароҷоти моддӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ, аз ҷумла Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пурзӯр карда шавад;

- ғайрисамаранок будани низоми ҳисобҳо ва зерҳисобҳои таҳлилӣ барои баҳисобгирии хароҷот ва муайян кардани арзиши аслии маҳсулоти нассоҷӣ, бинобар ин, зарурати ҳамгиро кардани баҳисобгирии идоракунӣ бо баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз бо роҳи ба нақшаи ҳисобҳо ворид кардани ҳисобҳо ва зерҳисобҳои иловагӣ, бахусус барои пешбурди баҳисобгирии идоракунии хароҷот ба миён меояд. Бояд қайд кард, ки муҳаққиқон М.У. Бобоев [2] ва Д.А. Розиев [9] тавсияҳои методии муносибро барои таҳия ва корбурди ҳисобҳои баҳисобгирии идоракунии хароҷоти истеҳсолии корхонаҳои нассоҷӣ пешниҳод кардаанд.

Ҳамин тавр, чорабиниҳои баҳисобгирӣ-таҳлилӣ дар доираи низоми таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ тадбири муҳим барои қабули қарорҳои идоракунии муносиб мебошад. Дуруст ба роҳ мондани таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ва мукаммалсозии он барои сари вақт ошкор кардани захираҳои баланд бардоштани самаранокии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои нассоҷӣ имкон медиҳад.

**Адабиёт**


1. Аткинсон Э.А. Управленческий учет [Текст] / 3-е издание. Пер. с англ. / Э.А. Аткинсон, Р.Д. Банкер, Р.С. Каплан, С.М. Янг. - М.: Издательский дом «Вильямс», 2007. - 880 с.
2. Бобоев М.У. Методические подходы к формированию себестоимости продукции по новому плану счетов в Республике Таджикистан [Текст] / М.У. Бобоев // Российский экономический интернет-журнал. – 2018. - № 3. – С. 9-15
3. Калемуллоев М.В. Ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ [Матн] / М.В. Калемуллоев, М.М. Файзализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 4. – С. 5-12.
4. Каримов Б.Ҳ. Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар муҳити инноватсионии истеҳсолоти бофандагӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, Л.Ю. Алиева // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт” (ш. Душанбе, 26 марти соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. – С. 27-33.

5. Низомномаи баҳисобгирии муҳосибӣ НБМ 1/99 «Сиёсати баҳисобгирии корхонаҳо». Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.09.1999, № 135 [Сарчашмаи электронӣ] URL: http://minfin.tj/downloads (санаи муроҷиат: 12.04.2021)
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2021 [Сарчашмаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/27417 (санаи муроҷиат: 19.09.2022)
7. Розиев Д.А. Хусусиятҳои истеҳсолоти бофандагӣ ва таъсири онҳо ба методикаи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ [Матн] / Д.А. Розиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2020. - № 3 (32). - С. 113-119.
8. Розиев Д.А. Заминаҳои таърихӣ ва асосҳои ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ [Матн] / Д.А. Розиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. - № 4. - С. 98-103.
9. Розиев Д.А. Ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ / Д.А. Розиев. – Душанбе, 2021. – 196 с.
10. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – 702 с.
11. Хушвахтзода Қ.Х. Таҳқиқи вазъи муосири пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Д.А. Розиев, М.А. Бобохонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 5. – С. 5-11.
12. Чая В.Т. Концептуальные основы развития управленческого учета [Текст] / В.Т. Чая, Н.И. Чупахина // Экономический анализ: теория и практика. – 2009. - № 3. – С. 25-31

МУНДАРИЧА


| ИҚТИСОДӢ | |
|---|---|
| *Абдуалимзода Ҳ.А.* ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ АМНИЯТИ МОЛИЯВӢ ҲАМЧУН ҶУЗЪИ ТАРКИБИИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ | 5 |
| *Хайрзода Ш.Қ., Нуров М.Р.* ТАҲЛИЛИ РУШДИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА МУАММОҲОИ ОН | 15 |
| *Хушвахтзода Қ.Х., Оев А.Д.* МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲЛИЛИ ХАВФҲОИ ҚАРЗӢ ДАР БАХШИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 23 |
| *Давлатзода Қ.Қ., Маҷидов Н.А.* ТАМОЮЛИ МАХСУСГАРДОНИИ КОРХОНАҲОИ АГРОСАНОАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (ДАР МИСОЛИ МИНТАҚАИ РАШТ) | 31 |
| *Шарипов Б.М., Холбобоев Ф.С., Назаров Д.Т.* ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ТАЪСИРИ ТАКОНҲОИ БЕРУНА | 38 |
| *Кандиёрова Д.О.* ТАЪСИРИ ТАКОНҲОИ БЕРУНА БА ВАЗЪИ МУҲОҶИРАТ ДАР МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ | 54 |
| *Комилов С.Ҷ.* ИСТИФОДАИ МОДЕЛИ БИСЕРМЕЪЁРИИ АРЗЁБИИ ХАВФИ МОЛИЯВӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИ ХӮРОКВОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 52 |
| *Хоҷаев П.Д.* ОМӮЗИШИ ОМИЛҲОИ ТАВСИФДИҲАНДАИ САТҲИ РАҚОБАТ ДАР БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИИ НАҚЛИЕТИ МУСОФИРБАРИИ АВТОМОБИЛӢ | 63 |
| *Сафаров Б.Г.* УСУЛҲОИ АРЗЁБИИ ХАВФҲОИ МОЛИЯВӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ | 75 |
| *Ҷумъабоев Х.Қ.* МУНОСИБАТИ НАЗАРИЯВИИ МУАЙЯНСОЗИИ МОҲИЯТИ ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ | 83 |
| *Убайдуллоев Ф.К.* «СИЁСАТНОМА»-И НИЗОМУЛМУЛК – ДАСТУРАМАЛ ОИД БА ИДОРАКУНИИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ | 91 |
| *Давлатзода Б.Р.* ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ КООПЕРАТСИЯИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ ДАР БАХШИ АГРАРӢ | 98 |
| *Нурализода А.Н., Асоев И.З.* ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН | 107 |
| *Содиқов Р.Ҳ.* МОҲИЯТ ВА ИДОРАКУНИИ ХАВФҲОИ РАҚАМИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ | 114 |
| *Попов Н.А., Сайдалиев Х.А.* АФЗАЛИЯТҲОИ БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГӢ ДАР ИДОРАКУНИИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА | 124 |
| *Хоҷазода Д.Қ.* ҶОЛИБИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ: МОҲИЯТ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ БАҲОДИИ ОН | 131 |
| *Тӯхтаев Т.М., Мирзобобоев Ф.А.* ТАНЗИМИ МОЛИЯВИИ ТАРАҚҚИЁТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАҲО | 138 |
| *Каримов Р.А.* РАҚОБАТПАЗИРИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА: МАСЪАЛАҲОИ МЕТОДОЛОГӢ | 150 |
| *Муминов А.Б.* АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲКИМИ МЕХАНИЗМИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ РУШДИ БАХШИ СУҒУРТАИ ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН | 158 |
| *Комилов Н., Султонова Н.* АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАНЗИМИ ИҚТИСОДИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИН | 165 |
| *Воҳидов У.М., Баротов А.Х.* РАВИЯҲОИ ИЛМӢ-МЕТОДИИ БАҲОДИҲИИ ИҚТИДОРИ АНДОЗИИ САТҲИ МИНТАҚАВӢ | 172 |
| *Содиқов Р.Ҳ., Хайруллоев Ф.Н.* ТАСНИФ ВА БАҲОДИҲИИ ХАВФҲОИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ | 178 |

| | |
|---|---|
| *Арабов Ф.П.* УСУЛҲОИ ИДОРАКУНИИ ТАЪМИНОТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР РУШДИ ИСТИФОДАБАРИИ ОБ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН | 188 |
| *Махшулов С.Ҷ., Сафаров Қ.С., Шарифзода Г.М.* ХАТАРИ ҚАРЗӢ ВА ОҚИБАТҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ОН | 196 |
| *Қаюмова Ф.А., Раҳимов Ф.С.* ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТА ДАР ШАРОИТИ ДИГАРГУНСОЗИИ ИҚТИСОДИЁТ | 204 |
| *Ҳусайнов М.С., Авгонов Н.А.* РУШДИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲОИ АҲОЛӢ - ОМИЛИ МУҲИМИ ТАШАККУЛИ САРЧАШМАҲОИ ЗАХИРАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ | 210 |
| *Тағоева Р.Г.* СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ: БАЪЗЕ УСУЛҲОИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ ОН | 220 |
| *Худойбердиев Ҷ.М.* ТАҲЛИЛИ САРМОЯГУЗОРИИ МУСТАҚИМИ ХОРИҶӢ ДАР ЗАМИНАИ ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА КИШВАРҲОИ УЗВИ СҲШ | 226 |
| *Шерқулов О.Д.* ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 233 |
| *Файзализода М.М.* ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИРИ ТАЪМИНОТИ БАҲИСОБГИРӢ-ТАҲЛИЛӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИ НАССОҶӢ | 239 |


СОДЕРЖАНИЕ


| ЭКОНОМИЧЕСКИЕ | |
|---|---|
| *Абдуалимзода Х.А.* ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФИНАНСОВОЙ БЕЗОПАСНОСТИ КАК СОСТАВНОЙ ЧАСТИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ГОСУДАРСТВА | 5 |
| *Хайрзода Ш.К., Нуров М.Р.* АНАЛИЗ ПОКАЗАТЕЛЕЙ РАЗВИТИЯ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ЕЕ ПРОБЛЕМЫ | 15 |
| *Хушвахтзода К.Х., Оев А.Д.* МЕТОДОЛОГИЯ АНАЛИЗА КРЕДИТНОГО РИСКА В БАНКОВСКОМ СЕКТОРЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 23 |
| *Давлатзода К.К., Маджидов Н.А.* ТЕНДЕНЦИИ СПЕЦИАЛИЗАЦИИ АГРОПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН (НА ПРИМЕРЕ РАШТСКОГО РЕГИОНА) | 31 |
| *Шарипов Б.М., Холбобоев Ф.С., Назаров Д.Т.* ЭКОНОМИКА ТАДЖИКИСТАНА В УСЛОВИЯХ ВЛИЯНИЯ ВНЕШНИХ ШОКОВ | 38 |
| *Кандиёрова Д.О.* ВЛИЯНИЕ ВНЕШНИХ ШОКОВ НА МИГРАЦИОННУЮ СИТУАЦИЮ В ЦЕНТРАЛЬНО-АЗИАТСКОМ РЕГИОНЕ | 45 |
| *Комилов С.Дж.* ПРИМЕНЕНИЕ МНОГОМЕРНОЙ МОДЕЛИ ОЦЕНКИ ФИНАНСОВЫХ РИСКОВ НА ПРЕДПРИЯТИЯХ ПИЩЕВОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 52 |
| *Ходжаев П.Д.* ИССЛЕДОВАНИЕ ФАКТОРОВ, ХАРАКТЕРИЗУЮЩИХ УРОВЕНЬ КОНКУРЕНЦИИ НА РЫНКЕ УСЛУГ ПАССАЖИРСКОГО АВТОМОБИЛЬНОГО ТРАНСПОРТА | 63 |
| *Сафаров Б.Г.* МЕТОДИКА ОЦЕНКИ ФИНАНСОВЫХ РИСКОВ НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ | 75 |
| *Джумабоев Х.К.* ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ К ОПРЕДЕЛЕНИЮ СУЩНОСТИ НАЛОГОВЫХ ЛЬГОТ | 83 |
| *Убайдуллоев Ф.К.* «СИЁСАТНАМЕ» НИЗАМУЛМУЛКА - ИНСТРУКЦИЯ ПО УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМИ ФИНАНСАМИ | 91 |

| | |
|---|---|
| *Давлатзода Б.Р.* ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПОДДЕРЖКА РАЗВИТИЯ АГРАРНОЙ КООПЕРАЦИИ В СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫЙ СЕКТОР | 98 |
| *Нурализода А.Н., Асоев И.З.* АНАЛИЗ РЕАЛЬНОГО ПОЛОЖЕНИЯ СОЦИАЛЬНЫХ УСЛУГ В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ | 107 |
| *Содиков Р.Х.* СУЩНОСТЬ И УПРАВЛЕНИЕ ЦИФРОВЫХ РИСКОВ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ | 114 |
| *Попов Н.А., Сайдалиев Х.А.* ПРЕИМУЩЕСТВА СТРАТЕГИЧЕСКОГО ПЛАНИРОВАНИЯ В УПРАВЛЕНИИ УСТОЙЧИВОГО СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНА | 124 |
| *Ходжазода Д.К.* ИНВЕСТИЦИОННАЯ ПРИВЛЕКАТЕЛЬНОСТЬ: СУЩНОСТЬ И МЕТОДОЛОГИЯ ЕЕ ОЦЕНКИ | 131 |
| *Тухтаев Т.М., Мирзобобоев Ф.А.* ФИНАНСОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНОВ | 138 |
| *Каримов Р.А.* КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТЬ ЭКОНОМИКИ РЕГИОНА: ВОПРОСЫ МЕТОДОЛОГИИ | 150 |
| *Муминов А.Б.* ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ АНАЛИЗА ИНСТИТУЦИОНАЛЬНОГО МЕХАНИЗМА РАЗВИТИЯ СТРАХОВОГО СЕКТОРА ЭКОНОМИКИ ТАДЖИКИСТАНА | 158 |
| *Комилов Н., Султонова Н.* ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ ХОЗЯЙСТВЕННОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬНЫХ РЕСУРСОВ | 165 |
| *Вохидов У.М., Баротов А.Х.* НАУЧНО-МЕТОДИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ ОЦЕНКИ НАЛОГОВОГО ПОТЕНЦИАЛА НА РЕГИОНАЛЬНОМ УРОВНЕ | 172 |
| *Содиков Р.Х., Хайруллоев Ф.Н.* КЛАССИФИКАЦИЯ И ОЦЕНКА РИСКОВ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ | 178 |
| *Арабов Ф.П.* МЕТОДЫ УПРАВЛЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННЫМИ ОБЕСПЕЧЕНИЯМИ В РАЗВИТИИ ВОДОПОЛЬЗОВАНИЯ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ ТАДЖИКИСТАНА | 188 |
| *Махшулов С.Дж., Сафаров К.С., Шарифзода Г.М.* ДОЛГОВОЙ РИСК И ЕГО СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ПОСЛЕДСТВИЯ | 296 |
| *Каюмова Ф.А., Рахимов Ф.С.* ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ СТРАХОВЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ В УСЛОВИЯХ МОДЕРНИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ | 204 |
| *Хусайнов М.С., Авгонов Н.А.* РАЗВИТИЕ СИСТЕМЫ СТРАХОВАНИЯ СБЕРЕЖЕНИЙ НАСЕЛЕНИЯ - ВАЖНЫЙ ФАКТОР ФОРМИРОВАНИЯ ИСТОЧНИКОВ ИНВЕСТИЦИОННЫХ РЕСУРСОВ | 210 |
| *Тагоева Р.Г.* СФЕРА СОЦИАЛЬНЫХ УСЛУГ: НЕКОТОРЫЕ ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ МЕХАНИЗМА УПРАВЛЕНИЯ ЕЕ РАЗВИТИЯ | 220 |
| *Худойбердиев Дж.М.* АНАЛИЗ ПРИТОКА ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В КОНТЕКСТЕ СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ГОСУДАРСТВАМИ ЧЛЕНАМИ ШОС | 226 |
| *Шеркулов О.Д.* ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ ИНФРАСТРУКТУРЫ ПРОИЗВОДСТВЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН | 233 |
| *Файзализода М.М.* АНАЛИЗ СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ УЧЕТНО-АНАЛИТИЧЕСКОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ НА ПРЕДПРИЯТИЯХ ТЕКСТИЛЬНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ | 239 |

THE CONTENTS


| ECONOMY | |
|---|---|
| *Abdualimzoda H.A.* THEORETICAL ASPECTS OF FINANCIAL SECURITY AS A COMPONENT OF THE ECONOMIC SECURITY OF THE STATE | 5 |
| *Khairzoda Sh.K., Nurov M.R.* ANALYSIS OF INDICATORS OF DEVELOPMENT OF THE BANKING SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND ITS PROBLEMS | 15 |
| *Khushvakhtzoda K.Kh., Oev A.D.* METHODOLOGY OF CREDIT RISK ANALYSIS IN THE BANKING SECTOR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 23 |
| *Davlatzoda Q.Q., Majidov N.A.* DIRECTIONS OF SPECIALIZATION OF AGRICULTURAL ENTERPRISES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN (ON THE EXAMPLE OF THE RASHT REGION) | 31 |
| *Sharipov B.M., Kholboboev F.S., Nazarov D.T.* THE ECONOMY OF TAJIKISTAN UNDER THE INFLUENCE OF EXTERNAL SHOCKS | 38 |
| *Kandiyorova D.O.* THE IMPACT OF EXTERNAL SHOCKS ON THE MIGRATION SITUATION IN THE CENTRAL ASIAN REGION | 45 |
| *Komilov S.D.* APPLICATION OF A MULTIDIMENSIONAL MODEL FOR ASSESSING FINANCIAL RISKS AT FOOD INDUSTRY ENTERPRISES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 52 |
| *Khojaev P.D.* THE STUDY OF FACTORS CHARACTERIZING THE LEVEL OF COMPETITION IN THE MARKET OF PASSENGER MOTOR TRANSPORT SERVICES | 63 |
| *Safarov B.G.* METHODOLOGY FOR ASSESSING FINANCIAL RISKS AT INDUSTRIAL ENTERPRISES | 75 |
| *Jumaboev Kh.K.* THEORETICAL APPROACHES TO DETERMINING THE ESSENCE OF TAX INCENTIVES | 83 |
| *Ubaydulloev F.K.* THE "SIYOSATNOMA" NIZOMULMULK - INSTRUCTIONS FOR THE MANAGEMENT OF PUBLIC FINANCES | 91 |
| *Davlatzoda B.R.* STATE SUPPORT FOR THE DEVELOPMENT OF AGRARIAN COOPERATION IN THE AGRICULTURAL SECTOR | 98 |
| *Nuralizoda A.N., Asoev I.Z.* ANALYSIS OF THE REAL SITUATION OF SOCIAL SERVICES IN KHATLON REGION | 107 |
| *Sodikov R.H.* ESSENCE AND MANAGEMENT DIGITAL RISK INDUSTRIAL ENTERPRISE | 114 |
| *Popov N.A., Saidaliev Kh.A.* ADVANTAGES OF STRATEGIC PLANNING IN THE MANAGEMENT OF SUSTAINABLE SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REGION | 124 |
| *Khojazoda D.K.* INVESTMENT ATTRACTIVENESS: THE ESSENCE AND METHODOLOGY OF ITS ASSESSMENT | 131 |
| *Tukhtaev T.M., Mirzoboboev F.A.* FINANCIAL REGULATION OF THE SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF REGIONS | 138 |
| *Karimov R.A.* COMPETITIVENESS OF THE REGIONAL ECONOMY: ISSUES OF METHODOLOGY | 150 |
| *Muminov A.B.* THEORETICAL FOUNDATIONS FOR ANALYSIS OF THE INSTITUTIONAL MECHANISM FOR THE DEVELOPMENT OF THE INSURANCE SECTOR OF THE ECONOMY OF TAJIKISTAN | 158 |
| *Komilov N., Sultonova N.* THEORETICAL FOUNDATIONS OF REGULATION ECONOMIC USE OF EARTH RESOURCES | 165 |
| *Vohidov U.M., Barotov A.Kh.*SCIENTIFIC AND METHODOLOGICAL APPROACHES ASSESSMENT OF TAX POTENTIAL AT THE REGIONAL LEVEL | 172 |
| *Sodikov R.H., Khairulloev F.N.* CATEGORIZATION AND ESTIMATION RISK INDUSTRIAL ENTERPRISE | 178 |
| *Arabov F.P.* MANAGEMENT METHODS OF INVESTMENT PROVISIONS IN THE DEVELOPMENT OF WATER USE IN AGRICULTURE OF TAJIKISTAN | 188 |
| *Makhshulov S.J., Safarov K.S., Sharifzoda G.M.* DEBT RISK AND ITS SOCIO-ECONOMIC IMPACT | 196 |

| | |
|---|---|
| *Kayumova F.A., Rakhimov F.S.* ACTIVITIES OF INSURANCE ORGANIZATIONS IN CONDITIONS OF ECONOMIC MODERNIZATION | 204 |
| *Khusainov M.S., Avgonov N.A. THE DEVELOPMENT OF THE SYSTEM OF INSURANCE OF SAVINGS OF THE POPULATION - IMPORTANT FACTOR IN THE FORMATION OF SOURCES OF INVESTMENT RESOURCES* | 210 |
| Tagaeva R. G. SOCIAL SERVICES: THE SOME WAYS TO IMPROVE THE MECHANISM FOR MANAGING OF THEIR DEVELOPMENT | 220 |
| *Khudoyberdiev J.M.* ANALYSIS OF FOREIGN DIRECT INVESTMENT IN THE CONTEXT OF COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE SCO MEMBER STATES | 226 |
| *Sherkulov O.D.* THEORETICAL ASPECTS OF THE DEVELOPMENT OF THE INFRASTRUCTURE OF INDUSTRIAL ENTREPRENEURSHIP IN REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 233 |
| *Faizalizoda M.M.* ANALYSIS OF THE CURRENT STATE OF ACCOUNTING AND ANALYTICAL SOFTWARE AT TEXTILE INDUSTRY ENTERPRISES | 239 |


Ба таваҷҷуҳи муаллифон!

Дар маҷаллаи илмию амалии «Паёми молия ва иқтисод» мақолаҳое, ки натиҷаҳои тадқиқоти илмию амалии соҳаҳои иқтисодию молияро дар бар мегиранд, чоп мешаванд.

Мақолаҳо дар давоми сол қабул карда мешаванд. Маводе, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд ва ё дар арафаи чопанд, қабул карда намешаванд.

Мақолаҳои пешниҳодшаванда бояд ҷавобгӯи чунин талабот бошанд:

1. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, нақша, рӯйхати адабиёт ва матни аннотатсия ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бояд аз 12 саҳифаи компютерӣ кам набошад.

2. Мақолаҳо дар шакли электронӣ ва дар шакли чопӣ (1 нусха) пешниҳод карда шаванд.

3. Мақолаҳо паз аз гузаронидани барномаи «Антиплагиат» бо пешниҳоди маълумотнома қабул карда мешаванд.

4. Мақолаҳо дар системаи Microsoft Word бо чунин тарз: мақолаҳои тоҷикӣ бо гарнитураи Times New Roman Tj, русӣ бо гарнитураи Times New Roman андозаи ҳуруфи матни асосӣ – 14, рӯйхати адабиёт – 12, фосилаи байни сатрҳо – 1,5 см, сархат аз гӯшаи чапи варақ бо андозаи – 1,25 см, фосилаҳо аз боло – 3 см, аз поён – 2,5 см, аз чап – 3 см, аз рост – 2 см пешниҳод шуда, ҳамаи саҳифаҳо рақамгузорӣ карда шаванд.

5. Дар саҳифаи аввали мақола УДК, номи мақола, ному насаб ва маълумот дар бораи муаллиф (муаллифон) ва ташкилот ё муассиса, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон нишон дода мешаванд.

6. Мақола бо аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (курсив, андозаи 12) оғоз гардида, бояд муҳтавои асосии мақоларо амиқ дар бар гирад ва дар шакли алоҳида ба нашр мувофиқ бошад (на камтар аз 10 сатр). **Калидвожаҳо** тасвири кӯтоҳи мундариҷаи маводи илмӣ буда, дар бораи мавзӯъ ва сохтори он маълумоти умумӣ медиҳанд ва аз 8 то 10 калима ва ё ифодаро дар бар гирифта, бо вергул ҷудо карда мешаванд.

7. Маълумот дар бораи муаллиф (бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) бояд инҳоро дар бар гирад: ному насаби пурраи муаллиф (он), дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷойи кор, суроға, телефон ва E-mail (шрифти курсив 12)

8. Иқтибосҳо дар дохили қавсҳои чоркунча, ба мисли [1, с. 24] нишон дода мешаванд. Рӯйхати адабиёт (аз 8 - 10 номгӯй кам набошад) дар охири мақола бо нишон додани ҳаҷми умумии саҳифаҳои сарчашма аз рӯи алфавит бо зерсарлавҳаи «Адабиёт» (Литература) оварда мешавад. Адабиёти истифодашуда қатъиян бо риояи ҳамаи меъёр ва қоидаҳои тартиби библиографӣ таҳия мегардад.

9. Ҷадвал, расм, диаграммаҳои дар мақола истифодашуда бояд қатъиян аз рӯи талаботи муқарраргардида нишон дода шуда, рақам ва номгузорӣ карда шаванд.

10. Мақолаҳои илмии пешниҳодшаванда бояд хулосаи коршинос ва тақризи мусбӣ аз ҷониби аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла барои имкони чопи мақола дошта бошанд.

11. Матни мақола бояд саҳеҳу мукаммал ва дар шакли ниҳоӣ пешниҳод гардад.

12. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаҳои илмиро ихтисор ва таҳрир намояд. Мақолаҳое, ки ба талаботи мазкур ҷавобгӯ нестанд, қабул карда намешаванд.

**К сведению авторов**

В научно-практическом журнале «Финансово-экономический Вестник» печатаются статьи, содержащие результаты научно-практических исследований по экономическим наукам.

Статьи принимаются в течение года.

Представление в журнал работ, ранее опубликованных или принятых к печати в других изданиях, не допускается.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

1. Размер статьи должен состоять из 12 страниц компьютерного набора, включая текст, таблицы, рисунки, библиографию и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.
2. Материалы предоставляются на электронном носителе и в распечатанном виде (1 экземпляр).
3. Научная статья принимается с предоставлением справки о прохождении через программу «Антиплагиат».
4. Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj), размер шрифта основного текста – 14, списка литературы – 12, интервал 1,5, абзацный отступ – 1,25. Размер полей: сверху – 3 см, снизу – 2,5 см, слева – 3 см, справа – 2 см. Все страницы статьи должны быть пронумерованы.
5. Титульная страница должна содержать: УДК, название статьи (шрифт прописной 14), фамилию и инициалы автора (авторов), учреждение или организация (полностью) на трех языках.
6. Статья начинается с аннотации и ключевых слов (шрифт строчный 12, курсив) на том языке, на котором написана статья и продолжить аннотациями на другом языке (таджикском или русском) и английском языках. Аннотация должна ясно излагать основное содержание статьи и быть пригодной к публикации отдельно от статьи (не менее 10 строк). **Ключевые слова** должны обеспечить наиболее полное раскрытие содержания статьи, является кратким изложением содержания научного произведения, дающим обобщенное представление о его теме и структуре, оформляются через запятую (8-10 слов).
7. Сведения об авторе должны содержать: фамилию и инициалы (полностью) автора (авторов), его ученую степень, звание, должность, место работы и контактную информацию (почтовый адрес, телефон, E-mail) (шрифт строчный 12, курсив) на таджикском, русском и английском языках.
8. Ссылки на цитируемую литературу даются в квадратных скобках, например, - [1, с. 24]. Список литературы (не менее 10 наименований) приводится в конце статьи с общим объемом страниц источника в алфавитном порядке под заголовком «Литература» (шрифт строчный 12). Использованные источники производятся строго с соблюдением всех норм и правил оформления библиографии.
9. Использованные в статье таблицы, рисунки, диаграммы должны быть оформлены строго по установленным стандартам.
10. Научная статья, представленная в редакцию журнала, должна иметь экспертное заключение и отзыв специалистов о возможности опубликования.

11. Текст статьи должен являться окончательным и быть тщательно выверен и исправлен.

12. Редколлегия оставляет за собой право отбирать материал, производить сокращения и редакционные изменения статьи.

13. Статьи, не отвечающие настоящим требованиям, не принимаются.


Котиби масъул: Сафарзода Ф.Ҳ.

Муҳаррирон: Абдуллоева М.Н., Умарова Б.Ҳ., Ҳакимова Р.Н., Ҷобиров Н.

ДДМИТ, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, бинои 4

Сомонаи маҷалла: www.vestnik.tgfeu.tj

Сомонаи ДДМИТ: www.tgfeu.tj

Ответственный редактор: Сафарзода Ф.Х.

Редакторы: Абдуллоева М.Н., Умарова Б.Х., Хакимова Р.Н., Джобиров Н.

ТГФЭУ, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14, 4-й корпус

Сайт журнала: www.vestnik.tgfeu.tj

Сайт ТГФЭУ: www. tgfeu.tj

Responsible editor: Safarzoda F. Kh.

Editors: Abdulloeva M.N., Umarova B.Kh., Khakimova R.N., Jobirov N.M.

TSUFE, Dushanbe city, Nakhimov street 64/14, Building 4.

Webpage journal: www.vestnik.tgfeu.tj

Webpage: www.tgfeu.tj

**Тарҳ ва дизайни Ф. Убайдуллоев**
Ба чоп супорида шуд 26.12.2022. Ба чоп иҷозат шуд 28.12.2022
Формати 60x84 1/8. Когази офсетӣ.
Ҳуруфи адабӣ. Чопи RISOGRAPH.
Ҳаҷм 16,06 ч. ч.. Теъдод 60 нусха.
Дар матбааи ДДМИТ чоп шудааст

**Верстка и дизайн Ф. Убайдуллоев**
Сдано в набор 26.12.2022. Подписано в печать 28.12.2022
Формат 60x84 1/8. Бумага офсетная.
Гарнитура литературная. Печать RISOGRAPH.
Объём 16,06 усл. печ.л. Тираж 60 экз.
Отпечатано в типографии ТГФЭУ

**Layout and design F. Ubaidulloev**
Signed to print on 28/12/2022
Format 60x84 1/16. Offset paper.
The garniture is literary. Print RISOGRAPH.
The volume of 16,06 conv. b.p. Circulation 60 copies.
Printed in the printing house of TSUFE